ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 1 (45), 2022**
**январ – март**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Нашрияи мазкур дар ҳамкории муштарак бо Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр мешавад.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи GIZ-ро инъикос наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Данное издание публикуется совместно с Программой GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана
**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**МУҲАРРИРОН:** Искандаров С.
**РЕДАКТОРЫ:** Эгамов Б.А.

**ШӮРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
**Қаландарзода Мавлуда Сатторӣ,**
Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Председатель Высшего экономического Суда Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо бар зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

**МУНДАРИҶА** **СОДЕРЖАНИЕ**

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

***Саидзода И.Ҳ.*** Мафҳум ва хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ.....5-14
***Қодирзода М.А.*** Баъзе масъалаҳои доктриналии функсияи экологии давлат.....15-19
***Сафаров К.С.*** Ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили таъмини амнияти давлат: таҳлили ҳуқуқӣ.....20-24
***Зариф У.М.*** Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ бо давлатҳои хориҷӣ.....25-34

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА**

***Шеров Ш.З.*** Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....35-38

**12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**

***Имомова Н.М., Сидиков Д.А.*** Уклонение от уплаты алиментов как семейное правонарушение.....39-41
***Болтуев С.Ш.*** Хислатҳои ахлоқӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ.....42-45
***Бобоев Ҷ.Қ., Дустов С.А.*** Заминаҳои ҳуқуқӣ ва инкишофи шартномаи сармоягузории шарикӣ.....46-52
***Одиназода Ш.Х.*** Танзими ҳуқуқи граждании муносибатҳои меросӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ.....53-60
***Сидиков Д.А.*** Формы предоставления и отчуждения исключительных (имущественных) прав по гражданскому законодательству Республики Таджикистан.....61-67
***Одинаева Н.М.*** Влияние смерти поручителя и должника на распределение рисков, вытекающих из договора поручительства.....68-73
***Саидназарзода С.С.*** Таърихи ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии иҷораи манзили истиқоматӣ дар давраи шӯравӣ.....74-78

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

***Бобокалонов Ғ.М.*** Баъзе масъалаҳо дар бораи ҳадди аққали синни ба кор қабул кардан.....79-83

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**
**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

***Соҳибзода М.М., Тоҷидинов М.А.*** Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи давлатдории Сомониён.....84-89
***Идрисов Я.А., Бурхонова А.И.*** Имплементация международных норм в области охраны окружающей среды в законодательстве Республики Таджикистан.....90-96

***Тоҷиддинов М.А., Ҳакимов Я.Б.*** Танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ.........97-102

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

***Азиззода У.А., Оралбаев Х.Х.*** К вопросу определения объекта бандитизма.........103-107
***Сафарзода А.И., Муқимов С.*** Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ.........108-117
***Кудратов Н.А., Курбонова А.А.*** Глобализация как фактор развития транснациональной организованной преступности.........118-125
***Досов Х.*** Мафҳуми криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта.........126-131

**12.00.10 – ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ**
**12.00.10 – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**

***Моисеев А.А.*** Международно-правовые средства борьбы с транснациональной организованной преступностью.........132-136
***Мансуров У.А., Мамадамонов У.М.*** Действие норм «права ВТО» в национальном праве государств-членов.........137-140
***Нусратуллоев Б.К.*** Международный механизм противодействия не законному обороту наркотиков и психотропных веществ.........141-146
***Мансуров У.А., Давлатов Х.Х.*** К вопросу о принципах в области международно-правового регулирования миграции.........147-151
***Раҳим З.Ҳ.*** Забони шартномаҳои байналмилалӣ ва масъалаи интишори расмии онҳо.........152-155

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН — ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

***Шерзода Б.С.*** Конепсияи ягонагӣ ва гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи гражданӣ.........156-163
***Абдуғанизода Б.*** Ҳолати ҳуқуқии мафҳум, хусусият ва намудҳои ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ.........164-169
***Саймудинзода М.Б.*** Баъзе масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд.........170-173
***Ахмедов Ф.А.*** Оид ба принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ.........174-178
***Қудратзода Б.*** Мафҳум ва асосҳои ҷавобгарии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯш.........179-186
***Сироджидинова М.Ш.*** К вопросу о месте личных прав женщин в системе законодательства Республики Таджикистан.........187-191

**ГУНОГУН — РАЗНОЕ**

***Табаров Ё.Т., Назаров Н.А.*** Нақши истеҳсолоти асосӣ ва таъминоти инфрасохтор дар раванди такрористеҳсол.........192-195

**ИТТИЛООТ — ИНФОРМАЦИЯ**

Навигарии қонунгузорӣ дар соҳаи молия ва андоз.........196-199

## 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ



**УДК:** 382.897
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло,**
*директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: saidov.izzat@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-38-66-58.*

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; ҳуқуқэҷодкунӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; низоми қонунгузорӣ; мубрамият; субъект.*

***Ключевые слова:*** *Конституция; правотворчество; нормативные правовые акты; законодательство; законодательная система; актуальность; субъект.*

***Keywords:*** *Constitution; lawmaking; normative legal acts; legislation; legislative system; relevance; subject.*

Тавре маълум аст, ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷомеа ва давлат нақши созанда дорад. Ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мебошад.

Барои ҳамин, мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ қарор дорад.

Чуноне, ки таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ собит менамояд, ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз унсурҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи фаъолияти давлат аст. Бинобар ҳамин, халқи Тоҷикистон ва қонунгузор аҳамият ва зарурати ин зуҳуроти давлатию ҳуқуқиро барои ҷомеа арзёбӣ намуда, дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва дигар сарчашмаҳо меъёрҳои моддӣ ва мурофиавиро вобаста ба танзими ин муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ менамоянд.

Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ, паҳлуҳои гуногун дорад, ба мисли расмиёт, механизмҳои техникӣ – ҳуқуқӣ, давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ (эҷод, таҳия, қабул, интишор, тағйир, илова ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ), субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, намудҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра. Оид ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ва паҳлуҳои ҷудогонаи он асарҳои зиёди илмӣ интишор шудаанд. Таҳқиқоти мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ҳоло идома дорад.

Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ буда, аз намудҳои дигари фаъолияти ҳуқуқӣ (амалӣ намудани ҳуқуқ, татбиқи ҳуқуқ ва дигар) бо хусусиятҳои зерин фарқ менамояд.

Пеш аз ҳама, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз маҷмӯи расмиёти ҳуқуқӣ иборат аст, ки яке аз мақсадҳои он эҷод ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Чунончи, ба ақидаи А.Ф. Черданцев ҳуқуқэҷодкунӣ намуди фаъолияти ҳуқуқӣ буда, маҷмӯи намудҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқиро дар бар мегирад [36, с.130].

Ба ақидаи аксарияти олимон, мақсади асосии ҳуқуқэҷодкуниро қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ки бо ин ақида мо қисман розӣ ҳастем. Тавре И.Б. Романов қайд менамояд, ин ақидаро аксарияти олимон, сарфи назар аз ҷанбаҳои мубоҳисавии ҳуқуқэҷодкунӣ ҷонибдорӣ мекунанд [27, с.35].

В.В. Лазарев, А.Х. Саидов, С.В. Липен қайд менамоянд, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ на танҳо муқаррар карда мешаванд, балки бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои тағйирёбанда тағйир дода мешаванд ва дар ҳолати мутобиқат накардан ба талаботи нави ҷомеа бекор карда мешаванд [12, с.8].

Ҳангоми пешбарии мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ мақсад ва субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ, вазъи ҳуқуқии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ, тарзу восита ва шаклҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта

мешаванд. Барои ҳамин, оид ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд.

Чунончи, ба андешаи А.В. Дербина, ҳуқуқэҷодкунӣ «шакли фаъолияти давлатии касбӣ мебошад, ки баҳри ташаккул, қабули меъёрҳои ҳуқуқ (инчунин тағйир ва қатъи онҳо) аз тарафи субъектон, бо истифодаи воситаҳо, усулҳо ва тарзҳои муайян, дар доираи расмиёти ҳуқуқӣ, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад» [7, с.7].

Ба ақидаи як қатор олимон, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти давлат ва шакли роҳбарии давлат дар ҷомеа мебошад [25, с.260].

Б.М. Лазарев қайд мекунад, ки ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз шаклҳои идоракунии ҷомеа мебошад [35, с.33].

А. Нашитс зикр менамояд, ки дар рафти ҳуқуқэҷодкунӣ иродаи субъектони ҳуқуқэҷодкунанда расман дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфта, ба дигарон таъсири иродавӣ-равонӣ мерасонад [18, с.94].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко ҳуқуқэҷодкунӣ «давраи ниҳоии ташакули ҳуқуқ буда, дар фаъолияти субъектон бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили низоми ҳуқуқӣ зоҳир меёбад» [14, с.11].

Нуқтаи назари амалӣ оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ васеъ истифода мешавад. Дар ин ҳолат мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти субъектони расмӣ дарк карда мешавад. Дар як қатор ҳолатҳо, тавре болотар зикр намудем, ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ шарҳ дода мешавад. Дар ҳолатҳои дигар мафҳуми маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо мақомоти давлатӣ муайян карда мешавад. Мафҳуми маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асарҳои А.В. Малко, А.В. Дербина, С.П. Чередниченко истифода мешавад.

Дар ин ҳолат мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ бо фаъолияти мақомоти давлатӣ маҳдуд мегардад. Аммо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ халқ низ ба ҳайси субъекти фаъоли ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок менамоянд. Чунончи, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро халқи Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул кардааст. Тағйироту иловаҳоро ба Конститутсия халқи Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ ворид мекунад. Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» субъектони зерини ҳуқуқэҷодкунанда муайян карда мешаванд: «халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доранд» [2].

Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти субъектони салоҳиятнок мебошад. Ақида оид ба субъектони салоҳиятноки ҳуқуқэҷодкунӣ ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ истифода шуда буд. [17, с.56]

Дар мафҳумҳои илмӣ давлат ба ҳайси субъекти асосии ҳуқуқэҷодкунӣ баромад менамояд. Чунончи, ба андешаи О.В. Попов, ҳуқуқэҷодкунӣ раванди объективӣ буда, дар марҳилаи муайян ба он давлат ҳамроҳ мешавад ва фаъолияташро оид ба эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ ба анҷом мерасонад [23, с.42].

Маъмулан, ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти расмӣ шарҳ дода мешавад. Чунончи, Г.Б. Евстигнеева қайд менамояд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ ин «эҷоди расмии матни меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ мебошад» [8, с.7]. Ин ақида қобили дастгирист, чунки ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи меъёрҳои Конститутсия, қонун, низомнома, дастурамал ба роҳ монда мешавад. Ин фаъолияти ҳуқуқӣ дар пайдарҳамии мантиқӣ (давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ), бо истифода аз тарзу воситаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Давлат тавассути қабули санадҳои меъёрӣ асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян ва ҳамоҳангиро байни субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин менамояд. Парламент, Президент, ҳукумат ва вазоратҳо субъекти асосии ҳуқуқэҷодкунӣ баромад менамоянд.

Дар асарҳои О.В. Попов, Н.П. Алешкова, А.В. Илларионов, Е.А. Каминская, Г.Б. Евстигнеева, А.Б. Венгеров ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти субъектони салоҳиятнок оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ тавсиф гардидааст.

Тавре дар боло зикр намудем, ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо субъектон маънои васеъ ё маҳдуд дошта метавонад. Айни замон мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо намуди сарчашмаҳои ҳуқуқ низ пешкаш мешаванд.

Ба ақидаи як қатор олимон ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ фаъолиятест, ки дар натиҷаи он ҳамаи шаклҳои имконпазири ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амсоли ҳуқуқӣ, шартномаи меъёрӣ) ташаккул меёбанд.

Ба маънои маҳдуд бошад, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти махсус оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад. Дар ин ҳолат қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ ҷудо карда мешаванд [15, с. 6-8].

Асосҳои дигари ҷудо намудани мафҳуми васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ низ истифода мешавад. Чунончи, ба андешаи О.В. Попов ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ ҷараёни ташаккули ҳуқуқ буда, ба маънои маҳдуд бошад, фаъолияти қонунэҷодкунӣ аст, ки қабули санадҳои қонунгузориро пешбинӣ мекунад [24, с.06].

Лозим ба зикр аст, ки ташаккули ҳуқуқ раванди мунтазами объективӣ ва субъективӣ буда, дар робита бо шароити таърихӣ, талаботи объективӣ ва бо иштироки субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ сурат мегирад. Ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи раванди объективии ташаккули ҳуқуқ мебошад. Барои ҳамин, андешаи О.В. Попов аз нуқтаи назари илмӣ баҳснок аст, чунки мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро бо ҳамдигар омехта менамояд. Аммо дар асл ин мафҳумҳо аз ҳамдигар бо унсурҳои худ фарқ доранд.

Дар адабиёти илмӣ таносуби мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ» дар маркази таваҷҷуҳи олимон карор дорад. Аксарияи олимон, аз ҷумла Н.А. Власенво, В.К. Бабаев, В.С. Афанасев, В.В. Трофимов, В.Ю. Самародов бар он ақидаанд, ки мафҳумҳои зикршуда аз ҳамдигар фарқ дошта, ташаккули ҳуқуқ то ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой дорад ва мафҳуми васеътар аст [4, с.5].

Н.А. Пянов тафовути ташаккули ҳуқуқ ва ҳуқуқэҷодкуниро маҳз дар заминаи омилҳои объективӣ исбот менамояд. Ба андешаи ӯ, ташаккули ҳуқуқ дар иртибот бо талаботи объективии ҷомеа, аз ҷумла пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, тағйири муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати объективии танзими ин муносибатҳо мушоҳида мешавад [26, с.129].

Ҳамзамон, мафҳумҳои дигари ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд, ки дар онҳо нишонаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ бо падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ алоқаманд карда мешаванд. Чунончи, С.В. Синюков мафҳуми зайлро пешкаш мекунад: «ҳуқуқэҷодкунӣ – сохтори иҷтимоии комплексии фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад, ки механизми илмӣ-фалсафӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, шаклӣ-меъёрии пайдоиши ҳуқуқро дар бар мегирад» [30, с.8].

Мафҳуми зикршуда дар робита бо фарҳанги ҳуқуқӣ пешкаш гардида, дар он ҷанбаҳои илмӣ, фалсафӣ, равонӣ, иҷтимоии ташаккули ҳуқуқ пазируфта мешаванд. Дар натиҷа нишонаҳои асосии ҳуқуқэҷодкунӣ, аз қабили фаъолияти субъектони расмӣ, мақсадҳои ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба қабул, тағйир, қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷомеа ва давлат ба инобат гирифта намешаванд. Аз ин хотир, доир ба мафҳуми пешниҳоднамудаи С.В. Синюков бинобар паҳлуҳои мубоҳисавӣ доштан мо пурра розӣ шуда наметавонем.

Бешубҳа ҳуқуқэҷодкунӣ унсури таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Аммо нишонаҳо, мақсадҳо, мазмуни дохилӣ, намудҳо, даврaҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо фаъолияти амалию ҳуқуқӣ бояд муайян карда шавад. Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ буда, аз намудҳои дигари фаъолияти ҳуқуқӣ (тафтишотӣ, судӣ, прокурорӣ, иҷроия-амрдиҳӣ ва дигар) бо мақсад, субъект, расмиёт ва даврaҳо фарқ мекунад. Нишонаҳои зикршудаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳолати шарҳи ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳайси унсури сохторӣ ё таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ сарфи назар карда мешаванд. Айни замон таҳқиқи ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳайси яке аз унсурҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, омили ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ имконпазир ва ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз фаъолиятҳои мураккаби ҳуқуқӣ буда, ҷанбаҳои зиёд дорад. Як қатор олимон ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, кӯшиш мекунанд, ки якчанд мафҳуми ҳуқуқэҷодкуниро муттаҳид намоянд. Дар натиҷа дар доираи як мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамаи ҷанбаҳои имконпазири он ба инобат гирифта мешаванд.

Чунончи, Е.В. Семянов ҳуқуқэҷодкуниро ба чунин маъно шарҳ медиҳад:

1. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти қонунгузорӣ ё қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқи зерқонунӣ бо мақсади муайян намудани асосҳои низоми ҳуқуқӣ;
2. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне қоидаҳои амали ҳуқуқии умумиҳатмӣ;
3. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои ташаккул ё эҷоди ҳуқуқ [29, с.6].

Дар шарҳои зикршуда паҳлуҳои гуногуни мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ муттаҳид гардидаанд. Аммо мафҳуми умумие, ки пешниҳод мешавад, паҳлуҳои мубоҳисавӣ дорад. Чунончи, ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои фаъолияти

қонунгузорӣ, эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ ва ташаккули ҳуқуқ баён шудааст. Дар натиҷа мафҳуми «қонунгузорӣ» (қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) аз мафҳуми «эҷоди меъёрҳои ҳуқуқӣ» дар заминаи маҳакҳои номуайяни илмӣ ҷудо карда мешаванд. Дар асл фаъолияти қонунгузорӣ эҷоди меъёрҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Илова бар ин, мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «эҷоди ҳуқуқ» бо ҳамдигар алоқаманд карда шуда, ба ҳайси мафҳумҳои ҳаммаъно (синонимҳо) баромад мекунанд. Тавре маълум аст, ташаккули ҳуқуқ ҳамчун раванди объективӣ аз ҳуқуқэҷодкунӣ ё эҷоди ҳуқуқ ҳамчун фаъолияти субъектони салоҳиятнок фарқ дорад. Агар ташаккули ҳуқуқ дар иртибот бо омилҳо ва талаботи объективӣ сурат гирад, пас дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ субъектони салоҳиятнок дар робита бо ирода, шуур, манфиатҳои худ амал мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, андешаи Е.В. Семянов қисман қобили қабул аст.

Яке аз хусусиятҳои дигар ва айни замон муҳими ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки истифодаи ақлу хиради инсонӣ, дониши илмӣ, аз ҷумла дониши илмии ҳуқуқиро талаб мекунад. Аз ин нуқтаи назар, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти иродавӣ, бошуурона, зеҳнӣ буда, бо истифодаи донишҳои васеи илмӣ, аз он ҷумла ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, фалсафӣ, демографӣ ва дигар ба роҳ монда мешавад.

Ин хусусияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои олимони муайян пазируфта мешавад. Айни замон на дар ҳамаи асарҳои илмӣ, аз он ҷумла таҳқиқоти илмии олимон, ки болотар зикр гардид, ин хусусияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки хусусияти зеҳнии ҳуқуқэҷодкунӣ бо назардошти робитаи байни хирад ва ҳуқуқ муайян карда мешавад. На танҳо ҳуқуқэҷодкунӣ, балки умуман ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти ақлонаи инсон мебошад. Тавре И.А. Илйин менависад, «ҳуқуқ аз ҷониби мавҷудоти бошуур барои мавҷудоти бошуур, аз ҷониби субъектони боандеша барои субъектони боандеша эҷод карда мешавад» [10, с.24].

Ин хусусияти муҳими пайдоиши ҳуқуқро як қатор олимон ҳангоми таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат мегиранд. Чунончи, О.В. Попов бар ақидаест, ки ҳуқуқэҷодкунӣ натиҷаи фаъолияти ақлонаи инсон аст [23, с.42].

Ҳуқуқэҷодкунӣ ҷанбаҳои мубрами дигар низ дорад:

**Ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолият дорои заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ мебошад.** Эҷод, таҳия, қабул, интишор, тағйир, илова ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқии расмӣ, давлатӣ, ҳокимиятӣ дар асоси меъёрҳои Конститутсия, қонунҳо, низомномаҳо, дастурҳо, тавсияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегардад. Заминаи ташкилии таҳия, қабул, интишор, тағйир, илова ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқӣ бошад, аз маҷмӯи расмиёти ташкилӣ (таъсиси мақомоту муассисаҳои дахлдор, гурӯҳи корӣ, таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ҷалби коршиносон ва намояндагони мақомоти давлатӣ, мукаммал ва мушаххас намудан, мувофиқасозӣ, экспертиза ва фиристодани лоиҳа ба мақомоти дахлдор барои қабули минбаъда ва ғайра) иборат аст.

**Ҳуқуқэҷодкунӣ таърихан заминаи ташаккули ҳуқуқи нав мебошад.** [31, с.156] Дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ маҳз тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти дахлдори давлатӣ, ҳуқуқи нав ташаккул меёбад. Ташаккули ҳуқуқ бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути сабти расмии меъёрҳои одатӣ, эҷоди меъёрҳои нави ҳуқуқӣ сурат мегирад. Бо пешравии ҷомеа мақомот ва муассисаҳои махсуси ҳуқуқэҷодкунӣ (парламенти касбӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ ва дигар) таъсис дода мешаванд. Нақши таърихии ҳуқуқэҷодкунӣ, алалхусус, дар даврахои таърихии гузариш аз як сохти ҷомеа ба сохти нав бараъло зоҳир мешавад. Дар ин давра ҳуқуқи нав ташаккул меёбад. Чунончи, дар ибтидои солҳои 1990, дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва пайдоиши давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон (9-уми сентябри соли 1991) саҳифаи нави таърихӣ – ташаккули ҳуқуқи комилан нав ва мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

**Ҳуқуқэҷодкунӣ асоси такмили қонунгузорӣ мебошад.** Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳз дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ қабул мешаванд ва бо назардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ тағйир дода мешаванд ё қатъ мегарданд. Дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ кодификатсияи қонунгузорӣ сурат мегирад, воҳидҳои сохтории низоми қонунгузорӣ, аз қабили соҳаҳои қонунгузорӣ, воҳидҳои комплексии низоми қонунгузорӣ ташкил мешаванд. Масалан, Маркази миллии қонунгузорӣ дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, мураттабсозии санадҳои

меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳифзи муҳити зистро дар доираи санади ягона – лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 анҷом дод.

**Дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд расман эътироф ва ҳифз карда мешаванд.** [31, с.159] Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки натиҷаи бевоситаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд, кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муайян гардида, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ мешавад. Яъне, ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун шакли расмии эътирофи ҳуқуқҳои инсон баромад менамояд.

**Дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ асосҳои ҳуқуқии ташкилу фаъолияти мақомоти давлатӣ (мақомоти қонунгузор, ҳокимияти иҷроия, судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар) муайян карда мешаванд.** Яъне, ҳуқуқэҷодкунӣ асос ва заминаи ҳуқуқии фаъолияти механизми давлатро муайян менамояд.

**Мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ шаклу асосҳои ҳуқуқии робитаи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, байни мақомоти давлатӣ ва аҳолиро муайян менамояд.** Ташкил, фаъолият ва барҳам додани ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон, мақомоти худфаъолияти шаҳрвандон, воситаҳои ахбори омма ва дигар) бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

**Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти муътадили низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд.** Ташкилу фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои сиёсӣ ва идоракунии давлат, фаъолияти соҳибкорӣ ва намудҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

**Муносибатҳои фарҳангӣ дар ҷомеа, аз ҷумла шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар корҳои фарҳангӣ, ташкилу фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ (китобхонаи давлатӣ, филармонияи давлатӣ, муассисаҳои фароғатӣ ва дигар) бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешавад.** Дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ҳадафҳои сиёсати фарҳангии давлат, арзишҳои миллии фарҳангӣ, аз ҷумла ахлоқӣ-маънавӣ ҳатман ба инобат гирифта мешаванд.

**Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз роҳҳои самараноки ҳимояи манфиатҳои миллӣ маҳсуб мешавад.** Арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ ва дигари миллӣ тавассути қонунҳо ҳимоя карда мешаванд. Таъсиси Маркази миллии қонунгузорӣ тасдиқи гуфтаҳои болост.

**Дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз байн бурда мешавад, ягонагии низоми қонунгузорӣ таъмин мешавад ва нуқсонҳои қонунгузорӣ бартараф карда мешаванд.**

**Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз маҳакҳои мавҷудияти давлат аст.**

**Тавасути ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ ва маърифатӣ ҳаллу фасл мегарданд.**

**Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти фаврӣ мебошад.** Зеро, қабули сариваќтии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар ҳолатҳои муайян талаб менамояд. Сар задани офатҳои табиӣ қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади рафъи оқибатҳои офати табиӣ, ҷудо намудани маблағҳои буҷавӣ ё захиравии давлатӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти одамон, таъминоти моддӣ ва кумаки дигари давлатиро талаб мекунад. Чунончи, дар робита бо паҳншавии беморӣи сироятии коронавирус COVID-19 аз тарафи мақомоти давлатии Тоҷикистон, аз он ҷумла Ситоди ҷумҳуриявии мубориза бо паҳншавии бемории сироятии коронавирус таклиф пешниҳод шуд, ки фавран баҳри пешгирии бемории мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул карда шаванд.

Ҳамчунин, дар илми ҳуқуқшиносӣ ба ду сатҳи ҳуқуқэҷодкунӣ эътибор махсус дода мешавад:

1) сатҳи назариявӣ; 2) сатҳи амалӣ.

Чунин нуқтаи назар бо назардошти эътирофи назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун қисми таркибии назарияи умумии ҳуқуқ ва амалияи (фаъолияти, таҷрибаи) ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешавад. Дар назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ донишҳои илмӣ таҳқиқ гардида, дар сатҳи амалӣ масъалаҳои марбут ба техникаи ҳуқуқӣ, кодификатсия ва ғайра омӯхта мешаванд.

Олимон сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо намуда, айни замон робитаи онҳоро қайд мекунанд. С.И. Чешуина қайд мекунад, ки аз як тараф назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ бе заминаи амалӣ ҷой дошта наметавонад, аз тарафи дигар сатҳи амалии ҳуқуқэҷодкунӣ аз маҷмӯи донишҳои назариявии позитивӣ иборат буда, ба сатҳи назариявӣ такя дорад [38, с.12].

Оид ба робитаи байни назария ва амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ ақидаҳои дигар низ ҷой доранд. С.В. Липен робитаи назария ва амалияи

ҳуқуқэҷодкуниро дар мисоли алоқамандии назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқ шарҳ медиҳад [13, с.8].

Як қатор олимон бо дарназардошти аҳамияти ҳуқуқэҷодкунӣ таклиф пешниҳод мекунанд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун илми мустақили ҳуқуқшиносӣ эътироф карда шавад. Чунин таклифро М.Б. Румянсев пешниҳод мекунад [28, с.32]. Я.В. Гайворонская пешниҳод менамояд, ки назарияи умумии ҳуқуқэҷодкунӣ ва назарияи минтақавии ҳуқуқэҷодкунӣ (дар субъектҳои давлати федеративӣ) бояд ҷудо карда шаванд [6, с.120-137].

Ақидаи олимон оид ба робитаи сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқэҷодкунӣ қобили қабул аст. Зеро, сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқэҷодкунӣ моҳият ва робитаи зерин дорад:

1. Ҳуқуқэҷодкунӣ аз як тараф маҷмӯи донишҳои назариявӣ-методологӣ буда, дар шакли назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ арзи вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти субъектони салоҳиятнок буда, истифодаи донишҳои назариявӣ ва махсуси амалиро доир ба техникаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, қабул, интишор ва мураттабсозии кодификатсияи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро талаб менамояд.

2. Сатҳи назариявии ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷараёни таҳсилоти махсуси олии касбӣ ва фаъолияти илмӣ ташаккул меёбад. Сатҳи амалии ҳуқуқэҷодкунӣ дар рафти фаъолияти касбӣ дар парламент, Маркази миллии қонунгузорӣ ва дигар мақомоти давлатӣ ташаккул ёфта, маҳорати касбиро талаб менамояд.

3. Назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ заминаи назарияи ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад. Дар доираи назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ донишҳои назариявӣ оид ба мафҳум, мақсад, вазифаҳо, намудҳо, принсипҳо, давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ омӯхта мешаванд. Дар ҷараёни татбиқи ин донишҳои назариявӣ таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии субъектони салоҳиятноки ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад. Илова бар ин, истеъдод, қобилият, маҳорати касбӣ унсурҳои таркибии амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти касбӣ буда, маҳорати касбиро талаб менамояд. Чунончи, тибқи моддаи 49 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Маҷлиси намояндагон доимоамалкунанда ва касбӣ мебошад» [1]. Ё ин ки мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асоси принсипи касбият амалӣ карда мешавад.

Ҳам сатҳи назариявӣ ва ҳам сатҳи амалии ҳуқуқэҷодкунӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ дар иртибот бо талаботи объективии ҷомеа сурат мегирад. Муайян намудани талаботи танзими ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳсуб мешавад. Агар зарурати танзими ҳуқуқии ин ё он намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда нашавад, пас санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ин муносибатҳо қабул намешавад. Дар натиҷа намуди муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим карда намешавад ва ин боиси бенизомӣ дар ҷомеа мегардад. Талаботи танзими ҳуқуқӣ дар доираи назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла дар асарҳои илмӣ, таклифҳои олимон, дар фаъолияти касбии вакилони халқ ва кормандони мақомоти дигари давлатӣ муайян кара мешавад.

Талаботи танзими ҳуқуқӣ аз ҷониби як қатор олимон ҳангоми пешниҳоди мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, С.В. Поленина қайд менамояд, ки дар рафти ҳуқуқэҷодкунӣ талаботи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян ва меъёрҳои ҳуқуқ қабул, тағйир ва қатъ карда мешаванд [22, с.48].

Ба инобат гирифтани талаботи танзими ҳуқуқӣ ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Одатан оғози фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд карда мешавад. Тибқи ақидаи маъмулӣ, ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ё давраи якуми ҳуқуқэҷодкунӣ аз таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз мешавад. Аммо ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ пеш аз таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, дар давраи муайян намудани талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ оғоз мешавад. Чуноне, ки дар боло ишора шуд, эҷоди меъёри ҳуқуқӣ, банқшагирии таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли муайян (қонун ё санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ), таҳия ва тасдиқи консепсияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар. Қобили зикр аст, ки таҳияи консепсияи лоиҳаҳои қонунҳо яке аз вазифаҳои асосии Маркази миллии қонунгузорӣ мебошад [21], ки дар ин бора мо андешаҳои худро дар таҳқиқоти алоҳида инъикос хоҳем кард.

Чуноне ки зикр намудем, тибқи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» банақшагирии таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷузъи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [2]. Нақшаҳои ҷории таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мухлати то як сол, нақшаи дарозмуҳлати таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба мухлати зиёда аз як сол таҳия мегарданд (м. 32).

Ба андешаи олимон сатҳи нокифояи назариявӣ ва амалии ҳуқуқэҷодкунӣ боиси халалдор гардидани устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад. А.П. Мазуренко қайд менамояд, ки дар натиҷаи сатҳи нокифояи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ихтилофоти байни муносибатҳои ҷамъиятии воқеӣ ва низоми ҳуқуқии амалкунанда пайдо мешавад [14, с.11].

Зарурати робитаи байни сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқэҷодкунӣ бо назардошти истифодаи мафҳумҳои илмӣ ва истилоҳоти ягонаи ҳуқуқӣ ҳам дар назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Яке аз хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истилоҳоти махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили «ширкати сохтмонӣ»[1], «савдои электронӣ», ва дигар истифода мешаванд.

Илова бар ин, дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳумҳои илмӣ низ васеъ истифода мешаванд. Истилоҳот ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи назариявӣ омӯхта шуда, яъне эҷод гардида, дар амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми таҳияи матни лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Айни замон мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд аниқ, тибқи мазмунашон ифода карда шаванд. Истилоҳоти ҳуқуқӣ бояд оммафаҳм бошанд. Дар акси ҳол ихтилофоти байни мафҳумҳо ва истилоҳоти ҳуқуқӣ ба миён меояд. Истифодаи мафҳумҳои душворфаҳм, мураккаб ҷараёни татбиқи санади меъёрии ҳуқуқиро халалдор менамояд. Сатҳи кофии донишҳои назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва маҳорати касбии ҳуқуқэҷодкунӣ ифодаи дурусти мафҳумҳо ва истилоҳоти ҳуқуқиро таъмин мекунад.

Барои ҳамин, дар асарҳои илмӣ ба истифодаи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии таҳияи матни санади меъёрии ҳуқуқӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Чунончи, В.Ю. Туранин қайд менамояд, ки сифати қарорҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ аз истифодаи дурусти мафҳумҳои аниқи илмӣ, мафҳумҳои аз нуқтаи назари илмӣ исботшуда, тарзи ифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад [34, с.15]. Бинобар ҳамин, мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тарзе бояд пешниҳод гардад, ки фарогири тамоми нишонаҳои падидаи мазкур бошад ва он ҳам дар илм (адабиёти ҳуқуқӣ) ва ҳам дар амалия (матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) бемамониат истифода шавад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқэҷодкунӣ сатҳи назариявӣ ва амалӣ дошта, аз як тараф омӯзиши донишҳои назариявӣ ва аз тарафи дигар маҳорати касбии ҳуқуқэҷодкуниро талаб менамояд. Ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бидуни донишҳои назариявӣ, аз ҷумла бе дарки аниқи мафҳумҳои илмӣ ва истилоҳоти ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми пешбарии мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Ҳангоми таҳлили мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ шароити имрӯзаи ҷомеа, дигаргуниҳои куллии он, инкишофи назарияҳои ҳуқуқро мебояд ба инобат гирифт. Дар мафҳумҳои илмӣ, ки олимон пешкаш мекунанд, ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо фаъолияти меъёрэҷодкунӣ маҳдуд карда намешавад. Чунончи, ба ақидаи Б.Н. Венгеров ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолиятест, ки дар ҷараёни он меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул мешаванд, ё қоидаҳои амали дар ҷомеа амалкунанда эътироф карда мешаванд [5, с.330].

Ба ақидаи В.С. Нерсесянс ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд набуда, дар ҷараёни он ҳуқуқҳои фитрии инсон пазируфта мешаванд [19, с.240].

Олими шинохтаи тоҷик Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) қайд менамоянд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқ дар шаклҳои зерин ба роҳ монда мешавад: эътирофи ҳуқуқҳои фитрӣ; қабул, тағйир, илова ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ; эътирофи одатҳои ҳуқуқӣ; муайян намуднаи шартҳои намунавии шартнома; мутобиқ намудани ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ; эътирофи принсипҳои ҳуқуқ; эътирофи нуктаву хулосаҳои назарияи ҳуқуқӣ [32, с.370].

Дар ин замина профессор Р.Ш. Шарофзода мафҳуми маҳдуд ва васеи ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо менамояд. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои маҳдуд

[1] Дар мисол, барои эҷоди мафҳуми «ширкати сохтмонӣ» бо мақсади истифодаи минбаъдаи он дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ» аз ҷониби мутахассисони Маркази миллии қонунгузорӣ заҳматҳои зиёд сарф гардид.

фаъолияти давлатӣ, фаъолияти субъектони салоҳиятнок мебошад. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ фаъолияте мебошад, ки дар ҷараёни он намудҳои гуногуни сарчашмаи ҳуқуқ (одати ҳуқуқӣ, шартномаи меъёрӣ, принсипҳои ҳуқуқ ва дигар) эътироф карда мешаванд [32, с.372-374].

Доктори илмҳои ҳуқуқ А.Р. Неъматов ҳуқуқэҷодкуниро дар Тоҷикистон ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он оид ба мустаҳкам намудани низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа тавассути эҷод, тағйир додан ва барҳам додани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро дар давлат танзим мекунанд, маънидод менамояд [20, с.42].

Ҳамин тариқ, дар асарҳои илмӣ, ки даҳсолаи охир нашр шудаанд, мафҳумҳои нави ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо эътирофи ҳуқуқҳои инсон, одатҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ҳуқуқ ва намудҳои дигари сарчашмаи ҳуқуқ пешниҳод мешаванд.

Б.Н. Венгеров, В.С. Нерсесянс, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон мафҳуми нави ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти тағйироти нави ҷомеа пешниҳод мекунанд.

Дар ин мафҳумҳо ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд карда намешавад.

Ҳолати зикршуда дар мафҳумҳои нави ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, профессор Р.Ш. Шарофзода мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «Ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъектони салоҳиятнок мебошад, ки бо мақсади қабул, тағйир ва қатъи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ, эътирофи талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад» [31].

Қобили зикр аст, ки дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ истилоҳи "ҳуқуқ" ба маънои ҳақ; маҷмӯи меъёр, рафтор ва муносибатҳои ҷамъиятию иҷтимоии одамон, ки аз тарафи давлат муайян гардида, муҳофизат карда мешаванд: а) соҳибҳуқуқ будан; б) ҳақ доштан фаҳмида мешавад. Истилоҳи "эҷод" бошад – 1. ба вуҷуд овардан, офаридан; 2. асар, чизи офаридашуда фаҳмида мешавад.

Яъне, ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти давлатӣ доир ба эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ бо мақсади танзим ва ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ шарҳ дода шудааст.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ба маънои «фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шарҳ дода мешавад [2].

Мафҳуми зикршуда бо дарназардошти даврaҳои ҳуқуқэҷодкунӣ зикр гардида, ба он давраи интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил карда мешавад. Айни замон дар аксарияти мафҳумҳои илмӣ давраи мазкур ба инобат гирифта намешавад. Одатан ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавсиф мегардад. Қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ салоҳияти субъектони салоҳиятноки ҳуқуқэҷодкунӣ буда, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба зиммаи мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ё субъектони дигар гузошта мешавад. Чунончи, интишори қонун пас аз имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашрияи расмии Маҷлиси Олӣ), рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум" ба сомон мерасад. Дар интишор ва мураттабсозии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати адлия низ иштирок мекунад. Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нашрияи расмӣ мебошад, аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешавад (м. 68 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ). Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нашрияи расмӣ мебошад, аз тарафи Вазорати адлия нашр карда мешавад (моддаи 69 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ).

Тибқи банди 3 моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»: «Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони русӣ сурат мегирад ва ҳангоми зарурат тарҷумаи онҳо ба дигар забонҳо аз тарафи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад» [2].

Тавре мушоҳида мешавад, дар интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз тарафи субъектони расми ҳуқуқэҷодкунӣ қабул шудаанд, субъектони дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд. Барои ҳамин, дар бештари мафҳумҳои илмӣ давраи интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ дохил карда намешавад.

Ҳангоми муайян намудани мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пеш аз ҳама бояд унсурҳои он дақиқ карда шавад. Таҳлили ҳуқуқии (моддаҳои 58-78) Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва дигар сарчашмаҳои илмӣ имкон медиҳад ба мо, ки унсурҳои зерини мафҳуми ҳуқуқэҷодкуниро манзур созем:

1) мақсади таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ;

2) эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда;

3) таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда;

4) қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда;

5) интишори санади меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда;

6) қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқи аз ҷониби субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунанда.

*Бо дарназардошти ҷамъбасти андешаҳои болозикр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти расмии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда буда, аз давраҳои эҷод, таҳия, қабул, интишор, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат аст ва мақсади он таъмини рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва ягонагии давлат ва ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.*

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. - № 5. – Қ. 1. - М. 271; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019. - № 1632.

3. Алешкова Н.П. Конституционно-правовые основы муниципального правотворчества в Российской Федерации: автореф. дис. … к.ю.н. – Екатеринбург, 2010. – С. 9.

4. Афанасьев В.С. Правообразование и правотворчество // Юридическая наука и правоохранительная практика. - 2008. - № 1. - С. 5.

5. Венгеров А.Б. Теория государства и права // Теория государства и права: учебник для юрид. вузов. – 3-е изд. – М.: Юриспруденция, 2000. – 528 с.

6. Гайворонская Я.В. Региональное правотворчество: понятие, принципы, правовое регулирование // Азиатско-тихоокеанский регион: экономика, политика, право. - 2015. Т. 17. - № 2. - С. 120−137.

7. Дербина А.В. Правосознание как элемент правовой позиции субъекта правотворчества: автореф. дис. … к.ю.н. – Самара, 2011. – С. 8.

8. Евстигнеева Г.Б. Судебное решение как источник права: автореф. дис. … к.ю.н. – М., 2007. – С. 7.

9. Илларионов А.В. Акты правотворчества в Российской Федерации. – Омск, 2008. – С. 7.

10. Ильин И. А. О сущности правосознания. - Москва, 1993. - С. 24.

11. Каминская Е.А. Муниципальное правотворчество в механизме правообразования: автореф. дис. … к.ю.н. – Белгород, 2013. – С. 8.

12. Лазарев В.В., Липень С.В., Саидов А.Х. Проблемы общей теории jus / отв. ред. В. В. Лазарев. - Москва, 2012. - С. 252.

13. Липень С.В. Идеи правотворчества и правореализации в политико-правовой мысли России XIX – начала XX в.: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – С. 8.

14. Мазуренко А.П. Правотворческая политика как фактор модернизации правотворчества в России: автореф. дис. … д.ю.н. – Саратов, 2011. – С. 11

15. Малышева И. В. Правотворчество в современном мире: учебное пособие. - Новокузнецк, 2018. - С. 6−8.

16. Малько А.В. Теория государства и права. – М., 1999. – С. 144; Чередниченко С.П. Судебное правотворчество: автореф. дис. … к.ю.н. – М., 2005. – С. 7.

17. Научные основы советского правотворчества / отв. ред. Р. О. Халфина. Москва, 1981. С. 56.

18. Нашиц А. Правотворчество: теория и законодательная техника. - Москва, 1974. - С. 94−95.

19. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства. – М., 1999. - С. 416.

20. Неъматов А.Р. Ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ. дис. … д.ю.н. – Душанбе, 2013. – С. 42.

21. Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014 №288, тасдиқ шудааст.
22. Поленина С.В. Законотоворчество в Российской Федерации. - М., 1996. - С. 48.
23. Попов О. В. Понятие и виды правотворчества // Вестник Волжского ун-та им. В. Н. Татищева. - 1999. - № 7. - С. 42.
24. Попов О.В. Теоретико-правовые вопросы судебного правотворчества в РФ: автореф. дис. … к.ю.н. – Тольятти, 2004. – С. 6.
25. Проблемы общей теории государства и права: учебник / под общ. ред. В.С. Нерсесянца. - Москва, 2004. - С. 308.
26. Пьянов Н. А. Теория государства и права. В 2 ч. - Ч. 2. Теория права: учеб. пособие. - Иркутск, 2011. - С. 169.
27. Романов И.Б. К вопросу об объеме и содержании понятия правотворчества // Фундаментальные и прикладные исследования в современном мире. - 2014. Т. 3. - № 5. - С. 35−36.
28. Румянцев М. Б. Правотворчество в Российской Федерации: монография. - Чебоксары, 2019. - С. 32.
29. Семьянов Е.В. Судебное правотворчество: вопросы общей теории права: автореф. дис. … к.ю.н. – М., 2005. – С. 6.
30. Синюков С.В. Механизм правотворчества: автореф. дис. … к.ю.н. – Саратов, 2013. – С. 8.
31. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 492.
32. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010. – С. 370.
33. Трофимов В.В., Самородов В.Ю. Реализация правотворческих функций как проявление культуры организации юридического процесса // Legal Concept. - 2017. - С. 45.
34. Туранин В.Ю. Теория и практика использования законодательных дефиниций. – М., 2009. – С. 51; Туранин В.Ю. Юридическая терминология в российском законодательстве. – Белгород, 2009. – С. 15.
35. Управленческие процедуры / отв. ред. Б. М. Лазарев. - Москва, 1988. - С. 32−34.
36. Черданцев А.Ф. Теория государства и права. - Москва, 1999. - С. 228.
37. Чередниченко С.П. Судебное правотворчество: автореф. дис. … к.ю.н. – М., 2005. – С. 7.
38. Чешуина С.И. Юридическая деятельность: монография / под ред. С.И. Чешуина, И.Е. Ильичёва. – Белгород: Институт социологии права, 2009. – С. 12.

**Аннотатсия**
**Мафҳум ва хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ**
Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳумҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар адабиётҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод шудаанд, таҳлилу баррасӣ намуда, мафҳуми фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти унсурҳои он пешниҳод намудааст.

**Аннотация**
**Понятие и особенности правотворческой деятельности**
В данной статье автор проанализировал и рассмотрел понятия правотворческой деятельности, которые представлены в отечественной и зарубежной научной литературе, и предложил понятие правотворческой деятельности с учетом ее элементов.

**Annotation**
**The concept and features of law-making activity**
In this article, the author analyzed and considered the concepts of law-making activity, which were proposed in domestic and foreign scientific literature, and proposed the concept of law-making activity, taking into account its elements.



**УДК:** 342.5

**Қодирзода Мирзоқодир Аюб,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: mirzokodir-1@mail.ru*
*Тел.: (+992) 550-50-69-90.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ДОКТРИНАЛИИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ

***Калидвожаҳо:*** *давлат; функсияи экологӣ; ҳифзи муҳити зист; сарватҳои табиӣ; ҳуқуқи экологӣ; истифодаи оқилона; доктрина.*

***Ключевые слова:*** *государство; экологическая функция; охрана окружающей среды; природные ресурсы; экологическое право; рациональное использование; доктрина.*

***Keywords:*** *state; ecological function; environmental protection; natural resources; ecological law; rational use; doctrine.*

Яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳониро ҳаллу фасли муаммоҳои ҷойдошта ва бавуҷудомадаистодаи экологӣ ташкил менамояд. Дар баробари он, ки оид ба бартараф намудани норасогиҳои муносибати инсоният ба табиат чорабиниҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда шаванд ҳам, ҳоло ҳам масоил мубрам боқӣ монда истодааст. Дар сатҳи фазои идоракунӣ, танзим ва амалисозии механизмҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, ки пазируфта шудааст дар баробари сиёсати давлатӣ ва вазифаҳои давлат дар ҷодаи мазкур, функсияи экологии давлат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаҳои экологӣ диққати махсус дода мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалии кишварамон мушоҳида карда метавонем. Албатта, ташаббусҳои экологии давлатамон гувоҳӣ медиҳад, ки барои рафъи проблемаи экологии сатҳи ҷаҳонӣ бетараф набуда, дар як маврид тарафдор ва саҳмгузори таъмини амнияти экологӣ, солимии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва наслҳои ояндаи башарият мебошад.

Яке аз муаммоҳои мавҷудаи экологие, ки даҳсолаи охир барои амалишавии босамари сиёсати функсионалии экологии давлатро халалдор кардааст, ин зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолии барои муҳити зист хатарзо мебошанд, ки бо миқдори зиёди партовҳои газӣ, моеӣ ва сахти худ ба ҳолати экологии зарраррасонанда мебошанд.

Ба маврид аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 сол чунин зикр карда шудааст:

« ….. ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ дар Тоҷикистон ба ҳар як нафари аҳолӣ дар миқёси минтақа камтарин буда, саҳми муносиби мо дар беҳдошти вазъи экологии минтақа ва сайёра мебошад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба мо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан гидроэнергетика мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Хотирнишон месозам, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди "энергияи сабз" ва рушди "иқтисоди сабз" ба ҳисоб меравад» [2].

Аз зикркардаҳои боло маълум мегардад, ки ҳоло сатҳи зарурии татбиқи механизми ҳуқуқиву иҷтимоии фаъолияти субъектони истеҳсолкунанда, ки бо шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд, вобаста ба талаботҳои экологӣ ҷавобгӯй намебошанд. Бинобар ин зарурият ҷой дорад, ки аз ҷониби сохторҳои муайян ва субъектҳои дахдори фаъолияти истеҳсолиро баамалбароранда чорабиниҳои беҳсозии дараҷаи зарарнокии онҳоро амалӣ намоянд. Тавсия ва ҳолатҳои болозикр танҳо барои тақвият додани функсияи экологии давлат равона нагардида, балки барои таҷрибаи дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад такони мусоиди ояндабинонаро ба вуҷуд оварад.

Албатта барои ба расмият шинохта шудани дилхоҳ самти фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва мавриди танзим қарор додани онҳо бояд асоси меъёрӣ мавҷуд бошад. Роҷеъ ба масоили танзими принсипиалии муносибатҳои экологӣ дар Тоҷикистон моддаи 13-и Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки чунин омадааст: Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, ҳавои фазоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад[1]. Ҳамчунин дар моддаи 44 Конститутсия чунин муқаррар шудааст: Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таъриxиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст [1].

Аз муқаррароти меъёрҳои конситутсионӣ муайян мегардад, ки давлат дар асоси салоҳдиди мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои истифодаи самаранок ва ҳифзи ҳамаҷонибаи боигариҳои табиӣ амалкардҳои мухталифро роҳандозӣ менамояд. Ҳамчунин муқаррароти мазкур хусусияти умумиҳатмиро доро буда, барои амалигардонии сиёсати давлатии экологӣ тамоми шохаҳои (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) ҳокимияти давлатиро муваззаф месозад.

Нисбат ба функсияи экологии давлат ва нақши он дар нигоҳдорӣ, истифодаи босамар ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Ба андешаи муҳақиқ А.В. Липунцова, функсияи экологии давлат дар баробари дигар функсияҳои давлат барои ҳифзи муҳити зист ва амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи экологӣ нақши калидиро иҷро менамояд. Ҳамчунин таъкид менамояд, ки функсияи экологии давлат ҷабҳаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии амалишавиро доро мебошад [3, с.132].

Дар ин маврид ҷабҳаҳои ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат мавҷудияту татбиқи санадҳои меъёрии зерқонунӣ ва қонунгузории амалкунандаро дар назар дошта, дар як маврид ҷабҳаи ташкилии он масъалаҳои механизми идоракунӣ ва назорати экологиро фаро гирифтааст.

К.В. Струков чунин ибрози андеша менамояд, ки ҳар як функсияи давлат механизми амалишавии худро ба воситаи мақомоти босалоҳияти давлатӣ таъмин менамояд. Андешаи худро бо он асоснок менамояд, ки барои ба амал баровардани муносибатҳои хориҷии давлат - Вазорати корҳои хориҷӣ, барои амалигардонии функсияи мудофиавии давлат – Вазорати мудофиа ва барои амалигардонии функсияи экологии давлат бошад – Кумитаи (Вазорати) ҳифзи муҳити зист ва монанди инҳо дар дохили давлат фаъолият менамоянд [4, с.34].

Албатта, андешаи боло ишорагардида барои дақиқ намудани самти фаъолияти функсионалии давлат мусоидат намояд, ҳам ҳолати мазкур метавонад ба маҳдудияти самти муайяни сиёсати давлатӣ оварда расонад. Масалан, дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи ҳифзи муҳити зист, фаъолият менамояд, ки ҳамчун мақоми босалоҳият эътироф гардидааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки бо ҳамин тамоми вазифаҳои функсионалии давлатро оид ба ҳаллу фасли масоили экологӣ танҳо мақоми мазкур ба зимма дорад. Дар мавриди ба вуҷуд омадани масоили экологӣ дар баробари мақомоти босалоҳияти давлатӣ, инчунин тамоми сохторҳои мустақил ва ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ низ саҳмгузор ва масъул мебошанд.

Имкониятҳои давлатҳои мутараққии сатҳи ҷаҳонӣ вобаста аст ба имконияти воқеии бартарафсозии онҳо, алалхусус масоили камбизоатии аҳолӣ, ки яке аз равандҳои мушкилэҷодкунанда дар муносибати муътадили байниҳамдигарии инсоният ва табиат ба шумор меравад. Дар баробари ин муаммои дигари ташвишовари экологӣ, халалдоршавии омилҳои демографӣ ва кам кардани нишондиҳандаҳои зарурии инсоният ба табиати зинда мебошад [5, с.7].

Аз зикркардаи боло маълум мегардад, ки ҳақиқатан ҳам, масъала вобаста ба ҳолати ҳифзи муҳти зист ба таври функсионалӣ аз ҷониби давлат (мақомоти ваколатдори давлатӣ) амалӣ гардонида мешаванд. Дар раванди амалишавии функсияи экологии давлат баъзе муаммоҳо ба монанди камбизоатии аҳолӣ монеаи ҷиддиро пеш меорад. Албатта, масъалаи мазкур хусусияти иқтисодӣ дошта бошад ҳам, барои бартарафсозии ҳолати мазкур бояд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ тадбирҳои зинавии муътадилсозии вазъи зиндагӣ ва талаботи одамон андешида шаванд. Барои он, ки то чи қадаре талаботи аҳолӣ нисбат ба сарватҳои табиӣ зиёд шаванд, ҳамин қадар хатарҳои характери таҳдидомез ба муҳити зист ва ҳаёти минбаъдаи солими одамон зиёд хоҳад шуд.

Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Т.Н. Радко дар раванди ҳалли масъалаҳои соҳавӣ аз ҷониби давлат, ба ин ё он тарз, проблемаҳои характери иҷтимоидошта низ ҳал карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар айни замон, тақрибан ҳама давлатҳо аз корҳо ва қарорҳои муваффақ ва номуваффақро амалӣ мекунанд, ки қарорҳояшон метавонад ба тақдири ояндаи худи давлат метавонад вобаста бошад (масалан, экология, саломатии миллат ва ғ.) [6, с.110].

Аз ин андешаи муҳаққиқ мушоҳида карданамон мумкин аст, ки дар ҳақиқат ҳам

барои ояндабинии рушди давлат ва амнияти солимии аҳолӣ ба масъалаи ҳифзи муҳити зист бояд аҳамияти аввалиндараҷа равона карда шавад. Гарчанде ки дар ин раванд аз ҷониби давлат ва мақомотҳои давлатӣ корҳои муайян ба анҷом расонида шаванд ҳам, онҳо наметавонанд тамоми сатҳи муаммоҳои ҷойдоштаро дар соҳаи экологӣ ошкор ва бартараф намоянд.

Оид ба масъалаи ба таври мақсаднок амалишавии функсияи экологии давлат аз ҷанбаи механизмҳои дурусти идоракунии истифода, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ муҳаққиқ И.Н. Жочкина ба таври консептуалӣ менависад, ки «барои ба таври пурраву ҳаматарафа ва мақсаднок амалишавии механизмҳои функсионалии давлат дар бахши экология накши равандҳои экологӣ ба монанди мониторинг, экспертиза, аудит ва назорати экологӣ бисёр муҳиму ҳалталаб мебошанд» [7, с. 60-78, 205].

Дар амалигардонии функсияи экологии давлат фаъолият оид ба: -таваҷҷуҳ ва талаботи ҷамъият роҷеъ ба сарватҳои табиӣ, ки ба моликияти давлатӣ қарор дорад; -таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ; -таъминнамоии бехатарии экологӣ [8, с.44-45], дохил мешаванд.

Ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна системаи идоракунӣ масъалаи татбиқи дурусти он мебошад. Маҳз самаранокӣ, ҳолати таъмини татбиқи мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои иҷроиши ҳадафҳои пешгузошташудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инъикоси амалишавии функсияи экологиро нишон медиҳад [9, с.10-14].

Дар робита ба амалишавии функсияи экологии давлат бояд тазаккур дод, ки муносибатҳо вобаста ба таъсири байниҳамдигарии табиат ва инсоният ҳам дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам доктиринаи мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи экологӣ) зикр карда шудаанд, ки албатта барои ба таври дуруст мавриди омӯзиш қарор додани он бо дарназардошти хусусияти комплексии масъалаи мазкурро таҳлил намуданамон дуруст мебошад.

Яке аз қисматҳои муҳимтарини функсияи экологии давлатро раванди танзим ва идоракунии муносибатҳо вобаста ба ҳифз, истифода ва барқарор намудани сарватҳои табиӣ ташкил менамояд. Дар баробари ин ба таври васеъ амалишавии функсияи экологии давлат ин фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақомоти иҷроия оид ба иҷроиши қонунгузории амалкунанда оид ба ҳифзи муҳити зист ва мақомоти ҳокимияти судӣ, ки дар асоси муқаррароти қонунгузории амалкунандаи соҳаи экологӣ барои ҳуқуқвайронкунанда ва содиркунандаи ҷиноятҳои экологиро ба ҷавобгарии муайян мекашанд, ташкил медиҳад [10, с.140].

Фаъолияти давлат оид ба таъмини иҷрои функсияи экологӣ, ки тавассути фаъолияти механизмҳои дар боло зикршуда амалӣ карда мешавад, аслан дар шаклҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ амалӣ шуда, дар таҳия ва қабули меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, инчунин таъмини ҳифзи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз вайронкуниҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои субъективиро фаро мегирад [11, с.104-110].

Дар рафти амалишавии ҳадафҳои функсионалии давлат дар бахши ҳифзи муҳити зист набудани механизми мукаммали ҳуқуқиву иҷтимоӣ аз биёр ҷиҳат барои ҳаёти инсоният хатарнок арзёбӣ мешавад. Ҳолати мазкур метавонад ба афзоиши нишонаҳои ташвишовар ба монанди фалокати экологӣ, дар шароити муосир, дараҷаи таназзули биосфера ва мавҷудияти худи ҳаёт дар рӯи Замин таҳдид кунад, вобаста мебошад.

Проблемаҳои глобалии экологӣ, демографӣ ва таъминотии инсоният олимонро муваззаф карданд, ки моделҳои нави ҳамкории байни ҷомеа, иқтисодиёт ва табиатро, ки консепсияи рушди устувор мебошад, ҷустуҷӯ кунанд. Беҳуда нест, ки мушкилоти экология, истифодаи оқилонаи табиат ва ҳифзи муҳити зист имрӯзҳо дар маркази диққати ҳуқуқшиносон, иқтисодчиён, файласуфон, ҷуғрофидонон, мутахассисони соҳаи назарияи менеҷмент, намояндагони дигар соҳаҳои донишҳои илмӣ мебошанд, ки ҳолати мазкур моро водор месозад, барои рафъи масъалаҳои ҷойдоштаи бахши функсияи экологии давлат чораҳои махсуси таъхирнопазирро роҳандозӣ намоем [12, с.4-20].

Дар ҳақиқат аз омӯзиши масоили мазкур маълум мегардад, ки барои ҳаллу фасл намудани муаммоҳои ҷойдоштаи самти ҳифзи муҳити зист ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ бо дарназардошти амалишавии функсияи экологии давлат бисёр муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин барои расидан бо мақсадҳои созгоре,

ки нисбат ба беҳдошти муносибати инсоният ва табиат, нигоҳдорӣ, истифода ва барқарорсози сарватҳои табиӣ, бавуҷудой ва амалинамоии механизмҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, экологӣ, идоракунӣ, назорат ва дар умум татбиқи ҳадафмандонаи функсияи экологии давлат дар якҷоягӣ раванди сарҷамъонаро талаб менамоянд.

Дар бобати мазкур нақш ва мақоми фазои илмӣ низ бисёр муассир ва калидӣ мебошанд, ки ҳолати мазкурро мо дар зина ба зина воридгардии доктиринаҳои мушаххаси олимони соҳаи экологӣ дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар самти қонунгузории экологӣ бараъло мушоҳида намуданамон душвор нест. Бинобар ин андеша менамоем, ки дар оянда низ нисбат ба муаммоҳои махсусияти экологидошта аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои дар боло ишорагардида таҳқиқотҳои бунёдӣ роҳандозӣ карда мешаванд.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзишҳои болозикр метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Таҳияи танзими давлатии ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиӣ бо назардошти шаклҳои гуногуни рушди онҳо ва дақиқ муайян кардани ваколатҳо ва масъулиятҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳалӣ дар соҳаи назорати истифодаи захираҳо ва ҳолати муҳити зист вобаста мебошад.

2. Дар айни замон асоси мавҷудияти функсияи экологии давлатро дар байни дигар функсияҳои давлат таъмин намудани ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ташкил медиҳад. Дар робита ба ин, мо гуфта метавонем, ки дар системаи функсияҳои давлат функсияи экологӣ яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол мекунад ва сиёсати экологӣ бояд самти афзалиятноки фаъолияти давлат бошад.

3. Барои ба таври мақсаднок амалишавии функсияи экологии давлат бояд механизми ягонагии қонунгузории кодификатсионии экологиро таъмин намуда, инчунин тамоми санадҳои меъёрии зерқонунии ба талаботи муосир ҷавобгӯйро вобаста ба он таҳия ва қабул намуд. Ҳамчунин, дар ҷодаи ба вуҷуд овардани фазои мусоид барои татбиқи яксони қонунгузории экологӣ зарур аст, ки дар баробари назорати умумӣ ба таври алтернативӣ назорати махсуси экологикунонидашудаи давлатӣ, амалӣ гардонида шавад (ба истисноии милитсияи экологӣ).

4. Барои ба таври дахлдор мавриди иҷро қарор гирифтани ҳадафҳои пешгузоштаи давлат дар ҷодаи истифодаи самаранок ва ҳифзи сарватҳои табиӣ зарур аст, ки аввалан эътибори ҷиддӣ барои ба вуҷуд овардани мафкураи солими экологии аҳолӣ аз овони хурдсолӣ, ҷавонӣ ва миёнасолӣ дода шавад. Албатта, масъалаи мазкур дар байни чорабиниҳои дигари амалишавандаи сатҳи давлатӣ ба таври умумӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, барои расидан ба ҳадафи асосии пешгузошташудаи милливу байналмилалӣ басандагӣ намекунад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, барои раҳо шудан аз мафкураи носолим ва характери иқтисодидоштаи одамон нисбат ба сарватҳои табиӣ ва муҳити зист мо метавонем бо истифода аз воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои интернетӣ-иҷтимоӣ, овезаҳо, китобҳо, маводҳои чопии диққатҷалбкунанда ва озмунҳо бо дарназардошти ҳавасмандии моддиву маънавӣ дар ин ҷода ба натиҷаи муайян ноил гардем.

5. Дар сатҳи зарурӣ барои амалишавии функсияи экологии давлат ва ба ин васила таъмин гардидани амнияти экологӣ зарур аст, ки тамоми субъектони баамалбарорандаи сиёсати давлатӣ дар ин ҷода ба таври ҳамоҳангӣ фаъолияти густурдаро роҳандозӣ намоянд. Барои он ки ягона роҳи самарабахш дар татбиқи ҳадафҳои ояндабинонаи санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дохилидавлатӣ дар самти ҳифзи муҳити зист, ин ба таври ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ ба роҳ мондани татбиқи онҳо мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999 сол., 22.06.2003 сол ва 22.05.2016 сол. Манбаи электронӣ: URL: http://www.president.tj (Санаи муроҷиат: 12.03.2022).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 сол / Маводи эклектронӣ: Манбаи дастрасӣ: URL: http://prezident.tj/node/21975 (Санаи муроҷиат: 12.03.2022).

3. Липунцова А.В. Государственный контроль в механизме реализации функций государства. дис…канд.юрид.наук: 12.00.01 / Липунцова Анна Владимировна. – Тамбов – 2019.- 225 с.

4. Струков К.В. Контрольная функция государства в сфере виртуального пространства (на

примере Российской Федерации). дис…канд.юрид.наук: 12.00.01 / Струков Константин Викторович. – Москва – 2019.- 210 с.

5. Экологические проблемы стран Азии и Африки/ Под ред. Д. В. Стрельцова и Р. А. Алиева. — М.: Аспект Пресс, 2012. — 271 с.

6. Пожарский Д. В. Охранительная функция государства (теоретико-методологические проблемы). дис…докт.юрид.наук: 12.00.01 / Пожарский Дмитрий Владимирович. – Москва – 2014.- 418 с.

7. Жочкина И. Н. Региональное государственное экологическое управление: концепция современного механизма правового регулирования. дис…канд.юрид.наук: 12.00.06 / Жочкина Ирина Николаевна. – Москва – 2015.- 277 с.

8. Бринчук М.М. Экологическое право: Учебник. М., 2003. – 670 с.

9. Гиззатуллин Р.Х. О параметрах экологической функции государства // Экологическое право. 2008. № 2. С. 10–14

10. Қодиров М.А., «Моҳияти ҳуқуқии функсияи экологии давлат», Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ - методӣ «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» 29-30 ноябри соли 2018 – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 329 с.

11. Теория государства и права: Курс лекций/ Под ред. Н.И. Матузова и А.В.Малько. - М., 1997. – 672 с.

12. Сизов В. Е. Экологическая функция государства и механизм ее реализации: теоретико-правовой аспект. дис…докт.юрид.наук: 12.00.01 / Сизов Виталий Евгеньевич. – Москва – 2005.- 367 с.

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳои доктриналии функсияи экологии давлат**

Баъзе масъалаҳои функсияи экологии давлат дар асоси ғоя ва таҳқиқотҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки айни замон яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносиро эҷоди механизми муосири танзим ва идоракунии соҳаи ҳифзи муҳити зист ташкил менамояд.

**Аннотация**

**Некоторые доктринальные вопросы экологической функции государства**

Рассматриваются некоторые вопросы экологической функции государства на основе идей и современных исследований в области юриспруденции. Отмечено, что в наше время одной из самых актуальных проблем юридической науки является создание современного механизма регулирования и управления в области охраны окружающей среды.

**Annotation**

**Some doctrinal issues of the ecological function of the state**

Some issues of the ecological function of the state on the basis of ideas and modern researches in the field of jurisprudence are considered in this article. Indeed, one of the most pressing problems of the juridical science of today is an establishment of a modern regulatory and managerial mechanism for environmental protection.



**УДК:** 342.156
**Сафаров Комилҷон Сафаралиевич,**
*сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: komiljonsafarov1996@mail.ru*
*Тел.: (+992) 888-85-00-02.*

# ҲИФЗИ САРҲАДИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН КАФИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ДАВЛАТ: ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон; сарҳади давлатӣ; қӯшунҳои сарҳадӣ; ҳифзи сарҳади давлатӣ; амнияти миллӣ; таҳдидҳои муосир; қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан; государственная граница; пограничные войска; охрана государственной границы; национальная безопасность; современные угрозы; законодательство.*

***Keywords:*** *The Republic of Tajikistan; state border; border troops; protection of the state border; national security; modern threats; legislation.*

Сарҳади давлатӣ гуфта, мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [5] хат ва сатҳи амӯдии аз ин хат гузаранда, ки ҳудуди қаламрави давлатии (хушкӣ, обҳо, қаъри замин ва фазои ҳавоии) Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ҳадди фазоии амали соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, фаҳмида мешавад.

Дар шароити рӯз то рӯз бештар гардидани гурӯҳҳои террористию ифротгаро дар ҷаҳон ва минтақа ҳифзи сарҳади давлатӣ барои ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро мутобиқи муқаррароти моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир буда, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд.

Тамомият ва дахлнопазирии ҳудуди давлат тавассути татбиқи сиёсати давлатии ягона дар ин самт, қабул ва амалӣ сохтани барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати давлатӣ, маҷмӯи чорабиниҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, сохторӣ, рафъи таҳдидҳои воқеӣ ба манфиатҳои муҳими шахсият, ҷомеа ва давлат таъмин карда мешавад[1, с.60].

Дар робита ба масъалаи ҳифзи сарҳади давлатӣ омӯзиш собит месозад, ки аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолият таъмини амнияти миллӣ, сулҳу субот ҳифзи якпорчагии кишварамон яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ташаккулёбии ҳаракатҳои гуногун, масъалаи таъмини амнияти давлат ва муайян намудани роҳу воситаҳои самараноки ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ, роҳандозӣ ва татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар ин самт ба мо имкон медиҳад, ки истиқлолияти комил ва рушди давлатамонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намоем.

Таҷрибаи замони соҳибистиқлолии кишвари мо, давлатҳои ҷаҳон ва минтақа дар самти таъмини амнияту бехатарӣ нишон медиҳад, ки таҳдидҳои асосӣ ба амнияти давлат ҳангоми ба миён омадани вазъи номуътадил дар Сарҳади давлатӣ оғоз мегардад.

Тасдиқи ин гуфтаҳоро маҳз Пешвои миллат дар суханронии худ бахшида ба 25 – солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудаанд, ки дар оғози истиқлолияти давлатӣ яке аз омилҳои асосии саршавии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон маҳз халалдор гардидани хатти сарҳади давлатӣ буд[3].

Мисоли дигари ин гуфтаҳоро дар шароити имрӯза дар ташаккул ва фаъолияти гурӯҳҳои террористии байналмилалӣ ба монанди “ДОИШ”, “Ал-қоида”, “Ансуруллоҳ” “Толибон” ва дигар гӯруҳҳои ба онҳо монанд дида метавонем.

Махсусан Созмони террористии “ДОИШ”, ки дар давоми солҳои 2014 – 2019 бахшҳои бузурге аз ҳудудҳои шимоли Ироқ ва шарқи Сурияро бо ҷамъиятҳои 2,8 ва 8 миллион нафар ва бахшҳои кӯчакеро дар Либия, Нигерия ва Афғонистон ба тасарруфи худ даровarда буданд, боиси нигаронии ҷиддӣ маҳсуб меёбад[4].

Чунин омилҳои хатарзо тақозо менамоянд, ки барои расидан ба истиқлолияти комил, оромию осудагӣ, суботу оромии мардум ва кафолати таъмини амнияти миллӣ ҳифзи сарҳади давлатӣ аҳамияти муҳим дорад, зеро то чи андоза вобаста будани пойдорӣ ва тамомияти арзии давлат аз мустаҳкам будани сарҳади давлатӣ тасдиқи амалии худро исбот намудааст.

Вобаста ба тасдиқи ин ҳолат Пешвои миллат қайд менамоянд, ки дар нахустин рӯзҳои Истиқлолияти давлатӣ масъалаи ҳифзи тамомияти арзии давлат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мо буд, зеро дар он рӯзҳои мудҳиш баъзе неруҳои дохилӣ ва хориҷӣ аллакай нақшаи тақсими Ҷумҳурии Тоҷикистони ягона ва аз таркиби кишвари мо ҷудо намудани вилояту ноҳияҳои алоҳидаро дар сар доштанд[2, с.10].

Омӯзиш дар ин самт собит месозад, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ баҳри таъмини оромиву осудагии халқу давлат дар баробари ҳаллу фасли масъалаҳои мухталиф, ба монанди баргардонидани гурезаҳо, танзими муносибатҳои иҷтимоии шаҳрвандон, ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмилу таҳкими асосҳои қонунгузории мамлакат кишвари мо таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тақвияти ҳифзи сарҳад ва таъмини амнияти давлат, такмили инфрасохтори сарҳадӣ, иқтидори кадрӣ ва мутобиқгардонии заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ тадбирҳои зиёдеро амалӣ намудааст.

Аз он ҷумла, аввалин маротиба масъалаи таъмини ҳифзи Сарҳади давлатӣ дар Иҷлосияи таърихии 16 – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аввалин санади дахлдор ҷиҳати таъсиси сохтори махсусгардонидашудаи марзбонии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 1992 бо қарори Шӯрои Олӣ қабул ва интишор гардид, ки мувофиқи он дар ҷумҳурӣ дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бригадаи махсуси марзбонӣ ташкил ёфта, баъдан бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1992 дар назди Кумитаи мазкур Раёсати ҳифзи сарҳади давлатӣ ташкил ёфт, ки ин қадамҳои нахустин дар самти таҳкими тамомияти арзӣ ва ҳифзи Сарҳади давлатӣ ба шумор меравад.

Ҳамчунин, баҳри муҷаҳҳазгардонии инфрасохтори Сарҳади давлатӣ бо таҷҳизотҳои муҳандисию техникӣ, ташкил намудани отряду дидбонгоҳҳо ва нуқтаҳои назоратии гузаргоҳӣ, таъсиси омӯзишгоҳу донишкадаҳо ва марказҳои таълимӣ бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисос Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддиро аз сар гузаронидааст.

Ғайр аз ин, бо мақсади муайян намудани ҳолати ҳуқуқӣ, сохтори мақомоти дахлдор дар самти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва мушаххас намудани вазифаҳои онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул карда шуд.

Таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ дар таърихи навини давлатдории Тоҷикистон на танҳо рӯйдоди муҳиму тақдирсозест дар бақову пойдории давлату давлатдории миллӣ, ҳифзи амнияти ҷомеа ва ҳимояи марзу буми кишвар, балки нишонаи равшани истиқлолияти сиёсии давлати тоҷикон ба ҳисоб меравад[2, с. 366].

Бевосита Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки Қӯшунҳои сарҳадӣ, ки ҳоло ба як сохтори аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳазу муосир ва сипари боэътимоди ҳифзи марзу буми мамлакат табдил ёфтаанд, яке аз дастовардҳои бузурги замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон маҳсуб мeёбанд [3].

Таҳлилҳои мазкур собит намуд, ки ба масъалаи ҳифз ва ҳимояи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ диққати махсус зоҳир намуда, то имрӯз баҳри такомули он чораҳои мушаххасро андешида истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба ҳифз ва ҳимояи Сарҳади давлатӣ ва таъмини амниятро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи амният”, “Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ,

созишномаҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ - ҳуқуқӣ, ки дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои садсолаҳо муайян менамояд, меъёрҳои заминавӣ-ҳуқуқӣ дар хусуси тақсимнопазирӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Тоҷикистон, соҳибистиқлолӣ ва кафолати таъмини тамомияти арзии он пешбинӣ гардидааст ва баҳри дар амал татбиқи меъёрҳои мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул мегарданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” санади меъёрии ҳуқуқии муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, сиёсати сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимоя ва муҳофизати Сарҳади давлатӣ, тартиби муқаррар намудан, тағйир додан ва аломатгузории сарҳади давлатӣ, тартиби аз сарҳади давлатӣ гузаронидани шахс, воситаҳои нақлиёт, ҳайвонот ва молу маҳсулот, инчунин дигар муносибатҳои бо Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандро ба танзим медарорад[5].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” низоми мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори таркибии мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, низоми ягонаи марказонидашударо ташкил намуда, дар доираи салоҳияти худ сиёсати давлатиро дар соҳаи амнияти миллӣ ва муҳофизати сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намуда, танзим ва идоракуниро дар соҳаи таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат ба амал бароварда, дар ин соҳа фаъолияти дигар мақомоти ҷумҳуриявии идораи давлатиро ҳамоҳанг месозад, инчунин самтҳои асосии фаъолият ва вазифаҳои мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бевосита амалӣ менамояд[6].

Муқаррарот дар хусуси муҳимияти ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти давлат дар Мутобиқи моддаи 6 Қонуни мазкур яке аз таҳдидҳои асосии ба амният дар баробари бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, фаъолияти ҷосусӣ, террористӣ, тахрибкорӣ (диверсионӣ), ифротгароии (экстремизми) сиёсӣ дар ҳама гуна шакли он, аз ҷумла барангехтани бадбинӣ ё хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, мафкуравӣ, маҳалгароӣ ё гурӯҳӣ ва таҳдид ба дахлнопазирии сарҳади давлатӣ ба шумор меравад[7].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, асосҳои ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолият, таъинот, вазифа, сохтор, салоҳияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои санҷиш ва назорати фаъолияти онҳоро муайян менамояд.

Мутобиқи Қонуни мазкур Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди махсуси қӯшунҳоеанд, ки барои ҳимоя ва муҳофизати Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд[8].

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ва ташкилии фаъолияти гумрукро муайян намуда, ба ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъол сохтани муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти давлатӣ ва аз ҷониби онҳо риоя намудани уҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нигаронида шудааст, мутобиқи муқаррароти он сарҳади гумрукӣ, ба истиснои ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба сарҳади давлатӣ мувофиқ аст[9].

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазифаи асосии он аз ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи саломатӣ, таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи ахлоқи ҷамъиятӣ, солимгардонии муҳити зист, ҳифзи тартиби муқаррargardидаи амалӣ кардани ҳокимияти давлатӣ, тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, моликият, ҳимояи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин таъмини баррасии саривақтӣ ва дурусти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ иборат мебошад[10].

Дар Кодекси мазкур ҷавобгарии маъмурӣ нисбати хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони дигаре, ки дар ҳаққи онҳо оинномаҳои интизомӣ татбиқ мегарданд, инчунин барои риоя накардани

низоми сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Таҳрифи нақшакашии ҷадвалӣ дар харитаҳо, атласҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намудааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазифаи асосиаш аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст, ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятҳои ғайриқонунӣ тайёр кардан ва (ё) гузаронидан тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё реклама кардан ва ё паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламаи мавод ё предметҳои порнографӣ, қочоқ, ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон кардани низоми сарҳади давлатиро пешбинӣ намудааст[11].

Муқаррароти қонунгузории кишварро дар самти ҳифзи сарҳад ва таъмини амният таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳимоя ва ҳифзи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми таркибии низоми амнияти давлатро ташкил дода, дар низоми амнияти миллии ҷумҳурӣ як занҷираи калидие мебошад, ки мустаҳкам будани он дар ҳифзи таҳдидҳои хатарҳои муосир ба кишвари мо, ба монанди терроризми байналмилалӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои дигар назаррас аст.

Бо дарназардошти дастовардҳои беназире, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур ноил гардидааст, санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда ва муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 августи соли 1997, №481 ба ҳисоб меравад. Аз амали Қонуни мазкур 25 сол сипарӣ гардидааст.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки таҷдиди Қонуни болозикр бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории амалкунанда мувофиқи мақсад мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Тафсири илмию омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Шарқи озод, 2009, 520 саҳ.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: "Ганҷ -нашриёт", 2018. -436 саҳ.

3. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 25-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.president.tj/node/20254 (санаи муроҷиат: 5.04.2022).

4. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://tg.wikipedia.org/ (санаи муроҷиат: 5.04.2022).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 августи соли 1997. – № 481 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.04.2022).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20 марти соли 2008. – № 362 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.04.2022).

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" аз 28 июни соли 2011. – № 721 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.04.2022).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 1 марти соли 2005. – №82 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.04.2022).

9. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.04.2022).

10. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.04.2022).
11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.04.2022).

**Аннотатсия**

**Ҳифзи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили таъмини амнияти давлат: таҳлили ҳуқуқӣ**

Дар мақола муаллиф масъалаи ҳифзи сарҳади давлатиро дар таъмини амнияти давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри ҳифз ва ҳимояи марзу буми давлат чораҳои муштаракро меандешанд.

**Аннотация**

**Охрана государственной границы Республики Таджикистан гарантия безопасности государства: правовой анализ**

В статье автор анализируя вопросы охраны государственной границы в обеспечении безопасности государства отмечает, что Республика Таджикистан с первых дней независимости под руководством Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона принимает комплексные меры по охране государственной границы.

**Annotation**

**Protection of the state border of the Republic of Tajikistan guarantee of state security: legal analysis**

In the article, the author analyzes the protection of the state border in ensuring the security of the state and notes that the Republic of Tajikistan from the first days of independence, under the leadership of the Leader of the Nation, President Emomali Rahmon, has been taking comprehensive measures to protect the state borders.



**УДК:** 340.115.7

**Зариф Умед Мирзомиддин,**
*сардори бахши таҳлили таъсири танзимкунии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: www.umed.us@mail.ru*
*Тел: (+992) 935-85-14-15.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ЭКСПЕРТИЗАИ ТАҲЛИЛИ ТАЪСИРИ ТАНЗИМКУНӢ БО ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ; таҳлил; танзимкунӣ; таъсир; экспертиза; инкишоф; муқоиса; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *законодательство; анализ; регулирование; воздействие; экспертиза; развитие; сравнение; нормативные правовые акты.*

***Keywords:*** *legislation; analysis; regulation; impact; examination; development; comparison; model; normarive legal acts.*

Дар шароити кунунӣ инкишофи муносибатҳои ҷамъияти рӯз то рӯз дигаргун шуда истодааст. Таҳлили муносибатҳои ҷамъиятӣ аз мадди назар дур набуда, хулоса баровардан дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда, мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ яке аз роҳҳои маъмулии такмил додани қонунгузорӣ мебошад. Зеро, дар раванди мазкур қонунгузории дигар давлатҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллии онҳо ҷанбаҳои мусбии онҳо, истифода мешавад [1, с. 96-97].

Истилоҳи таҳлил калимаи арабӣ буда, бештари мавридҳо дар адабиётҳо ва ҳаёти иқтисодиву ҳуқуқӣ чун ҳаммаънои калимаи юнонии *анализ (ancilisis)* истифода мешавад. Маънои таҳлил ин ҷудо намудани чиз (ҳодиса, раванд) ба ҷузъҳои алоҳидаи таркибӣ ва омӯхтани онҳо мебошад. Таҳлил имконият медиҳад, ки моҳияти ботинии чизи омӯхташаванда фаҳмида шавад, мавқеъ ва саҳми ҳар як ҷузъи тартибдиҳандаи он муайян карда шаванд. Аз натиҷаҳои таҳлил оид ба моҳият ва сохтори омӯхташаванда ва таҳлилшуда хулоса бароварда мешавад [2, с. 48-55].

Дар шароити ҳозира танзимкунии давлатии муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз воситаҳои назарраси таъсиррасонӣ ба ҷамъият мебошад. Зеро, бо дарназардошти ин усул метавон муосибатҳои ҷамъиятро аз нигоҳи дуруст ва бо тартиб ба танзим даровард. Яке аз ин намуди таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ин таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад. Таҳлили таъсири танзимкунӣ механизмест, ки бо роҳи ҳимояи манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорон ва давлат амалӣ шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ равона гардидааст. Зарурати амалӣ намудани ин падида, бо дарназардошти ба инобат гирифтани манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо роҳи танзимкунии самарабахш ва оқилона ба роҳ мондани танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Бо мақсади муайян намудани пешравиҳои экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ мо бо як қатор давлатҳое, ки аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд мебошанд, муқоиса менамоем, ки дар поён аз натиҷаи он хулосабарорӣ карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки на ҳамаи давлатҳо низоми таҳлили таъсири танзимкуниро дар танзимкунии муносибатҳои ҷамъиятӣ пазируфтанд, аз ин рӯ, мо онро бо дарназардошти таҳлилии самтҳои зерин омӯхта мебароем:

- амалишавии низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ;
- методологияи татбиқи он;
- мақомоти ваколатдори давлатӣ;
- доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки фарогири гузаронидан аз таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошанд [3, с.95].

Дар таҳлили мазкур танҳо он давлатҳое, ки ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон наздикӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд, аз ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белоруссия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Украина ва Ҷумҳурии Арманистон.

Қобили зикри хос аст, ки давлатҳои болозикр, бо як қатор пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, ки аз ҳама пешсафи онҳо дар ин самт Федератсяи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон

мебошад. Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд мувофиқи таҳлилҳои муайяннамудаи худ экспертизаи таҳлили таъсири танзимкуниро ҳамчун механизми «арзёбии оқибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, мусбиву манфӣ ва тартиботи муқараршуда» меҳисобад.

Мувофиқи ақидаи Скотт Джейкобс яке аз мутахассиси барҷастаи танзимкунии сиёсӣ, таҳлили таъсири танзимкуниро ҳамчун восита ва усули 1) низомнокӣ ва муайян намудани оқибатҳои иқтисодие, ки аз амалҳои пешбининамудаи ҳукумат бармеояд; 2) дастрасӣ намудани маълумот ба шахсоне, ки масъули қабули қарор мебошанд, ки ҳамчун воситаи осон ба даст даровардани маълумот тавсиф намудааст[4].

Якум. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз соли 2011 аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ арзёбии таъсиррасонии низоми иҷозатдиҳӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо оқибатҳои баҳогузории лоиҳаҳоро мавриди баррасӣ қарор дода пешниҳодҳо менамуданд, инчунин аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибатҳои иқтисодии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баҳогузорӣ қарор мегирифт. Лекин, то ин ҷониб, санади расман ба фаъолият оғоз намудани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ ҳамчун як намуди экспертиза мавҷуд набуд. Агар ба Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ назар афканем соли 2015 қабул гардида буд[5]. Баъдан бо дарназардошти ин низоми қабули лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйир ёфта, раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятиро бо иштироки доираи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла, соҳибкорон шароит фароҳам оварда шуд.

Бо мақсади бо ҳам муфассал шарҳ додани экспертизаи мазкур дар боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» низоми муносибатҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир мерасонад, аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад, танзим ёфтааст[6].

Дар Федератсияи Россия таҳлили таъсири танзимкунӣ бо санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла, аз соли 2000 ба фаъолият оғоз намудани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ амалӣ шуда бошад ҳам, он расман аз соли 2010 инҷониб бо фармоиши Вазорати рушди иқисоди Федератсияи Россия аз 31.08.2010, №398 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи тайёр намудани хулосаи таҳлили таъсири танзимкунӣ» амалӣ шуда истодааст[3, с.95]. Қаблан аз соли 1997 ин функсияи гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва Вазорати молияи он оид ба баҳогузории оқибатҳои иқтисодии лоиҳаҳо анҷом дода мешуд, баъдан бо қабул гардидани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз ҷониби мақоми муайян амалӣ карда шуда истодааст[7, с.2 - 11].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо фармоиши Вазорати иқтисоди миллии Ҷумҳурии Қазоқистон аз соли 2015 «Қоидаҳои гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ» тасдиқ карда шудааст, ки то имрӯз гузаронида мешавад[8]. Қаблан дар Ҷумҳурии Қазоқистон экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида намешуд, бо пешрафти ҷомеа ба монанди дигар намуди экспертизаҳо, аз ҷумла, ҳуқуқӣ, забонӣ ва антикоррупсионӣ, экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ низ мавқеи худро дар ин кишвар пайдо кард.

Дар Ҷумҳурии Белорус аз соли 2011 инҷониб ва баъдан бо қабул намудан дар таҳрири нави ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлили таъсири танзимкунӣ бо қонун расман ба танзим даровара шуд. Қаблан аз ҷониби Маркази миллии қонунгузорӣ ва тадқиқоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Белорус лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баҳогузории иқтисодӣ қарор мегирифтанд, лекин баъди амалӣ гаштани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ оқибатҳои иқтисодии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбати соҳибкорон ва соҳибкорони инфиродӣ мавриди гузаронидан аз экрспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ қарор мегирад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз соли 2004 фаъолият намуда бошад ҳам, он аз 2007 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ қабул карда шуд, расман ба фаъолият шурӯъ намуд [9, с. 212-214]. Баъди амалӣ намудани ин падида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон минбаъд гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунии санадҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ низ сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Арманистон аз соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул шуда бошад, лекин расман ба фаъолият оғоз намудани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ аз соли 2011 амалӣ шуда истодааст [10]. Баъдан Консепсияи амалишавии таҳлили таъсири

танзимкунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Арманистон қабул гардид, ки минбаъд гузаронидани таҳлили таъсири танзимкуниро дар зинаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мустаҳакам намуд.

Дар Ҷумҳурии Украина аз соли 2000 экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Кумитаи соҳибкорӣ амалӣ шуда бошад ҳам, лекин функсияи асосии гузаронидани таҳлили таъсири танзимкуниро амалӣ наменамуд. Баъдан кумитаи мазкур аз нав карда шуда, функсияи пешбурди сиёсати ягонаи танзимкунии давлатии санадҳоро дар соҳаи соҳибкорӣ муайян менамуд. Лекин, ин мақом на ҳамавақт вазифаи гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкуниро анҷом медод [11, с.108 - 123].

Дуввум. Методологияи гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ як раванди мураккабро фаро мегирад. Дар баробари мавҷуд будани санадҳои меъёрии ҳуқуқии заминавӣ, инчунин зарурати ба омма фаҳмонидани лоиҳаҳои барои баррасиву ҷонибдорӣ пешниҳод намудан ба аҳолӣ яке аз усули муҳими экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад. Зеро, тавассути он лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасонанд, ба субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод мешаванд, мавриди машварати оммавӣ қарор мегиранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими муносибатҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир мерасонанд, аз экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешаванд. Экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ба танзим даровarda шуда, доираи муносибатҳое, ки аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешаванд, муайян ва маҳдуд карда шудааст.

Машваратҳои оммавӣ дар ҳар давлат ба таври хоси худ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим гардида, фаъолият намуда истодаанд. Дар баъзе давлатҳо дар сурати натиҷа надодани машваратҳои оммавӣ тавассути Портали интернетӣ боз дигар роҳҳое мавҷуданд, ки мухтавои лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ барои баррасӣ ва ҷонибдорӣ пешниҳод мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машваратҳои оммавии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст [12]. Ҳарчанд қонунгузор тарзҳои гуногуни машварартҳои оммавиро бо меъёр муқарар накардааст, лекин ин маънои онро надорад, ки таҳиякунандагон наметавонанд машваратҳои оммавиро дар дигар шакл гузаронанд, яъне дар дигар шакл гузаронидани машварат манъ карда нашудааст.

Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи бақайдгирандагони Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони фаъолияткунандаи Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз зиёда аз 150 субъекти таҳиякунанда дар Портали болозикр ба қайд гирифтаанд[13]. Расмиёти бақайдгирӣ тибқи замимаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №617 ба роҳ монда шуда, танҳо бо пур намудани дархост ба қайд гирифта мешаванд [14, с.81 - 88].

Дар Федератсияи Россия методологияи амалишавии таҳлили таъсири танзимкунӣ дар шакли қонунгузорӣ мустаҳакам гардида, Портали интернетӣ ташкил карда шуда, инчунин машваратҳои оммавӣ дар шакли мунисипалӣ, яъне дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил карда шудааст [15].

Ҷанбаи хоси амалишавии экспертизаи мазкур дар Федератсияи Россия ин ба таври умумӣ, яъне нисбати тамоми лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад. Доираи маҳдуди гузаронидан аз таҳлили таъсири танзимкуниро қонунгузор муайян накардааст. Дар баробари ин, дилхоҳ санадҳои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар Портали маҳаллие, ки барои гузаронидани машварати оммавӣ ташкил карда шудааст, ҷойгир карда мешаванд [16].

Ҳамзамон, мақоми ваколатдор бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор метавонанд, нисбати лоиҳаҳои машваратҳои оммавиро дар шакли конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинар-машғулиятҳо ва дигар шаклҳо гузаронанд. Иштирок дар раванди машваратҳои оммавӣ озод ба роҳ монда шуда, инчунин ба тариқи онлайни дар Портали интернетӣ бе ягон расмиёти бақайдгирӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ методологияи амалишавии гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ба монанди Федератсияи Россия ба роҳ монда шуда, Портали интернетӣ ташкил карда шудааст[17]. Дар баробари ин доираи лоиҳаҳое, ки аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад, муайян ва мушаххас карда шудааст[18].

Ҳамзамон, ҷиҳати хоси Портали интернетӣ Ҷумҳурии Қазоқистон дар он аст, ки дилхоҳ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд, ба тариқи электронӣ ба қайд гирифта ва дар раванди машварати оммавӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ имконият доранд, ки аз дилхоҳ минтақа иштирок намоянд. Дар баробари Портали интернетӣ таҳиякунандагон метавонанд, ки машваратҳои оммавиро дар дигар шакл, аз ҷумла, дар шакли конференсия, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо гузаронанд.

Ҷумҳурии Белорус яке аз кишварҳои пешсафест, ки дорои ниҳоди алоҳидаи Маркази миллии қонунгузорӣ ва тадқиқоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Белорус мебошад. Бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи Дастурамал оид ба пешгӯии оқибатҳои қабул санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 25 январи соли 2019, №54 қабул гардидааст, ки санади мазкур амалишавии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкуниро дар Ҷумҳурии Белорус муқаррар намуда[19], машваратҳои оммавӣ лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тариқи онлайнӣ дар Портали интернетӣ тазаккур намудааст[20]. Дар баробари Портали мазкур, ҳар як таҳиякунанда машваратҳои оммавиро нисбати лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сомонаи расмии худ мегузаронад. Расмиёти иштирок дар раванди машварати оммавӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ норавшан буда, шакли иштирок дар он номуайян мебошад.

Дар Ҷумҳурии Украина методикаи гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар сатҳи қонун танзим гардида, машваратҳои оммавии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тариқи онлайнӣ дар Портали интернетӣ гузаронида мешаванд[21]. Низоми амалишавии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар ин кишвар хеле пешрафта буд, он аз ҷиҳати электронӣ муосир ба ҳисоб меравад. Зеро дар он, пойгоҳи (платформа) самарабахши танзимкунии замонавӣ ба тариқи электронӣ ташкил карда шуда, ворид шудан дар Портали интернетӣ бо бақайдгирӣ ба роҳ монда шуда, бевосита шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд, озодона метавонанд ҳангоми машваратҳои оммавӣ бо лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шинос шуда, таклифу пешниҳодҳои худро манзур намоянд.

Ҷумҳурии Арманистон низ яке аз кишварҳои пешрафтаест, ки методологияи амалишавии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкуниро бо Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар намудааст[22]. Машваратҳои оммавӣ лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути Портали ягонаи интернетӣ ба роҳ монда шуда, дар баробари он боз бо дигар шакл низ гузаронида мешавад.

Азбаски сомонаи Портали интернетӣ Ҷумҳурии Арманистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас нест, мо натавонистем, ки доир ба моҳияи кор дар Портали интернетӣ дастрасӣ пайдо намоем[23]. Умуман усули аз ҳама муҳим ва пешрафта доир ба амалишавии методологнияи экспертизаи гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ, ки бо хусусиятҳои хоси худ фарқ менамояд, ин амалишавии он дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Украина мебошад.

Зеро агар ба Федератсияи Россия назар афканем, шароити муносибе барои гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ чи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва чи аз ҷиҳати дар амалия фаъолият намуданро фароҳам овардааст. Муҳимияти хоси амалишавӣ дар Федератсяи Россия ин ба роҳ мондани гузаронидани экспертизаи мазкур дар мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии он ва уҳдадор кардани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Украина бошад, дар баробари мавҷуд будани заминаи ҳуқуқӣ пойгоҳи самарабахши танзимкунӣ таъсис дода шудааст, ки тавассути он лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз экспертиза гузаронида шуда, машваратҳои оммавӣ тавассути пойгоҳи мазкур гузаронида мешавад.

Севвум. Мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷузъи муҳими амалишавии экспертизаи гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти таҳлили таъсири танзимкунӣ метавон ҳадаф ва мақсадҳои гузаронидани экспертизаро дар амал ҷорӣ намуд. Зеро маҳз мақомоти ваколатдори давлатӣ дарки дурусти амалӣ намудани вазифаҳое, ки аз ҷониби мақомоти болоӣ ба ӯ вазифадор карда мешавад, дуруст ба роҳ мемонад. Модели амалӣ намудани вазифаҳо ва ваколатҳои экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар ҳар давлат ҳар хел таъсис дода шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон модели аз ҳама муҳиму пешрафта ин модели ғайримутамарказ таъсис ёфтани мақоми ваколатдори давлатӣ оид

ба гузаронидани таҳлили таъсири танзикунӣ мебошад. Зеро, ин мақом як навъ вазифа ва ваколатҳоеро доро мебошад, ки аз дигар мақомоти давлатӣ вобаста набуда, вазифаҳои худро танҳо дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва мақомоти дахлдор бе дахолати дигар мақомот амалӣ менамояд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро иҷро хоҳад кард:

- таъмини ҳамоҳангсозии байни мақомоти давлатӣ, инчунин мусоидат намудан ба фаъолияти шабакаи таҳлили таъсири танзимкунӣ;

- омӯзонидан ва машварати кормандони мақомоти давлатӣ оид ба масъалаҳои таҳлили таъсири танзимкунӣ;

- таҷдид намудан ва хизматрасонии портали интернетии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷойгиркунии Нақшаҳо оид ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳисоботҳои таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- тайёр намудани ҳисоботҳои солона оид ба арзёбии самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар татбиқи сиёсати таҳлили таъсири танзимкунӣ, аз ҷумла дар гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ;

- таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва намояндагони тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла намояндагони ҷомеаи соҳибкорӣ;

- муайян ва таҳия намудани тавсияҳо оид ба гузаронидани ислоҳоти зарурӣ бо мақсади беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии танзимкунии давлатӣ[24].

Бояд хотирнишон кард, ки дар баробари мавҷуд будани мақоми ваколатдор оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ, инчунин мақоми ваколатдор оид ба пешбурди Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, ки вазифаи асосии он амалӣ намудани ваколатҳои техникӣ ва нигоҳдории Портали интернетӣ дар сомона фаъол буданро анҷом медиҳад.

Вазифаи асосии гузаронидани мониторинг оид ба таҳлили таъсири танзимкуниро мақоми ваколатдор дар Портали интернетӣ амалӣ менамояд. Баъди гузаронидани машваратҳои оммавӣ дар Портали интернетӣ мақоми ваколатдор ба таҳиякунандагони лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба анҷом расидани мӯҳлати машварати оммавӣ хулоса пешниҳод менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи мақоми ваколатдор характери тавсиявиро доро мебошад. Зеро, дар сурати мавҷуд будани таклифҳои гуногун мақоми ваколатдор бо хулосаи худ таклифҳои мавҷударо ба хулосаи худ замима намуда, ба мақомоти ваколатдоре, ки ҳуқуқӣ қабули қароро доро мебошад, мефиристад. Яъне, хулосаи мақоми ваколатдор танҳо дар сурате манфӣ ҳисобида мешавад, ки агар тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ риоя нашуда бошад, таҳиякунанда ҳуқуқ дорад, ки боз онро такроран пешниҳод намояд.

Дар дигар давлатҳо мақоми ваколатдори давлатӣ ба таври дар назди мақомотҳо ё тобеи ин ё он мақомоти ваколатдори давлатӣ ташкил карда шудааст. Умуман, се намуди ташкили мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба гузаронидани экпертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ маълум мебошад[25, с.90 - 93].

Навъи якуми он дар Федератсияи Россия мебошад, ки экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки дар назди Вазорат ташкил карда шудааст, амалӣ карда мешавад. Масъалан, дар Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Россия. Дар Вазорати мазкур ниҳоди алоҳида ба ҳайси Департамент ташкил карда шудааст, ки Департаменти мазкур ягона мақомоти пешбарандаи мониторинг, ҳисоботдиҳанда ва хулосадиҳандаи экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ баромад менамояд.

Вазифаи асосии Департаменти мазкур, назорати гузаронидани машваратҳои оммавӣ ва додани хулосаи таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар Федератсияи Россия қарори мақомоти ваколатдор оид ба риоя гардидани гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ ва ё лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ қатъи мебошад. Яъне, дар сурати хулосаи мусбӣ додан аз ҷониби мақоми ваколатдор минбаъд лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои қабул ҷонибдорӣ меёбад. Дар сурати баръакс, манфӣ будани хулосаи мақоми ваколатдор он минбаъд қабул карда намешавад.

Агар дар сурати мавҷуд будани фикрҳои гуногун ё манфиатҳои гуногуни фаъолияти ҷонибҳои манифиатдори мақоми ваколатдор хулосаи худро бо дарназардошти таклифҳои мавҷуда ба мақоме, ки ҳуқуқи қабули қароро

дорад, пешниҳод менамояд. Дар оянда, барои қабули қарор ба мақоми қабулкунандаи қарор ҳуқуқ дода мешавад, киояндаи қабули қарорро дар асоси таклифу пешниҳодҳо муайян намояд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон функсияи гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Вазорати иқтисоди миллӣ ин кишвар амалӣ карда мешавад. Бояд хотиррсаон кард, ки мақоми мазкур амалӣ намудани мониторинг, назорати гузаронидани машваратҳои оммавӣ ва таҳия намудани ҳисоботҳо оид ба гузаронидани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз таҳлили таъсири танзимкунӣ амалӣ менамояд. Ваколатҳои худро мақоми мазкур бо дарназардошти Консепсияи танзимкунии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ менамояд[26]. Мақоми мазкур сифати лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии онро дуруст санҷида ва оқибати таъсири иқтисодии лоиҳаҳоро ба низоми буҷети давлатӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ баҳо медиҳад.

Бояд қайд кард, ки хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ характери тавсиявӣ дошта, аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар сурати риоя нагардидани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ қатъи пешниҳод карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Арманистон амалишавии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Вазорати иқтисодии Арманистон амалӣ мегардад[23]. Мақомоти мазкур дар аввал ҳамчун мақомоти поягузор ба таҳиякунандагон методологияи гузаронидани таҳлили таъсири танзимкуниро ва шароиту имконотҳоро фароҳам оварда, минбаъд барои гузаронидани он танҳо замина мегузорад. Он аз ҷониби мақомотҳои гуногун амалӣ гардида, баҳои таъсиррасонии онро ба сатҳи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ муайян менамоянд. Аз ҷумла, аз ҷониби Вазорати иқтисод, адлия, меҳнат, молия, тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист дар доираи самтҳои худ ба амал мебароранд.

Дар ин каишвар низ хулосаи мақомоти ваколатдори давлатӣ характери тавсиявиро доро мебошад, салоҳияти муайян намудани тақдири минбаъдаи қабули лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таҳиякунанда вогузор карда шудааст. Навъи дигар амалишавии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Украина мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти соҳибкориро доро мебошад, анҷом дода мешавад. Мақомоти мазкур дар асоси ваколтҳои додаи қонунгузорӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкурро муайян намуда, сатҳи таъсиррасонии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро танҳо дар самти фаъолияти соҳибкорӣ муайян менамояд. Бояд қайд кард, ки таъсиси мақомоти махсус дар ин кишвар ҳам аз ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ босиси пешравӣ ва рушд карда, аз ҷиҳати дигар таъсиррасонӣ ба соҳаи соҳибкорӣ дақиқ муайян карда мешавад.

Аз ҷиҳати пешрафт агар баҳогузорӣ намоем, назар ба дигар давлатҳо таъсиси чунин ниҳоди давлатӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ заминагузор ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Украина механизми қабули қарор қатъӣ мебошад. Яъне, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ хулоса пешниҳод карда мешавад, дар сурати мусбӣ будан минбаъд қабул карда мешавад, дар сурати манфӣ будан қабул карда намешавад.

Навъи сеюм дар Ҷумҳурии Белорусия мебошад, ки мувофиқи қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи пешгӯии оқибатҳои қабули лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати гузаронидаи экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ байни мақомоти давлатӣ тақсим гардидааст. Гузаронидани экспертизаи мазкурро мақомоти ваколатдор назорат карда, дар доираи самт ва соҳаҳое, ки ваколатдор мебошад лоиҳаро баҳогузори намуда, хулоса пешниҳод менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки пешниҳоди хулоса аз ҷониби мақоми ваколатдор характери тавсиявӣ дорад. Умуман, аз ваколатҳои мақомоте, ки дар гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ ваколатдоранд, аз ҳама муҳим ин аз ҷониби мақомоте, ки хулосаи он характери қатъӣ дорад, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Масалан, дар Ҷумҳурии Украина хулосаи мақомоти ваколатдори давлатӣ қатъӣ мебошад, ки барои минбаъд қабул намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ нақши муҳимро мебозад. Ин аз як ҷиҳат нақши мақоми ваколатдори давлатиро боло бардошта аз ҷиҳати дигар, таъсир расонидан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Дар Федератсияи Россия хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ ҳам ба таври қатъӣ ва ҳам ба таври бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои ҷонибҳои манфиатдор лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд.

Пешниҳоди хулосаи мақоми ваколатдор дар шакли алтернатива ба роҳ монда шуда, муайян намудани тақдири манбаъдаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақоми таҳиякунанда ҳавола карда шудааст.

Дар кишварҳое, ки хулосаи мақоми ваколатдор характери тавсиявӣ дорад, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Белорус ва Ҷумҳурии Арманистон тақдири минбаъдаи қабули лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба зиммаи мақоми таҳиякунада вогузор карда шудааст. Яъне, мақоми ваколатдори давлатӣ хулосаи худро пешниҳод менамояд, ки дар он танҳо оқибатҳои риоя гардидан ё нагардидани гузаронидан аз таҳлили таъсири танзимкунӣ дар бар мегирад. Дар баробари ин, арзёбии таъсиррасонӣ ба сатҳи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкориро муайян намуда баҳогузорӣ менамояд.

Агар ба таҷриба назар афканем, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол зиёда аз 28 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқ бо таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, ки нисбати 25 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ хулосаи таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор пешниҳод карда шудааст.

Умуман, аз таҳлили гузаронидашуда бо дигар давлатҳо муайян карда шуд, ки низоми амалишавии гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ гуногун буда, ба худ характер, хусусият ва вижагиҳои хоси худро дорад. Дар баъзе давлатҳо низоми фаъолияти экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ рушд ёфта, то ҳол фаъолият намуда истодааст.

Заминаи асосии гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ бошад, дар баъзе давлатҳо тавассути санадҳои зерқонунӣ амалӣ шуда, дар дигар давлатҳо бо сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли қонун мустаҳакам гардидааст. Афзалияти хоси дар шакли қонун мустаҳакам гардидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар кишварҳое, ки низоми ҳуқуқии онҳо романо - олмонӣ мебошад, дар шакли қонун муқаррар ва танзим шудани он мувофиқи мақсад мебошад. Зеро, эътибори ҳуқуқии он аз санадҳои зерқонунӣ болотар истода, амалишавии он дар ҷомеа аз мадди назар дур намемонад.

Бояд қайд кард, ки дар баробари ташкил намудани заминаи ҳуқуқӣ шароит фароҳам овардан барои гузаронидани машваратҳои оммавӣ яке аз вижагиҳои хос ба ҳисоб меравад. Раванди гузаронидани машваратҳои оммавӣ тавассути Портали ягонаи ҳуқуқӣ ё махсус гузаронида шуда, дар баъзе дигар давлатҳо дар баробари Портали ҳуқуқӣ инчунин тавассути гузаронидани конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо, тренингҳо ва ҷамъомадҳои сайёр гузаронида мешавад. Ҳадафи асосии гузаронидани машварати оммавӣ ин ба манфиати давлат, ҷомеа ва ҷонибҳои манфиатдор қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракнии давлатӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амалӣ менамоянд.

Таъкид намудан зарур аст, ки бо пешрафти ҷомеа, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва бо пешрафти технологияи муосир шакли иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйир меёбад. Бояд қайд кард, ки ба тариқи электронӣ ба роҳ мондани иштирок дар раванди машваратҳои оммавӣ аз амалӣ шудани ҳукумати электронӣ дарак медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз соли 2011 Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуда буд[27].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи электронӣ бақайдгирӣ дар раванди машваратҳои оммавӣ таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз камбудиҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз макони дурдасте, ки мехоҳанд манфиатҳои худро дар раванди машваратҳои оммавӣ таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳимоя намоянд, иштирок карда наметавонанд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки раванди бақайдгирӣ дар Портали интернетӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ новобаста аз макони ҷойгиршавӣ тавонанд дар ин раванд иштирок намоянд.

Дигар норасоие, ки ҳангоми гузаронидани раванди машваратҳои оммавӣ мушоҳида мегардад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин танҳо гузаронидани машварати оммавӣ дар Портали интернетӣ мебошад. Ин аз як ҷиҳат, раванди иштирок дар машварати оммавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро маҳдуд карда, аз ҷиҳати дигар доираи маҳдуди дар дигар шакл гузаронидани равандҳои машварати оммавӣ монеа мегардад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки гузаронидани машваратҳои оммавӣ, аз ҷумла, дар шакли конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва

ҷамъомадҳои сайёр дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Ҳамзамон, дар баъзе аз давлатҳо натиҷаи гузаронидан аз экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ назаррас буда, самараи танзими дурусти оқилонаро муайян менамояд. Дар кишварҳое, ки хулосаи мақоми ваколатдор характери тавсиявиро доро мебошад, он натиҷаи хуб надода, танҳо барои огоҳ намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарафҳои манфиатдор аз қабул шудани санади меъёрии ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Дар акси ҳол, агар хулосаи қатъӣ дода шавад, характерӣ ҳатмиро гирифта, рушди фаъолияти соҳибкорӣ баланд бардошта шуда, кафолатҳои ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон баланд баҳогузорӣ карда мешавад.

Умуман, дар асоси гуфтаҳои боло, лозим ба таъкид аст, ки ворид намудани тағйироту иловаҳо доир ба характери ҳатмӣ пайдо намудани хулосаи мақоми ваколатдор оид ба гузаронидани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ барои баланд бардоштани сифати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ошкор ва пешгирӣ намудани уҳдадориҳои барзиёд, монеаҳо, маҳдудиятҳо ва хароҷотҳое, ки барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст, заминаи хубе барои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ фароҳам оварда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Графика-83. 2020. – С. 96-97.
2. Ашӯров Н. Муомилоти пул ва қарз. – Душанбе, 2006. - С. 255.
3. Иванова М.В. Модели и методы оценки регулирующего воздействия в государственном управлении России и зарубежных стран. – СПб.: Изд-во СПбГЭУ, 2018. – 95 с.
4. OECD, Regulatory impact analysis: best practices in OECD countries. OECD, 1997. Манбаи дастрасӣ URL. http://www.oecd.org/gov/regulatory-policy/35258828.pdf) санаи муроҷиат 14.04.2021 сол).
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.04.2021).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 30 майи 2017 №1414 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 13.02.2021).
7. Ирина Д.Т., Софья И.В. Институт оценки регулирующего воздействия на постсоветском пространстве: проблемы становления и перспективы развития. - М., 2015. Издательский дом финансы и кредит. - №37 (2015). С. 2-11.
8. Қоидаҳои гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http:// https://tengrinews.kz/zakon/ pravitelstvo_respubliki_ kazahstan_ premer_ministr_rk/ hozyaystvennaya_deyatelnost/id- V1500010312/ (санаи муроҷиат 14.04.2021).
9. Шамков Ю.В., Дорошенко С.В. Институт оценки политики в пространстве ШОС // Экономика региона. - 2012. - № 4. - С. 212-214.
10. Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»: аз 29.04.2002 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://base.spinform.ru № ЗР-320» // (санаи муроҷиат 14.04.2021).
11. Сараева И.Н. Становление института поддержки малого предпринимательства на Украине: проблемы и перспективы // Журнал институциональных исследований. - 2013. - №1. Т. 5. - С. 108-123
12. Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.portali-huquqi.tj/ (санаи муроҷиат 23.04.2021).
13. Маълумотҳои пешниҳоднамудаи мутахассиси Вазорати адлия оид ба ҳисоботи оморӣ аз мизи мудаввари «Амалишавии падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 18 ноябри соли 2019. ш. Душанбе. 2019.
14. Зариф У.М Нақши падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар қонунгузорӣ // Маҷаллаи АНДМК «МИЗОНИ ҚОНУН». Душанбе, 2020. - №1. С.88.

15. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Федератсияи Россия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://regulation.gov.ru/ (санаи муроҷиат 23.04.2021).
16. Постановление Правительства РФ от 30.01.2015 n 83 (ред. От 29.08.2018) "О проведении оценки фактического воздействия нормативных правовых актов, а также о внесении изменений в некоторые акты правительства Российской Федерации" [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://regulation.gov.ru/ санаи муроҷиат (16.04.2021).
17. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Қазоқистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://legalacts.egov.kz /list?categoryId=346 (санаи муроҷиат 16.04.2021).
18. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти хоҷагидорӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http:// tengrinews.kz/zakon /pravitelstvo_respubliki_kazahstan_premer_ministr_rk /hozyaystvennaya_deyatelnost/id V1500010312/ (санаи муроҷиат 16.04.2021).
19. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи Дастурамал оид ба пешгӯии оқибатҳои қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http:// ncpi.gov.by/deyatelnost /natsionalnyy-pravovoy-internet-portal-respubliki-belarus/ ва сомонаи дигар https://etalonline.by/ (санаи муроҷиат 16.04.2021).
20. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Беларус [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http:// pravo.by/. (санаи муроҷиат 17.04.2021).
21. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Украина [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http:// tools.regulation.gov.ua/arv. (санаи муроҷиат 19.04.2021).
22. Қонуни Ҷумҳурии Арманистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.arlis.am/ (санаи муроҷиат 19.04.2021).
23. Сомонаи иттилоотӣ [манбаи электронӣ] // URL: https:// http://www.regulations.am// Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 25-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://www.president.tj/node/20254 (санаи муроҷиат: 5.04.2022).
24. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.04.2021).
25. Ирина Тургель, Софья Вейберт. Институциональное проектирование национальных систем организации оценки регулирующего воздействия (на примере стран СНГ) Государственная служба. 2016. - №3 (101). - С. 90.
26. Консепсияи танзимкунии давлатии фаъолияи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http:// tengrinews.kz/zakon/ pravitelstvo_respubliki_ kazahstan_ premer_ministr_rk/ hozyaystvennaya_deyatelnost/id- V1500010312/ (санаи муроҷиат 23.04.2021).
27. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» //// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

**Аннотатсия**

**Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ бо давлатҳои хориҷӣ**

Дар мақолаи мазкур муаллифон падидаи экспертизаи таҳлили таъсири танзимкуниро мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор додаанд. Албатта, падидаи мазкур нисбатан падидаи нав маҳсуб ёфта, дар қонунгузории кишвар мустаҳакам карда шудааст. Бо эътироф намудани падидаи мазкур ҳамчун зуҳуроти мустақил, як қатор навгониҳо ва мушкилот дар илм ва қонунгузории фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд омад. Аз ин лиҳоз, то ба андозае кӯшиш гардидааст, ки доир ба падидаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад.

**Аннотация**

**Сравнительно-правовой анализ экспертизы анализа регуляторного воздействя с зарубежными странами**

В статье автор анализирует институт экспертизы анализа регуляторного воздействия. Конечно, этот институт - относительно новый и признан в законодательстве страны. Признание этого явления, как самостоятельного явления, привело к ряду нововведений и проблем в науке и законодательстве о бизнесе. Поэтому в связи с этим в определенной степени были предприняты попытки провести сравнительный и правовой анализ анализа регуляторного воздействия с зарубежными странами на этот институт.

**Annotation**

**Comparative-legal analysis of expertise of regulatory impact analysis with foreign countries**

In the article, the author analyzes the institution of expertise of the analysis of regulatory impact. Of course, this institution is a relatively new phenomenon and is recognized in the country's legislation. The recognition of this phenomenon as an independent phenomenon has led to a number of innovations and problems in science and business legislation. Therefore, in this regard, to some extent, attempts have been made to conduct a comparative and legal analysis of the regulatory impact analysis with foreign countries around this institution.

## 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА



**УДК:** 342.743

**Шеров Шералӣ Зафарович,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: sherali-sherov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 935-99-98-58.*

# АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ - ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ АНДОЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; андоз; андозбандӣ; танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии андозбандӣ; уҳдадории конститутсионии супоридани андозҳо; принсипҳои конститутсионии андоз.*

***Ключевие слова:*** *Конституция; налог; налогообложение; конституционно-правовое регулирование налогообложения; конституционная обязанность платить налоги; конституционные принципы налога.*

***Keywords:*** *Constitution; tax; taxation; constitutional and right regulation of taxation; constitutional obligation to pay taxes; Constitutional tax principles.*

Дар таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон андоз яке аз нишонаҳои давлатдорӣ буда, ифодагари сиёсати мустақилона дар бахши молия мебошад [1, с.14].

Танзими муносибатҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қоидаҳои асосии андозбандиро муқаррар менамояд, амалӣ карда мешавад.

Конститутсия – санади асосии давлат, сарчашмаи асосии муносибатҳои молиявӣ ва махсусан муносибатҳои андозӣ буда, қувваи олии ҳуқуқӣ ва амали бевосита дошта, муносибатҳои муҳими байни инсон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро танзим менамояд.

Бо пайдоиши Конститутсия ва ҳуқуқи конститутсионӣ андозҳо институти мустақили конститутсионӣ – ҳуқуқӣ гардиданд ва то имрӯз боқӣ мондаанд, ки он ба аҳамияти андоз ҳамчун сарчашмаи асосии таъмини функсияҳои давлат алоқаманд мебошад.

Алоқамандии институти андоз ва конститутсионализм ҳанӯз аз давраҳои пайдоиши давлат сарчашма мегирад ва худи пайдоиши ҳуқуқи конститутсионӣ бо андоз алоқамандӣ дорад.

Аҳамияти конститутсионӣ-ҳуқуқии андозҳо бо ду ҳолат муайян карда мешавад. Аз як тараф, андозҳо - яке аз воситаҳои муҳими нигоҳдории давлат, таъмини соҳибихтиёрӣ, инчунин амалӣ намудани ҳамаи функсияҳои он мебошад. Аз тарафи дигар, маҳз танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои андозбандӣ бояд ҳуқуқи инсонро бо назардошти принсипи давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ кафолат диҳад.

Воқеан, маҳз андозҳо сарчашмаи асосии пур кардани буҷети давлат мебошанд. Дар як вақт бо пайдоиши давлат институти андоз нигоҳдории мақомоти давлатиро таъмин намуда, асосҳои моддии баамалбарории функсия ва ваколатҳои онҳоро ба вуҷуд овард. Илова бар ин, якҷоя бо васеъ шудани чунин функсияҳо аҳамияти андозҳо меафзоянд. Тавре М.Н. Марченко қайд менамояд, дар ибтидо андозҳо танҳо барои нигоҳдории артиш, политсия, дигар мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, инчунин табақаи мансабдорон зарур буд [2, с.99]. Бо гузашти вақт таъиноти институти андоз хеле васеъ шуда, қисми фаъолияти иҷтимоии давлат, аз ҷумла, соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва дар маҷмӯъ ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва ғайраҳоро фаро гирифт. Ҳамин тавр, умумиэътироф шуд, ки андозҳо яке аз аломатҳои муҳими ҳама гуна давлат мебошанд [3, с. 4]. Бо ҳамин аҳамияти бузурги худ барои давлат институти андоз наметавонист дар Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати асосии давлат барои мустаҳакам намудани нигоҳдорӣ, зист ва самаранокии он инъикос наёбад [4, с.215].

Аз ибтидо таъиноти Конститутсия маҳдуд намудани ҳокимияти давлатӣ бо мақсади пешгирии худсарии он буд. Андозҳо аз ҷониби давлат тавассути маҷбуран гирифтани қисми моликияти шаҳрвандон ситонида мешуданд. Бинобар ин, сӯистифодаи давлат дар соҳаи мазкур барои аҳолӣ хеле таъсирбахш аст. Дар робита ба ин, таъиноти дигари танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии андозҳо, роҳ надодани худсарии давлат, пеш аз ҳама, беасос маҳдуднамоии ҳуқуқи моликияти хусусӣ ҳангоми амалисозии андозбандӣ мебошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳидае, ки меъёрҳои он бевосита муносибатҳои ҳуқуқии андозбандиро танзим ва функсияҳои асосии баамалбароии сиёсати андозро муайян намояд, вуҷуд надорад. Аммо, сарфи назар аз ин, танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои андозбандӣ дар меъёрҳои алоҳидаи Конститутсия амалӣ карда мешаванд, ки онҳоро ба якчанд гурӯҳ таснифбандӣ кардан мувофиқи мақсад аст:

Якум - моддаи 45 Конститутсия, ки бевосита муносибатҳои ҳуқуқуқии андозбандиро танзим менамояд, яъне супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд;

Дуюм - қисми дуюми моддаи 59 Конститутсия, яъне «лоиҳаи қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад;

Сеюм - қисми дуюми моддаи 77 Конститутсия, яъне «Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалро муайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад…».

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии андозбандӣ мустаҳкам гардидааст, ки рушд ва мустаҳкамёбии принсипҳои ҳуқуқии андозбандиро муайян менамояд. Тавре Г.А. Гаджиев қайд менамояд, принсипҳои конститутсионӣ ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки моҳияти низоми ҳуқуқиро ифода намуда, мазмуни онро ташкил намуда, қувваи баландтарини омирона доранд [5, с.15]. С. А. Авакьян принсипҳои конститутсиониро ҳамчун меҳваре, ки дар доираи он маҷмӯи муайяни меъёрҳои ҳуқуқӣ муттаҳид шуда, институти ҳуқуқӣ ё соҳаи ҳуқуқро ташкил мекунанд, мефаҳмад [6, с.20].

Ба андешаи В.И. Гуреев принсипҳои конститутсионӣ асосҳои ибтидоии танзими ҳуқуқии низоми андозро дар маҷмӯъ ва ҳамаи арзишҳоро дар ҳуқуқи андоз ташкил менамояд [7, с.24]. Принсипҳои конститутсионии сиёсати андоз низоми умумии кафолатҳо ва сифатҳое, ки ба низоми андози давлати демократӣ ва иҷтимоӣ хос аст, муқаррар менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ номгӯй ва таснифи зиёди принсипҳои низоми андоз ва сиёсати андозии давлат пешниҳод гардидааст.

А.В.Демин бошад, принсипҳои андозбандиро ба умумӣ ва махсус тақсим менамояд. Дар миёни принсипҳои умумӣ ӯ чунин принсипҳоро ба монанди оммавӣ, ягонагии низоми андоз, принсипи федерализм, адолат, инчунин, якмаротиба ва муайянияти андозбандӣ ҷудо менамояд [8, с.85]. А.В. Брызгалин пешниҳод менамояд, ки ҳамаи принсипҳои андозбандӣ ба иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилӣ гурӯҳбандӣ шаванд [9, с.48].

Е.Ю. Грачева се гурӯҳи алоҳидаро ҷудо менамояд, ки ҳар яке аз онҳо маҷмӯи муайяни механизмҳои баамалбарории институтҳои калони конститутсионӣ-ҳуқуқиро дар соҳаи андоз дар бар мегиранд:

- принсипҳои таъминкунандаи баамалбарорӣ ва риояи асосҳои сохтори конститутсионӣ;
- принсипҳои таъминкунандаи баамалбарорӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои асосии андозсупорандагон;
- принсипҳои таъминкунандаи баамалбарорӣ ва риояи оғози федерализм [10, с.171].

Тавре дида мешавад, таснифҳои зиёди гуногуни принсипҳои конститутсионии андозбандӣ вуҷуд дорад, ки ҳар яке аз онҳо дар навбати худ ҷанбаҳои асосии сиёсати андозии давлатро ошкор менамоянд.

Ба андешаи мо, ба низоми принсипҳои конститутсионии андозбандӣ принсипҳои зеринро дохил намудан мувофиқи мақсад мебошад:

- принсипи қонуният;
- принсипи баробарҳуқуқии андозсупорандагон;
- принсипи адолат;
- принсипи асоснокии андозбандӣ;

- принсипи ягонагӣ ва устувории низоми андоз;
- принсипи имтиёзи андозбандӣ;
- принсипи шафофият ва ошкорбаёнӣ.

Принсипҳои конститутсионии номбаршуда ва вазифаҳои танзими конститутсионии андозҳо дар доираи танзими конститутсия бо вазъи конститутсионии давлат, институти ҳуқуқи инсон, тамомияти арзӣ, ҷараёни қонунгузорӣ ва демократияи бевосита амалӣ карда мешаванд.

Конститутсия инчунин муносибатҳои андозиро дар доираи муайян намудани вазъ (мақом) ва муносибатҳои мутақобилаи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, ки дар таҷзияи ҳокимият зоҳир мешавад, танзим менамояд. Ин пеш аз ҳама, ба танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ҷараёни қонунгузорӣ вобаста аст. Боз доштани якдигарии ҳокимияти қонунгузорӣ ва иҷроия дар ҷараёни қонунгузорӣ дар он зоҳир меёбад, ки аз як тараф, маҳз ба салоҳияти ҳокимияти иҷроия таҳия ва баамалбарории сиёсати андоз дохил мешавад, аз тарафи дигар, андозҳо ҳамчун қоида бо қонуни парламент муқаррар карда мешаванд. Муқаррар намудани андозҳо дар шакли қонун талаботи конститутсионӣ мебошад, ки аз моҳияти давлати ҳуқуқбунёд бармеояд. Маҳз дар давлати ҳуқуқбунёд маҳдудкунии ҳокимият тавассути қонун вуҷуд дорад. Меъёрҳои конститутсионие, ки ба муқаррарнамоии андозҳо дар шакли қонун таъаллуқ дорад, принсипи асосии давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

Қонунҳо дар бораи андозҳо, ки ҳамчун қонунҳои молиявӣ тавсиф мешаванд, як қатор хусусиятҳои хос дар парламент доранд. Чунин хусусиятҳо ба тақвияти нақши палатаи поёнии парламент ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои халқ – андозсупорандагон равона шудааст. Масалан, мутобиқи қисми дуюми моддаи 59 Конститутсия лоиҳаи қонун оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад ва тибқи моддаи 60 Конститутсия қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Инчунин, пешбурди сиёсати молиявӣ, махсусан андозӣ дар Конститутсия ба зиммаи Ҳукумат гузошта шудааст, ки пурра ба принсипи тақсимоти ҳокимият ва консепсияи ҳукумат дар доираи он ҳамчун мақомоти иҷроия мутобиқат менамояд.

Ҳамзамон, танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои андозбандӣ дар доираи муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахс амалӣ карда мешавад. Яъне, дар муқаррар намудани уҳдадории конститутсионии пардохти андозҳо ифода меёбад. Танзими муносибатҳои андозбандӣ бояд принсипи бегонанашавандаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро ба ҳисоб гирад. Зеро дар замони муосир яке аз арзишҳои олӣ ин инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ мебошад, ки дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст. Маҳз аз афзалияти ҳамин арзишҳо моҳияти давлати ҳуқуқбунёд ҳангоми танзими муносибатҳои андозбандӣ бармеояд.

Мутобиқи Конститутсия уҳдадории супоридани андоз вазифаи конститутсионии ҳар шахс мебошад, яъне шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ, намояндагиҳои шахсони ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорон, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд, ҳамчун андозсупоранда вазифадоранд тамоми андозҳоро, ки қонунҳо муайян кардаанд, пардохт намоянд [11, с. 245-246]. Дар навбати худ, давлат уҳдадории мутақобил оид ба таъмини ҳаёти арзандаи андозсупорандагон ва имконнопазирии нобаробарии маҳдуд кардани ҳуқуқи моликияти онҳоро дорад. Агар давлат уҳдадории худро оид ба таъмини шароити зиндагии арзанда иҷро накунад, пас дар чунин ҳолат саркашии оммавии аҳолӣ аз пардохти андозҳо мушоҳида карда мешавад. Бинобар ин, вазифаи муҳими конститутсионӣ – таъмини мувозинатӣ, яъне имконнопазир будани андозбандии аз ҳад зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар Конститутсия кафолатҳои муайян ба муқобили сӯистифодаи ҳокимият ҳангоми муқаррар намудан ва ситонидани андозҳо мавҷуд аст. Масалан, қисми дуюми моддаи 45 Конститутсия муқаррар мекунад, ки қонунҳое, ки андозҳои навро муқаррар менамоянд ё вазъи андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд. Яъне, санадҳои қонунгузории андоз, ки андозҳои навро муқаррар мекунанд, меъёрҳои андозро зиёд менамоянд, барои ҳуқуқвайронкунии андоз ҷавобгариро муқаррар ё вазнинтар месозанд, уҳдадории нави андозсупорандагон, инчунин дигар иштирокчиёни муносибатҳоеро, ки қонунгузории андоз танзим менамояд, муайян мекунанд, қувваи бозгашт надоранд. Дар ҳолатҳои мутобиқат ба муқарароти моддаи 45 Конститутсия метавонад қувваи бозгашт дошта бошад. Яъне, дар ҳолате, ки санадҳои қонунгузории андоз ҷавобгариро барои вайрон кардани қонунгузории андоз

бартараф ё сабуктар мегардонанд ё кафолати иловагӣ фароҳам меоранд, агар дар худи санади қонунгузории андоз тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, қувваи бозгашт доранд [12, с.50].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои андозбандӣ бармеояд, ки андоз яке аз аломатҳои асосии давлат ба ҳисоб рафта, воситаи асосии ғанигардонии буҷети он мебошад. Маҳз тавассути он давлат фунсияҳои худро ба амал баровварда, бахри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон тамоми шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ/Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. - Душанбе, 2012. - С. 14.

2. Марченко М.Н. Общая теория государства и права. Академический курс в 2-х томах. М.: Изд-во «Зерцало», 1998. С. 99.

3. Авакьян С.А. Общество как объект конституционно-правового регулирования. Конституционное и муниципальное право. М.: Проспект, 2004. - С. 4.

4. Молодцов Томас Робертович. Конституционно-правовое регулирование финансовой системы современных государств: дис. … канл. юрид. Наук. – Москва – 2014. – С. 215.

5. Гаджиев Г.А. Конституционные основы современного права собственности // Журнал российского права, 2006, № 12. - С. 15.

6. Авакьян С.А. Государственно-правовые институты: понятие и формирование // Советское государство и право, 1977, № 2. - С. 20.

7. Гуреев В.И. Российское налоговое право. М.: Экономика, 1997. - С. 24.

8. Демин А.В. Общие принципы налогообложения // Хозяйство и право, 1998, № 2, - С. 85.

9. Брызгалин А. В. Налоги и налоговое право. М.: Аналитика-Пресс, 1997. - С. 48.

10. Грачева Е.Ю., Толстопятенко Г.П. Финансовое право – 2-е издание, М:. Проспект, 2007. -

11. Тафсири илмиву оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. Душанбе: Шарқи озод, 2009. - С.245-246.

12. Гурӯҳи муаллифон. Ҳуқуқи андоз. Китоби дарсӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. Душанбе, Нашриёти «Деваштич», 2003. - С. 50.

**Аннотатсия**

**Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои андозӣ бевосита дар Конститутсия ва санади махсуси кодификатсионӣ – Кодекси андоз мустаҳкам карда шудааст.

Дар мақола муаллиф асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, меъёр ва принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқие, ки муносибатҳои андозиро танзим мекунанд, муайян намудааст.

**Аннотация**

**Конституционно-правовые основы регулирования налоговых отношений в Республике Таджикистан**

В Республике Таджикистан налоговые отношения прямо закреплены в Конституции и специальном кодифицированном акте – Налогового кодекса.

В статье автор исследует конституционно-правовые основы регулирования налоговых отношений в Республике Таджикистан, определяет нормы и конституционно-правовые принципы регулирующих налоговых отношений.

**Annotation**

**Constitutional and legal foundations of regulation of tax relations in the Republic of Tajikistan**

In the Republic of Tajikistan, the tax attitude is directly enshrined in the Constitution and a special codified act - the Tax code.

In the article, the author explores the constitutional and legal framework for the regulation of tax relations in the Republic of Tajikistan, determines the rules and constitutional legal principles of regulatory tax relations.

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО



**УДК:** 34.038.2
**Имомова Нилуфар Махмаисуфовна,**
*д.ю.н., доцент, заведующая кафедрой международного права и сравнительного правоведения юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: nilufar-2010@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-20-04-00.*



**Сидиков Дилшод Ахрорович,**
*кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-97-19-91.*

# УКЛОНЕНИЕ ОТ УПЛАТЫ АЛИМЕНТОВ КАК СЕМЕЙНОЕ ПРАВОНАРУШЕНИЕ

***Калидвожаҳо:*** *додани алимент; қонуни оилавӣ; ҳуқуқи падару модарӣ; тарбияи фарзандон.*
***Ключевые слова:*** *уплата алиментов; семейное законодательство; родительские права; воспитание детей.*
***Keywords:*** *payment of alimony; family law; parental rights; raising children.*

Обязанность по воспитанию детей отнесена к конституционным обязанностям, поскольку именно в Конституции закреплена ответственность родителей за воспитание детей (ст.34).

Семейное законодательство Республики Таджикистан предоставляет ребенку право на воспитание, связанное с обеспечением его интересов, всесторонним развитием, уважением его человеческого достоинства родителями. Безусловно, это лишь общий перечень родительских обязанностей, каждая из которых является предпосылкой формирования разносторонней и полноценной личности в семье.

Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и обучение детей» 2011 года дополняет и конкретизирует положения Семейного кодекса Республики Таджикистан (далее – СК РТ), касающиеся вопросов воспитания детей со стороны родителей.

Данный закон под воспитанием понимает целенаправленный процесс формирования и развития зрелости ребёнка родителями, образовательным учреждением, обществом и подготовки его к самостоятельной жизни.

Родители обязаны не только воспитывать и обучать детей, но на них также лежит обязанность содержать своих несовершеннолетних детей. Содержание включает в себя, как алименты, так и другие виды материальной помощи, создающие благоприятные условия для развития ребенка. Поэтому закрепленное в статье 69 СК РТ основание для лишения родительских прав за злостное уклонение от уплаты алиментов недостаточно полно. На несовпадение понятий «алименты» и «содержание» указывали многие авторы. В частности, А.М. Нечаева отмечала, что понятие «содержание» шире, и включает в себя и алименты, которые являются его разновидностью [4]. Содержание включает в себя расходы родителей на дополнительные занятия в общеобразовательных учреждениях, на обучение в специализированных школах, расходы на отдых, лечение и на приобретение аудио-, видеотехники, литературы и др.

Безусловно, родители должны именно содержать своих детей, а не создавать видимость

оказания материального обеспечения путем выплаты мизерных алиментов. Особую остроту данная проблема приобретает в сегодняшних условиях недостаточности размера алиментов для удовлетворения прожиточного минимума ребенка.

Как справедливо отмечается в литературе, обязанность по обеспечению детей относится к моральным обязанностям родителей [1 с. 36]. Обычно данная обязанность исполняется без необходимости обращения к институту алиментирования.

Обязанность родителей по предоставлению содержания возникает независимо от того, нуждаются дети в получении алиментов или нет. Родители должны содержать своих детей также независимо от наличия у них средств, достаточных для предоставления такого содержания [5 с. 51]. К сожалению, вопрос выплаты алиментов на содержание несовершеннолетних детей становится ключевым в случае расторжения брака между родителями. Чаще всего алименты должны выступать средством существования нетрудоспособных и нуждающихся членов семьи, к которым, безусловно, относятся дети.

Алиментное обязательство, представляя собой правоотношение, возникающее на основании предусмотренных законом юридических фактов: соглашения сторон или решения суда, в силу которого одни члены семьи обязаны предоставлять содержание другим ее членам, а последние вправе его требовать, является инструментом, принуждающим родителя к исполнению своей обязанности.

Известно, что алименты могут выплачиваться на основании соглашения об уплате алиментов, удостоверяемое в нотариальной конторе и на основании решения суда – принудительно.

В случае нарушения возложенной судом или соглашением об уплате алиментов обязанности к родителю – правонарушителю применяются меры ответственности, предусмотренные различными отраслями права.

Одной из таких мер ответственности является лишение родительских прав, которое влечет юридическое прекращение кровнородственной связи между виновным родителем и несовершеннолетним.

Под уклонением от уплаты алиментов в науке понимаются любые систематические действия (бездействие), умышленно совершенные с целью избежать выплаты алиментов; сокрытие заработка, перемена места работы или жительства без уведомления об этом заинтересованных лиц и т.д. [2 с. 62]

Кроме уклонения от уплаты алиментов в юриспруденции используется категория «злостное уклонение от уплаты алиментов», которая влечет ответственность в уголовно-правовом порядке. Уголовный кодекс злостным уклонением признает уклонение без уважительных причин более трех месяцев от уплаты по решению суда средств на содержание несовершеннолетних детей, а равно нетрудоспособных детей, достигших восемнадцатилетнего возраста.

К сожалению, для того, чтобы признать виновного родителя уклоняющимся, необходимо иметь на руках не только решение суда о взыскании алиментов, но и приговор суда о том, что лицо осуждено по данному составу преступления.

Следует отметить, что злостным признается уклонение от уплаты алиментов, взысканных по решению суда. Уклонение от уплаты алиментов, установленных соглашением между алиментополучателем и алиментоплательщиком, согласно ст.177 Уголовного кодекса РТ не признается. В диспозиции статьи злостным признается уклонение родителей от уплаты по решению суда средств на содержание несовершеннолетних детей, а равно нетрудоспособных детей, достигших восемнадцатилетнего возраста, более трех месяцев.

Злостное уклонение от уплаты алиментов представляет собой семейное правонарушение, влекущее применение такой меры ответственности, как лишение родительских прав.

Противоправность при нарушении алиментного обязательства заключается в совершении действий, направленных на сокрытие дохода, уклонение от уплаты алиментов, или в неуплате алиментов.

Данное семейное правонарушение совершается виновно, отсутствие вины не позволяет привлечь алиментоплательщика к ответственности за уклонение.

Наличие ущерба и причинной связи между противоправным деянием и наступившими последствиями не являются обязательными для привлечения родителя – алиментоплательщика к ответственности. В данном случае применяется

так называемый усеченный состав правонарушения. Часто уклонение от уплаты алиментов влечет причинение ущерба в связи с неполучением средств к существованию ребенка. Как справедливо отмечает О.В. Капитова, уклонение плательщика от алиментной обязанности ухудшает условия жизни, влияет на состояние здоровья; если алименты не уплачиваются на несовершеннолетних детей, то нарушается их нормальное физическое, психическое и нравственное развитие [3 с. 52]. Тем не менее, наличие ущерба не является основным элементом состава семейного правонарушения.

В связи с применением такой санкции, как лишение родительских прав за злостное уклонение от уплаты алиментов, возникает вопрос, относятся ли к алиментам дополнительные расходы, взыскиваемые судом при тяжелой болезни, увечье (инвалидность) несовершеннолетних детей, при необходимости оплаты постороннего ухода за ними и других обстоятельств? Семейное законодательство Республики Таджикистан разграничивает данные понятия и предусматривает для их регулирования отдельные статьи. Алименты подразумевают регулярность и фиксированность сумм выплаты.

**Список литературы:**

1. Бабаджанов, И.Х. Уҳдадориҳои алиментдиҳи (дар назария ва амалияи Ҷумхурии Тоҷикистон) / И.Х.Бабаджанов, Т.К.Кодиров, Ш.К. Бадалов. –Душанбе: Эр граф, 2012. –271 с.
2. Ершова, Н.М. Алиментные обязанности членов семьи / Н.М.Ершова. –М.: Знание, 1976. –64 с.
3. Капитова, О.В. Правовая природа механизма алиментирования в семейном праве Российской Федерации: дис…канд.юрид. наук:12.00.03/Капитова Олеся Викторовна. –М., 2009. –177 с.
4. Нечаева, А.М. Семейное право: учебник. / А.М.Нечаева. -М., 1998. -275 с.
5. Рустамова, Ю.А. Правовое регулирование алиментных отношений в Российской Федерации и проблемы их совершенствования: дис. …канд. юрид. наук:12.00.03 /Рустамова Юлия Акифовна. -М., 2002. -156 с.

**Аннотатсия**

**Саркашӣ аз пардохти алимент ҳамчун вайронкунии ҳуқуқии оилавӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба саркашӣ аз пардохти алимент ҳамчун муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад. Саркашӣ намудан аз пардохти алимент – ҳама гуна амали (беамалии) мунтазаме, ки қасдан бо мақсади саркашӣ кардан аз пардохти алимент; пинҳон доштани даромад, иваз кардани ҷои кор ё истиқомат бе огоҳии шахсони манфиатдор фаҳмида мешавад.

**Аннотация**

**Уклонение от уплаты алиментов как семейное правонарушение**

В данной статье рассматриваются вопросы связанные с уклонением от уплаты алиментов как семейное правонарушение. Под уклонением от уплаты алиментов в настоящей статье понимаются любые систематические действия (бездействие), умышленно совершенные с целью избежать выплаты алиментов; сокрытие заработка, перемена места работы или жительства без уведомления об этом заинтересованных лиц.

**Annotation**

**Evasion of alimony payment as a family offense**

This article examines issues related to the evasion of payment of alimony as a family offense. In this article, evasion from the payment of alimony means any systematic actions (inaction) deliberately committed in order to avoid the payment of alimony; concealment of earnings, change of place of work or residence without notifying interested parties.



**УДК:** 347.168

**Болтуев Самад Шарифбоевич,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*
*E-mail: samadboltuev@gmail.com*
*Тел.: (+992) 927-77-29-05.*

# ХИСЛАТҲОИ АХЛОҚӢ-ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРӢ

**Калидвожаҳо:** *фаъолияти соҳибкорӣ; ахлоқ; шуури ҳуқуқӣ; афкори ҷамъиятӣ; меъёрҳои ҳуқуқӣ; дипломатияи халқӣ; мафкураи шӯравӣ; давлатдории сотсиалистӣ; кодекси ахлоқи бинокори коммунизм; принсипҳои ахлоқӣ; қонунгузорӣ; алоқаи аҷдодии наслҳо.*

**Ключевые слова:** *предпринимательская деятельность; мораль; правосознание; общественное мнение; правовые нормы; народная дипломатия; советская идеология; социалистическая государственность; моральный кодекс строителя коммунизма; нравственные принципы; законодательство; генетическая связь поколений.*

**Keywords:** *entrepreneurial activity; morality; legal consciousness; public opinion; legal norms; public diplomacy; soviet ideology; socialist statehood; moral code of the builder of communism; moral principles; legislation; genetic link of generations.*

Масъалаи хусусиятҳои ахлоқии фаъолияти соҳибкорӣ ва инъикоси он дар мазмуни санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории амалкунанда, ки ба ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ шомил мебошанд таваҷҷуҳи моро дер боз ҷалб менамуд. Чунки нуктаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро баррасӣ намудаистода мо баъзан бо масъалаи гӯё мақбулнопазир будани чунин зуҳуроти нави иқтисодӣ-ҳуқуқии замони муосир на фақат дар шуури ҳуқуқии одамон, балки дар афкори ҷамъиятӣ ҳам дучор мегаштем [1, с.158, 10, с.18]. Ба назар мерасид, ки дар дигар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ (иқтисодиёт, фалсафа, таърих ва диг.) ҳам олимон бо муаммои ташаккул ёфтани тасаввуроти ноҳаққонаи манфӣ нисбати соҳибкорӣ рӯ ба рӯ мегаштанд [9, с.77, 8, с.134, 12, с.104].

Ҳол он ки дар таърихи ниёгони тоҷикон ба монанди таърихи ҳамаи миллату халқиятҳои мамлакатҳои Шарқи дуру наздик соҳибкорон (тоҷирон) шахсиятҳои эътибору нуфузи баланди ҷамъиятидошта ҳисобида мешуданд [2, с.29]. Мақсаду мароми машғулияти касбии онҳо на фақат гирифтани фоида аз тиҷорат (яке аз намудҳои айни замон эътирофшавандаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории амадкунанда) [5], балки бо роҳи пардохти закот (садақаи ҳатмӣ аз рӯи қоидаҳои шариати дини Ислом )[2, с.37] дастгирии мардуми қашшоқ буд. Тавассути андозсупорӣ бошад онҳо барои ғанӣ гардонидани хазинаи давлат ҳам мусоидат менамуданд. Ғайр аз он, соҳибкорони мунтазам ва дар арсаи байналмилалӣ фаъолияткунанада "бозургон" ё "бозаргон" номида мешуданд [13, с.19], ки маънои вожагии он мақоми баланди ҷамъиятии онҳоро ифода менамуд. Чунки онҳо ҳамчун ифодакунандаи "дипломатияи халқӣ" [2, с.73] барои пайвастани алоқаи байниҳамдигарии мамлакатҳо ва халқҳои гуногун кӯшиш намуда мавқеи фаъоли давлатӣ ва ҷамъиятиро ишғол менамуданд.

Боиси тазаккур аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳамаи баромадҳояшон дар назди мардум оиди масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба нақши мусбӣ ва назарраси соҳибкорӣ ва соҳибкорони алоҳида дар беҳдошти иқтисодиёт, бунёди сохторҳою муҳити иҷтимоӣ-иқтисодии барҳамдиҳандаи камбизоатии доираи васеи аҳолӣ равон мекунанд[7].

Ба назари мо чунин мерасад, ки сабаби дар шуури одамон пайдо ва устувор гаштани тасаввуроти манфӣ дар бораи соҳибкорӣ таъсири мафкураи (идеологияи) давраи шӯравӣ дар таърихи навтарини мамлакати мо мебошад. Зеро дар тӯли муҳлати зиёда аз ҳафтодсолаи сохти сотсиалистии давлатдорӣ афкори ҷамъиятии қариб се насли аҳолӣ дар зери таъсири он ташаккул гаштааст. Фаъолияти соҳибкории барои гирифтани фоида ва бойшавӣ (сармоядорӣ) равонашуда ба симои ахлоқии одамони шӯравӣ

мутлақо мувофиқат намекард ва боиси мазаммати ҷамъиятӣ-давлатӣ гашта буд. Чунки асоси моликияти шахсии шаҳрвандонро аз рӯи Конститутсияи (қонуни асосии) Ҷумҳурияти Шӯравии Сотсиалистии (ҶШС) Тоҷикистон фақат даромадҳои меҳнатӣ ташкил мекарданд (қ.1 м.13) [4]. Гирифтани фоида на аз фаъолияти меҳнатӣ, балки аз ким кадом чусту чолокӣ, корчаллонӣ, миёнаравӣ ва фаъолнокии ғайримеҳнатӣ бошад ҳеҷ ба бунёду заминаи ҷомеаи шӯравӣ, "ҷамъияти баробарҳо" мувофиқи принсипи конститутсионии сотсиализм "аз ҳар кас мувофиқи имконияташ, ба ҳар кас мувофиқи меҳнаташ" мувофиқат намекард (қ.2 м.14) [4].

Зиёда аз он, симои ахлоқӣ-маънавии одамони шӯравиро боз як ҳуҷҷати дигар – "Кодекси ахлоқи бинокори коммунизм" муқаррар мекард. Ин ҳуҷҷат ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқии ташкилоти ҷамъиятӣ – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ қабул шуда бошад ҳам дар давраи шӯравӣ эътибору нуфузи он аз қоидаҳои оддии ҳамзистии сотсиалистӣ баландтар буд. Аслан ин ҳуҷҷат дар Анҷумани XXII Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1961 ҳамчун "Кодекси ахлоқи коммунист" қабул гашта буд [6, с.17]. Вале боиси таааҷҷуб ҳам нест, ки дар мувофиқа бо муқаррароти конститутсионӣ (қ.1 м.6) [4] оиди қувваи роҳбарикунанда ва пешбарандаи ҷомеаи шӯравӣ, мағзи асосӣ (ядрои) низоми сиёсӣ будани Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ дар мамлакат ин ҳуҷҷат санади асосии муайянкунандаи симои ахлоқии тамоми аҳли ҷомеа гашт. Зеро қоидаҳои дар он муқаррар гашта ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда, ҳатто дар қонуни асосӣ – Конститутсия мустаҳкам карда шуда буданд. Масалан, принсипи дуюми (аз рӯи тартиби пайдарҳамияшон) Кодекси ахлоқи бинокори коммунизм - "Меҳнати софдилона ба нафъи ҷомеа: касе меҳнат намекунад намехӯрад" бо мазмуни меъёри моддаи 14 Конститутсияи соли 1978 ҶШС Тоҷикистон "Сарчашмаи баландшавии боигарии ҷамъиятӣ, некуаҳволии халқ ва ҳар як одами шӯравӣ меҳнати аз истисмор озоди одамони шӯравӣ мебошад" мувофиқат мекунад [4].

Ҳамчунон дар принсипи нуҳуми Кодекси ахлоқи бинокори коммунизм қоидаи "оштинопазирӣ бо ... муфтхурӣ, бевиҷдонӣ, мансабпарастӣ, молу пулпарастӣ" муқаррар шуда буд. Ҳамаи ин қоидаҳо кифоя буданд, ки мафкураи (идеологияи) шӯравӣ ба шуури одамон дар бораи соҳибкорӣ тасаввуроти манфиро ҷойгир кунад. Қонунгузории соҳавӣ ҳам сиёсати ҳуқуқии давлати шӯравиро амалӣ намуда истода соҳибкориро ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятии негативӣ (манфӣ) банду баст менамуд. Машғул гаштан бо фаъолияти соҳибкории хусусӣ ва миёнаравии тиҷоратӣ кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ҷиноят эътироф гашта буд (м.166 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 қабул гашта)[3].

Дар он давраҳо Шӯрои Олӣ (мақомоти олии қонунгузори мамлакат) қонунҳоро ба ду забон – русӣ ва тоҷикӣ қабул мекард. Дар матни ба забони русӣ қабулшудаи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 истилоҳи барои банду басти ин кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ба мафҳуми имрӯз амалкунандаи "соҳибкорӣ" ва "миёнаравӣ" наздик аст - «… занятие частно-предпринимательской деятельностью» и «коммерческим посредничеством»[11]. Вале дар матни ба забони тоҷикӣ қабулшудаи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 барои ифода кардани зуҳуротҳои барои мафкураи ҷамъиятӣ ва сиёсати ҳуқуқии давлат дар он давра номатлуби "соҳибкорӣ" ва "миёнаравӣ" мутаносибан истилоҳҳои "корчаллонӣ" ва "даллолӣ" оварда шудаанд [3].

Боз як нуктаи дигари ин масъала ҳам боиси таааҷҷуб ҳаст. Бе ягон шаку шубҳа дар давраи шӯравӣ матни асосии қонунгузорӣ ба забони русӣ буд, чунки барои ҳар як соҳа дар сатҳи давлати умумииттифоқӣ (Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ - ИҶШС) асосҳои қонунгузорӣ ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқии ҳатмӣ ва роҳбарикунанда қабул мешуд. Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон, хусусиятҳои миллӣ ва анъанавии худро илова мекарданд. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар фарқият аз Асосҳои қонунгузорӣ ва Кодекси ҷиноятии Русия ҷавобгарӣ барои муносибати феодалӣ ба занҳо, дузанагӣ, бачабозӣ ва ғ. пешбинӣ шуда буд. Вале таааҷҷуби мо дар он аст, ки берун аз Тоҷикистон ва тоҷикистониҳои русзабон соҳибкорӣ ва миёнаравии тиҷоратиро бо таҳаммул, қариб ба маъною мазмуни имрӯза мефаҳмидаанд.

Аз назари аввал аллакай дарк кардан мумкин аст, ки ин калимаҳои аз забони тоҷикӣ гирифташуда хислати кӯчагӣ ё аниқтараш бозорӣ доранд [14, с. 79]. Мардум байни ҳамдигар воқеан ин истилоҳҳоро бо мазаммат ё таҳқиромез бо ишора ба сифатҳои манфии чунин қабил одамон истифода мебурданд. Ана ҳамин тасаввуроти дар он замон пайдогашта бо алоқаи

аҷдодии наслҳо (генетикӣ) то ҷамъияти имрӯзаи мо расидааст. Шояд ба адибон барои ифода кардани симоҳои манфур (манфӣ) дар фаъолияти эҷодии бадеии худ бо мақсади оммафаҳм кардани фикру мулоҳизаҳояшон истифодаи чунин калимаҳои кӯчагӣ ё бозорӣ ҷоиз бошад. Вале ба ақидаи мо чунин калимаҳоро дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва умуман дар коргузории давлатӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад набуд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки қонунгузори замони муосир минбаъд дастоварди давраи шӯравӣ ("корчаллонӣ" ва "даллолӣ")-ро барои ифода кардани зуҳуроти замони муосир – соҳибкорӣ ва миёнаравӣ истифода набурдааст.

Аслан, оид ба мазмуни соҳибкорӣ ҳамчун зуҳуроти замони муосири ба иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ асосёфта мувофиқат кардани маънои истилоҳи истифодашаванда ақидаронӣ кардан мумкин аст. Чунки дар забони тоҷикӣ калимаҳои бо маънои худ моҳияти соҳибкориро аниқтар ифодакунанда ба монанди "тадбиркорӣ", "кордонӣ", "уҳдаборӣ", "чусту чолокӣ", "ташаббускорӣ" ёфт мешаванд. Боиси тазаккур аст, ки дар давлати ҳамсоя – Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар қонунгузорашон яке аз ин калимаҳои забони тоҷикиро истифода бурда соҳибкориро "тадбиркорӣ" номидааст.

Маънои калимаи "соҳибкорӣ" соҳибияти корӣ мебошад. Яъне фаъолияти шахсе, ки кор дораду барои амалӣ намудани он иҷрокунанда меҷӯяд. Моҳиятан калимаи "соҳибкор" шояд "корфармо" ё "супоришдиҳанда"-ро ифода карда тавонад. Вале ҳеҷ моҳияти фаъолияти шахсе ки бо чунин хислатҳои умдаи худ ба монанди "тадбиркорӣ", "кордонӣ", "уҳдаборӣ", "чусту чолокӣ", "ташаббускорӣ" қувваи ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт гаштааст, ифода карда наметавонад. Воқеан, қонунгузор дар мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ ишора маҳз ба ҳамин хислатҳои он кардааст[5].

Ақидаронии худро дар ҳамин масъала ҷамъбаст намуда, таклиф мекардем, ки ба ҷои истилоҳи "соҳибкорӣ" истифода бурдани калимаи "кордонӣ" ба мазмун ва моҳияти чунин зуҳуроти муҳими ҷамъиятӣ мувофиқтар мебуд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Болтуев С.Ш. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар давраи соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон / Истиқлол – заминаи рушди Тоҷикистон. Хуҷанд. Ношир. 2016. 368с. С. 154-161.
2. Исломов Я. Ёддоштҳои дипломат. - Нашри дуюм, бо иловаҳо ва тағйиротҳо. - Хуҷанд, Нашриёти Маркази соҳибкорӣ ва идоракунии Тоҷикистон, 2000. 247с.
3. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ки 17 августи соли 1961 қабул гаштааст, бо тағъироту иловаҳо то 01 июни соли 1975. – Душанбе, Ирфон. 1975. 178с.
4. Конститутсияи (қонуни асосии) ҶШС Тоҷикистон, ки дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати нуҳум 14 апрели соли 1978 қабул гаштааст [Манбаи электронӣ] // URL https://nodussr.ru /konstituciya-tadzhikskoj-ssr (санаи муроҷиат 04.01.2022).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 26 июли соли 2014 қабул гаштааст, бо тағъироту иловаҳо дар ҳолати 02 январи соли 2020. – [Захираи электронӣ] URL https://www.jumhuriat.tj
6. Никонов А.П. Свобода от равенства и братства. Моральный кодекс строителя капитализма. – СПб., изд-во "НЦ ЭНАС". – 2007. – 360с.
7. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон, 12 апрели соли 2021, шаҳри Душанбе. – [Захираи электронӣ] URL https://www.president.tj
8. Петрунин Ю.Ю., Борисов В.К. Этика бизнеса. – М. – Изд-во «Дело». - 2000. - 275с.
9. Саидмуродов Л.Х. Вопросы совершенствования законодательного обеспечения развития предпринимательства в Республике Таджикистан / Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – ш.Душанбе, 26-29 августи соли 2011. – Душанбе. - Эр-граф. – 2011. – 352с. – С.75 – 82.
10. Харсеева Н.В. Духовно-нравственные основы российского предпринимательства. Автореф. дисс. … док. фил. наук. - Краснодар. -– 2015. - 36с.
11. Уголовный кодекс Таджикской ССР, принятый 17 августа 1961 года с изм. и доп. на 01 июня 1975 г. – Душанбе, Ирфон, - 1975. - 172 с.

12. Уткин Э.А. Этика бизнеса. М. – Изд-во «Зерцало». - 2000. – 310с.
13. Шокиров Т.С. Истилоҳоти ҳуқуқшиносии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ. – Хуҷанд. - Нашир - 2008. - 118с.
14. Шокиров Т.С. Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқ (12 000 истилоҳ) – Хуҷанд. – Наргис. - 2012. - 398с.

**Аннотатсия**

**Хислатҳои ахлоқӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ**

Дар мақола аз нуқтаи назари хоса ва муносибати ғайрианъанавии илмии таҳқиқи масъала муаммои муносибати ҷомеа ба зуҳуроти нави ҷамъияти замони муосири Тоҷикистон – соҳибкорӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф кушиш кардааст сабабҳои муносибати манфии табақаҳои васеи аҳолиро ба соҳибкорӣ аз нуқтаи назари неъматҳои ахлоқӣ аниқ намояд. Ҳамчунон таваҷҷуҳ ба ифодаи он дар меъёрҳои аниқи ҳуқуқии ҳам дар замони муосир ва ҳам дар давраи ба қарибӣ сипаригаштаи сотсиалистии инкишофи таърихии Тоҷикистон амалкунанда нигаронида шудааст. Ғайр аз он, ба номувофиқии маънгии истилоҳи қонунгузор аз луғати забони тоҷикӣ интихобкарда барои ифода намудани зуҳуроти чунин муҳими замони муосири ба иқтисодиёти бозорӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ асосёфта – соҳибкорӣ ишора карда шудааст.

**Аннотация**

**Нравственно-правовые свойства предпринимательской деятельности**

В статье под оригинальным углом зрения и нетрадиционным научным подходом к исследованию вопроса рассматривается проблема отношения общества к новому явлению современного общества Таджикистана – предпринимательству. Автор пытается выяснить причины негативного отношения широких слоев населения к предпринимательству с точки зрения нравственных ценностей. При этом уделяется внимание их отражению в конкретных правовых нормах действующего как в современном мире, так и в недавнем, социалистическом, этапе исторического развития Таджикистана. Также обращается внимание на смысловое несоответствие избранного законодателем термина для выражения столь важного для современного общества, основанного на рыночной экономике и рыночных отношениях, проявления – предпринимательства в таджикском лексиконе.

**Annotation**

**Moral and legal properties of entrepreneurial activity**

In the article, from an original angle of view and an unconventional scientific approach to the study of the issue, the problem of society's attitude to a new phenomenon of modern society in Tajikistan - entrepreneurship - is considered. The author tries to find out the reasons for the negative attitude of the general population to entrepreneurship from the point of view of moral values. At the same time, attention is paid to their reflection in specific legal norms in force both in the modern world and in the recent, socialist, stage of the historical development of Tajikistan. Attention is also drawn to the semantic inconsistency of the term chosen by the legislator for the expression of such an important for modern society based on a market economy and market relations, manifestation - entrepreneurship in the tajik lexicon.



**УДК:** 347.4
**Бобоев Ҷамрод Қурбонович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: jamrod@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-66-89-71.*



**Дӯстов Сулаймон Абдуллоевич,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: slaimon.86@bk.ru*
*Тел.: (+992) 918-28-21-48.*

# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА ИНКИШОФИ ШАРТНОМАИ САРМОЯГУЗОРИИ ШАРИКӢ

***Калидвожаҳо:*** *Кодекси граждаӣ; шартномаи сармоягузории шарикӣ; саноатикунонии бо суръат; рушди саноат; фаъолияти сармоягузорӣ; шарикии сармоягузорӣ; объекти фаъолияти сармоягузорӣ; сармоягузориҳои мустақим; сармоягузории такрорӣ.*

***Ключевые слова:*** *Гражданский кодекс; договор инвестиционного товарищества; ускоренная индустриализация; развитие промышленности; инвестиционная деятельность; инвестиционное товарищество; объект инвестиционной деятельности; прямые инвестиции; реинвестирование.*

***Keywords:*** *Civil Code; investment partnership agreement; accelerated industrialization; industrialization development; investment activity; investment partnership; object of investment activity; direct investment; reinvestment.*

Вожаи «сармоягузорӣ» аз калимаи лотинии “investment” тарҷума шуда, маънои маблағузорӣ, пулгузорӣ ва бакорандозиро дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳумҳои сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузории шарикӣ фикру андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад, аз ҷумла дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми сармоягузорӣ ин гузоштани сармоя дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ аз ҷониби сармоягузорон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади гирифтани фоида амалӣ карда мешавад. Фаъолияти сармоягузорӣ бошад, фаъолияте дониста мешавад, ки марҳилаҳои таҳия, иҷро ва идоракунии лоиҳаҳои вобаста ба сармоягузориро дар бар мегирад.

Ба ақидаи Б.Т. Кузнецов сармоягузорӣ ин маънои саҳмгузорӣ намудан ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ бо мақсади дар оянда гирифтани фоида аз он мебошад[12, с. 149- 154]. А.В. Белитская бошад, фаъолияти сармоягузориро фаъолияти мустақиле ном мебарад, ки бо таваккали худ анҷом дода мешавад, ва мақсад аз он ба даст овардани фоида мебошад[6, с. 20- 24]. Ин ақида аз ҷониби бештари муҳаққиқон, ба хусус И.А. Вдовин, А.В. Щербинин, И.В. Ершова, Т.М. Иванова ва Р.А. Курбонов дастгирӣ ёфта фаъолияти сармоягузориро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ маънидод менамоянд ва мақсад аз онро гирифтани фоида маънидод менамоянд[8, с. 118].

Солҳои охир дар баробари дигар шаклҳои фаъолияти сармоягузорӣ аз қабили фаъолияти сармоягузории дарозмуҳлат, фаъолияти сармоягузориҳои мустақим, фаъолияти сармоягузории такрорӣ, фаъолияти якҷояи иттиҳоди сармоягузорон барои ташкили фондҳои муштарак боз шаклҳои нави сармоягузорӣ ба вуҷуд омаданд, ки бо доираи зиёди сармоягузорон амалӣ карда мешаванд ва яке аз онҳо фаъолияти сармоягузории шарикӣ мебошад.

Фаъолияти сармоягузории шарикӣ, фаъолияти муштараки шариконе фаҳмида мешавад, ки дар ҳамоҳангии якдигар барои ноил шудан ба ҳадафи ягонаи сармоягузорӣ муттаҳид гардида, мақсади онҳо аз татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гирифтани фоида мебошад. Фаъолияти сармоягузории шарикӣ дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ бо барасмиятдарории пурраи ҳуқуқу уҳдадориҳои сармоягузорон амалӣ гардида, моҳияти ин фаъолият аз харидани қоғазҳои қиматноки дар

бозори муташаккили коғазҳои қиматнок, аз ҷумла воситаҳои молиявии ҳосилшаванда иборат мебошад. Мувофиқи он ду ё зиёда сармоягузорон, бо гузоштани сармоя ба корӣ умумӣ муттаҳид гардида, якҷоя фаъолияти сармоягузориро ба объектҳои сармоягузорие, ки қонунгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, иҷозат додааст, анҷом медиҳанд. Асоси ҳуқуқии амалӣ намудани сармоягузории шарикӣ ин шартномаи сармоягузории шарикӣ ба шумор меравад.

Шартномаи сармоягузории шарикӣ ин созиши ду ё зиёда шахсоне мебошад, ки (шарикон) ӯҳдадор мешаванд, дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии худро муттаҳид намуда, фаъолияти муштараки сармоягузориро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба мақсади ба даст овардани фоида амалӣ гардонанд[16, с. 41 - 42].

Шартномаи сармоягузории шарикӣ ҳамчун яке аз навъҳои нави шартномаи ширкати одӣ буда, шакли нави шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя барои мақсадҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Ин шартнома дар давлатҳои Ғарб бо вожаи «limited partnership» ном бурда мешавад[18, с. 89].

Вобаста ба ин шакли шартнома ҳанӯз соли 2002 Е.М. Шукина таваҷҷуҳ намуда, ишора карда буд, ки “Дар муносибатҳои гражданӣ дар баробари як қатор шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷоя аз қабили: шартномаи ширкати одӣ, консорсиум, шартномаи кооператсияи муштарак, боз шартномаи сармоягузории шарикӣ ва ғайра вуҷуд доранд, ки онҳоро дар амалия васеъ истифода бурдан мумкин аст”[22, с. 32].

Масъалаи амалӣ намудани фаъолияти муштарак барои самоягузории шарикӣ дар тадқиқоти З.Г. Воҳидзода низ ҷой дошта, муҳаққиқ қайд менамояд, ки фаъолияти шарикон дар доираи шартномаи ширкати одӣ метавонад дар баробари фаъолияти соҳибкорӣ боз мақсадҳои сармоягузорӣ низ дошта бошад. З.Г. Воҳидзода ҳамзамон ишора менамояд, ки шартномаи ширкати одӣ ҳамчун шартномаи заминавӣ дар қолаби худ дигар шаклҳои шартномаҳо оид ба фаъолияти якҷояро муттаҳид менамояд, ки яке аз онҳо шартномаи ширкати одии сармоягузорӣ ба шумор меравад[9, с. 53] У.Х. Бобоев бошад, табиати ҳуқуқии шартномаи ширкати одиро омӯхта, қайд менамояд ки: «Яке аз шаклҳои муҳими шартномавии фаъолияти якҷояи хоҷагидорӣ шартномаи ширкати одӣ буда, метавон онро барои сармоягузории хориҷӣ васеъ истифода бурд. Чунин шартнома он вақт мавриди истифода қарор мегарад, ки ду ва ё бешатар корхонаҳо ё ширкатҳои истеҳсолӣ, ҳамкории дарозмуддати молиявиро ба амал мебароранд»[7, с. 110].

Бо назардошти аҳамияти муҳим дар муносибатҳои иқтисодию сармоягузорӣ, намунаи шартномаи сармоягузории шарикӣ алакай дар баъзе давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла қитъаи Амрико ва Аврупо самаранок истифода бурда мешавад. Дар давлатҳои собиқ ИҶШС бошад, Федератсияи Россия нахуситин Қонуни худро “Дар бораи сармоягузории шарикӣ”, бо назардошти талаботи қисми дуюми Кодекси граждании Федератсияи Россия, бахусус боби 55 – уми он, ки масоили ҳуқуқии шартномаи ширкати одиро дар бар мегирад, 21 - уми ноябряи соли 2011 қабул намуд, ки ин Қонун аз 25 – уми ноябри соли 2011 мавриди амал қарор гирифт.

Аз таҳлилҳои муҳаққиқ А.В. Белитская бар меояд, ки дар шароити муосир дар қонунгузории Федератсияи Россия чунин навъи иттиҳоди сармоягузорон чун сармоягузории шарикӣ аҳамияти муҳим дошта, мақсад аз он пеш бурдани фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси шартнома мебошад, ки бо якҷоя намудани молу мулк ба мақсади сармоягузорӣ мувофиқи Қонуни Федератсияи Россия “Дар бораи сармоягузории шарикӣ” ва шартнома оид ба сармоягузории шарикӣ ба объектҳои сармоягузоришаванда роҳандозӣ гардида барои амалӣ намудани барномаҳои сармоягузорӣ татбиқ мегардад[5, с. 284].

Дар натиҷаи қабули ин Қонун соли 2011 дар Федератсияи Россия шакли нави ташкилӣ – ҳуқуқии шартномавӣ, ки ҳамчун ширкати одӣ амал менамояд, ба вуҷуд омад, ки мақсади он пеш аз амалӣ намудани фаъолияти сармоягузорӣ бо шумораи зиёди сармоягузорон ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлилҳои қонунгузории Федератсияи Россия оид ба сармоягузории шарикӣ чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ мумкин аст ҳам дар шакли сармоягузорӣ ба молу мулки муштарак ва ҳам дар шакли сармоягузории шарикӣ барои молу мулки алоҳида баста шавад, ки дар ин шакли сармоягузорӣ як ё якчанд молу мулки алоҳида (сармоягузории ширикӣ бо молу мулки алоҳида) ба фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳод карда мешаванд. Молу мулки алоҳидаи сармоягузорон аз моликияти муштараки онҳо ва дигар молу мулк ҷудо карда мешаванд. Тартиби ҷудо кардани молу мулки алоҳида тибқи

шартномаи сармоягузории ширикӣ муайян карда мешавад.

Дар шартномаи сармоягузории шарикӣ мумкин аст пешбинӣ карда шавад, ки моликияти умумии сармоягузорони шарик метавонад нисбат ба моликияти муштараки онҳо, инчунин ба ҳар як амволи алоҳидаи онҳо татбиқ гардад. Дар ин шартнома метавон инчунин пешбинӣ кард, ки на ҳамаи тарафҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ сармоягузорони амволи алоҳида буда метавонанд.

Ба сармоягузории шарикӣ бо ҷудо кардани молу мулк ба корҳои умумӣ, корҳои умумии шариконе дохил карда мешавад, ки ба молу мулки якҷоя саҳм гузоштаанд ва ба корҳои шарикони саҳмгузор ба молу мулки алоҳида корҳои шариконе дохил карда мешавад, ки ба молу мулки алоҳида саҳмгузорӣ кардаанд.

Масалан дар Федератсияи Россия сармоягузории шарикӣ бо молу мулки алоҳида танҳо ба шарте иҷозат дода шавад, ки ҳангоми бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ ба молу мулки алоҳида шарики роҳбарикунанда, шарики сармоягузори ҷамъияти саҳомии идораи фонди сармоягузории бевоситаи Федератсияи Россия ё ҷамъияти фаръии он ё вобастаи он бошад, инчунин ширкат ё шахси дигаре, ки бо қарори Ҳукумати давлати Федератсияи Россия барои пешбурди фаъолияти сармоягузории шарикӣ бо амволи алоҳида иҷозат дошта бошад.

Дар сурати баъд аз бастани шартномаи сармоягузории шарикӣ бо молу мулки алоҳида зарурати иваз намудани шарики идоракунанда (шарикони идоракунанда) ба миён ояд, шарики роҳбарикунандаи нав танҳо шахсе шуда метавонад, ки шарики сармоягузори ҷамъияти саҳомии идораи фонди сармоягузории бевоситаи Федератсияи Россия ё ҷамъият фаръӣ ё вобастаи он бошад.

Шарикон дар шартномаи сармоягузории шарикӣ дар доираи муқаррарнамудаи талаботи Кодекси граждани, қонунгузорӣ дар бораи сармоягузории шарикӣ ва шартнома оид ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ иштирок мекунанд, дар ҳоле ки як ё якчанд шарикон аз номи тамоми шарикон (шарикони роҳбарикунанда) корҳои умумии сармоягузории шарикиро идора менамоянд.

Дар таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон низ муносибатҳои шарикӣ аз замонҳои гузашта маълум буданд, зеро таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва таърихии аҷдодони мо дар ин бора шаҳодат дода аз мавҷудияти ин гуна қонунгузорӣ ва муносибатҳо гувоҳӣ медиҳанд.

Тавре А.Ғ. Холиқов зикр менамояд “Ҳар як шаҳрванди комилҳуқуқ дар сулолаи Сосониён ҳуқуқ ба муносибатҳои шарикиро доро буд. Ё дар ҷои дигар қайд менамояд, ки тибқи Қонунномаи Сосониён ғуломон дар як вақт ҳам моликияти шахсони алоҳида ва ҳам моликияти якҷояи якчанд шахс шуда метавонистанд. Ин шаҳодати он аст, ки аҷдодони мо низ дар гузашта моҳияти муносибатҳои шарикиро муҳим мешумориданд”[20, с. 74 - 75]

Аз ҳимин ҷиҳат мо кӯшиш намудем, ки муносибатҳои шарикиро тибқи Мотикони Ҳазордотистон, ки имрӯз бо номи Қонунномаи Сосониён маълум аст, каме ҳам бошад мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Аз таҳлилҳои илмӣ вобаста ба ин санади ҳуқуқии нодир маълум гашт, ки мавҷудияти баъзе меъёрҳои он аз ибтидои ҳазораи 1 то асри ҳафтуми мелодиро дар бар гирифта, ҳатто баъзеи ин меъёрҳо аз Авесто сарчашма мегирад. Матни пурраи Қонунномаи Сосониён ба ақидаи бисёри муаррихон солҳои 620-уми солшумории мелодӣ иншо шудааст. Дар Қонуннома дар баробари дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба муносибатҳо вобаста ба шарикӣ ва амволи умумӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои шарикон бисёр меъёрҳои нодирро дарёфтан мумкин аст, ки то имрӯз аҳамияти истифодаи худро гум накардаанд. Аз ҷумла дар фасли панҷуми ин санад, ки ба муносибатҳои ширкат, ҳаммоликон ва моликияти умумӣ бахшида шудааст, вобаста ба уҳдадории қарзии шарикӣ муқаррарот ҷой дорад.

Дар фасли бисту дуюм, банди панҷуми ҳамин санад, ки муносибатҳои моли умумиро дар бар мегирад, қайд карда мешавад, ки шарикон ҳуқуқ доранд, барои таъмири мулки умумӣ ба ҷои шарики худ дар зарурат мутаҳаммили хазина шаванд ва дар ин сурат шарики дигар наметавонад аз пардохти ҳиссаи худ худдорӣ намояд. Ба ҳамин мазмун дар фасли бисту панҷуми Қонунома муносибатҳои ҳуқуқӣ роҷеъ ба амволи умумӣ ва ширкат ва дар фасли бисту нуҳум, банди панҷум бошад, оид ба интиқоли саҳми амволи умумӣ ба дигар нафар ва дар фасли сиву панҷ, банди шашум меъёр вобаста ба ихтиёри иштирок дар ширкат ва канорагирӣ аз он бо хоҳиши худи шарик муқаррарот ҷой дорад[15, с. 5, 85,114, 119,125,130.]

Аз ин маълум мегардад, ки муносибатҳои шарикӣ тибқи Қонунномаи Сосониён мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор доштанд ва дар ҳаёт ва

хоҷагии аҷдодони мо низ васеъ истифода мешуданд.

Дар даврони мавҷудияти ИҶШС бошад, заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқии шартномавӣ ҷиҳати амалӣ намудани муносибатҳои шарикӣ ба воситаи Кодекси гражданнии ҶШС Тоҷикстон аз соли 1964, боби 39, моддаҳои 430 – 434 гузошта шуда, мавриди танзим қарор гирифта буд.

Инкишоф ва таҳкими муносибатҳои шарикӣ дар Тоҷикистони муосир ба Истиқлолияти давлатӣ алоқаманд буда, ин рӯйдоди муҳим барои таҳким ва ташаккули соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва иқтисодиро поягузорӣ намуд.

Бо қабул гардидани Констиутсияи мамлакат аз 6-уми ноябри соли 1994 ва кафолати шаклҳои гуногуни моликият аз ҷумла моликияти хусусӣ дар сатҳи он, имкониятҳои васеъ барои пайдоиш, рушд ва амалӣ кардани фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо гардид. Дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи мамлакат соли 1999 қисмҳои якум, дуюм, соли 2004 қисми сеюми Кодекси гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2016 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ" қабул гардиданд.

Гарчанде то кунун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни соҳавӣ ба шартномаи сармоягузории шарикӣ мавҷуд набошад ҳам, ин маънои онро надорад, ки шартномаи мазкур барои қонунгузории гражданӣ ва ҳуқуқи гражданнии мо ношинос аст.

Заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқии умумӣ ҷиҳати танзими ҳуқуқии истифода ва ихтиёрдории молу мулке, ки, ки таҳти моликияти шарикӣ, умумӣ, ҳиссагӣ ва якҷоя қарор доранд, аллакай ба воситаи як қатор меъёрҳои қисми 1 –ум, боби 17 – ум, аз ҷумла моддаҳои 292 – 307 Кодекси гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд.

Аз тарафи дигар шартномаи сармоягузории шарикӣ яке аз навъҳои шартномаи ширкати одӣ буда, заминагузории ҳуқуқии он алакай дар Кодекси гражданнии Ҷумҳурии Тоҷикстон қисми дуюм, боби 52, моддаҳои 1058 – 1069 – аз соли 1999 гузошта шудааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ" аз соли 2016 низ заминаҳои ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти сармоягузории шарикӣ муқаррар гардидаанд, аз ҷумла тибқи моддаи 4 –уми қонуни мазкур, яке аз шаклҳои амалӣ намудани сармоягузориҳои хориҷӣ таъсиси шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба даст овардани ҳисса дар корхонаҳои мавҷуда мебошад, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ метавоананд мустақилона ё бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани ҳуқуқи консессияҳоро барои истифодаи объектҳои моликияти давлатӣ ва захираҳои табиӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонанд.

Аз муҳтавои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти сармоягузорӣ бармеояд, ки яке аз субъектони муҳими фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шахсони ҳуқуқии хориҷӣ буда, вазъи ҳуқуқии онҳо бо сармоягузорони ватании Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар эътироф карда шудааст[11, с. 230] ва ин субъектон метавонанд фаъолияти сармоягузории шарикиро, ки ба манфиати давлат ва аҳолии ҷумҳурии мо амалӣ мегардад дар якҷоягӣ татбиқ намоянд.

Ҳамин тариқ ба андешаи мо фаъолияти сармоягузории шарикӣ дар доираи шарномаи сармоягузории шарикӣ агар аз як тараф барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои муҳими ҳуқуқиро фароҳам оварад, аз тарафи дигар барои зиёд шудани субъектҳои андоз ва объектҳои андозбандии нав низ ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Вобаста ба аҳамияти муҳим доштани фаъолияти сармоягузорӣ дар пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 21.12.2021 қайд карданд, ки "Дар Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки амали он аз якуми январи соли 2022 оғоз мегардад, бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо имтиёзу сабукиҳои мавҷуда нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд"[17, с. 6].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон ишора намуданд, ки моро зарур аст, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми сармоягузории мустақим нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилиро то 10 фоиз зиёд намуда, ҳамзамон ҷалби

маблағҳои имтиёзнокро тақвият бахшем ва дар 5 соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб намоем. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин зикр намуданд, ки бо ин мақсад ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми электронии пайгирии муроҷиати сармоягузорон дар доираи «Равзанаи ягона» ва таҳияи тартиби роҳандозии ҳамкории электронӣ бо сармоягузорон дар ҳамаи сатҳҳои мақомоти давлатӣ бояд чораҳои амалӣ андешида, ҳамчунин, то охири соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монда шавад. Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ низ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифадор карда шуданд, ки якҷо бо сохтору мақомоти марбута барои ҷалби сармояи мустақим, ҳамаҷониба чораҷӯӣ намоянд.

Аз таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи сармоягузорӣ маълум мегардад, ки фаъолияти сармоягузорӣ воқеан ҳам барои рушду камолоти давлатдории миллии мо муфид мебошад. Аз ин рӯ моро лозим аст, ки бо мақсади амалӣ гардидан ҳадафҳои муҳими стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла “Таъмини истиқлолияти энергетикӣ”, “Саноатикунонии бо суръат” ва “Рушди саноат” ҳамаҷониба кӯшиш намуда, заминаҳои нави меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва имкониятҳои лозимаро барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварем.

Яке аз чунин имкониятҳо ин такмил додани қонунгузорӣ дар самти фаъолияти муштараки сармоягузорӣ бо истифода аз шартномаи сармоягузории шарикӣ ба шумор меравад, зеро табитан маълум аст, ки тавоноии як субъекти фаъолияти сармоягузорӣ барои амалӣ гардидани лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ мушкил ва ғайриимкон мебошад, аммо якҷоя гаштани якчанд субъектони фаъолияти сармоягузорӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранок ва натиҷабахш буда метавонад.

Масъалаи фаъолияти сармоягузории шарикӣ дар асоси шартномаи сармоягузории шарикӣ ба ҳадафҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 низ мувофиқ мебошад, зеро тибқи банди 9 – уми он дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ бавуқӯъомада, инчунин вусъат ёфтани ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон бо дигар давлатҳо, таъсиси субъектҳои муштараки хоҷагидорӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ, ки зарурати барқарор намудани иқтисодиёт пас аз таъсири бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ва такмили фаъолияти давлатро дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ баҳри мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза, тақозо менамояд, мувофиқ мебошад.

Аз ҳамин сабаб мо ба он назарем, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ барои фароҳам овардани шароити хуби ҳуқуқии сармоягузорон афзалятнок буда, вазъи ҳуқуқии сармоягузоронро дар ҳолати хуби ҳуқуқӣ қарор медиҳад ва эътимоднокӣ, ҷалби сармоя, аз ҷумла сармояи хориҷиро ба иқтисодиёти кишвари мо вусъат мебахшад, ҳамзамон масъулияти сармоягузорони шарик, тартиби муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро ҳамаҷониба ба танзим медарорад.

Таҳлил ва омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ дар муқаоиса ба дигар намуди шартномаҳо дар соҳаи сармоягузорӣ бартарӣ дошта, он ҳамчун ширкати одӣ зарурати таъсиси шахси ҳуқуқиро талаб накарда, ҳамзамон эътимоднокии сармоягузоронро аз оқибати хавфҳо эмин медорад ва барои бастани он тасдиқи нотариалӣ шарти ҳатмӣ мебошад.

Хулоса шартномаи сармоягузории шарикӣ дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, ба ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикискон ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 мувофиқ мебошад ва заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ҳамзамон тадқиқотҳои илман асоснокшудаи муҳаққиқони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ ҷиҳати корбурд аз он дар Тоҷикистон вуҷуд доранд.

Аз ин ҷиҳат пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати инкишоф ва таҳкими қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус фароҳам овардани заминаҳои меъёрӣ – ҳуқуқии сармоягузории шарикӣ, инчунин афзалият ва муҳимияти шартномаи сармоягузории шарикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабул намудани Қонуни соҳавӣ “Дар бораи сармоягузории шарикӣ” ба миён омадааст, зеро қабули қонуни мазкур метавонад барои муҳайё сохтани шароити хуби ҳуқуқии сармоягузории шарикӣ, аз ҷумла хориҷӣ ва амалӣ намудани

ҳадафҳои муҳими стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба мусоидат намояд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисмҳои 2. //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 1999.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
3. Кодекси граждании ҶШСТ. – Душанбе, 1964.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ » аз 15 марти соли 2016, № №1299. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.12.2021 с.).
5. Белицкая А. В.. Правовое обеспечение государственной инвестиционной политики: дис. … д-ра юрид. наук. М., 2018.617с.
6. Белицкая А.В. О месте и роли инвестиционного права в системе российского права // Предпринимательское право. 2012. № 2. С. 20 – 24.
7. Бобоев, У.Х. Организационно-правовые формы совместной хозяйственной деятельности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Бобоев Умед Холович. - Душанбе, 2004. - 185 с.
8. Вдовин И.А. Механизм правового регулирования инвестиционной деятельности (исторический и теоретико-правовой анализ): Дис. ... докт. юрид. наук. СПб., 2002. С. 118.
9. Воҳидзода З.Г. Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук. - Душанбе, 2021, 166с.
10. Ершова И.В., Иванова Т.М. Предпринимательское право: Учебное пособие. М., 1999. С. 227.
11. Исмоилов Ш.М., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. /Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои иқтисодии мактабҳои олӣ. Душанбе., 2010, 461саҳ.
12. Кузнецов Б.Т. //Инвестиции. М.: Юнити. - 2010. С. 8. // Общество и право. - 2011. - № 3 (35). - С. 149-154.
13. Курбанов Р.А. Правовое регулирование иностранных инвестиций в нефтяной и газовой промышленности. М., 2005. С. 171 -172.
14. Муравьев Б.В. Инвестиционное обязательство в строительстве: Дис. ... канд. юрид. наук. М., 2001. С. 37.
15. Мухтасари Қонунномаи Сосониён. /Мураттиб профессор А.Ғ. Холиқов. Душанбе: Эр-граф, 2015. 156с.
16. О.Д. Минькеев, А.Я. Риженков., Договор инвестиционного товарищество // Вестник Калмыцкого Университета №1(21). – Элиста., 2014. С.41 – 42.
17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/27417#bgafurov (санаи мурочиат: 10.03.2022 с.).
18. Р.М. Янковский. Правовое регулирование венчурного инвестирования: дис. … канд. юрид. наук. - Москва, 2018, – 227с.
19. Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / васоити таълимӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Исмоилов Ш.М.- Душанбе, 2007. – С.186.
20. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон (аз давраи пайдоиш то интиҳои асри 19), Қисми 1. китоби дарсӣ. - Душанбе, 2002. – С. 74-75.
21. Щербинин С.С. Комментарий к Закону об инвестиционной деятельности в Российской Федерации, осуществляемой в форме капитальных вложений. – М., 2003. – С. 40- 50.
22. Щукина, Е.М. Содержание и юридическая природа договора простого товарищества по российскому гражданскому праву дис. ... канд. юрид. наук:. – М., 2002. – 200 с.



**Аннотатсия**

**Заминаҳои ҳуқуқӣ ва инкишофи шартномаи сармоягузории шарикӣ**

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба заминаҳои ҳуқуқӣ ва инкишофи шартномаи сармоягузории шарикӣ маълумот дода шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ ҳамчун падидаи нав солҳои охир дар як қатор давлатҳои Аврупо ва Америко маъмул гашта, истифода

аз он дар муносибатҳои сармоягузории шарикӣ ба манфиати давлат ва ҷомеа арзёбӣ мегардад. Дар Федератсияи Россия бошад алакай заминаҳои ҳуқуқии ин шартнома гузошта шуда Қонуни махсус "Дар бораи сармоягузории шарикӣ" аз соли 2011 қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Муаллифон инчунин ишора менамоянд, ки шартномаи сармоягузории шарикӣ яке аз шартномаҳои муҳим буда, барои ҷалби сармоягузорон ҳамаҷониба мусоидат менамояд, зеро амалаӣ намуданӣ фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси он вақти бақайдгирӣ ва ҳуҷҷутгузории зиёдро аз байн бурда, ҳамчун ширкати одӣ таъсиси шахси ҳуқуқиро талаб наменамояд ва эътимоди сармоягузоронро ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дучанд мегардонад.

**Аннотация**

**Правовая база и развитие договора инвестиционного товарищества**

В данной статье представлена информация о правовой базе и развитии договора инвестицонного товарищества. Авторы отмечают, что договор инвестицонного товарищества как новое явление в последние годы стало популярным в ряде стран Европы и Америки, а его использование в партнерских инвестиционных отношениях рассматривается в интересах государства и общества. В Российской Федерации правовая основа для данного договора уже создана, принят специальный закон «Об Инвестицонном товариществе», вступивший силу с 2011 года.

Авторы также отмечают, что договор инвестицонного товарищества является одним из важнейших видов договоров и всемерно привлекает инвесторов, так как осуществление инвестиционной деятельности на его основе исключает множество процедур регистраций и документации, нетребует создания юридического лица как простая товарищество, удваивает реализацию инвестиционных проектов.

**Annotation**

**Legal framework and development of the investment partnership agreement**

This article provides information on the legal framework and the development of an investment partnership agreement. The authors note that the investment partnership agreement as a new phenomenon has become popular in a number of European and American countries in recent years, and its use in investment partnerships is considered in the interests of the state and society. In the Russian Federation, the legal basis for this agreement has already been created, a special law "On Investment Partnerships" has been adopted, which entered into force in 2011.

The authors also note that the investment partnership agreement is one of the most important types of agreements and attracts investors in every possible way, since the implementation of investment activities on its basis excludes many registration and documentation procedures, does not require the creation of a legal entity as a simple partnership, and doubles the implementation of investment projects.



**УДК:** 347.65/.68
**Одиназода Шоҳрух Хисрав,**
*муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru*
*Тел.: (+992) 931-10-04-40.*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕРОСӢ ДАР ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории граждании; қонунгузории замин; қонунгузории кишоварзӣ; мерос; молу мулк; ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин; ҳуқуқ ба мерос.*

***Ключевые слова:*** *гражданское законодательство; земельное законодательство; сельскохозяйственное законодательство; наследование; имущество; право пользования земельным участком; право наследования.*

***Keywords:*** *civil legislation; land legislation; agricultural legislation; inheritance; property; land use rights; the right to inherit.*

Муносибатҳо дар бахши хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба рушди муносибатҳои кишоварзиву истеҳсолӣ алоқаманд буда, бо ин назардошт онҳо тағйир, ташаккул ва такмил меёбанд. Яке аз масъалаҳои муҳим ва унсури муайянкунандаи давомнокии объектҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар шароити имрӯз, ки ҳамчун фаъолияти самаранок ва пурмаҳсули шаҳрвандон маҳсуб мегардад, ин муайян ва танзими пурраи муносибатҳои меросӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба шумор меравад.

Танзими ҳуқуқи граждании муносибатҳои меросӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ва назарияҳои илмӣ дар ин самт аслан ду ҷанбаи асосӣ дорад. Якум, муайян намудани масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи меросӣ нисбат ба молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ. Дуюм, татбиқи муносибатҳои меросӣ доир ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ.

Бо ин назардошт, қонунгузории ҶТ дар бахши мазкур, махсусан моддаи 13 Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз 08 декабри соли 2003, №47 [5] тартиби ба мерос гузоштани молу мулк ва ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсиро пешбинӣ намудааст, вале бояд зикр намуд, ки муқаррароти моддаи мазкур умумӣ буда, тартиб, механизм ва раванди гузариши меросии объектҳои (моликияти) хоҷагиро ба муқарраротҳои Кодекси граждании ҶТ ва Кодекси замини ҶТ вогузор менамояд, яъне хусусияти танзимии меъёри мазкур бланкетӣ мебошад.

Меъёри дорои хусусияти бланкетӣ гуфта, намуди меъёри ҳуқуқиро меноманд, ки он барои пурра татбиқ намудани меъёр ба меъёрҳои дигари санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва (ё) санадҳои техникӣ ҳавола мекунад [15, с. 182].

Воқеияти бланкетӣ будани муқаррароти мазкур низ ба он далолат менамояд, ки дар самти танзими ҳуқуқии молу мулк Кодекси граждании ҶТ ва қитъаи замин бошад, Кодекси замини ҶТ нисбат ба дигар санадҳои қонунгузорӣ меъёрҳои махсусро муқаррар менамоянд.

Тибқи нишондоди болозикр молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва қитъаи замин бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ ва қонунгузории замин ба мерос гузошта мешаванд. Қобили зикр аст, ки ҳуқуқи моликият аз ҷумлаи ҳуқуқҳои бунёдии ҳар шахс маҳсуб гардида, он дар сурате мукаммал мегардад, ки имконияти меросгузории он мавҷуд бошад. Беҳуда нест, ки м. 32 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқ ба моликият ва ҳуқуқ ба мерос доштани ҳар шахсро муқаррар намудааст [9, с. 3]. Ҳамин тавр, Конститутсия ва дигар қонунҳо ба шаҳрвандон доштани ҳуқуқ ба мероси ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва дигар молу мулкро кафолат медиҳанд.

Мусаллам аст, ки яке аз қисматҳои муқарраротии Кодекси граждании ҶТ дар доираи фасли алоҳида танзими муносибатҳои меросӣ ба шумор рафта, дар фасли VI “Ҳуқуқ ба мерос” пурра масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ пешбинӣ гардидааст. Маълум аст, ки ҳуқуқи меросӣ

бо ҳуқуқи граждании зич алоқаманд буда, қисми таркибии ҳуқуқи гражданиро ташкил медиҳад, ин гуфтаҳо исботи худро аз он меёбад, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ бевосита аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи асосҳои умумии муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ ба мерос гузошта мешаванд. Зимни ба мерос гузоштан ва гирифтани молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррароти фасли шашуми Кодекси граждании ҶТ пурра татбиқ карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" танҳо як муқаррароти иловагиеро пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он ҳангоми қабули мерос меросхӯроне, ки дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ширкат меварзанд ба гирифтани молу мулки меросӣ ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бартарӣ доранд.

Яъне дар ин маврид сухан дар бораи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ меравад, ки дар пешбурди он қарор доранд ва ҷузъи фаъолияти мазкурро пешбарӣ намуда, дар қабули меросии молу мулк ва ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бартарият доранд.

Қобили зикр аст, ки дар қисми чоруми моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8 декабри соли 2003, №47 доираи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ муайян карда шудааст. Аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ инҳо мебошанд: ҳамсарон; фарзандон; фарзандхондагон; падару модар; хешовандони дигаре, ки бо ин оила якҷоя зиндагӣ мекунанд. Ба аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ қонун ягона талаботи махсус – доштани донишҳои махсус, таҷрибаи кории амалӣ ва ғайра пешбинӣ накардааст. Ба доираи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ на танҳо ҳамсарон, ҳамчунин дигар аъзои оилаи якҷоя зиндагикунанда ва пешбарандаи хоҷагӣ, аз ҷумла кӯдакон (аз лаҳзаи таваллуд ё аз синни муқаррарнамудаи қонун) дохил мешаванд [18, с. 158]. Ҳамчунин танҳо хешовандоне, ки бо оилаи шаҳрванд якҷоя зиндагӣ мекунанд, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, дигар шахсоне, ки хешованди ин оила буда, бо онҳо якҷоя зиндагӣ наменамоянд, аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуда наметавонад [19, с. 88].

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми кушода шудани мерос ҳуқуқи субъективии қабул намудани он низ ба вуҷуд меояд. Амалӣ гардонидани чунин ҳуқуқи субъективӣ бевосита аз иродаи ворис, ки ҳуқуқи қабул ё рад кардани онро дорад, вобастагӣ дорад. Ҳамчун қоида, ба вуҷуд омадани ҳуқуқҳои меросӣ нисбат ба ворисони алоҳида бо факти ҳуқуқии қабул намудани мерос алоқаманд аст. Мутобиқ ба қисми 1 м. 1174 Кодекси граждании ҶТ [2] барои соҳиб шудан ба мерос ворис бояд меросро қабул намояд.

Аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ қабул намудани мерос ҳамчун амали қонунӣ эътироф шуда, ба сифати аҳди яктарафа баромад мекунад, ки барои амалӣ гардонидани он изҳори иродаи яктарафаи ворис кифоя ва ё басанда мебошад. Шахс набояд барои қабул намудани мерос маҷбур карда шавад, зеро ворис бо изҳори иродаи худ метавонад меросро қабул ё аз он даст кашад. Тибқи муқарраротҳои Кодекси граждании ҶТ субъекти чунин аҳд бояд шахси дорои қобилияти пурраи амал бошад. Ноболиғони дорои қобилияти амалкунии нопурра ва шахсоне, ки аз ҷониби суд қобилияти амалкунии онҳо маҳдуд шудааст чунин аҳдро бо розигии намояндагони қонунии худ амалӣ мегардонанд. Қабули меросро аз номи ноболиғони қобилияти амалкунӣ надошта ва маҳдуд, инчунин шахсоне, ки аз ҷониби суд ғайри қобили амал эълон шудаанд намояндагони қонунии онҳо амалӣ мегардонанд [16, с. 116-117].

Муаллифони китоби дарсии ҳуқуқи кишоварзии ҶТ зикр менамоянд, қитъаи замин ба шаҳрвандоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсӣ доранд, бо ҳуқуқи якумраи меросӣ ва иҷора дода мешаванд [11, с. 209]. Аз ҳамин нуқтаи назар муайян ва таҳлил намудани механизми гузариши ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба таври меросӣ дар муносибатҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ муҳим ва махсусияти хоси назариявиву амалиро дорад.

Тартиби ба мерос гузоштани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ дорои махсусиятҳои ба худ хос мебошад. Тибқи қонунгузории ҶТ замин объекти меросӣ қарор гирифта натавонад ҳам, қонунгузорӣ ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро ба мерос гирифтан манъ накардааст [2, с. 3]. Бори аввал "ҳуқуқи якумраи меросии қитъаи замин" дар м. 5 Асосҳои қонунгузории Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) дар бораи замин аз 28 феврали 1990 ва баъд дар Кодекси замини РСФСР муқаррар гардида буд [10].

Муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи кишоварзӣ дар Тоҷикистон иброз медоранд, ки "асоси фаъолияти хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандонро ҳуқуқи истифодабарии якумраи (бемуҳлати)

замин ва меҳнати шахсии шаҳрванд бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар ташкил медиҳад" [11, с. 204].

Баъди оне ки давлатҳои пасошӯравӣ соҳибистиқлол гардиданд, вобаста ба сиёсати давлатии худ муносибат ба заминро муқаррар карданд. Бо мақсади суръатбахшии ислоҳоти замин ва беҳтар намудани истифодаи қитъаи замин дар ҶТ як қатор самтҳои нави ислоҳот ба миён омад. Ҳамин тавр, яке аз самтҳои асосии ислоҳоти замин дар ҶТ тибқи м. 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи ислоҳоти замин" аз 5 марти соли 1992, №594 [6] ин ҳам бошад, ба мерос додани ҳуқуқи истфодаи қитъаи замин мебошад. Инчунин, дар асоси банди 3 Қарори Ҳукумати ҶТ аз 9 ноябри соли 1995, №673 "Барномаи ислоҳоти иқтисодии комплекси аграсаноатии ҶТ" [7] тасдиқ гардидааст, ки минбаъд барои додани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба мерос заминаҳои муайяни ҳуқуқиро фароҳам овард ва минбаъд қонунгузории замин ва граждании низ дар ҳамин асос инкишоф ёфтааст.

Тартиби мавриди меросгузорӣ қарор додани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро қонунгузории ҶТ муайян намудааст. Ин ҳолат аз Кодекси граждании ҶТ (м. 1141), Кодекси замини ҶТ (м. 12), Қонуни ҶТ "Дар бораи ислоҳоти замин" (м. 5), Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" (м. 18), Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он" (м. 8) ва "Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ" [8] бармеояд.

Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки танҳо қонунгузории ҶТ ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро, ҳамчун объекти меросгузорӣ иҷозат додааст, на худи заминро. Аз ин рӯ, мувофиқи м. 1[2] Кодекси замини ҶТ таҳти мафҳуми "ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин" – тибқи Кодекси замини ҶТ ва қонунгузории граждании ҶТ ҳуқуқи бадастовардашавандаи (бадастовардашудаи) истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросӣ ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудан, ки бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштааст, фаҳмида мешавад [3].

Аммо дар м. 241 Кодекси граждании ҶТ бошад, таҳти мафҳуми "ҳуқуқи истифодаи замин" имконияти қонунии шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, яъне истифодабарандаи замин ҷиҳати истифодаи хосиятҳои фоидабахши он вобаста ба мақсади таъиноти он мебошад. Истифодабарандаи қитъаи замин, инчунин ба молики қитъаи замин, ки таҳти истифодааш мебошад, ҳуқуқ дорад [2].

Аз мазмуни ин мафҳумҳо маълум мегардад, ки мафҳуме, ки дар м. 1[1] Кодекси замини ҶТ муқаррар гардидааст, аз мафҳуме, ки дар м. 241 Кодекси граждании ҶТ пешбинӣ шудааст, васеътар буда, дарбаргирандаи муносибатҳои меросӣ вобаста ба қитъаи замин ва дигар муносибатҳои "нав" ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар мисоли ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мебошад, ки ин ҳолат дар худи мафҳум нишон дода шудааст, вале мафҳуми дар Кодекси граждании ҶТ буда, ба ин масъала ишора накардааст.

Аммо дар м. 1141 Кодекси граждании ҶТ масъалаи ворисии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ танзим шудааст. Яъне, ин аз он дарак медиҳад, ки қонунгузории замин ва граждании имконият медиҳад, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба шаҳрвандон барои якумраи меросӣ дода шавад. Меъёри мазкур ба таври васеътар дар м. 12 Кодекси замини ҶТ мустаҳкам гардидааст. Чи тавре, ки аз қонунгузории ҶТ, бахусус м. 13 Конститутсияи ҶТ [1] бармеояд, ба шаҳрвандон истифодаи қитъаи замин аз тарафи давлат кафолат дода мешавад.

Дар ҶТ замин моликияти шаҳрвандон буда наметавонад, он мавриди меросгузорӣ низ қарор гирифта наметавонад. Ҳарчанд давлат ба шаҳрвандон ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро кафолат дода бошад ҳам, вале ин ҳуқуқ наметавонад мувофиқи қонун ба мерос гузошта шавад. Дар баробари ҳуқуқи мазкур дар Кодекси замини ҶТ нисбат ба замин боз як ҳуқуқи дигар ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин муқаррар гардидааст.

Ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин аллакай аз номаш маълум аст, ки объекти меросгузорӣ қарор гирифта метавонад. Тибқи м. 12 Кодекси замини ҶТ истифодаи меросии якумраи қитъаи замин ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода мешавад.

Қитъаҳои замине, ки бо ҳуқуқи истифодаи меросии якумра дода шудаанд, ҳангоми маълум гаштани мерос бояд тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки

ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” аз 20 марти соли 2008, №375 аз нав ба қайд гирифта шаванд.

Ҳангоми гузаштани қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрвандон ба шахсони ҳуқуқӣ, ин қитъаи замин ба истифодабарии бемуҳлат дода мешавад [12, с. 24]. Ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба ҳуқуқи маҳдуди ашёии шаҳрванд дохил мешавад, чунки соҳибмулки замин танҳо давлат буда, ҳангоми зарурат давлат ҳуқуқ дорад аз заминистифодабаранда қитъаи заминро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар ҳолати пешбининамудаи қонунгузорӣ гирад [3].

Албатта, баъд аз оне ки ҶТ давлати ҳуқуқбунёд эътироф гардиду қонунгузории кишвар то як дараҷа ташаккул ёфт, муносибатҳо оид ба замин танзими худро пайдо намудаанд. Махсусан, қабули Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 далели ин гуфтаҳост. Дар Кодекси мазкур якчанд меъёрҳои нав доир ба замин муқаррар гардид. Яке аз онҳо ин меъёри ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин мебошад. Ин ҳуқуқ меъёрест, ки ба шаҳрвандон имконияти васеъ медиҳад. Яъне, баъди вафоти дорандаи ин ҳуқуқ, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин аз ҷониби давлат гирифта нашуда, балки таҳти ҳуқуқи якумраи меросӣ ба ворисон мегузарад [16, с. 108].

Танҳо ворис дар чунин маврид уҳдадор мегардад, ки ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи заминро аз сари нав бо номи худ дар мақомоти дахлдори давлатӣ аз қайд гузаронад, ки ин ҳолат аз истифодаи бемуҳлати қитъаи замин фарқ мекунад (м. 11 Кодекси замини ҶТ). Баъзе аз категорияҳои объектҳое, ки мавриди меросгузорӣ қарор мегиранд, хусусияти ба худ хос доранд, яъне реҷаи махсуси ҳуқуқии худро доранд. Ба мерос гузоштани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин, ки онро Кодекси замини ҶТ ва Кодекси граждании ҶТ ба танзим медарорад, мисоли ин объектҳо шуда метавонад.

Ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин дар қонунгузории ҶТ доир ба замин бо муҳлат маҳдуд нашудааст. Яъне, то агар давлат нисбат ба қитъаи замине, ки ба шаҳрвандон барои истифодаи якумраи меросӣ додааст, эҳтиёҷи зарурӣ пайдо накунад, шаҳрвандон метавонанд истифодаи қитъаи заминро аз насл ба насл таҳти ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин идома диҳанд. Ҳуқуқи ба меросгузор дахлдоштаи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба қатори молу мулки меросӣ дохил шуда, тибқи асосҳои умумии меросгузорӣ бидуни ҳеҷ гуна талаби иҷозати махсус ба мерос гузошта мешавад [17, с. 131].

Қобили зикр аст, ки ҳангоми меросгирии ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин аз ҷониби шахси ноболиғ намояндаи қонунии ӯ мутобиқи муқаррароти м. 29 Кодекси граждании ҶТ метавонад то ба балоғат расидани ӯ қитъаи заминро бо ризоияти мақомоти васояту парасторӣ ба иҷора диҳанд. Ин муҳлат, яъне муҳлати то ба балоғат расидан баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои меросхӯри ноболиғ муқаррар гардидааст [13, с. 170]. Ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин тибқи асосҳои умумӣ метавонад, ҳам тибқи васиятнома ва ҳам тибқи қонун ба мерос гузошта шавад. Агар қитъаи замин ба шахс барои истифодаи бемуҳлат дода шуда бошад, ҳуқуқи истифодаи он ба ворисон дар қатори молу мулки меросӣ намегузарад, зеро он ҳуқуқе, ки ба худи шахси вафоткарда дахл дошт, наметавонад ба ворисон гузарад.

Меросхӯроне, ки амволи ғайриманқули бамеросгирифтаашон дар қитъаи замине, ки ҳамчун ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат ба меросгузор дахл дошт, воқеъ бошад, метавонанд он заминро ба иҷора гиранд ва ё ҳангоми муроҷиат ба мақомоти дахдори давлатӣ нисбати он қитъаи замин бо ризоияти ин мақомот ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи заминро ба даст оранд. Баъд аз оне ки мақомоти номбурда ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи заминро ба ворисон иҷозат дод, минбаъд барои ба меросгузории ҳуқуқи мазкур ҳеҷ гуна иҷозат аз ягон мақомоти давлатӣ пурсида намешавад. Танҳо меросхӯроне, ки ҳуқуқи истифодаи якумраи қитъаи заминро қабул мекунанд, бояд бақайдгирии давлатиро дар хусуси ба номи худ гузаронидан гиранд ва ҳуҷҷати нави ҳуқуқиеро тартиб диҳанд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ба меросгирии ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин нисбати қитъаи замини муайян, инчунин ҳама он объектҳои дигаре, ки дар он қарор доранд ба монанди ҷӯйҳои обгузар, дарахтони болои замини номбурда ҷойгирифта, растаниҳо, қабати болоии қитъаи замин ва ғайраҳо низ якҷоя бо замин ба ворисон ҳамчун мерос барои истифодаи якумра мегузаранд.

Яке аз мушкилоти муҳим дар меросгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ин ҳолатҳои тақсимнопазир будани худи қитъаи замин аст. Дар чунин ҳолатҳо масъалаи таъсири тақсимнопазирии қитъаи замин ба ҳуқуқ нисбат

ба чунин қитъаҳои замин муаллақ мемонад. Ҳолати шабеҳро ҳангоми меросгирии хонаи истиқоматӣ аз ҷониби чанд ворисон мушоҳида кардан мумкин аст. Дар таҷрибаи судӣ одатан дар ҳалнома танҳо дар хусуси ҳуқуқи баробари истифодаи ин қитъаи замин аз ҷониби тамоми ворисон қайд мегардад.

Ба андешаи М.М. Соҳибзода ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замине, ки ба мерос гузошта мешавад ва замини тахти ин ҳуқуқ қарордошта, агар тақсимнашаванда бошад, пас он тақсим карда нашуда, ба номи яке аз меросхӯрон гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолат дигар меросхӯрон вобаста ба ҳиссаи меросиашон метавонанд дар он зиндагию кор намоянд. Аммо агар меросхӯре, ки арзиши ҳиссаи дигар меросхӯронро бо созиши байниякдигарӣ пардохт намояд, метавонад ҳуқуқи пурраро нисбати истифодаи якумраи меросии қитъаи замин пайдо намояд [14, с. 255-256].

Мувофиқи м. $18^1$ Кодекси замини ҶТ замин мумкин аст, тақсимшаванда ва тақсимнашаванда бошад. Андозаи ҳадди аққали қитъаи заминро Кодекси замини ҶТ муайян намудааст. Матлаб аз ифодаи меъёрҳои мазкури Кодекси замин он аст, ки агар ду ва зиёда аз он меросхӯрон ҳуқуқи меросиро ба ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба даст оранд, тақсим кардан ва ё накардани қитъаи замини мазкур вобаста ба ҳиссаи меросӣ бо назардошти қонунгузорӣ оид ба замин ва ризоияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд ба роҳ монда шавад. Чунки бисёр қитъаҳои замин бо назардошти хусусиятҳои табиию географӣ тақсимнашавандаанд.

Аз ин рӯ, зери мафҳуми қитъаи замини тақсимнашаванда қитъае фаҳмида мешавад, ки бе тағйир додани таъиноти мақсаднокаш ва бе вайрон намудани ҳолати зиддисӯхторӣ, санитарӣ, экологӣ, сохтмонӣ ва дигар меъёрҳо ва қоидаҳои ҳатмӣ ба қитъаҳои замини мустақил ҷудо шуда наметавонад. Тақсимнашаванда будани қитъаи замин дар ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифодабарии заминро тасдиқ менамояд, нишон дода мешавад (м.$18^1$). Мувофиқи муқаррароти Кодекси замини ҶТ ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба шаҳрвандон ба ҳар мақсаде, ки онҳо хоҳанд дода намешавад. Мақсади додани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба шаҳрвандон дар асоси м. 12 Кодекси замини ҶТ муқаррар гардидааст. Яъне «ба истифодаи якумраи меросии замин ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода мешавад» [3].

Қитъаҳои замин ба шаҳрвандон дар асоси қоидаҳои умумӣ ба мерос дода мешаванд ва тибқи Қоидаҳои «Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ», ки бо фармоиши вазири адлияи ҶТ аз 13 январи соли 2015, №7 «а» тасдиқ гардидааст, ба тартиб дароварда мешаванд.

Аз ҷумла дар бандҳои 317-319 ҳамин дастурамал чунин муқарраррот вобаста ба барасмиятдарории ҳуқуқи истифодабарии якумраи меросии қитъаи замин пешбинӣ шудааст. Ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандае, ки ҳуқуқи истифодаи якумраро ба қитъаҳои замин дар мавридҳои нишондодашуда тасдиқ мекунад, шаҳодатнома (сертификати) ҳуқуқи истифодаи замин ва шаҳодатнома ба саҳми замин мебошанд, ки онҳоро мақомоти дахлдори давлатии ҶТ додааст ва нусхаи ҳуҷҷатҳои мазкур ба маводи парвандаи мерос ҳамроҳ карда мешаванд.

Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин дар ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад [8].

Ҳуқуқи истифодаи меросии қитъаи замине, ки ба мерос гузошта мешавад ва замини тахти ин ҳуқуқ қарордошта, агар тақсимнашаванда бошад, пас он тақсим карда нашуда, ба номи яке аз меросхӯрон гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолат дигар меросхӯрон вобаста ба ҳиссаи меросиашон метавонанд дар он зиндагию кор намоянд. Аммо агар меросхӯре, ки арзиши ҳиссаи дигар меросхӯронро бо созиши байниҳамдигарӣ пардохт намояд, метавонад ҳуқуқи пурраро нисбати истифодаи якумрии меросии қитъаи замин пайдо намояд.

Масъала ва ҷиҳати дигари муайяннамоии муносибатҳои меросӣ дар ин самт ин дар сурати набудани меросхӯрони қонунӣ ё васиятӣ (васиятнома) ҳал намудани тақдири молу мулки хоҷагӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ҳолати зикргардида, дар қисми 3 м.13 Қонуни ҶТ “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” пешбинӣ мегардад, ки дар сурати набудани меросхӯрони қонунӣ ё васиятӣ (васиятнома) масъалаи тақсими молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ мутобиқи қонунгузории ҶТ ҳал карда мешавад. Дар сурати набудани меросхӯрон тибқи қонун ва тибқи васиятнома молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ

ба давлат гузаронида мешавад, чунки дар м. 1149 Кодекси граждании ҶТ муқаррар гардидааст, ки молу мулки меросӣ бо ҳуқуқи меросӣ дар ҳолатҳои зерин ба давлат мегузарад:

а) агар амвол ба давлат васият шуда бошад;

б) агар меросгузор тибқи қонун ва васиятнома ворис надошта бошад;

в) агар ҳамаи меросгиронро васиятгар аз ҳуқуқи меросгирӣ маҳрум гардонида бошад.

Агар яке аз ворисон ба фоидаи давлат аз мерос даст кашида бошад, пас ҳисса дар қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки ба ин ворис дахл дошт, ба давлат мегузарад. Ҳангоми набудани ворисони тибқи қонун, ки танҳо як қисми амволи меросгузор васият шудааст, қисми боқимонда ба давлат мегузарад.

Дар маҷмӯъ, бояд зикр намуд, ки тибқи муқаррароти қонунгузориии замин дар ҶТ ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба шаҳрвандон ба ҳар мақсаде, ки онҳо хоҳанд дода намешавад, балки мақсади асосии додани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба шаҳрвандон бевосита дар моддаи 12-и КЗ ҶТ муқаррар гардидааст**.**

Тибқи муқаррароти моддаи 12 КЗ ҶТ ба истифодаи меросии якумраи замин ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон додани он ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ иҷозат дода шудааст.

Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки дар он қитъаи замине, ки барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ дода мешавад, пешбинӣ нагардидааст. Ҳол он ки дар моддаи 5-и Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" аз 8 декабри соли 2003, №47 пешбинӣ шудааст, ки қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба истифодаи якумраи меросӣ дода мешавад. Ва ҳамзамон дар моддаи 1141 КГ ҶТ бошад, ворисии ҳуқуқи истифодабарии меросии якумраи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррар гардидааст.

Яъне дар қисмати танзимии масъалаи мазкур мухолифат байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии баробардараҷа мавҷуд мебошад. Бо ин назардошт пешниҳод мегардад, ки ба моддаи 12 КЗ ҶТ тағйироти зайл ворид карда шавад:

- *номи модда дар шакли зерин пешбинӣ гардад: «Ҳуқуқи истифодабарии меросии якумраи қитъаи замин»;*

- *қисми 1 моддаи мазкур чунин муқаррар карда шавад: «Ҳуқуқи истифодабарии якумраи қитъаи замин ба шаҳрандони ҶТ барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ (қитъаи замини наздиҳавлигӣ) ба мерос дода мешавад»;*

Бояд зикр намуд, ки аз таҳлили қонунгузорӣ ва назарияҳои илмӣ дар самти танзими ҳуқуқи граждании муносибатҳои меросӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ метавон якчанд хусусиятҳои меросгузарии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро ҷудо намуд. Аз ҷумла:

- ворисоне, ки дар пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ширкат меварзанд, барои гирифтани молу мулки меросӣ ва қитъаи замин ҳуқуқи бартарӣ доранд;

- ворисоне, ки барои дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ шуғл варзидан майлу хоҳиш надоранд, ҳуқуқ доранд баробари ҳиссаи дар молу мулки меросмонда доштаашон ҷубронпулӣ гиранд;

- дар сурати аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани ҳамаи ворисон молу мулки хоҷагӣ бо розигии ворисон тақсим карда мешавад ё худ онҳо ин молу мулкро якҷоя ба мақсадҳои дигар истифода мекунанд. Истифодаи қитъаи замин дар ин маврид бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи замин муайян карда шавад;

- дар сурати мавҷуд набудани ворисон ё надоштани майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагӣ пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар асоси қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қатъ меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: "Ганҷ", 2016. – 64 с.

2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. қисми I аз 30 июни соли 1999. – № 803 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.02.2022).

3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. қисми III аз 1 марти соли 2005. – № 84 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.02.2022).
4. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996. – № 23 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.02.2022).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" аз 8 декабри соли 2003, №47 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, – с. 2003, – №47; – с. 2006, – №201; – с. 2011, – №738.
6. Қонуни ҶТ "Дар бораи ислоҳоти замин" аз 5 марти соли 1992, №594 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1992. – №10. – Мод 139; 1994. – №15-16. – Мод 252; Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1995. – №22. – Мод 276; 1997. – №9. – Мод. 117; 2006. – №3. – Мод. 165.
7. Барномаи ислоҳоти иқтисодии комплекси аграсаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 1995, №673 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.02.2022).
8. Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2015, №7 «а» тасдиқ гардидааст. Дар Вазорати адлияи ҶТ аз 13 январи соли 2015, №777 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 09.02.2022).
9. Бобоҷонов И.Ҳ. Ҳимояи ҳуқуқҳои меросӣ дар суд: воситаи илмию амалӣ. – Душанбе: "ЭР-граф", 2011. – 288 с.
10. Крассов О.И. Земельное право: учебник / О.И. Крассов. – 4-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма: Инфра-М., 2013. – 198 с.
11. Исмоилов Ш.М., Шонасридинов Н.Ш., Нодиров Ф.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе, "Бухоро", 2013. – 416 с.
12. Михалева Т.Н. Наследование (юридическо-правовой справочник). – М., 2005. – 224 с.
13. Ткачук В.Ф. Проблемы правового регулирования перехода вещных прав на земельные участки в порядке наследования: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – 183 с.
14. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: "Андалеб Р", 2015. – 396 с.
15. Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Қодирзода М.А., Шерзода Б.Б., Одиназода Ш.Х. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ": нашри аввал. – Душанбе: "ЭР-граф", 2022. – 240 с.
16. Соҳибов М.М., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи меросии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: "ЭР-граф", 2017. – 152 с.
17. Соҳибов М.М. Хусусиятҳои меросгузории ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ», силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – №4 (65), 2015. – С. 127-136.
18. Устюкова В.В. Правовое положение крестьянского (фермерского) и личного подсобного хозяйства в Российской Федерации: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2002. – 400 с.
19. Соҳибов М.М., Одинаев Ш.Х. Мафҳум ва хусусиятҳои хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Соҳибов, Ш.Х. Одинаев. – Душанбе: Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонунгузорӣ». – 2020. – №1 (37). – С. 80-88.

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқи граждании муносибатҳои меросӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои бавуҷудой ва амалигардии муносибатҳои меросӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз нигоҳи танзими ҳуқуқи гражданӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳангоми баррасии масъала ошкор гардид, ки хусусияти танзимии муносибатҳои меросӣ ба молу мулк

ва қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ паҳн гардида, дар адабиёти ҳуқуқӣ назарияҳои мухталиф дар самти татбиқи муносибатҳои меросӣ ба қитъаи замини хоҷагӣ мавҷуд мебошад.

Муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсусро дар соҳаи мазкур баррасӣ карда, бо мақсади мукаммал гардидани қонунгузории замин ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешниҳодҳои илмӣ ва амалиро манзур намудааст.

**Аннотация**

**Гражданско-правовое регулирование наследственных отношений в личном подсобном хозяйстве**

В данной статье анализируются и рассматриваются вопросы формирования и реализации наследственных отношений в личных подсобных хозяйствах с точки зрения регулирования гражданских прав. В ходе рассмотрения вопроса было установлено, что характер регулирования наследственных отношений на имущество и земельные участки личных подсобных хозяйств имеет широкое распространение, а в юридической литературе существуют различные теории применения наследственных отношений к земельным участкам.

Автор рассматривает теоретические аспекты и конкретные правовые нормы в этой сфере, а также дает научно-практические рекомендации по совершенствованию законодательства о земле и личном подсобном хозяйстве.

**Annotation**

**Regulation of civil rights of inheritance relations in personal subsidiary plots**

This article analyzes and discusses the issues of formation and implementation of hereditary relations in personal subsidiary plots from the point of view of regulation of civil rights. During the consideration of the issue, it was found that the nature of the regulation of inheritance relations on property and land plots of personal subsidiary plots is widespread, and in the legal literature there are various theories of the application of inheritance relations to land plots.

The author examines the theoretical aspects and specific legal norms in this area, and also gives scientific and practical recommendations for improving the legislation on land and personal subsidiary plots.



**УДК:** 347.77
**Сидиков Дилшод Ахрорович,**
*кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-97-19-91.*

# ФОРМЫ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ И ОТЧУЖДЕНИЯ ИСКЛЮЧИТЕЛЬНЫХ (ИМУЩЕСТВЕННЫХ) ПРАВ ПО ГРАЖДАНСКОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ; қонунгузории гражданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон; натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ; воситаҳои инфироднамоӣ; шартнома.*

***Ключевые слова:*** *право интеллектуальной собственности; гражданское законодательство Республики Таджикистан; результаты интеллектуальной деятельности; средства индивидуализации; договор.*

***Keywords:*** *intellectual property right; civil legislation of the Republic of Tajikistan; results of intellectual activity; means of individualization; contract.*

На основе отечественного законодательства в области авторских прав продажа исключительного (имущественного) права может реализовываться в двух формах, а именно как уступка (отчуждение) прав, и как передача прав. В соответствии со ст. 25 Закона РТ «Об авторском и смежных правах» (далее - ЗоАП), «имущественные права автора могут уступаться или передаваться полностью или по частям только по авторскому договору». Согласно данному закону, исключительное (имущественное) право может быть как уступлено (отчуждено), так и передано. Из этого следует, что наличествует различие между уступкой (отчуждением) исключительного (имущественного) права и передачей исключительного (имущественного) права.

Если при уступке (отчуждении) прав продается исключительное (имущественное) право в целом, иными словами, продавец (обладатель прав) после их уступки (отчуждения) не имеет никакого права на переданный объект, то при передаче прав обладатель продает все или передает часть делимого исключительного (имущественного) права одному или нескольким лицам.

Так, в первом случае исключительное (имущественное) право передается правообладателем единственному правопреемнику без сохранения всяких прав за первым в отношении передаваемых прав. Такая передача именуется исключительной передачей. Касательно второго случая право передается правообладателем нескольким лицам с сохранением за первым передаваемых прав, что именуется неисключительной передачей. Следует также отметить, что, помимо исключительной и неисключительной передачи, есть и единственная передача [21 с. 634], согласно которой право передается правообладателем единственному правопреемнику с сохранением за первым передаваемых прав. Так, из вышеизложенного вытекает, что передача в исключительной форме играет роль и уступки (отчуждения) права, следовательно, уступка (отчуждение) поглощается передачей. В этой связи Международное бюро Всемирной организации интеллектуальной собственности поясняет, что если срок соответствующего договора равен всему сроку действия исключительного (имущественного) права и этот договор включает всё исключительное (имущественное) право, положение правопреемника относительно третьих лиц, фактически, соответствует положению первичного правообладателя [21 с. 629]. Следовательно, можно подумать, что нет необходимости в предусмотрении уступки (отчуждения) прав, когда ее функцию в полной мере может осуществлять передача прав. Однако такой подход, на наш взгляд, является дискуссионным, поскольку в случае передачи в исключительном способе в патентном правоотношении — это как-то можно реализовать. Например, гражданин А. изобрел какое-то изобретение и запатентовал его. Срок патента составляет 20 лет. Далее этот же

правообладатель заключил договор (исключительная лицензия) с гражданином Б. сроком на 20 лет. Из этого вытекает, что гражданин Б. до окончания срока патента считается единственным владельцем, т.е. в этом случае передача в исключительном виде играет функцию уступки права. Однако передача не во всех случаях может заменить уступку (отчуждение). А в авторских правоотношениях, как мы знаем, права авторов продолжаются в течение их жизни, и только после их смерти начинается исчисляться срок исключительных (имущественных) прав авторов. Таким образом, допустим, если автору 25 лет, а дата его смерти, естественно, никому не известна, как можно заключить договор, в котором другая сторона могла бы быть единственным правообладателем в течение жизни и после смерти автора? Поэтому в этом случае исключительная передача не может заменить уступку (отчуждение). Следовательно, они существуют отдельно, играют самостоятельную роль, ибо одно не в состоянии полностью во всех вопросах заменить другое.

Таким образом, в ЗоАП различаются уступка (отчуждение) и передача прав, однако в ст. 30 Закона РТ «О товарных знаках и знаках обслуживания» (далее - ЗоТЗ) не устанавливается различие между передачей и уступкой (отчуждением), предусмотрена «передача исключительного права на товарный знак (уступка товарного знака)». Функции «передачи», предусмотренной в ЗоАП, в ЗоТЗ, выполняет «предоставление права на использование», иными словами, в соответствии с ЗоТЗ «предоставление права на использование» в смысле ЗоАП является «передачей», а «передача» в смысле ЗоТЗ, ЗоАП является «уступкой (отчуждением)». Далее, в ст. 10 Закон РТ «О паровой охране топологий интегральных микросхем» (далее - ЗоТИМ) предусмотрено, что «исключительное право на использование топологии может быть передано ... полностью и частично … по договору». Из этой нормы указанного закона вытекает, что «передача права полностью» - это «уступка (отчуждение) права», а «передача права частично» - это «предоставление права на использование». Думается, что такой подход был сформулирован на основе ч. 1 ст. 1133 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (далее – ГК РТ): «имущественные права на объекты права интеллектуальной собственности могут передаваться другим лицам по договору…». В таком случае ст. 10 ЗоТИМ и ч. 1 ст. 1133 ГК РТ совпадают. Однако положения ст. 25 ЗоАП и ст. 30 ЗоТЗ не совпадают с положением ч. 1 ст. 1133 ГК РТ, которое предусматривает общее положение о переходе права интеллектуальной собственности (следует отметить, что название данной статьи является дискуссионным, ее мы рассмотрим ниже). Если посмотреть на данную ситуацию с точки зрения положений ТРИПС (ст. 21), последний предусматривает «предоставление лицензии» и «передачу права», т.е. ТРИПС под понятием «передача» подразумевает «уступку (отчуждение) прав», а под «предоставление лицензии» - «предоставление права на использование».

В отмеченных ситуациях, на наш взгляд, такой не единый подход, т.е. расхождение ч. 1 ст. 1133 ГК РТ, как общего положения о переходе права на объекты права интеллектуальной собственности, и отдельных законов в сфере права интеллектуальной собственности является нецелесообразным и ошибочным. В связи с этим, мы предлагаем использовать «передача» как общий термин, включающий в себя категории «уступка (отчуждение) права» и «предоставление права на использование». Тем самым, вместо «передача» в ЗоАП следует использовать «предоставление исключительного (имущественного) права», а в ЗоТЗ следует разграничить понятия «передача» и «уступка», которые по смыслу данного закона считаются синонимами, и предусмотреть вместо «передача исключительного права на товарный знак (уступка товарного знака)» понятие «отчуждение исключительного (имущественного) права на товарный знак» и т.д. Для правильной интерпретации понятия «передача» как общего термина ч. 1 ст. 1133 ГК РТ следует, на наш взгляд, изложить в следующей редакции: «1. Исключительные (имущественные) права на объекты права интеллектуальной собственности могут отчуждаться (договором об отчуждении исключительного (имущественного) права) или предоставляться (лицензионным договором) другим лицам по договору, или передаваться иным не противоречащим закону способом, а также переходить к другим лицам на основании закона». Мы считаем, что, предусмотрев такое положение, законодатель снимает коллизии, порождаемые обозначенными терминами относительно продажи исключительных (имущественных) прав на результаты интеллектуальной деятельности и средства

индивидуализации, кроме того, оно не противоречит нормам ТРИПС.

Таким образом, в целях предоставления исключительного (имущественного) права на использование объектов авторских прав обычно заключается авторский договор, а для объектов права промышленной собственности – лицензионный договор. Следует отметить, что разграничение данных договоров, скорее всего, основывается на традиции, нежели на реальных различиях. В большинстве развитых и развивающихся стран используется термин «лицензирование» [23 с. 168].

В юридической литературе предпринимались попытки выработать научное определение авторского договора [19 с. 111; 15 с. 12; 14 с. 23; 20 с. 259; 22 с. 73], но предложенные определения не увенчались успехом. Определение авторского договора было предусмотрено в ст. 139 Основ гражданского законодательства 1991 г. Ныне действующий ЗоАП не предусматривает определение авторского договора. В РТ определение авторского договора было предложено И.Г Ахмеджановым [12 с. 182], но нельзя не отметить, что предложенное им определение так же является условным, и его внедрение в ЗоАП считается спорным.

Предложенная нами новая редакция ч. 1 ст. 1133 ГК РТ предусматривает для предоставления права использования результатов интеллектуальной деятельности и средств индивидуализации заключение лицензионного договора, который, по существу, выполняет функции авторского договора относительно объектов авторского права. В целях унификации указанных понятий, предлагаем использовать термин «лицензионный договор» и внести соответствующие изменения в ЗоАП, заменив «авторский договор» на «лицензионный договор». Следует отметить, что в развитых странах мира, в частности в РФ, вместо «авторского договора» используется «лицензионный договор», как в отношении объектов права промышленной собственности, так и объектов авторского права.

Касательно лицензионного договора и отчуждения прав в отношении товарных знаков ТРИПС предусматривает ст. 21, а в отношении изобретений (патентообладателей) предусматривает п. 2 ст. 28. Как известно, лицензионные договора могут быть в исключительном (ч. 3 ст. 27 Закона РТ «Об изобретениях» (далее - ЗоИ), ч. 3 ст. 23 Закона РТ «О промышленных образцах» (далее - ЗоПО) и не исключительном (ч. 4 ст. 27 ЗоИ, ч. 4 ст. 23 ЗоПО) виде. Значение указанных видов нами уже было изложено, поэтому нет необходимости останавливаться на этом вопросе.

Следует отметить, что лицензионный договор надлежащим образом должен регистрироваться в патентном ведомстве, в противном случае без соответствующей регистрации данный договор признается недействительным (ч. 5 ст. 27 ЗоИ, ч. 5 ст. 23 ЗоПО РТ, ч. 1 ст. 32 ЗоТЗ).

Вместе с исключительными и не исключительными лицензиями патентное законодательство РТ предусматривает открытые и принудительные лицензии. Согласно ч. 6 ст. 27 ЗоИ и ч 6 ст. 23 ЗоПО, патентообладатель вправе подать в Патентное ведомство заявление о предоставлении любому лицу права на использование изобретения или промышленного образца. В данном случае размер пошлин за поддержание патента (охраняемый документ) убавляется на 50%, начиная с года, следующего за годом опубликования данных касательно такого заявления Патентным ведомством.

Принудительная лицензия – это лицензия, согласно которой патентообладатель предоставляет другим лицам право на использование по решению суда в случае, если патентообладатель не использовал или в недостаточной мере использовал свой патент. Так, в соответствии со ст. 28 ЗоИ патентообладатель должен использовать изобретение, в противном случае, а именно в случае не использования или недостаточного использования патентообладателем изобретения в течение 5 лет с даты публикации данных касательно выдачи охранного документа, то есть патента, лицо, желающее и готовое использовать изобретение, в случае отречения патентообладателя от заключения лицензионного договора на условиях, надлежащих установившейся практике, вправе обратиться в суд с исковым заявлением касательно предоставления ему принудительной лицензии на использование обозначенного изобретения.

Помимо изложенных договоров по отчуждению исключительного (имущественного) права (договор об отчуждении) или предоставлению исключительного (имущественного) права использования (лицензионный договор), наличествуют такие

договора, как договор коммерческой концессии (договор франчайзинг), договор о коллективном управлении и т.д.

Договор о коммерческой концессии нередко за рубежом именуют «franchise agreement», или franchise. Направление деятельности, которая связана с договорными отношениями, коммерческой концессией, именуется «franchising», и данный договор в РТ регламентируется нормами ст. 958-971 ГК РТ. Суть данного договора выражается в том, что одна сторона – франчайзер, он и есть правообладатель, берет на себя обязанность предоставить другой стороне - франчайзи (пользователь) за вознаграждение право использовать в предпринимательской деятельности комплекс исключительных (имущественных) прав.

Наличествует несколько примеров франчайзинга, которые имеют отношение, главным образом, к следующим классам:

- франшизы на производство (товаров, имеется в виду вещей, например, Coca-Cola, Pepsi, Toyota, BMW и т.д.);
- франшизы на предоставление услуг (например, Hyatt, McDonald’s);
- франшизы на торговлю.

Более подробно касательно договора коммерческой концессии в РТ можно узнать в работе Дж. К. Бобоева [13 с. 164].

В целом, практическая реализация исключительных (имущественных) авторских и смежных прав и контроль за противоправным использованием объектов права интеллектуальной собственности связаны с огромными трудностями. Поэтому в ст. 43 ЗоАП в первую очередь говорится о тех случаях, когда реализация в индивидуальном порядке трудна, могут быть образованы организации, управляющие имущественными правами на коллективной основе (далее – организация коллективного управления).

С самого начала эти организации предназначались для сбора вознаграждений с пользователей произведений для их авторов. Надобность в коллективном управлении сугубо применима к песне, эстрадным, цирковым и тому подобным номерам и фонограммам, уследить использование (в частности, их публичное исполнение, показ, запись и репродуцирование, в том числе копирование) которых в масштабах территории РТ отдельным правообладателям не под силу. В обозначенных целях субъектам авторского права и смежных прав дана возможность создавать некоммерческие организации (ч. 1 и 2 ст. 43 ЗоАП).

Формирование организаций по управлению на коллективной основе ни прежде, ни сейчас не препятствует реализации представительства авторских и смежных прав иными субъектами, будь то физические или юридические лица. Их отношения с правообладателями реализуются на основе различных форм общегражданского представительства.

ЗоАП (ч. 3 ст. 43) существенно расширил область деятельности организаций по управлению правами на коллективной основе. Они могут формироваться для управления правами, имеющими отношение к одному или нескольким видам объектов авторских и смежных прав.

Проблема в РТ затрудняется тем, что до сегодняшнего дня не сформированы организации коллективного управления исключительными (имущественными) правами авторов. Фактически их функцию реализовывает Министерство культуры РТ. В соответствии с Положением Министерства культуры РТ, утвержденным постановлением Правительства РТ от 28 декабря 2006 года под № 604, Министерство культуры до момента формирования организации по коллективному управлению исключительными (имущественными) правами авторов уполномочено реализовывать сборы, распределение и выплаты гонорара.

Разумеется, подобная форма организации «коллективного управления», как с позиции административно-правового механизма, так и с позиции экономической действенности, неосновательна. В связи с этим и сбор гонорара фактически переводится от государственных учреждений (в 2012 году приблизительно было собрано 40 тысяч сомони) [12 с. 145].

Главное значение имеют правовые основания полномочий этих организаций. Основным преимущественным основанием может быть договор о передаче полномочий по управлению правами, которые передаются непосредственно обладателями авторских и смежных прав по собственной воле на базе письменных договоров или по соответствующим договорам с иностранными организациями, управляющими аналогичными правами (ч. 1 ст. 44. ЗоАП). Следует отметить, что на подобные договора (договор о передаче полномочий и договор с иными с управляющими

организациями) не распространяются положения ст. 25-29 ЗоАП. По общему правилу, в их отношении используются как общие положения об обязательствах (ст.328-451 ГК РТ), так и сходные положения о договоре (ст. 452-487 ГК РТ). Но положения законодательства права интеллектуальной собственности о передаче исключительных (имущественных) прав к вышеуказанным договорам не применяются.

Так, исключительные (имущественные) права могут не только отчуждаться или предоставляться на основе договора, но и могут переходить на основе закона. Как правильно отмечает М. З. Рахимов, «не только по воле наследодателя можно осуществлять передачу наследства, но и непосредственно, в соответствии с законом, так же можно ее реализовывать» [16 с. 120].

Пункт 2 ст. 28 ТРИПС предусматривает, что патентообладатель вправе передать патент по наследству. А законодательство РТ о праве промышленной собственности закрепляет в себе переход исключительного (имущественного) права по закону в ч. 7 ст. 26 ЗоИ, где установлено, что патент и малый патент на изобретение и право на их получение переходят по наследству. Или же в ч. 7 ст. 22 ЗоПО говорится, что патент и право на его получение переходят по наследству. Аналогичное положение предусматривается и в ЗоТИМ (ч. 2 ст. 10), где говорится, что исключительное право на использование топологии переходит по наследству в порядке, установленном законом, а также в порядке правопреемства.

Как и в случае права на промышленную собственность, исключительное (имущественное) авторское право может переходить по наследству или в порядке правопреемства лишь в том случае, если сам автор или же другой правообладатель не отчуждал или не предоставлял его (права) по договору другим лицам исключительным способом. Если исключительное (имущественное) право уже отчуждено или же предоставлено исключительным способом, то оно, естественно, не может переходить к наследникам или другим правопреемникам.

Переход этих прав по наследству обозначает, что сами наследники решают вопрос дальнейшего использования произведений. В ч. 7 ст. 42 ЗоАП установлено, что право на разрешение использования объектов смежных прав и получение вознаграждения в пределах оставшейся части срока переходят к наследникам, а в отношении юридических лиц – к правопреемникам субъектов смежных прав.

В указанном положении признан принцип перехода по наследству или в порядке правопреемства исключительных (имущественных) смежных прав, включая права на получение вознаграждения за эксплуатацию надлежащего объекта смежных прав.

Кроме перехода исключительных (имущественных) прав к ограниченному кругу лиц на основе закона, исключительное (имущественное) право может переходить к неограниченному кругу лиц в связи с истечением срока действия данного права, а также по решению правообладателя исключительных (имущественных) прав может перейти к общественному достоянию.

Из всего вышеизложенного можно отметить, что название ст. 1133 ГК РТ «Переход имущественных прав» является дискуссионным, исключительные (имущественные) права помимо того, что переходят по закону, также отчуждаются или предоставляются другим лицам по договору. Как было отмечено, можно использовать «передачу» как общий термин, включающий в себя категории «уступка (отчуждение) права» и «предоставление права на использование». В связи с этим предлагаем изложить название ст. 1133 ГК РТ в следующей редакции: «Статья 1133. Передача и переход исключительных (имущественных) прав».

**Список литературы:**

1. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Ч. 1 от 30 июня 1999 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Ч. 2 от 11 декабря 1999 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

3. Гражданский кодекс Республики Таджикистан. Ч. 3 от 1 марта 2005 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

4. Закон Республики Таджикистан «Об авторском праве и смежных правах» от 13 ноября 1998 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
5. Закон Республики Таджикистан «Об изобретениях» от 28 февраля 2004 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
6. Закон Республики Таджикистан «О промышленных образцах» от 28 февраля 2004 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
7. Закон Республики Таджикистан «О товарных знаках и знаках обслуживания» от 5 марта 2007 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
8. Закон Республики Таджикистан «О коммерческой тайне» от 18 июня 2008 года // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
9. Закон Республики Таджикистан «О географических указаниях» от 5 марта 2007 г. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
10. Закон Республики Таджикистан «О правовой охране топологий интегральных микросхем» от 22 декабря 2006 г. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
11. Закон Республики Таджикистан «Об охране сортов растений» от 29 декабря 2010 г. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. - Душанбе, 2017. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
12. Ахмеджанов, И. Г. Юридическая природа авторских договоров по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03. – Душанбе, 2014. – 198 с.
13. Бобоев Дж. К. Договор Коммерческой концессии по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03. – Душанбе, 2010. – 164 с.
14. Дозорцев В. А. Авторский договор и его типы // Социалистическая законность. - 1984. - № 5. - С. 23-25
15. Клык Н. Л. Охрана интересов сторон по авторскому договору. - Красноярск, 1987. – 184 с.
16. Комментарий к Гражданскому кодексу Республики Таджикистан. Часть третья / под ред. М.З. Рахимова. – Душанбе: «ЭР-граф», 2013. – 303 с. (на тадж.яз.).
17. Менглиев Ш.М. Проблемы создания правовых основ договорного регулирования отношений в гражданском праве // Государство и право. - 2000. - № 3. - С.18-27
18. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. – Душанбе, 1998. – 176 с.
19. Савальева И. В. Правовое регулирование отношений в области художественного творчества. - М., 1986. – 141 с.
20. Сергеев А.П. Право интеллектуальной собственности в Российской Федерации: учебник. Изд. 2-е, перераб. и доп. - М.: ПБОЮЛ Гриженко Е.М., 2001. – 752 с.
21. Судариков, С.А. Интеллектуальная собственность. - М.: Издательство деловой и учебной лит-ры, 2007. – 800 с.
22. Чернышева С.А. Правовое регулирование авторских отношений в кинематографии и телевидении. - М., !984. - 176 с.
23. WIPO Guide on the Licensing of copyright and Related Rights. Geneva: WIPO, No. 897(E), 2003. 168 p.

**Аннотатсия**

**Шаклҳои пешкаш ва бегона кардани ҳуқуқҳои истисноӣ (молумулкӣ) тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба интиқол ва гузариши ҳуқуқҳои истисноӣ (молумулкӣ) ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва ба онҳо баробаркардашудаи воситаҳои фардинамоӣ баррасӣ карда

мешаванд. Қайд карда мешавад, ки муаллифон ё дигар ҳуқуқдорон нисбати объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дорои ду ваколатанд - ин ҳуқуқи истифодаи худи объект ва ҳуқуқи ихтиёрдории ҳуқуқи истисноӣ (молумулкӣ) мебошад, яъне. сарфи назар аз ҳавасмандгардонии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, объекти он метавонад аз ҷониби ҳуқуқдор (муаллиф ё дигар соҳиби ҳуқуқ) истифода шавад ё ин соҳибон ҳуқуқро ба ин объектҳоро метавонанд бегона кунанд ё ҳуқуқи истифодаи объектро ба шахси дигар диҳанд.

**Аннотация**

**Формы предоставления и отчуждения исключительных (имущественных) прав по гражданскому законодательству Республики Таджикистан**

В статье рассмотрены вопросы связанные с передачей и переходом исключительных (имущественных) прав на результаты интеллектуальной деятельности и приравненные к ним средства индивидуализации. Отмечено, что авторы или иные правообладатели имеют два правомочия в отношении объектов права интеллектуальной собственности – это право использования самого объекта и право распоряжаться исключительным (имущественным) правом, т.е. независимо от мотивации права интеллектуальной собственности ее объекты могут быть использованы самим владельцем (автором или иным правообладателем) либо эти владельцы могут отчуждать право на них, либо предоставить право на использование объектов другим лицом.

**Annotation**

**Forms of granting and alienation of exclusive (property) rights under the civil legislation of the Republic of Tajikistan**

The article deals with issues related to the transfer and transition of exclusive (property) rights to the results of intellectual activity and equivalent means of individualization. It is noted that authors or other copyright holders have two powers in relation to objects of intellectual property rights - this is the right to use the object itself and the right to dispose of the exclusive (property) right, i.e. regardless of the motivation for intellectual property rights, its objects can be used by the owner (the author or other right holder) or these owners can alienate the right to them, or grant the right to use the objects to another person.



**УДК:** 347.440.14

**Одинаева Нилуфар Мухамадиевна,**
*преподаватель кафедры предпринимательского права Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: nilufar.odinaeva93@gmail.com*
*Тел.:(+992) 223-04-60.*

# ВЛИЯНИЕ СМЕРТИ ПОРУЧИТЕЛЯ И ДОЛЖНИКА НА РАСПРЕДЕЛЕНИЕ РИСКОВ, ВЫТЕКАЮЩИХ ИЗ ДОГОВОРА ПОРУЧИТЕЛЬСТВА

***Калидвожаҳо:*** *кредитор; қарздор; кафил; марг; уҳдадориҳо; масъулият; молу мулк; мерос; вориси ҳуқуқии универсалӣ.*

***Ключевые слова:*** *кредитор; должник; поручитель; смерть; обязательства; ответственность; имущество; наследство; универсальное правопреемство.*

***Keywords:*** *creditor; debtor; surety; death; obligations; responsibility; property; inheritance; universal legal succession.*

Отношения кредитора и должника всегда в той или иной мере сопряжены с риском неисполнения обязательства со стороны должника. Кредитор и поручитель особенно подвергаются риску в том случае, когда у должника в момент заключения договора нет имущества, за счёт которого возможной была бы реализация обязательства.

В свою очередь, возникновение отношений между кредитором и поручителем также тесно связано с понятием «риск». В целом, смысл заключения договора поручительства заключается в том, чтобы обезопасить кредитора от возможного риска неуплаты долга по основному обязательству со стороны должника. Однако, в данном случае, риск не исчезает, фактически, он перекладывается с кредитора на поручителя, причём поручитель принимает на себя этот риск добровольно, путём заключения договора поручительства. Особенность договора поручительства сводится именно к тому, что стороны ставят возможность возникновения своих прав и обязанностей в зависимости именно от того, наступит ли конкретный юридический факт (неисполнение или ненадлежащее исполнение должником своего собственного обязательства) или не наступит [6].

Как правило, поручитель вступает в указанные отношения по просьбе должника, находясь с последним в близких доверительных отношениях – родственных либо дружеских. Лицо, выступающее в качестве поручителя, как правило верит в платёжеспособность и добросовестность должника. Но даже в том случае, когда должник является платёжеспособным и добросовестным, поручитель не застрахован от риска. Вступая в вышеуказанные отношения, поручитель подвергается риску. Именно поэтому, очень важно понимать, каким образом будет распределён риск между указанными лицами при развитии той или иной ситуации.

К примеру, не совсем понятным является разрешение ситуации, возникающей в результате смерти должника. Гражданским законодательством Республики Таджикистан данный вопрос на сегодня остался не до конца урегулированным.

Для полного понимания рассматриваемой проблемы необходимым считаем обратиться к рассмотрению категории «риск» в гражданском праве. Отечественные учёные А.В. Золотухин и Т.И. Султонова, рассматривая природу риска обращают внимание на существование объективно-субъективной теории риска, которая заключается во взгляде о том, что риску присуще не только субъективные моменты, но и объективные. Если к субъективной стороне относится оценка объективно существующей ситуации и выбор поведения, то к объективной стороне относится вероятностный характер самого результата [3, с.93].

В своё время В.А. Ойгензихт, говорил о том, что «… рисковать - значит допускать несение (принятие) невыгодных последствий от возможного результата правомерных либо объективно-случайных действий, либо объективно-невозможных действий или событий» [5, с.77].

Некоторые авторы связывают риск с неопределённостью дальнейшего развития событий. Так, П.А. Самуэльсон указывает, что

именно неопределённость влечёт за собой разницу между тем, чего на самом деле лицо ожидает и тем что происходит в реалии [9, с.224]. Так, в отношениях по поводу поручительства, поручитель ожидает, что должник своевременно исполнит обязательство, но на момент заключения договора поручительства поручитель не может с точностью предугадать дальнейшее развитие событий между кредитором и должником. Именно в такого рода неопределённости заключается риск поручителя.

Итак, риск имеет место быть в тех случаях, когда человек предполагает, что могут возникнуть потери, однако идёт на осуществление определённых действий, в связи с тем, что допускает достижение положительного результата. Как справедливо, отмечается в юридической литературе «…именно желание наступления последнего толкает его на рисковые действия». И именно осознанное допущение лицом наступления неблагоприятных последствий характеризует деятельность, направленную на получение положительного результата в качестве рисковой [1].

С мнением Ф.М. Аминовой о том, что человек, который идёт на риск, всегда охвачен желанием улучшить свое положение в сравнении с настоящим [1], можно согласиться только в том случае, когда речь идёт о поручителе, связанном с должником общим экономическим интересом (например, если поручитель получает вознаграждение от должника). О таких отношениях имеются упоминания в доктрине [2].

Однако в большинстве случаев, лицо вступая в отношения в качестве поручителя, как правило не ожидает выгоды для себя лично, напротив-рискуя собственным имуществом желает поддержать позицию должника, тем самым улучшить положение последнего в будущем, а не своё собственное.

В юридической литературе отмечается, что «…всякий договор есть взаимное страхование от множества рисков мелких и крупных, и распределение этих рисков между заключившими этот договор» [4, с.136]. М.З. Рахимов высказывает точку зрения, согласно которой свойством риска выступает необходимость выбора поведения среди других возможных вариантов [8, с.544].

Вступая в отношения по предоставлению кредита, кредитор рискует в большей или меньшей степени.

Н.Ю. Рассказова считает, что обычным риском поручителя является риск наступления обстоятельств, исключающих возможность пополнения имущества должника за счет доходов от его профессиональной деятельности. Разновидностью указанного риска является риск смерти должника. Особенностью риска смерти должника, по мнению автора является то, что его реализация связана с заменой лица, обязанного перед поручителем (но не с заменой имущества должника) [7]. Правовая сущность рассматриваемой проблемы состоит в установлении правил распределения между кредитором и поручителем риска смерти должника [7].

Предоставление личного обеспечения в виде поручительства предполагает, что поручитель разделяет риски с кредитором. В рассматриваемом случае этот очевидный вывод вызывает сомнения: кто должен нести риск смерти должника?

Исходя из принципа рациональности участников оборота, кредитор принимает на себя этот риск. Согласно принципу добросовестности, следует исходить из того, что кредитор принимает на себя обычные обязательства, риски и, как можно разумно и добросовестно полагать, знает или должен знать каждую из сторон. Влечёт ли смерть должника за собой прекращение поручительства, или согласно общим правилам, можно утверждать, что поручитель принял на себя риск смерти должника?

Ст.396 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (далее - ГК РТ) в качестве одного из оснований прекращения поручительства устанавливает срок, на который оно дано. Если такой срок не установлен, оно прекращается, если кредитор в течение года со дня наступления срока исполнения обеспеченного поручительством обязательства не предъявит иска к поручителю. Когда срок исполнения основного обязательства не указан и не может быть определен или определен моментом востребования, поручительство прекращается, если кредитор не предъявит иска к поручителю в течение двух лет со дня заключения договора поручительства. Однако возникает вопрос, если смерть должника наступит во время действия договора поручительства. При этом важным будет выяснение того факта оставил ли должник после себя имущество или нет.

В данном случае остаётся открытым рациональный вопрос о том, к кому кредитор

должен предъявить требования об исполнении обязательства – к наследникам, получившим имущество в порядке универсального правопреемства, либо к поручителю, так как в соответствии со ст.392 ГК РТ обязательства поручителя и должника являются субсидиарными, в то время как ответственность они несут солидарно друг с другом.

С одной стороны, если исходить из общих положений о поручительстве, вытекающих из ст.390 ГК РТ, по договору поручительства поручитель принимает на себя обязательства по исполнению полностью или в части за должника, правда в соответствии со ст.392 ГК РТ это возможно при неисполнении либо ненадлежащем исполнении должником обеспеченного поручительством обязательства. В результате наступления смерти, обязательство может остаться неисполненным со стороны должника. Значит ли это, что кредитор имеет право на основании такого неисполнения предъявить свои требования к поручителю?

Если при жизни должника при исполнении обязательства поручителем последний в соответствии со ст.394 ГК РТ получает права кредитора по этому обязательству и права, принадлежавшие кредитору как залогодержателю, в том объеме, в котором поручитель удовлетворил требование кредитора, то в случае смерти должника поручитель рискует остаться ни с чем.

Как известно, поручительство прекращается с переводом на другое лицо долга по обеспеченному поручительством обязательству, если поручитель не дал кредитору согласия отвечать за нового должника. Данная норма закреплена на сегодняшний день в п.2 ст.396 ГК РТ. Однако, следует заметить, что указанная норма рассчитана на несколько иную ситуацию. В свою очередь для перевода долга по обеспечиваемому обязательству необходимо согласие поручителя, но совсем не потому, что законодатель учитывает личные отношения поручителя с должником.

При передаче долга происходит замена имущества должника, которое поручитель учёл, обязываясь перед кредитором, на имущество другого лица. Поскольку такая замена может существенно нарушить права поручителя в результате навязывания ему рисков, которые он не принял, требуется его согласие на замену. Но при передаче прав и обязанностей в порядке наследственного правопреемства, как показано выше, положение поручителя по отношению к имуществу должника не меняется, и его риски мало отличаются от рисков, возникающих в результате других обстоятельства, столь же пагубно влияющие на возможность пополнения имущественной массы должника.

Мы приходим к выводу, что обязательство поручителя, как правило, не связано с личностью должника. В силу принципа свободы воли участников оборота, иное может быть предусмотрено договором поручительства. В случае, если обеспеченное обязательство связано с личностью должника, его прекращение смертью должника прекращает поручительство из-за его соучастия.

На практике страхование жизни должника в пользу кредитора часто используется для защиты интересов кредитора. Поскольку страхование - это способ перераспределения рисков, целесообразно рассматривать отношения по договору страхования в связи с другими договорами, направленными на обеспечение выполнения основного обязательства. В рамках охранной структуры в целом факт заключения договора страхования жизни может иметь разные значения.

Так, к примеру Н.Ю. Рассказова высказывает точку зрения о том, что:

1. Право кредитора на получение страховой суммы можно рассматривать в одном ряду с его правами, возникшими из иных оснований, а именно правом требования к поручителю и правом требования к наследникам должника. При таком подходе право кредитора само по себе не должно оказывать влияние на права и обязанности поручителя. Конечно, не считая случая, когда, получив страховую сумму, кредитор должен будет использовать ее для удовлетворения требования по обеспеченному обязательству, что приведет к прекращению поручительства.

2. Право кредитора на получение страховой суммы можно рассматривать в связи с мотивом заключения должником договора страхования, т.е. в связи с намерением кредитора переложить риск смерти должника на страховщика. Заключение договора доказывает, что этот риск страховщиком принят, мотив заключения договора известен всем участникам страхового обязательства, а потому резонно считать, что поручитель этот риск не принимал. Иначе говоря, в отсутствие иной договоренности между сторонами страхование жизни должника в пользу

кредитора позволяет поручителю при наступлении страхового случая освободиться от ответственности перед кредитором в пределах суммы, которую кредитор может получить от страховой компании [7].

Страхование могло бы исключить или по крайней мере свести к минимуму риск должника, однако к страхованию в Республики Таджикистан прибегают в достаточно редких случаях, в связи с чем на наш взгляд целесообразным является разрешение рассматриваемой проблемы на законодательном уровне.

Законодательство РТ предусматривает положения о прекращении обязательства в связи со смертью гражданина, при этом сделав акцент на то, что такое прекращение наступает лишь при невозможности исполнения лично или при наличии неразрывной связи с личностью самого должника или кредитора ст.450 ГК РТ. В то же время, ст. 396 ГК РТ, перечисляющая основания прекращения поручительства не предусматривает в качестве такового смерть должника.

В частности, в случае смерти заемщика по кредитному договору его обязательства по оплате должны переходить к его наследникам в порядке универсального наследственного правопреемства, поскольку нормами ГК РТ не предусмотрено прекращения обязательства вытекающего из кредитного договора, в результате смерти заемщика. Таким образом, обязательства вытекающие из кредитного договора входят в наследственную массу.

Суды удовлетворяют требования кредиторов к наследникам, поскольку лицо приняло наследство, и имеется наследственное имущество, в пределах которого наследник отвечает по долгам наследодателя (в пределах стоимости наследственного имущества).

Таким образом, задаваясь вопросом о том, каким образом будет распределяться риск несения ответственности между поручителем и наследниками должника, на наш взгляд именно на последних должны распространяться требования кредитора. Так реализация обязательства должна происходить именно за счёт имущества должника, оставленного наследникам в порядке универсального правопреемства, а не за счёт имущества поручителя. И только в случае невозможности обращения взыскания на наследственное имущество должника, считаем возможным обращение должника к поручителю.

Риск каждого кредитора, как правило, сопряжён с тем, в каком имущественным положении находится должник. При наличии имущества у должника, риск кредитора сводится к минимуму. И даже после смерти должника права кредитора находятся под защитой в силу наследственного правопреемства, в соответствии с которым, наследники, принявшие наследство должны будут исполнить денежные обязательства умершего. Но бывает, что нередко риск кредитора связан и с личностью должника. Так, в ряде случаев, должник получает имущество в результате занятия предпринимательской или иной деятельностью, приносящей доход. В данном случае, при невозможности обратить взыскание на имущество должника, кредитор может обратиться к поручителю. Таким образом, при наличии поручителя, кредитор несёт минимальные риски. В данном случае, вполне можно говорить о сохранении отношений и переходе имущественных обязательств на наследников.

Однако, возможна обратная ситуация - когда умирает поручитель. В данном случае может встать вопрос о возможности обращения взыскания на имущество, оставленное после смерти поручителем и перешедшем по наследству к его правопреемникам при невозможности исполнения обязательства должником.

На наш взгляд, ответ на данный вопрос должен быть отрицательным, поскольку, как мы знаем поручитель вступая в отношения дополнительно обеспечивает исполнение обязательства, т.е. говоря о долге, следует заметить, что он не является собственным долгом поручителя. Так, при уплате долга поручителем, его роль в правоотношениях измениться, последний будет выступать по отношению к должнику кредитором, а не поручителем как раньше.

Таким образом, считаем возможным согласиться с мнением, высказанным в юридической литературе о том, что заблуждением является точка зрения в соответствии с которой после смерти поручителя обязательства наследодателя по поручительству переходят к его правопреемникам при принятии наследства [10, с.201].

Кроме того, учитывая срочный характер поручительства, наш взгляд, риск смерти поручителя должен лежать именно на кредиторе,

поскольку в случае исполнения обязательства за счёт имущества поручителя, его наследники получили бы право регрессного требования по отношению к должнику. В результате такого сплетения отношений можно говорить о наступлении юридического хаоса в отношениях.

Кроме того, следует обратить внимание на тот факт что поручитель не является содолжником, в связи с чем не должен допускаться переход обязательства на наследников.

Исходя из всего вышеизложенного, считаем необходимым предусмотреть на законодательном уровне распределение рисков, вытекающих из договора поручительства между сторонами. Таким образом, нами предлагается дополнить статью 396 ГК РТ, таким основанием прекращения поручительства как смерть поручителя.

**Список литературы:**


1. Аминова Ф.М. Правовое регулирование обращения корпоративных эмиссионных ценных бумаг в республике Таджикистан дисс. …канд.юрид.наук. Душанбе, 2012. Электронный ресурс. Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/pravovoe-regulirovanie-obrashcheniya-korporativnykh-emissionnykh-tsennykh-bumag-v-respublike
2. Дубровская И. Существенный риск поручителя // ЭЖ-Юрист, 2013. - N 11. Электронный ресурс. Режим доступа: Консультант плюс.
3. Золотухин А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан учебник. – Душанбе, «ЭР-граф», 2018.
4. Магазинер Я.М. Общая теория права на основе советского законодательства // Правоведение. 1999. - N 1.
5. Ойгензихт В.А. Проблема риска в гражданском праве. Душанбе: Ирфон, 1972.
6. Предеин К.Н. Об условном характере сделки, лежащей в основе обязательства по поручительству // Российский юридический журнал. 2010. №3.
7. Рассказова Н.Ю. Риск смерти должника и судьба поручительства (в связи с проектами постановлений пленумов высших судебных инстанций // Закон.- 2012. - N 4. Электронный ресурс. Режим доступа: Консультант плюс.
8. Рахимов М.З. Предпринимательский риск. Избранные труды. Душанбе. Бухоро, 2014.
9. Самуэльсон П.А. Экономика.Т.2.М.НОП «АЛГОН», 1994.
10. Шигонина Л.А., Накалюжная Н.С. Поручительство в системе способов обеспечения исполнения обязательства: теория и практика // Вопросы юридической юстиции. М., 2020.



**Аннотатсия**

**Таъсири фавти кафил ва қарздор ба тақсимоти хавфҳое, ки аз шартномаи кафолат бармеоянд**

Дар мақола муаллиф масъалаи тақсими таваккалҳоеро, ки аз шартномаи кафолат бинобар марги яке аз тарафҳо бармеояд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки дар сурати фавти қарздор иҷрои уҳдадорихо аз руи шартномаи асосӣ бояд субсидиарӣ бошад. Иҷрои уҳдадорӣ бояд маҳз аз ҳисоби молу мулки қарздор ба ворисон тибқи тартиби мероси умумиҳуқуқӣ боқӣ монда бошад, на аз ҳисоби молу мулки кафил. Ва танҳо дар сурати имконнопазирии ситонидани молу мулки меросии қарздор муаллиф имкон медиҳад, ки қарздор ба кафил муроҷиат намояд.



**Аннотация**

**Влияние смерти поручителя и должника на распределение рисков, вытекающих из договора поручительства**

В статье автором рассматривается вопрос распределения рисков, вытекающих из договора поручительства вследствие смерти одной из сторон. Автором аргументируется вывод о том, что в случае смерти должника исполнение обязательств по основному договору должно происходить в субсидиарном порядке. Реализация обязательства должна происходить именно за счёт имущества должника, оставленного наследникам в порядке универсального правопреемства, а не за счёт имущества поручителя. И только в случае невозможности обращения взыскания на наследственное имущество должника, автор считает возможным обращение должника к поручителю.

**Annotation**

**Impact of the death of the guarantor and the debtor on the distribution of risks arising from the guarantee agreement**

In article, the author examines the issue of distribution of risks arising from a surety agreement due to the death of one of the parties. The author argues for the conclusion that in the event of the death of the debtor, the fulfillment of obligations under the main contract should be subsidiary. The implementation of the obligation should take place precisely at the expense of the debtor's property left to the heirs in the manner of universal succession, and not at the expense of the property of the surety. And only if it is impossible to foreclose on the debtor's hereditary property, the author considers it possible for the debtor to appeal to the surety.



**УДК:** 347.453.3

**Саидназарзода Содиқ Саидназар,**
*унвонҷӯи шуъбаи қонунгузории граждании, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: alializoda900@gmail.com*
*Тел.: (+992) 989-80-90-90.*

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИҶОРАИ МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ ДАР ДАВРАИ ШӮРАВӢ

***Калидвожаҳо:*** *таърих; танзими ҳуқуқӣ; қонунгузорӣ; иҷораи манзили истиқоматӣ; шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ; замони шӯравӣ.*

***Ключевые слова:*** *история; правовое регулирование; законодательство; аренда жилищного помещения; договор аренды жилого помещения; советское время.*

***Keywords:*** *history; legal regulation; legislation; rental of property; residential lease agreement; Soviet time.*

Ташаккули мақсадноки модели қонунгузории танзими муносибатҳои иҷораи манзили истиқоматӣ дар давраи шӯравӣ аз дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омадааст, ки ба тамоми соҳаҳои ҷомеа таъсир расонидаанд. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои манзилӣ, инчунин ҳама гуна дигар муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби идеологияи сиёсии давлати Шӯравӣ муайян карда шуд, ки манзилро яке аз муҳимтарин имтиёзҳои иҷтимоӣ эътироф намуда, таъмини манзил ва дастрасии он барои ҳама шаҳрвандон масъулияти давлат маҳсуб меёфт.

Дар масъалаи ҳалли мушкилоти манзил давлати Шӯравӣ муносибатҳои манзилиро ҳамчун соҳаи манфиатҳои хусусӣ баррасӣ мекард, на ҷамъиятӣ. Давлат соҳибмулки асосии манзил маҳсуб ёфта, талаботи манзилии шаҳрвандонро бо тартиби тақсимоти маъмурӣ қонеъ мекард, ки дар натиҷа озодии шартнома дар муносибатҳои манзилӣ маҳдуд гардида буд.

Заминаҳои ҷудошавии меъёрҳои ба иҷора гирифтани манзили истиқоматӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқӣ дар Русия пас аз ғалабаи Инқилоби Октябри с. 1917 ташаккул ёфт. Манзил ҳамчун моликияти хусусӣ эътибори худро оҳиста-оҳиста аз даст дод. Фонди асосии манзил дар шаҳрҳо ва марказҳои саноатӣ ба моликияти давлатии сотсиалистӣ дохил шуд ва ба тариқи нақшавӣ дар байни меҳнаткашон тақсим карда шуд.

Барпошавии Ҳокимияти Шӯравӣ аз қабули декрети милликунонӣ ва ба моликияти давлатӣ гузаштани тамоми амвол, аз ҷумла манзили истиқоматӣ оғоз ёфт [1]. Дар давраи “тақсимоти бузурги манзил” аз с. 1917 то 1921, 18% манзилҳои истиқоматӣ дар шаҳрҳо ва маҳаллаҳои коргарӣ дар дасти Советҳои маҳаллӣ буданд [2, с. 671]. Маҳз солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ коҳиш ёфтани нақши шартнома дар муносибатҳои манзилӣ ва пайдоиши функсияи маъмурӣ-тақсимоти давлат дар соҳаи идоракунии фонди манзил ба мушоҳида мерасид.

Баъди инқилоб дар Ҳокимияти Шӯравӣ аҳолӣ рӯз аз рӯз афзудан гирифт ва яке аз мушкилиҳои асосӣ ин таъмини шаҳрвандон бо манзили истиқоматӣ ба шумор мерафт [3, с. 82-85]. Ворид шудани нерӯи зиёди корӣ аз деҳот ба шаҳр мақомотро маҷбур кард, ки масъалаи манзилро бо усулҳои барои аксари кишварҳо ғайримуқаррарӣ ҳал кунад: аз с. 1918 то 1921 истифодаи манзил барои коргарон ва хизматчиён, ки дар корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ кор мекарданд, комилан ройгон буд. Аммо ба даст овардани чунин манзил танҳо бо қарори шуъбаи дахлдори замин анҷом дода мешуд [4, с. 455-456]. Ин давра барои омӯзиш ва таҳлил аҳамияти махсус дорад, зеро он вақт аз муносибатҳои маъмурӣ-тақсимотӣ ба муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ қадами нахустинро гузошта буд.

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ, бинобар ин, ду роҳи асосии ҳалли мушкилоти

қонеъ кардани талаботи манзилии шаҳрвандон мавҷуд буд: маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки бо роҳи маъмурӣ тақсимот анҷом дода мешуд; гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки истифодаи манзили истиқоматӣ дар асоси шартномаи иҷора муқаррар менамуд.

Бо қабул гардидани аввалин санади кодификатсионӣ КГ РСФСР дар с. 1922 муносибатҳо вобаста ба соҳибӣ ва истифодабарии манзилҳои бегона дар шартномаи кироя (иҷора) танзим гардид. Масъалаҳои шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ дар боби 3 кирояи молу мулк муқаррар карда шуд. Дар ҳамин замина қайд кардан бамаврид аст, ки дар ном ва на дар матни боб қонунгузорӣ истилоҳи “иҷора”-ро муқаррар наменамуд.

Дар он вақт падидаи “кирояи манзили истиқоматӣ” дар қонунгузорӣ ва амалия васеъ паҳн гардида буд. Маҳз барои ҳамин ҳам дар амалия ва ҳам дар қонунгузорӣ минбаъд кирояи манзили истиқоматӣ истифода гардид, на иҷораи манзили истиқоматӣ [5, с. 14].

Истифодаи нодурусти мафҳуми “иҷора” ба ҷои истилоҳи “кирояи манзили истиқоматӣ” метавонад боиси шарҳи нодурусти ин ё он модели шартномавӣ гардад. Маҳз бо шарҳи ин тафсир, муаллифони КГ ФР меъёрҳои шартномаи иҷораро ба меъёрҳои шартномаи кироя вобаста ба шартҳои ин шартнома ворид мекунанд. Истилоҳи “иҷора” баъдан дар робита ба истифодаи пулакӣ ба амволи манзилӣ нақши муҳимро мебозид [6, с. 79-80].

Бояд қайд кард, ки КГ РСФСР дар с. 1922 тамоми муносибатҳои кирояи манзили истиқоматиро танзим наменамуд, меъёрҳои он пеш аз ҳама, шартномаҳои иҷораи манзилро, ки дар хонаҳои шӯроҳои маҳаллӣ баста мешуданд, ба танзим медаровард ва ба шартномаҳои иҷора, ки нисбати манзили истиқоматӣ, ки ба соҳибони манзил барои моликият ё рушд таалluқ доранд (фонди манзили инфиродӣ) дахл надошт.

Сарфи назар аз он, ки иҷораи амвол истифодаи пулакии амвол, аз ҷумла манзили истиқоматӣ мебошад, сиёсати пешгирифтаи давлати Шӯравӣ зарурати ҷудо кардани институти кирояи манзилро аз сохтори иҷораи амвол тақозо менамуд. Чунин усули танзими алоҳидаи ҳуқуқии кирояи манзил ҳангоми таҳияи Кодекси манзил дар с. 1923-1930 мавриди коркард қарор дода шудааст.

Диққати асосиро пешниҳоди П. Филина ва М. Липесткера ба боби алоҳидаи Кодекси гражданӣ бо номи “Асосҳои ҳуқуқии манзил”, ки дар он яке аз зербобҳояш кирояи манзилро танзим мекард [7, с. 434-497]. Баъди гузашти вақте М. Липесткер кирояи манзили истиқоматиро ҷузъи таркибии кирояи молу мулк эътироф кард [8, с. 112-137]. Соли 1948 мувофиқи фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС “Дар бораи ҳуқуқи шаҳрвандон ба харид ва сохтмони манзили истиқоматии инфиродӣ” [9] бори аввал ба соҳибони манзили истиқоматӣ иҷозат дод, ки соҳибони он шартномаҳои иҷора барои манзили истиқоматӣ банданд, ки он асоси бавуҷудоии шартномаи муосири иҷораи тиҷоратии манзили истиқоматӣ маҳсуб меёфт.

Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо соли 1961 бори аввал дар якҷоягӣ бо иҷораи амвол, “кирояи манзили истиқоматӣ”-ро муқаррар намуд. Ҳамзамон дар КГ РСФСР аз соли 1964, ки он аз ҳашт модда иборат буда, дар заминаи Асосҳои болозикр қабул шудааст.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои истифодаи пулакии манзили истиқоматии дигарон бо шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ (қаблан он шартномаи кирояи манзил номида мешуд) ба танзим дароварда шуданд ва ин муқаррарот дар охир шартномаи кирояи манзили истиқоматиро аз шартномаи кирояи молу мулк пурра ҷудо намуда, онро ҳамчун шартномаи мустақил муқаррар намуд.

Бо қабули КГ РСФСР дар с. 1964 институти шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ рушд ва инкишоф намуд. Боби 28 санади мазкур “Кирояи манзили истиқоматӣ” ном дошт. Ҳамин тавр, баъди чунин муқаррарнамоӣ дар илм баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омад, як гурӯҳи олимон (Ю.С. Василиев) ҳамчун шартномаи мустақил ҷудо намудани онро қобили қабул донистанд [10, с. 106], гурӯҳи дигари олимон (И.Г. Панайотов) ҳамчун институти мустақил эътироф намудани шартномаи кирояи манзили истиқоматиро рад намуда, онро мансуб ба доираи кирояи молу мулк донистанд [11, с. 63-71]. Дар ҳамин замина, қайд кардан бамаврид аст, ки Е.В. Садовникова низ андешаи ҳамчун институти

мустақил эътироф шудани шартномаи кирояи манзили истиқоматиро ҷонибдорӣ менамояд [6, с. 84-85].

Мафҳуми шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ дар м. 295 КГ РСФСР с. 1964 чунин муқаррар шуда буд: шартномаи кирояи манзил - созише мебошад, ки тибқи он як тараф (кироядеҳ) ӯҳдадор аст ба тарафи дигар (кироягир) ба ивази маблағ манзили истиқоматиро барои истиқомат дар он диҳад [12]. Шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ консенсуалӣ, ҷуброншаванда ва зудбасташаванда (тибқи талаботи КГ РСФСР с. 1964 шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ дар хонаҳои шӯроҳои маҳаллӣ ба мӯҳлати 5 сол; дар хонаҳое, ки шаҳрвандон барои истифодабарӣ мегирифтанд ба мӯҳлати дар шартнома муқарраргардида) ва супоридани манзили истиқоматӣ барои истифодабарӣ, бо мақсади зиндагӣ кардан дар он дода мешавад.

Баҳсҳое, ки атрофи ин масъала дар илм ҷой дошт, баъди қабули Асосҳои қонунгузории манзили ИҶШС дар с. 1981 ва КМ ФР дар с. 1983 ба итмом расид. Қисми зиёди манзили истиқоматӣ дар давраи шӯравӣ ба давлат тааллуқ дошт, сарфи назар аз он, ки тибқи м. 5 КМ ФР дар с. 1983 фонди манзил на танҳо манзили истиқоматӣ дар биноҳои моликияти давлат, балки манзили истиқоматӣ дар биноҳои ба колхозҳо ва ташкилотҳои кооперативӣ, иттиҳодияҳои онҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, совхозҳо ва дигарҳо иттиҳодияҳои кооперативии давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо (фонди манзили ҷамъиятӣ), кооперативҳои сохтмони манзил дахлдоштаро муқаррар менамуд. КМ РСФСР зиёда аз 20 сол амал кард ва асоси механизми татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони шӯравӣ ба манзил гардид. Ғайр аз он, КМ РСФСР дар тӯли зиёда аз 10 сол дар доираи низоми ҳуқуқӣ бо тағйироти ночиз амал карда бошад ҳам, дар раванди мураккаби ислоҳоти сиёсати манзили давлати Шӯравӣ нақши назаррас дошт.

Баъди қабули Асосҳои қонунгузории манзили ИҶШС дар с. 1981 ҶШС Тоҷикистон низ КМ дар с. 1984 қабул намуд. Тибқи м. 56 КМ ҶШС Тоҷикистон шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ дар хонаҳои давлатӣ ва фонди манзили ҷамъиятӣ баста мешуд. Қисми 2, м. 12 ҳамин санад маҳдудиятҳоро ба соҳибмулки манзил муқаррар менамуд. КМ ҶШС Тоҷикистон нахустин санади кодификатсионие маҳсуб меёфт, ки муносибатҳоро вобаста ба кирояи манзили истиқоматӣ ҳамчун институти алоҳида муқаррар ва танзим менамуд.

Давраи Шӯравӣ бо он хусусияташ хос буд, ки муносибатҳои ҳуқуқии манзил дар қонунгузории кодификатсионӣ - Кодекси манзил танзими мустақили ҳуқуқии худро ёфт. Ин нишон медиҳад, ки муносибатҳои ҳуқуқии манзил барои соҳаи иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Кирояи манзил ба як институти мустақили ҳуқуқӣ табдил ёфт ва аз институти иҷора алоҳида баррасӣ карда шуд. Кодекси граждании Квебек боби алоҳида, яъне боби 4 “Кироя” номгузорӣ шудааст, ки мазмунан дар он кироя ва иҷора ҳаммаъно омадаанд [13].

Дар тамоми давраи Шӯравӣ вазифа аз он иборат буд, ки ҳар як оила бо хона таъмин карда шавад. Аммо “мушкили манзил” ҳанӯз ҳам ҳалношуда боқӣ монд. Шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ, ки ҳадафи он ба даст овардани даромад (фоида) буд, аз байн рафт ва шахсоне, ки чунин шартномаро мебастанд тибқи қонун манзилашон мусодира ва ё ин ки дигар чораҳои ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ мегардид. Дар давраи бозсозӣ шаҳрвандон бо роҳҳои зерин соҳиби манзил мешуданд: хусусигардонӣ; сохтмони манзилӣ; хариду фурӯш ва тибқи тартиб ба мерос гузоштан ё ин ки тибқи қонун ҳадя намудан.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки инкишофи падидаи иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони шӯравӣ суст ба назар мерасад, зеро дар замони шӯравӣ тамоми моликият, моликияти давлатӣ эътироф гардид ва моликияти хусусӣ рад карда мешуд. Аз ҳамин нуқтаи назар инкишофи падидаи мазкур дар ин вақт суст ба назар мерасид. Дар замони шӯравӣ низ падидаи мазкур тавассути қонунгузории гражданӣ танзим мешуд, танҳо дар солҳои охири давраи шӯравӣ бо қабул гардидани Асосҳои қонунгузории манзил дар соли 1981 муносибатҳо дар ин самт рӯ ба афзоиш ниҳод.

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ду роҳи асосии ҳалли мушкилоти қонеъ кардани талаботи манзилии шаҳрвандон мавҷуд буд: маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки бо роҳи маъмурӣ тақсимот анҷом дода мешуд ва гражданӣ-ҳуқуқӣ, ки истифодаи манзили истиқоматӣ дар асоси

шартномаи иҷора муқаррар менамуд. Бо қабул гардидани аввалин санади кодификатсионӣ Кодекси граждании РСФСР дар соли 1922 муносибатҳо вобаста ба соҳибӣ ва истифодабарии манзилҳои бегона дар шартномаи кироя (иҷора) танзим гардид. Масъалаҳои шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ дар боби 3 кирояи молу мулк муқаррар карда шуд. Дар ҳамин замина қайд кардан бамаврид аст, ки дар ном ва на дар матни боб қонунгузорӣ истилоҳи "иҷора"-ро муқаррар наменамуд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Декрет II Всероссийского съезда Советов, см.: Декреты Советской власти. Т. I. – М., 1957.
2. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая: договоры о передаче имущества. М.,Статут., 200б. – 671с..
3. Юпшонтов Л.Я., Поспелова Г.М. Московский дом. – М., Наука. 1999. – 230с..
4. Жилищные законы // Под ред. В.И. Вегер. – М., 1927. – 522с.
5. Бронштейн Н.И. Гражданский кодекс РСФСР. Комментарии // Под ред. А.Г. Гойхбарга, К.С. Перетерского, З.Р. Треттенбори. ТА. – М.-И, 1924. – 458с.
6. Вишневская И.С., Селиванова Е.С. Договор коммерческого найма жилого помещения (история и современность). Ростов-на-Дону., 2002. – 166с.
7. Садовникова Е.В. Проблемы правового регулирования договора коммерческого найма жилого помещения: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – 120с.
8. Курс советского хозяйственного права / Под ред. М.Н. Доценко, Т. 2. – 577с.
9. Гражданское право. Коллектив ВИЮН, Т. 2. – 490с.
10. Указ Президиума Верховного Совета СССР от 26 августа 1948 "О праве граждан на покупку и строительство индивидуальных жилых домов" // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1948. – №36.
11. Васильев Ю.С. О договоре жилищного найма // Советское государство и право. – 1959. – №9. – 230с.
12. Панайотов И.Г. Советское гражданское право. Т.2. – М., 1976. – С. 115; Советское жилищное право. – Минск, 1968. – 290с.
13. Гражданский кодекс РСФСР от 11.06.1964 // СПС Консультант Плюс. Версия Проф (в ред. от 24.12.1992, с изм. и доп. от30.П. 1994., от26.01.1996., от 14.05.2001).
14. Гражданский кодекс Квебека: Пер. с англ. и фр. – М.: Международный центр финансово-экономического развития, 1999.



**Аннотатсия**

**Таърихи ташаккул ва инкишофи танзими ҳуқуқии иҷораи манзили истиқоматӣ дар давраи шӯравӣ**

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи граждании иҷораи манзили истиқоматӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ба таври васеъ мавзӯи мазкурро таҳлил намудааст. Дар инҷо таърихи ташаккул ва инкишофи падидаи иҷораи манзили истиқоматӣ дар замони шӯравӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.



**Аннотация**

**История становления и развития правового регулирования аренды жилого помещения в советский период**

В статье анализируется одна из самых актуальных проблем гражданского права - аренда жилья. Автор подробно проанализировал данную тему с использованием юридической и законодательной литературы. Здесь анализируется история становления и развития феномена арендного жилья в советское время.

**Annotation**

**History of formation and development of legal regulation of the residential rental in the soviet period**

The article analyzes one of the most pressing problems of civil law - rental housing. The author analyzed this topic in detail using legal and legislative literature. It analyzes the history of the formation and development of the phenomenon of rental housing in Soviet times.



**УДК:** 349.222.2.
**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
*н.и.ҳ., сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: bgoib@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-94-87-73.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР БОРАИ ҲАДДИ АҚҚАЛИ СИННИ БА КОР ҚАБУЛ КАРДАН

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои меҳнатӣ; шартномаи меҳнатӣ; ҳадди аққали синни ба кор қабул кардан; синну сол; истиқлолият; санадҳои байналмилалӣ.*

***Ключевые слова:*** *трудовые отношения; трудовой договор; минимальный возраст для приема на работу; возраст; независимость; международные акты.*

***Keywords:*** *labor relations; labor contract; minimum age for employment; age; independence; international acts.*

Дар низоми қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон муҳимтарин манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва бевосита ба онҳо алоқаманд Кодекси меҳнат ба ҳисоб рафта, баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст.

Сабаби асосии таваҷҷуҳи бепоён ба баъзе масъалаҳо дар бораи ҳадди ақкали синни ба кор қабул кардан дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ дар он аст, ки меҳнат, ҷузъи ҳаёти инсонӣ буда, ҳаёти ҷомеаи муосирро бе он тасаввур намудан номумкин аст. Меҳнат ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон буда, дар пешрафти ҷомеа накши ҳалкунанда дорад. Дар баробари инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва мураккаб гаштани муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеа, нуфуз ва саҳми қонунгузорӣ оид ба меҳнат бештар мегардад. Дар ҳаёти имрӯза накши давлат дар идора намудани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (иқтисод, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва диг.), ҳалли умдатарини проблемаи ҳаёти инсонӣ, инчунин, таъмини қонуният дар муносибатҳои меҳнатӣ, муҳим аст.

Агар ба ҳадди аққали синни ба кор қабул кардан солҳои 1940-1980 аҳамият диҳем, он ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлати сотсиалистӣ тавсиф дода мешуд, ки он то пош хӯрдани давлати шӯравӣ амал карда, заминаи инкишофи қонунгузориҳои нав оид ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Аввалин санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки дар он меъёру муқаррарот оид ба муносибатҳои меҳнатӣ пешбинӣ шуда буд, Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1940 маҳсуб меёфт, ки дар аввали соли 1940 бо забони русӣ ва январи соли 1941 бо забони тоҷикӣ нашр гардидаанд.

Тибқи моддаи 135 Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1940 шахсони аз 16-сола хурдро ба кор қабул кардан манъ карда мешавад.

Эзоҳ. Дар мавридҳои ҷудогона ба инспекторҳои меҳнат ҳуқуқ дода мешавад, ки дар асоси тавсияҳои махсуси аз тарафи ВЦСПС нашр мешудагӣ барои ба кор даромадани хурдсолоне ки аз 14 – сола хурд намебошанд, иҷозат диҳад.

Тибқи моддаи 136 барои шахсони аз 16-сола хурди кайҳо ин тараф дар корхонаҳо кор карда истода ё дар асоси эзоҳи моддаи 135 аз нав дохилшуда рӯзи кории 4-соата муқаррар карда мешавад.[1]

16 июни соли 1972 Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон дар Сессияи сеюми Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати ҳаштум, бо Қарори Совети Олии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Моддаи 180 Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1972, синну соле, ки пас аз расидан ба он ба кор қабул кардан мумкин аст, шонздаҳсоларо муқаррар намудааст.

Дар мавридҳои мустасно, бо розигии комитети иттифоқи касабаи корхона, муассиса, ташкилот шахсоне, ки синнашон ба понздаҳ расидааст, ба кор кабул карда шуданашон мумкин аст. (Мувофиқи Указ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 26 июли соли 1984).[1]

Хулоса, дар ҳудуди ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ (ИҶСШ-СССР) ҳадди аққали синни ба кор қабул намудан аз 16 солагӣ ва дар ҳолатҳои истисноӣ аз 15-солагӣ муқаррар шуда буд.

Дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта, вақте ки Тоҷикистон акнун ба истиқлолият расида буд, дар раванди он шаҳрвандони давлати соҳибистиқлол нахустин пояҳои бинои давлатдории муосири худро месохтанд. Аммо дере нагузашта бадхоҳону хоинони миллати тоҷик кишвари моро ба низоъи дохилӣ, муқовимати сиёсӣ ва мухолифати мусаллаҳона гирифтор карда, дар як муддати кӯтоҳ Тоҷикистони тозаистиқлолро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашиданд.

Дар он рӯзҳо Конститутсия ва қонунҳои мамлакат зери по шуда буданд ва ҳеҷ кас ба шаҳрвандон кафолати зинда монданро дода наметавонист. Ҷанги даҳшатноки таҳмилӣ, ки қариб панҷ сол идома ёфт, боиси ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони мо, гуреза шудани зиёда аз як миллион нафар ҳамватанонамон ва харобу валангор шудани даҳҳо ҳазор манзили зист, мактабу беморхона ва дигар муассисаҳои иҷтимоиву иншооти ҳаётан муҳим гардид. Бефарзанду бесаробон мондани даҳҳо ҳазор нафар модарону занон ва ятим шудани даҳҳо ҳазор кӯдакон зарбаи даҳшатноку ҷубронопазири он фоҷиаи ба сари мардуми мо омада буд.[3]

Бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии охири солҳои 90-уми асри XX маҷбур сохт, ки фарзандони бесаробонмондаи даҳҳо ҳазор нафар модарону занон ва ятим шудани даҳҳо ҳазор кӯдакон зарбаи даҳшатноку ҷубронопазири он фоҷиаи ба сари мардуми кишвар омада буд. Ҳамзамон бо ин, бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии охири солҳои 90-уми асри XX маҷбур сохт, ки фарзандони бесаробонмонда барои бо маводи ғизоӣ таъмин намудани оилаи бесаробонмонда сарсону саргардон ва ба меҳнати беарзишу ғайриқонунӣ машғул мешуданд (аз ҷумла, мошиншӯйӣ, боркашонӣ, борфарорӣ ва ғайра).

Дар он давраҳо манбаи танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва бевосита ба онҳо алоқаманд Кодекси қонунҳои оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1972 ба ҳисоб мерафт, ки он ба талаботи сохти нави давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатӣ ҷавобгӯ набуд.

Вобаста ба ин, зарурати қабули бахши муҳими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ оид ба меҳнат ба миён омад.

15 майи соли 1997 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва 11 июни соли 1997 мавриди амал қарор дода шуда буд.

Мутобиқи моддаи 27, ки сухан дар бораи тарафҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ мерафт, шаҳрванде, ки ба синни понздаҳсолагӣ расидааст, метавонад чун корманд, тарафи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бошад. Хонандагоне, ки ба синни чордаҳсолагӣ расидаанд, метавонанд тибқи ҳолат ва тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур (моддаи 174, қисми дуюм) шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ банданд.[4]

Ба ақидаи мо, шояд гурӯҳи кории лоиҳаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони 15 майи соли 1997 қабул ва 11 июни соли 1997 мавриди амал қарордодашуда барои бо маводи ғизоӣ таъмин намудани оилаи бесаробонмонда ва барои роҳандозӣ намудани мубаризаи самаранок бо ҷинояткориро ба инобат гирифта, чунин меъёрро пешбинӣ намудаанд.

Ноилшавӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол пазируфташавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, устувор гардидани сулҳу суботи дохилӣ ва инкишофёбии соҳаҳои хоҷагидориву, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар оварда расонида, аз ҷумла ба ташаккули бахши муҳими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ оид ба меҳнат бетаъсир намонд.

Такмили давлати соҳибистиқлол дар раванди солҳои минбаъда дигаргуниҳои куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқиро ба миён овард, ки тақозои муҷадади қанунэҷоднамоиро талаб менамуд. Зеро, солҳои минбаъда зарурат ба эҷоди ҷадиди як қатор қонунгузорӣ эҳсос гашт, қабл аз ҳама эҷоди қонунгузорӣ оид ба меҳнат.

Кодекси меҳнати феълан амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст. Кодекси мазкур аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун аз Кодекси қаблӣ тафовути назаррас дорад. Аммо ҳадди аққали синни ба кор қабул кардан тағйир наёфт.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 21 КМ ҶТ, ҳуқуқи бастани шартномаи меҳнатиро он шахсоне доро мебошанд, ки ба синни 15 расида бошанд. Ҳамзамон бо риояи шарту талаботҳои дар КМ ҶТ пешбинишуда, бо шахсони ба синни 14 расида бастани шартномаи меҳнатӣ низ иҷозат дода шудааст (қ.3 м.21 КМ ҶТ).

Дар ҳолатҳои истисноӣ баҳри омодасозӣ ба меҳнати истеҳсолӣ ва бо дарназардошти ҳифзи саломатӣ, камолоти ҷисмонӣ ва рӯҳии талабагони муассисаи таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро, ки ба синни чордаҳ расидаанд, ба кор қабул намудан мумкин аст, бо шарте, ки: якум, кори аз ҷониби чунин шахс иҷрошаванда ба гурӯҳи корҳои сабук мутааллиқ бошад; дуюм, кори иҷрошаванда ба саломатии ӯ зарар нарасонад; сеюм, иҷрои чунин кор раванди муътадили таълими (таҳсили) хонандаро халалдор насозад; чорум, барои иҷрои чунин кор розигии яке аз волидон ё шахсони ивазкунандаи онҳо гирифта шуда бошад.[3]

Шояд бархе аз шахсон дар он ақидаанд, ки меъёри муқарарнамудаи моддаи зикргардидаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат ба уҳдадориҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

Мо бар чунин ақида зид ҳастем, зеро меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи №138 "Дар бораи ҳадди ақҷали синни ба кор қабул кардан", ба мазмуни моддаҳои 2, 5, 6 ва 7 Конвенсия мутобиқат мекунад. Масалан, дар қисми 3 моддаи 2 Конвенсия муқаррар шудааст "синну соли ҳадди ақҷали дар асоси қисми 1 ҳамин модда муайяншуда набояд аз синни хатми таҳсилоти ҳатмӣ ва дар ҳар сурат на камтар аз понздаҳсола бошад".[4]

Бояд тазаккур дод, ки номутобиқатӣ дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чашм мерасад, қабл аз ҳама ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва ғайра.

Яке аз принсипҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ, маҳсуб меёбад, ки он дар моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[5] ва моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ҷой дода шудааст.

Мутобиқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таълими умумии асосӣ ҳатмӣ буда, тибқи қисми 4 моддаи 16, ки сухан дар бораи таҳсилоти умумӣ меравад, ба синфи якуми зинаи аввали таҳсилот ҷалб кардани кӯдаконе, ки ба синни 7 расидаанд, ҳатмӣ мебошад.[6]

Ноболиғи синни понздаҳ ва шонздаҳсола муҳасили синфи 8-9 мебошад ва ӯ амалан ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шуда наметавонад. Бояд қайд намуд, ки ворид шудани ноболигони синни то шонздаҳсола ба бозори меҳнат хоҳнохоҳ боиси аз мактаб дур мондан онҳо ва дар оянда барои идома додани таҳсилоти пурраи миёна, касбӣ ва олӣ монеа шуда метавонад.

Бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таълимгирандагон маълумоти миёнаи ҳатмиро, яъне синфи 9-ро дар синни шонздаҳсолагӣ хатм менамоянд, ноболиғи понздаҳсола дар як вақт ҳам таҳсилкунанда ва ҳам тарафи шартномаи меҳнатӣ буда наметавонад ва бар хилофи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф".[7]

Вобаста ба ин, метавон зикр намуд, ки таҷдиди назар кардани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқи мақсад мешуморем, зеро он ба меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"мутобиқ намебошад.

Хулоса, чунин таклифҳоро баҳри мутобиқ намудан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сархати ҳафтоду панҷуми қисми 1 моддаи 1 КМ ҶТ ва қисми 2 калимаи "понздаҳ" ба калимаи "шонздаҳ" ва қисми 3 моддаи 21 калимаҳои "чордаҳ" ба калимаҳои "понздаҳ", сархати чоруми кисми 1 моддаи 56 калимаи "понздаҳ" ба калимаи "шонздаҳ", сархати дуюми қисми 2 моддаи 74, ки сухан дар бораи давомнокии вақти корӣ меравад, рақами "14" ба рақами "15", сархати ҳаштуми қисми 2 моддаи 104, ки сухан дар бораи шартҳои пешниҳоди рухсатии меҳнатӣ барои соли аввали корӣ меравад, калимаи "чордаҳ" ба калимаи "понздаҳ", дар сархатҳои якум ва сеюми қисми 1 моддаи 211, ки сухан дар бораи давомнокии вақти корӣ барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида калимаҳои "чордаҳ" ба калимаҳои "понздаҳ", дар сархати якуми қисми 2 моддаи 217, ки сухан дар бораи хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ меравад, калимаҳои "чордаҳ" ба калимаҳои "понздаҳ"ва дар қисми 2 моддаи 222, ки сухан дар бораи кафолат нисбати занон ва дигар

шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда меравад калимаҳои "чордаҳ" ба калимаҳои "понздаҳ" иваз карда шаванд.

Инчунин, дар мазмуни банди 3 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи Тартиби бастани шартномаи шогирдӣ аз 30 декабри соли 1998, №528 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 17. 03. 2017, №134) калимаи "чордаҳсолагӣ" ба калимаҳои "понздаҳсолагӣ" иваз карда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Бобокалонов Ғ. М. Маҷмӯаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон. (1940-2020). – Душанбе: ДМТ, Нашриёти «Сино», 2020. – С. 53.
2. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар шаҳри Конибодом. 27.06.2018 20:22, шаҳри Конибодом Маводи электронӣ. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/17918; https://maorif.tj/prezident-va-maorif/ suhanronii-peshvoi-millat-emomal-ramon-ba-iftihori-rzi-vadati-mill-dar-shari-konibodom. (санаи муроҷиат 01.04.2021).
3. Бобокалонов Ғ. М. Маҷмӯаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Тоҷикистон. (1940-2020). – Душанбе: ДМТ, Нашриёти «Сино», 2020. – С. 309-310.
4. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри сеюми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Нашриёти , 2021. – 848 с.
5. Конвенсияи №138/146 (Женева, 6 июня 1973 г.) дар бораи синни ҳадди аққали қабул ба кор. 11/26/1993. [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/ document?moduleId=1&documentId =27589 (санаи воридшавӣ 01.03.2021).
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Нашриёти Ганч», 2016. – С.21.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (санаи муроҷиат 02.03.2021).



**Анататсия**

**Баъзе масъалаҳо дар бораи ҳадди аққали синни ба кор қабул кардан**

Мақолаи манзуршуда баъзе масъалаҳо дар бораи ҳадди аққали синни ба кор қабул карданро дарбар гирифта, ҳамчун яке аз муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, таҳқиқ шудааст. Ба ин мақсад таҳлили он дар доираи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода шудаанд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи Тартиби бастани шартномаи шогирдӣ аз 30 декабри соли 1998, №528; Конвенсияи №138 "Дар бораи ҳадди аққали синни ба кор қабул кардан" ва адабиётҳои олимони ватанӣ. Инчунин дар мақола таклифу пешниҳод доир ба қонунгузорӣ оид ба меҳнат манзур шудааст.



**Аннотация**

**Некоторые вопросы о минимальном возрасте для приема на работу**

В данной статье рассматриваются некоторые правовые вопросы о минимальном возрасте для приема на работу, как одного из трудовых правоотношений. С этой целью был проведен его анализ в рамках следующих нормативных актов: Конституция Республики Таджикистан 1994 года; Трудового кодекса Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года; Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22 июли соли 2013, №1004; Постановление Правительства Республики Таджикистан об утверждении Порядка заключения ученического договора от 30 декабря 1998 года №528; Конвенция №138 «О минимальном возрасте для приема на работу» и отечествение литературы ученных. В статье также содержатся предложения по трудовому законодательству.

**Annotation**

**Some questions about the minimum age for employment**

This article discusses some legal issues about the minimum age for employment, as one of the labor relations. For this purpose, its analysis was carried out within the framework of the following normative acts: the Constitution of the Republic of Tajikistan of 1994; Labor Code of the Republic of Tajikistan dated July 23, 2016; Law of the Republic of Tajikistan "On Education" dated July 22, 2013, No. 1004; Decree of the Government of the Republic of Tajikistan on approval of the Procedure for concluding a student agreement dated December 30, 1998 No. 528; Convention No. 138 "On the Minimum Age for Admission to Employment" and the fatherland of the literature of scientists. The article also contains proposals for labor legislation.

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО



**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-41-50-50.*



**Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: tojidinov_9898@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-25-26-30.*

# ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚ БА ҚИТЪАИ ЗАМИН ДАР ДАВРАИ ДАВЛАТДОРИИ СОМОНИЁН

**Калидвожаҳо:** *замин; қитъаи замин; истифодаи қитъаи замин; давлати Сомониён; муносибатҳои заминистифодабарӣ; заминҳои давлатӣ, заминҳои хусусӣ, шартномаи иҷораи қитъаи замин; қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ.*

**Ключевые слова:** *земля; земельный участок; пользование земельным участком; государство Саманидов; отношения землепользования; государственные земли; частные земли; договор аренды земельного участка; прекращение права землопользования.*

**Keywords:** *land; land plot; land use; state of the Samanids; land use relations; state lands; private lands; land lease agreement; termination of land use rights.*

Ташаккул ва рушди низоми қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба принсипҳои таърихӣ асос ёфта, анъанаҳои миллӣ, таҷрибаю усулҳои заминистифодабарӣ, ки дар мамлакатамон аз замонҳои қадим ба миён омадаанд, бо дарназардошти шароити муосир ва талаботи замон ба назар гирифта шавад [5, с. 105]. Аз ин лиҳоз таҳлили масъалаи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Ба андешаи мо дар тӯли таърих ва раванди ташаккул, низом, намуд, шаклҳои моликият ба қитъаи замин тағйир ёфта, танзими муносибатҳои заминистифодабарӣ, бахусус қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ пайдо мегардад. Баррасии масъалаи танзими ҳуқуқии қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро дар шароити муосир аз таҳқиқи заминаҳои таърихие шурӯъ бояд кард, ки онҳо таҳкурсии асосиро дар самти инкишофи минбаъдаи падидаи мазкур гузоштаанд.

Тавре, ки муҳаққиқи ватанӣ Ф.С. Сулаймонов қайд мекунад: «Тамоми институтҳои ҳуқуқӣ дорои таърихи худ буда, дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ба миён омадаанд» [7, с. 30]. Пас, дуруст аст, ки дар таҳлили дилхоҳ падидаҳои ҳуқуқӣ ҷанбаи таърихии он мавриди баррасӣ қарор гирад. О.У. Усмонов ин масъаларо чунин навишта буд: «Мушкилоти такмили қонунгузорӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро бидуни дониши амиқи таърихӣ, махсусан таърихи соҳаҳои ҳуқуқ таҳлил ва ҳал кардан ғайриимкон аст» [8, с. 42].

Ҳамин тавр ба хулосае омадан мумкин аст, ки масъалаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин сараввал аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирад. Барои аз диди таърихӣ баррасӣ ва таҳқиқ намудани дилхоҳ падида зарурият пеш меояд, ки он давра ба давра омӯхта шавад. Дар ин асос мо масъалаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро дар

замони давлатдории Сомониён ба риштаи таҳлил хоҳем кашид.

Муносибатҳои заминистифодабарӣ ҳамчун анъана аз давраҳои ибтидоии давлатдории тоҷикон яке аз масъалаҳои мубрам ва марказӣ маҳсуб меёфт. Минбаъд он ҳам дар давраи давлатдории хонадони Сомониён идома ёфта, бевосита ба таври васеъ инкишоф ёфта, рушд менамояд. Ба андешаи таърихшинос ва шарқшиноси тоҷик - устод Б.Ғ. Ғафуров асри X давраи феодализми мутараққӣ мебошад. Давлати Сомониён давлати феодалие буд, ки манфиати заминдорону тоҷирони калонро дастгирӣ менамуд. Аз ҳамин сабаб зикри равнақи хоҷагӣ, ривоҷи зироаткорӣ, косибӣ ва муомилоти пулӣ ҳаргиз чунин маъно надорад, ки ин равнаку ривоҷ боиси беҳтар шудани аҳволи аҳли меҳнат мешуда бошад [2, с. 408].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони давлатдории Сомониён молики асосии замин ва об давлат буд. Яъне, сарватҳои табиӣ дар моликияти давлатӣ қарор дошт. Он танҳо бо тарзу усулҳои мавҷуда таҳти истифодабарӣ ва моликиятдории як гурӯҳи муайяни одамон мегузашт.

Аз омори дар сарчашмаҳои хаттӣ маҳфузмонда ва таҳқиқотҳои нумизматикӣ, ки то як андоза оид ба заминдории асри IX-X шаҳодат медиҳанд, заминдориро аз рӯи намуд ва хусусияташон чунин табақабандӣ кардан мумкин буд:

1. Заминҳои «мулки султонӣ». Дар Шарқи феодалӣ заминҳои шоҳонро аз заминҳои давлатӣ ҷудо кардан душвор аст. Захираи замини давлатӣ хеле бузург буд. Ба ин қисми заминҳо асосан заминҳои кишоварзони деҳот дохил мешуд. Гузашта аз ин, Исмоили Сомонӣ барои наслҳои ояндааш заминҳои бисёре аз ҳар гӯшаи кишвар харида буд, ки андозу даромадҳои дигар тариқи девонҳо ҷамъоварӣ мешуданд ва онҳоро «милки девонӣ» низ мегуфтанд, ки назорат аз болои онҳо ба зимаи девони «аз-зиё» буд.

2. Заминдории хусусӣ – «милк»-е, ки шахсан ба хонаводаи Сомониён, деҳқонон, намояндагони табақаи болоии рӯҳонӣ, амалдорон ва сардорони лашкар тааллуқ доштанд.

3. Заминҳои вақф, ки дар амал мулки абадии рӯҳониён буданд ва манфиати онҳоро табақаи болоии рӯҳонӣ медид. Аз он лиҳоз, ки заминҳои вақф бениҳоят зиёд буданд, барои идораи онҳо сохтори махсус – «девони вақф» ташкил шуда буд. Ин заминҳо сарчашмаи пайдоиши даромади феодалҳои рӯҳонӣ шуданд, ки иқтидори онҳоро тақвият мебахшид [5, с. 104-105].

Б.Ғ. Ғафуров зикр намудаанд, ки соҳиби асосии обу замин давлат ва феодалҳои калон буданд. Аз ҳамин сабаб заминҳоро ба заминҳои давлатӣ, феодалӣ, мулкӣ ва вақф тақсим намудаанд. Андешаи мазкур аз ҷониби гурӯҳи дигари муҳаққиқон низ тасдиқ гардидааст [10, с. 113].

Муносибатҳои заминистифодабариро дар замони давлатдории Сомониён бе асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи заминистифодабарӣ тасаввур намудан номумкин аст. Аз ин рӯ, қабл аз ҳарф задан оид ба масъалаи қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ, сараввал муайян намудани асосҳои ба даст овардани ин ҳуқуқро низ муҳим арзёбӣ менамоем.

Тавре ки дар боло зикр намудем, молики асосии обу замин дар замони Сомониён пеш аз ҳама давлат буд. Аксари заминҳои корам ва серҳосил таҳти моликияти давлат қарор дошт. Давлати Сомониён ҳамчун давлати феодалӣ бештар манфиати феодалону тоҷиронро ҳимоя мекард. Ҳамин тавр, давлат барои истифодаи босамари заминҳо онро ба феодалон, кишоварзон, сарлашкарон ва дигар табақаҳои амалдору эҳтиёҷманди ҷамъият ба таври музднок ва бемузд медод.

Кишоварзӣ асоси иқтисодиёти давлати Сомониёнро ташкил медод. Дар аҳди Сомониён ғайр аз мулкҳои ғайришартӣ, инчунин, мулкҳои шартӣ, заминдории шартии феодалӣ низ мавҷуд буданд, ки бар ивази хидмат инъом мешуданд. Дар замони ҳукмронии Сомониён дар Осиёи Марказӣ ду навъи инъом: туъма ва иқтаъ вуҷуд дошт. Яъне, яке аз асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи заминистифодабарӣ инъомот ба ҳисоб мерафт. Он асосан ба сарлашкарон ва амалдорони дарбор барои ноил гардидан ба муваффақиятҳо дар пешбурди умури давлатдорӣ дода мешуд. Дар ибтидо инъом танҳо ба аҳли худи сулолаи Сомониён дода мешуд ва дар нимаи дуюми асри X бошад инъом ба амалдорони оддӣ, ҳатто ба амалдорони хурд низ дода мешуд.

Тафовути туъма аз иқтаъ дар он зоҳир мегардид, ки он ба туъмадор ба таври умрбод дода мешуд. Туъмадор пас аз ҳуқуқдор гардидан ба ин ё он қитъаи замин онро то лаҳзаи охири умр истифода мебурд. Ҳамзамон аз он даромад мегирифт ва аз он як миқдор хироҷ месупурд, вале ҳуқуқи ба мерос гузоштани замини туъмаро надошт.

Иқтаъ бошад баръакси туъма ба таври меросӣ ба иқтаъдор инъом мешуд ва дар як вақт иқтаъдор соҳиби замини инъомшуда пазируфта мешуд. Нисбат ба он ки иқтаъ ҳамчун моликияти меросии иқтаъдор мегардид, ал-Хоразмӣ котиби вазири Сомониён чунин маълумот додааст: «иқтаъдор дар асри X амалан ба ҳуқуқҳои калон молик гардид ва худ иқтоъ ҳатто меросӣ шуд». Инъомот дар давраи аввал дар шакли маҳдуд сурат мегирифт. Яъне, ба амалдор, ашроф ва ё намояндаи сулола танҳо ягон деҳа бо заминҳои гирду атрофаш инъом мешуд. Аммо бо гузашти вақт доираи амалишавии инъомот васеъ гардида, ҳатто шаҳре ё вилояте мавриди инъом қарор мегирифт.

Албатта, инъомоти шаҳр ва ё вилоят дар замони давлатдории Сомониён бесабаб набуд. Тавре ки сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, дар аҳди Сомониён қариб нисфи пули давлат барои маоши хизматчиён ва ҳарбиён сарф мешуд. Дар ҳолатҳое, ки ба амалдорони калон имкони додани маош мавҷуд набошад, ба ивази он ба вай мулке инъом мегардид. Масалан, Нӯҳи Сомонӣ ба ғуломи туркӣ – ходими дарбор Бакр ибни Малик шаҳри Насробод, воқеъ дар шарқи Фарғонаро инъом намуда буд. Ҳамин тавр, мулкҳои инъомшуда бо ҷумлаи заминҳои дар он мавҷудбуда ба моликияти ҳамон ҳокими музофот мегузашт ва он ҳақ дошт, ки ин заминҳоро дар навбати худ ба дигар шахсон низ инъом намояд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки давлат дар натиҷаи инъомоти замин ба амалдорон ва ё сарлашкарон ҳуқуқи молкиятии худро аз даст медод. Дар навбати дигар дар натиҷаи инъом намудани ин заминҳо аз ҷониби ҳокими музофот ба ашхоси дигар моликони нави замин низ пайдо мегардиданд.

Инъомоти замин барои давлатдории Сомониён танҳо ва танҳо зарари воқеӣ буд. Зеро ки аввалин шуда мулкҳои мавриди инъом қароргирифта ба мулкҳои саркашу мустақил табдил ёфта, ҳамеша барои ҳифзи манфиатҳои худ бо ҳокимияти марказӣ дар тазоду мухолифат қарор мегирифтанд. Аз ин лиҳоз ҳукумати Сомониён ҷанбаҳои манфии инъомоти заминро пай бурда, кӯшиш менамуданд, ки минбаъд барои пеш бурдани умури давлатдорӣ воситаҳои дигареро ба кор баранд, то ин ки заминҳо ба истифодаи меросии амалдорон табдил наёбад.

Дар асоси маълумотҳои боло муайян намудан мумкин аст, ки ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар намуди инъоми туъма муҳлатнок буда, истифодаи он то охири умри туъмадор идома ёфта, ин ҳуқуқ бо баробари вафоти соҳиби он қатъ мегардид. Аммо қатъ гардидани ҳуқуқ ба истифода бурдани заминҳои инъомшуда дар намуди иқтаъ, ки меросӣ буд, танҳо дар натиҷаи кушта шудани ҳокими музофот ҳангоми мухолифат ва мубориза бо ҳокимияти марказӣ ба амал меомад.

Дар замони давлатдории Сомониён заминҳои «мулки султонӣ», яъне заминҳое, ки ба аҳли хонадони Сомонӣ тааллуқ доштанд, инчунин, заминҳои хусусие, ки ба амалдорон ва сардорони лашкар мансуб буданд, аз ҷониби кишоварзони иҷоракор мавриди истифода қарор мегирифт. Зеро шакли паҳншудатарини заминдории феодалӣ ин ба иҷора додани он буд. Ин андешаро Ш.Г. Азимов дастгирӣ карда чунин менависад: «Асоси муносибатҳои заминистифодабарӣ дар шакли мутамарказ буда, яке аз намудҳои ба истифода додани замин аз ҷониби ашрофон бо роҳи иҷора сурат мегирифт» [1, с. 150]. Дар ин асос ба боварии комил гуфта метавонем, ки асоси дигари ба даст овардани ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар замони Сомониён ин ба иҷора гирифтани заминҳои киштшаванда маҳсуб шуда, дар як вақт он асоси дигари қатъ гардидани ин ҳуқуқ низ шуда метавонист.

Зикр кардан зарур аст, ки муносибатҳои иҷоравӣ оид ба замин дар асоси шартномаи иҷора миёни заминдорон ва деҳқонон ба амал бароварда мешуд. Муносибатҳои иҷоравӣ асосан ба заминҳои давлатӣ паҳн мегардид. Ҳамин тавр, заминдорони калон ба деҳқонони безамину камзамин бо шартҳои муайян мулкҳояшонро ба иҷора дода, дар ивази хизмат ба онҳо ҳаққи ночизе медоданд.

Азбаски қариб тамоми заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар дасти амир муттаҳид шуда буд, табиист, ки амир маҷбур буд, ки барои ба даст овардани фоида ва ба гардиш даровардан заминро ба иҷора диҳад. Ин омил боиси пайдо шудани муносибатҳои иҷоравӣ дар бахши заминҳои таъиноти кишоварзӣ гардид [6, с. 32].

Доир ба ин масъала И.Д. Сафаров бошад чунин қайд менамояд: «заминдорони калон заминҳоро ба қитъаҳо тақсим карда, ба кишоварзон тибқи шартномаи иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ барои истифода медоданд. Иҷорагир ҳамчун музд аз 1/7 ё 1/6 ҳиссаи ҳосилро мегирифт. Заминдор ҳуқуқ дошт, ки ба иҷорагир тухмӣ ва воситаҳои шудгор, мисли гови ҷуфтӣ диҳад. Вобаста ба шартҳои иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ агар иҷорагир барзагов, воситаҳои шудгор ва

тухмӣ медошт 1/3, 1/4 ва ҳатто 1/5 ҳосилро мегирифт» [4, с. 114–115].

Ҳарчанд ки истифодабарии заминҳои киштшаванда аз ҷониби деҳқонон дар асоси шартномаи иҷора маъмул буд, вале бо ин роҳ истифода бурдани заминҳо аксаран на ба манфиати онҳо, балки ба зарари онҳо анҷом меёфт. Масалан, дар ибтидо деҳқонон агар аз ду як ҳиссаи ҳосилро мегирифтанд, минбаъд бо афзудани мақоми иҷора онҳо аз се як ҳиссаи ҳосилро мегирифтанд. Сипас ин оҳиста - оҳиста ба чоряккору панҷяккор созмон додани деҳқонон оварда расонид.

Бояд қайд кард, ки шартномаи иҷораи заминҳои киштшаванда бо сабабе, ки шартҳои гарону вазнинро ба зимаи деҳқонон вогузор менамуд, он на беҳбудии вазъи зиндагии деҳқонон, балки ба беҳбудии вазъият ва манфиати заминдорон амалӣ карда мешуд. Аз ин рӯ, он бинобар сабабе, ки аҳволи зиндагии деҳқонони безамину камзаминро беҳ наменамуд, дар ин ё он муҳлати кӯтоҳ қатъ мегардид. Ҳамин тавр, деҳқонон бо сабаби имконнопазирии истифодаи минбаъдаи ин заминҳо аз рӯи шартҳои шартномаи иҷора аз истифодаи он даст мекашиданд, ки дар натиҷа ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар нисбати онҳо қатъ мегардид.

Мавриди зикр аст, ки қатъ гардидани ҳуқуқи деҳқонон ба истифодаи замин бевосита ба истисмори онҳо алоқамандӣ дошт. Дар ин маврид ба андешаи А.А. Мухторов метавон розӣ шуд, ки чунин зикр менамоянд: «ҳамаи ин тадбирҳо хонаи деҳқонони бебизоатро боз ҳам хароботар менамуд. Аммо барои рӯзгузаронӣ шуда, онҳо аз побандии хӯҷаин дур намешуданд. Афзудани шумораи иҷоракорон нархи заминро боло бурда, обрӯи мулкдорро меафзоёнд. Деҳқонон қашшоқ мешуданд. Зулму истисмори пурзӯри феодалӣ косаи сабри оммаи халқро лабрез намуда, боиси сар задани шӯришҳои халқӣ мегардид» [3, с. 164-165].

Дигар асоси қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар замони Сомониён ин аз ҷониби деҳқонон муттаҳид намудани заминҳои худ бо заминҳои феодалони калон маҳсуб меёфт, ки он ҳатто боиси аз даст рафтани милки хусусии онҳо мегардид. Масалан, баъзе аз деҳқонони камбағал ба умеди нигоҳ доштани замини худ, онро ба мулкҳои заминдорони калон ҳамроҳ карда, ба зери «ҳимояи» феодалон медаромаданд. Феодалон бошанд, чунин заминҳоро ба осонӣ аз они худ карда, соҳибони онҳоро ба худ тобеъ мекарданд [3, с. 164]. Ҳамин тавр, соҳибони ин заминҳо дар натиҷаи тобеият ба феодалони калон, ҳуқуқи минбаъд истифода бурдани қитъаи замини худро бо мурури замон аз даст медоданд.

Дар замони давлатдории Сомониён дар баробари шартномаи иҷора, инчунин шартномаи ҳадя, кафолат, ҳаволат, музораа ва ғайра вуҷуд дошт, ки ҳар кадоме аз онҳо асоси пайдоиши муносибатҳои молу мулкӣ ба ҳисоб мерафтанд [9, с. 180]. Дар ин маврид яке аз онҳо ин шартномаи ҳадя мебошад, ки дар асоси он як тараф молу мулк, аз ҷумла қитъаи замини худ ё қисми ин қитъаи заминро барои истифодабарӣ ба моликияти тарафи дигар таҳвил медод. Албатта, гуфтаҳои мазкур далели воқеӣ дошта, дар ин маврид асоснокнамоии он имконпазир аст.

Тавре ки дар боло ёдовар гардида будем, яке аз роҳҳои ба даст овардани моликият ба замин ин аз ҷониби давлат инъом гардидани он дар шакл ва андозаи гуногун (инъоми деҳа, ноҳия ва музофот) маҳсуб мегардид. Агар ба таърихи инъомот дар замони давлатдории Сомониён назар афканем, чунин ба назар мерасад, ки мулкҳои дорои заминҳои серҳосилу корам бештар инъом гардида буд. Масалан, мулки Кӯҳистон инъоми чор насли Симҷӯриҳо буд ва ё мулки Ахсикат ба Исҳоқ ибни Аҳмад инъом гардида буд. Дар ин асос онҳо имкон доштанд, ки заминҳои инъомгирифтаи худро ба шахсони ба худ наздик тухфа намоянд.

Чунончӣ, устод Б.Ғ. Ғафуров доир ба ин масъала қайд кардаанд: «чунин ҳодисаҳо низ ба қайд гирифта шудааст, ки масалан, сардори оли Сомониён ба амалдоре шаҳр ё вилоятеро инъом мекунаду худи он мансабдор қисми мулки инъомии худро ба каси дигар мебахшад. Дар Фарғона як мулки инъомшударо ба чор қисмат тақсим карда боз чор бори дигар инъом кардаанд» [2, с. 410]. Ҳамин тариқ ба боварии комил гуфта метавонем, ки ин инъомоти минбаъда дар асоси шартномаи ҳадя сурат гирифта, он барои инъомгиранда асоси пайдоиши ҳуқуқи моликият ба замин ва барои инъомдиҳанда бошад асоси қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ мегардид.

Дар умум доир ба муносибати заминистифодабарӣ, махсусан қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар замони давлатдории Сомониён чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

1. Қатъ гардидани ҳуқуқи заминистифодабарӣ дар давраи салтанати Сомониён ба як қатор фактҳои ҳуқуқӣ ба

монанди вафот, қатъ гардидани амали шартномаи иҷора, анҷом додани шартномаи ҳадя, муттаҳид намудани қитъаҳои замин ва дигар фактҳои ба ин монанд алоқаманд буд.

2. Дар он давра яке аз фактҳои қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба замин дар нисбати давлат, ин туҳфа ва ё инъом намудани замин ба сарлашкарон ва амалдорони дарбор ба шумор мерафт. Ҳангоме ки онҳо нуфузи худро дар ҳамон музофоти инъомгирифта мустаҳкам менамуданд, ба яке аз мулкҳои саркаш ва мустақил табдил меёфтанд, ки ҳатто барои ҳимояи манфиатҳои худ ба муқобили ҳокимияти марказӣ ба ҷанг мебаромаданд. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки барои такрор наёфтани чунин як ҳодисаҳои таърихӣ дар шароити муосир ва таъмин намудани соҳибмулкии давлат дар нисбати объектҳои табиӣ, махсусан замин, он набояд ба моликияти хусусии субъектҳои дигар табдил ёбад.

3. Тавре ки дар мавзуи таҳлилгардида қайд карда гузаштем, яке аз асосҳои дигари қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин дар нисбати заминҳои намуди инъоми туъма ин вафот ба шумор меравад. Заминҳои инъомшуда дар намуди туъма то давраи вафоти заминистифодабаранда дар истифодаи он қарор дошт ва ин ҳуқуқ бо баробари вафот кардани туъмадор қатъ мегардид.

Дар амалияи имрӯза тибқи қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, қитъаи замин ба заминистифодабарандагон муҳлатнок, бемуҳлат ва якумраи меросӣ бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ дода мешавад. Ҳангоме, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба заминистифодабаранда муҳлатнок дода шудааст, лаҳзаи вафоти заминистифодабаранда метавонад асоси қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин гардад. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки дар қатори асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, дар моддаи 37 КЗ ҶТ вафоти заминистифодабаранда ҳамчун факти қатъкунандаи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар сархати алоҳида муқаррар карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Азимов Ш.Г. Государство и право Саманидов: дис. … канд. юрид. наук. – Сталинабад, 1953. – 391 с.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
3. Мухторов А.А. Сомониён: замон ва макон. – Душанбе: «Сурушан», 1999. – 288 с.
4. Сафаров И.Д. Правовая система государство Саманидов. – Душанбе, 1999. – 195 с.
5. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Анделеб Р», 2015. – 396 с.
6. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ғаюров Ш.К. – Душанбе: «Графика-83», 2020. – 288 с.
7. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ: монография. – Душанбе, 2015. – 248 с.
8. Усмонов О.У. Проблеме развития кодификации гражданского законодательства Республики Таджикистан // Государство и право. – 1999. – №4. – С. 42-49.
9. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.
10. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С, Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик – Душанбе, 2011. – 602 с.

**Аннотатсия**

**Қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи давлатдории Сомониён**

Дар мақолаи мазкур муносибатҳои заминистифодабарӣ, махсусан ҷанбаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар давраи давлатдории Сомониён мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, то як андоза дар бораи паҳлӯҳои мусбат ва манфии ҳолатҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин маълумоте пешкаш кунанд. Ҳамчунин дар хотимаи мақолаи мазкур бо истифода аз таҷрибаи таърихии заминистифодабарии ниёгонамон, бо мақсади такмили қонунгузории амалкунандаи замин дар шароити муосир хулосаи назариявӣ ва амалиеро пешниҳод намоянд.

**Аннотация**

**Прекращение права пользования земельным участком при государстве Саманидов**

В статье анализируются отношения землепользования, особенно аспект прекращения права пользования землей в период Саманидов. Автор попытался представить информацию о положительных и отрицательных сторонах прекращения права пользования земельным участком. Также в конце статьи, используя исторический опыт землепользования наших предков, с целью совершенствования действующего земельного законодательства в современных условиях дать теоретические и практические выводы.

**Annotation**

**Termination of the right to use land plots under the Samanid state**

The article analyzes the relationship of land use, especially the aspect of termination of the right to use land during the Samanid period. The author tried to provide information on the positive and negative aspects of the termination of the right to use a land plot. Also at the end of the article, using the historical experience of land use of our ancestors, in order to improve the current land legislation in modern conditions, give theoretical and practical conclusions.





**УДК:** 349.6

**Идрисов Яхё Аюбхонович,**
*ассистент кафедры транспортного права и права пользования природными ресурсоми юридического факультета Таджикского национального университета.*
*E-mail:* yahyo.idrisov.95@gmail.ru
*Тел.: (+992) 938-62-04-04.*

**Бурхонова Азиза Исматовна,**
*ассистент кафедры международного права Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail:* aziza_burhonova@mail.ru
*Тел.: (+992) 929-30-20-80.*

# ИМПЛЕМЕНТАЦИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ НОРМ В ОБЛАСТИ ОХРАНЫ ОКРУЖАЮЩЕЙ СРЕДЫ В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *муҳити зист; мушкилоти глобалӣ; СММ; татбиқ; таъсири гармхона; конвенсия; тасдик.*

***Ключевые слова:*** *окружающая среда; глобальная проблема; ООН; применение; парниковый эффект; конвенция; утверждение.*

***Keywords:*** *environment; global problem; UN; implementation; the greenhouse effect; convention; ratification.*

Построение демократического правового государства при верховенстве закона и приоритете прав человека и гражданина практически воспринято обществом, как будущее государственного развития Республики Таджикистан. Одной из важнейших составляющих такого пути развития нашей республики является принципиально новое отношение государства и общества к проблемам охраны окружающей среды и здоровья человека. Экологический фактор приобретает актуальность и начинает оказывать определяющее влияние на эволюцию функций государства. Это хорошо можно заметить, взглянув на ст.1 Конституции Республики Таджикистан, в которой сказано, что граждане Республики Таджикистан имеют право на благоприятную жизнь, и государство создает условия, обеспечивающие достойную жизнь, в тоже время в ст.13 Конституции гарантирует эффективное использование земли, ее недра, воду, воздушную пространство, животный и растительный мир в интересах народа [12, с. 3]. Таким образом видно, что обеспечение права граждан на благоприятную окружающую среду является одной из главнейших функций нашего государства.

Для международного сообщества серьезная опасность кроется в экологических катаклизмах, в постоянном причинении ущерба окружающей человека природной среде. Угроза связана с усилением активной деятельности человечества по использованию природных ресурсов. Проблемы охраны окружающей среды не могут быть ограничены рамками отдельных стран, они приобрели глобальный характер. Глобальный уровень управления экологической безопасностью предполагает прогнозирование и отслеживание процессов в состоянии биосферы в целом и составляющих ее сфер. Во второй половине XX в. эти процессы выражаются в глобальных изменениях климата, возникновении «парникового эффекта», разрушении озонового слоя, опустынивании планеты и загрязнении Мирового океана.

Управление глобальной экологической безопасностью является прерогативой межгосударственных отношений на уровне ООН, ЮНЕСКО, ЮНЕП и других международных организаций. Методы управления на этом уровне включают принятие международных актов по защите окружающей среды в масштабах биосферы, реализацию межгосударственных экологических программ, создание

межправительственных сил по ликвидации экологических катастроф, имеющих природный или антропогенный характер.

На глобальном уровне был решен ряд экологических проблем международного масштаба. Большим успехом международного сообщества стало запрещение испытаний ядерного оружия во всех средах, пока кроме подземных испытаний. Заведены международные Красные книги с целью сохранения биоразнообразия. Силами мирового сообщества проводится изучение Арктики и Антарктики как естественных биосферных зон, не затронутых вмешательством человека, для сравнения с развитием зон, преобразованных человеческой деятельностью.

Региональный уровень включает крупные географические или экономические зоны, а иногда территории нескольких государств. Контроль и управление осуществляются на уровне правительства государства и на уровне межгосударственных связей (объединенная Европа, СНГ, Союз африканских государств и т. д.). На этом уровне система управления экологической безопасностью включает: экологизацию экономики, новые экологически безопасные технологии, выдерживание темпов экономического развития, не препятствующих восстановлению качества окружающей среды и способствующих рациональному использованию природных ресурсов.

Республика Таджикистан осуществляет международное сотрудничество в области охраны окружающей среды в соответствии с общепризнанными принципами и нормами международного права, и международными договорами в области охраны окружающей среды. Таджикистан является активным участником более 15 международных конвенций, затрагивающих вопросы обеспечения экологической безопасности и охраны окружающей среды. Активно идет процесс имплементации норм международного экологического права в национальное законодательство. Одним из таких международных документов является Конвенция «О биологическом разнообразии» (1992 г) [13]. Главная цель Конвенции заключается в сохранение биологического разнообразия, устойчивое использование его компонентов и совместное получение на справедливой и равной основе выгод, связанных с использованием генетических ресурсов, в том числе путем предоставления необходимого доступа к генетическим ресурсам и путем надлежащей передачи соответствующих технологий с учетом всех прав на такие ресурсы и технологии, а также путем должного финансирования.

Республика Таджикистан присоединилась к данной Конвенции 15 июля 1997 г. № 437, и она вступила в силу 27 января 1997 г. Для Республики Таджикистан важным показателем присоединения к Конвенции стали ее цели. Прежде всего – это сохранение биологического разнообразия, устойчивое использование его компонентов и совместное получение на справедливой и равной основе выгод, связанных с использованием генетических ресурсов, в том числе путем предоставления необходимого доступа к генетическим ресурсам и путем надлежащей передачи соответствующих технологий с учетом всех прав на такие ресурсы и технологии.

При реализации данной Конвенции Республикой Таджикистан был принят Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» от 18 июля 2017 г. №1449 [6], «О животном мире» 5 Январь, 2008 г. №354 [8], «Об охране и использовании растительного мира» 17 Май, 2004 г. №31 [9], «Об особо охраняемых природных территориях» 26 Декабрь, 2011 г. №788 [10]. Главным программным документом является «Государственная экологическая программа Республики Таджикистан на 2009-2019 годы» (2009) и «Национальная Стратегия и план действий по сохранению биоразнообразия Республики Таджикистан до 2020 года» (2016).

Республика Таджикистан присоединилась к Венская Конвенция об охране озонового слоя (Вена, 22 марта 1985 г.) [2], 11 марта 1996 г. и депонировала документ о присоединении к Конвенции 6 мая 1996 г. Для Республики Таджикистан Конвенция вступила в силу 4 августа 1997 г. Также принята Постановление правительства Республики Таджикистан от 2 ноября 2015 года №643 О мерах по выполнению Венской конвенции об охране озонового слоя и Монреальского протокола по веществам, разрушающим озоновый слой, (В редакции Постановления Правительства Республики Таджикистан от 27.10.2020 г. №557).

Принят отдельный закон Республики Таджикистан «Об охране атмосферного воздуха» от 28 Декабрь, 2012 г. №915 [11], цель которой является регулирование деятельности

физических и юридических лиц, связанной с выбросами загрязняющих веществ в атмосферный воздух, посредством уменьшения и (или) предотвращения загрязнения атмосферного воздуха. Также охранение, улучшение и восстановление состояния атмосферного воздуха; предотвращение и снижение уровней вредного химического, физического, биологического и иного воздействия на атмосферный воздух; обеспечение рационального использования атмосферного воздуха; укрепление правопорядка и законности в области охраны атмосферного воздуха; обеспечение экологической безопасности.

Республика Таджикистан присоединилась к Рамочной Конвенции об изменении климата Законом Республики Таджикистан от 13 декабря 1997 года, № 533 года [21] депонировала документ о присоединении к Конвенции 7 января 1998 г. Для Республики Таджикистан Конвенция вступила в силу 7 апреля 1998 г. Основной целью присоединения является достижение стабилизации концентраций парниковых газов в атмосфере на таком уровне, который не допускал бы опасного антропогенного воздействия на климатическую систему. Республика Таджикистан также от 21 октября 2008 года № П 42 подписала и ратифицировала Киотский протокол к Рамочной Конвенции об изменении климата [14].

Конвенция о доступе к информации, участии общественности в процессе принятия решений и доступе к правосудию по вопросам, касающимся окружающей среды (Орхусская конвенция) [21], 25 июня 1998 г. вступившая в силу 30 октября 2001г, к данной конвенции Республика Таджикистан присоединилась указом Президента Республики Таджикистан от 9 июня 2001 года № 594. Участники Конвенции содействуют защите права каждого человека нынешнего и будущих поколений жить в окружающей среде, благоприятной для его здоровья и благосостояния, каждая сторона гарантирует права на доступ к экологической информации, на участие общественности в процессе принятия решений на доступ правосудию по вопросам, касающимся окружающей среды.

Стокгольмская Конвенция о стойких органических загрязнителях 22 мая 2001 года. Республика Таджикистан подписал данный документ указ ом Президента Республики Таджикистан 20 мая 2002 года № 827 [24] и ратифицировал 6 декабря 2006 года. Ратифицировав Стокгольмскую конвенцию о стойких органических загрязнителях, Таджикистан сделал важный шаг на пути интеграции в общемировой процесс сотрудничества в области охраны здоровья населения и окружающей среды и взял на себя обязательства по выполнению ее положений. Также Правительством Республики Таджикистан от 01 октября 2007 г., № 502 был утвержден «Национальный план выполнения обязательств Республики Таджикистан по Стокгольмской конвенции о стойких органических загрязнителях».

Республика Таджикистан вступила в Организацию Объединенных наций в 1992 г., стала членом ряда международных организаций в области охраны окружающей среды, таких как: Программа ООН по окружающей среде (ЮНЕП), Программа развития ООН (ПРООН), Всемирная метеорологическая организация (ВМО), Организация ООН по продовольствию и сельскому хозяйству (ФАО), Всемирная организация здравоохранения (ВОЗ), Организация ООН по науке, образования и культуре (ЮНЕСКО) и другие международные организации.

При реализации норм международного экологического права государства принимают на себя обязательства не только развивать положения международного права, но и приводить свое национальное законодательство в соответствие с его нормами [25]. Республика Таджикистан прилагает усилия для приведения своего национального законодательства, в соответствии с принятыми международными договорами, применяет на практике положения Конвенций.

Термин «имплементация» (от англ. implementation) буквально означает «претворение в жизнь в соответствии с определенной процедурой» [5] «обеспечение практического результата и фактического выполнения конкретными средствами» [27]. Термин имплементация был разработан в международном праве и получил широкое распространение в многочисленных резолюциях Генеральной Ассамблеи ООН, во многих международных конвенциях и договорах. В самом широком смысле слова имплементация норм международного права есть не что иное, как процесс, в ходе которого соответствующие субъекты, которым адресована норма, действуют

в соответствии с ее положениями. Нередко со стороны государств требуется принятие дополнительных правовых и организационных мер для всестороннего и полного осуществления норм международного права. И.И. Лукашук отмечал, что «осуществление международно-правовых норм является, как правило, гораздо более сложной и ответственной задачей, чем их принятие. Разрешение этой задачи возможно лишь при наличии оптимального механизма имплементации как определенной совокупности правовых и организационных средств, используемых субъектами международного права на международном и национальном уровнях с целью воплощения предписаний норм международного права» [16, с. 10].

В большинстве случаев имплементация норм международного права — это прерогатива суверенных государств, использующих в этих целях свой внутренний организационно-правовой механизм.

По мнению некоторых ученых, имплементация международно-правовых норм в национальное законодательство представляет собой совокупность международных норм, регламентирующих совместную организационно-правовую деятельность субъектов международного права, направленную к осуществлению целей, заложенных в международных обязательствах.

В.Я. Суворова отмечает, что «термин “имплементация” имеет право на существование как синоним термина “реализация”, то есть воплощение норм в практической деятельности государства и других субъектов» [23, с.116]. В свою очередь, А.С. Гавердовский под имплементацией понимает «целенаправленную организационно-правовую деятельность государств, предпринимаемую индивидуально, коллективно или в рамках международных организаций в целях своевременной и полной реализации принятых ими в соответствии с международным правом обязательств» [3, с.63]. В то же время С.В. Черниченко считает, что термин «имплементация» может быть использован для обозначения «воздействия норм международного права на внутригосударственные отношения через внутригосударственное право» [26].

В современной юридической литературе для обозначения способов имплементации используются различные термины, в частности, такие как трансформация, адаптация, инкорпорация, рецепция, отсылка [1] но при этом нет единого мнения о сущности и понятии каждого отдельного способа имплементации.

Многие ученые считают ратификацию международных договоров основной формой имплементации [17]. Более того, в последние годы принимаемые договоры предусматривают учреждение специальных органов для контроля за осуществлением их положений. Знаменательным шагом в этом направлении было принятие в 1992 г. поправок к Монреальскому протоколу о защите озонного слоя [19] предусмотревших учреждение Комитета по имплементации.

В 1985 г. Р.А. Мюллерсон определил национально-правовую имплементацию норм международного права как процесс осуществления требований международного права на территории государства (в сфере действия национального права) при помощи норм национального права. Национально-правовая имплементация является стадией фактической имплементации (осуществления) норм международного права, создает для последнего необходимые юридические предпосылки [20, с.9].

Имплементация не обязательно должна осуществляться с помощью ратификации международного договора. В результате имплементации происходит заимствование категорий международного права, и трансформация национального законодательства [15, с.195].

Основная задача законодателя — сделать имплементацию процессом, способным обновить правовую систему как можно более естественным образом, органичным по отношению к собственному праву. Весь процесс имплементации международно-правовых норм можно разделить на две основные части. Во-первых, государство может включить в свое право нормы, отсылающие к нормам международного права, вследствие чего последние могут действовать внутри страны. Во-вторых, государство может принять новые нормы права, изменить либо отменить уже существующие, исполняя предписания международного права, адаптировать их к особенностям правовой системы государства. Механизм имплементации состоит не только из перенятые юридических процедур и институтов, а также из действий и методов по их осуществлению, но включает в себя и социально-

правовые явления. При имплементации происходит ассимиляция в национальную систему определенных компонентов другой правовой культуры, правовых ценностей. И если имплементируемая норма не соответствует ценностям и взглядам, существующим в государстве, то никакая инкорпорация, трансформация или адаптация не сможет привести ее в действие, и она будет отторгнута правовой системой государства и не сможет быть реализована.

Провозглашение независимости РТ 9 сентябри 1991 г. ознаменовало за собой появление на международной арене нового суверенного государства [4, с.236] обладающего статусом полноценного субъекта международного права. В преамбуле и ст.1 Конституции РТ от 6 ноября 1994 г. [12] провозглашается, что таджикский народ является неотъемлемой частью мирового сообщества, а РТ – это суверенное, демократическое, правовое, светское и унитарное государства.

С обретением независимости РТ взяла обязательство привести свое законодательство в соответствие с общепризнанными принципами и нормами международного права. Правовой основой закрепления и реализации данного обязательство стало конституционное положение о том, что международно-правовые акты, признанные РТ являются составной частью ее правовой системы, а в случаи несоответствие законов республики признанным международно-правовым актам – применяются нормы международно-правовых актов [12].

Согласно указу Президента РТ от 19 феврали 2011 г. № 1021 «О Концепции прогнозного развития законодательства РТ» [28]. Законодательство республики должно быть приведено с соответствие с международными правовыми актами, признанными Таджикистаном.

Основной формой выполнения данного обязательства является имплементация норм международного права в национальную правовую систему. Законом РТ «О нормативных правовых актах» 2009 г. [7] установлено, что в тех случаях, когда для выполнения международных обязательств требуется имплементация норм международных правовых актов, вступивших в силу на внутригосударственном уровне, нормотворческими органами применяются соответствующие нормативные правовые акты в пределах их компетенций. Выполнение обязательств, предусмотренных международными актами, невозможно без принятия соответствующего нормативного акта на территории РТ. При этом внедрение международно-правовых норм и стандартов должно осуществляться с учетом национальных интересов страны, последовательно и осмысленно, сопровождаться систематическим мониторингом выполнения РТ взятых на себя международных обязательств.

В целом «влияние, которое оказывает международное право на развитие национальной правовой системы, обнаруживается в основном на уровне имплементации норм международного права в действующее законодательство» [18, с.39]. Поэтому несмотря на развитость, законодательству РТ в сфере охраны окружающей среды и обеспечения экологической безопасности, необходимо оперативно реагировать на изменение состояния окружающей среды и приводить законодательство в соответствие с международными договорами, принципами и нормами международного права, действующими в данной сфере. Таким средством как раз может выступать имплементация – как правовой и организационный инструмент.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. О.В. Белянской, О.А. Пугиной "Условия имплементации международно-правовых норм в российское законодательство" включена в информационный банк согласно публикации - "Международное публичное и частное право", 2005, N 5.

2. Венской конвенции «Об охране озонового слоя», Вена: 1985 URL: https://www.mchs.gov.ru/ministerstvo/o-ministerstve/terminy-mchs-rossii/term/491

3. Гавердовский А.С. Имплементация норм международного права. Киев: Вищашк., 1980. - 320 с.

4. Декларация «О государственной независимости РТ» от 24 августа 1990 г.// Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР.1990. №16. -348с.

5. Dictionary of English Language. N.Y., 1968. - P. 667.
6. Закон РТ «Об охране окружающей среды» от 18 июля 2017 г. №1449// URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=115987
7. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года, № 1414 // Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан. Версия 7.00
8. Закон РТ «О животном мире» от 5 Январь 2008 г. №354// URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=115987
9. Закон РТ «Об охране и использовании растительного мира» 17 Май 2004 г. №31// URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=115987
10. Закон РТ «Об особо охраняемых природных территориях» от 26 Декабрь 2011 г. №788// URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=115987
11. Закон Республики Таджикистан «Об охране атмосферного воздуха» от 28 Декабрь 2012 г. №915// URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=115987
12. Конституция Республики Таджикистан. –Душанбе: «Издательский дом Гандж» 2016.
13. Конвенция о биологическом разнообразии» 1992 г // URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/climate _framework_conv.shtm
14. Киотский протокол к Рамочной конвенции Организации Объединенных Наций об изменении климата, 11 декабря 1997 года
15. Кибальник А.Г. Современное международное право: понятие, задачи и принципы / под ред. А.В. Наумова. СПб: Юрид. центр Пресс, 2003. - 252с.
16. Лукашук И.И. Международно-правовое регулирование международных отношений (системный подход). М.: Междунар. отношения, 1975. - 176с.
17. Лукашук И.И. Международное право. Особенная часть: учебник. 3-е изд. М.: Волтерс Клувер, 2005. - 544с.
18. Малахов В.П., Лановая Г.М. Роль международного права в модернизации отечественной правовой системы // Международное публичное и частное право. 2017. № 2. - С. 37-40
19. Монреальский протокол по веществам, разрушающим озоновый слой. Подписан в г. Монреале 16.09.1987 (с, изм. и доп. от 27.11.1999 — 03.12.1999), (документ официально опубликован не был) // СПС «Консультант Плюс».
20. Мюллерсон Р.А. Соотношение и взаимодействие международного публичного, международного частного и национального права: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. М., 1985. -210с.
21. Орхусская Конвенция о доступе к экологической информации и об участии общественности в процессе принятия решений и доступе к правосудию по вопросам в области охраны окружающей среды.
22. Рамочная конвенция Организации Объединенных Наций об изменении климата от 9 мая 1992 года. // URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/climate _framework_conv.shtm
23. Суворова В.Я. Обеспечение реализации договорных норм международного права (юридическая природа) // Советское государство и право. 1991. № 9. - С. 116-122
24. Стокгольмская Конвенция о стойких органических загрязнителях.
25. Тимошенко А.С. Экологическая безопасность и международное право // А.С. Тимошенко. М., 1988. - С. 23 – 38.
26. Черниченко С.В. Международное право: современные теоретические проблемы. М.: Междунар. отношения, 1993. -295с.
27. Webster’s Third New International Dictionary. Cambr. (Mass.), 1966. P. 1134
28. Электронный ресурс //URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=125060

**Аннотатсия**

**Имплементатсияи меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддие дар фалокатҳои экологӣ, зарари доимӣ ба муҳити табиии атрофи инсон аст. Проблемаҳои ҳифзи муҳити зистро танҳо дар кишварҳои алоҳида маҳдуд кардан мумкин нест, онҳо характери глобалӣ пайдо кардаанд. Идоракунии амнияти экологии ҷаҳонӣ

салоҳияти муносибатҳои байнидавлатӣ дар сатҳи СММ, ЮНЕСКО, ЮНЕП ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад.

**Аннотация**

**Имплементация международных норм в области охраны окружающей среды в законодательстве Республики Таджикистан**

Для международного сообщества серьезная опасность кроется в экологических катаклизмах, в постоянном причинении ущерба окружающей человека природной среде.Проблемы охраны окружающей среды не могут быть ограничены рамками отдельных стран, они приобрели глобальный характер. Управление глобальной экологической безопасностью является прерогативой межгосударственных отношений на уровне ООН, ЮНЕСКО, ЮНЕП и других международных организаций.

**Annotation**

**Implementation of international standards in the field of environmental protection in the legislation of the Republic of Tajikistan**

For the international community, a serious danger lies in environmental disasters, in the constant damage to the natural environment around man. The problems of environmental protection cannot be limited to individual countries they have acquired a global character. The management of global environmental security is the prerogative of interstate relations at the level of the UN, UNESCO, UNEP and other international organizations.

**УДК:** 349.414



**Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: tojidinov_9898@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-25-26-30.*



**Ҳакимов Яқуб Бахтиёриддинович,**
*магистри кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: yakub.khakimov.98@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-92-71-16.*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ЛИЗИНГ (ИҶОРАИ МОЛИЯВӢ) ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

***Калидвожаҳо:*** *лизинг; қонунгузорӣ; лизинги молиявӣ; кишоварзӣ; танзими давлатӣ; танзими ҳуқуқӣ; кишварҳои хориҷӣ; муносибатҳои ҳуқуқӣ; иқтисодиёт; техникаи кишоварзӣ.*

***Ключевые слова:*** *лизинг; законодательство; финансовый лизинг; сельское хозяйство; государственное регулирование; правовое регулирование; зарубежные страны; правоотношения; экономика; сельскохозяйственная техника.*

***Keywords**: leasing; legislation; financial leasing; agriculture; state regulation; legal regulation; foreign countries; legal relations; economy; agricultural machinery.*

Соҳаи кишоварзӣ соҳаи муҳими иқтисодиёти Тоҷикистон буда, такмили қонунгузории он дар асоси фароҳам овардани шароити хуб барои инкишофи иқтисодиёти бозаргонӣ дар ин соҳа амалӣ гардонида мешавад.

Истеҳсолоти кишоварзӣ зери таъсири рушди дастовардҳои илмӣ-техникӣ боиси пайдо шудани равияҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ гардид, ки зарурати дидани чораҳои ғайримаъмулиро тақозо мекунад. Бо усулҳои маъмулӣ такрористеҳсолкунии фондҳои асосиро таъмин намудан номумкин гардид, зеро воситаҳои молиявии корхонаҳо барои дар як вақт иваз намудани фондҳо имкон намедиҳанд.

Гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ дар назди истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ як қатор масъалаҳои муҳим, аз он ҷумла дар шароити рақобати баланд, паст шудани бозори фурӯш, паст шудани нархи маҳсулотҳо бо сабаби коста гаштани қобилияти харидории молистифодабарандагон ва кам шудани захираҳои молиявиро гузошт. Аз ин ҷо ҳам истеҳсолкунандагони техника ва ҳам истифодабарандагон дар ҷустуҷӯи механизми нави ҳалли масъала буданд.

Муносибатҳои лизингӣ барои ҳамаи тарафҳо самараноканд, зеро корхонаҳои саноатӣ метавонанд маҳсулоти худро ба фурӯш бароранд, корхонаҳои кишоварзӣ воситаҳои асосиашонро такмил диҳанд.

Таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи лизинги молиявӣ самаранокии фаъолияти соҳибкории корхонаҳоро таъмин намуд, ки истифодаи онҳо дар иқтисодиёти Тоҷикистон амри зарурист. Тавассути лизинг метавон ба иқтисодиёт сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намуд, ки такрористеҳсолкунии захираҳои техникӣ-технологии бахши аграриро таъмин менамояд [1, с. 64].

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои заминавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ буд ва боқӣ мемонад. Соли 2018 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ беш аз 21,0 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил намуд. Дар соҳаи кишоварзӣ дар соли 2017-ум 1466,1 ҳазор нафар аз 2407 ҳазор нафари аҳолии дар иқтисодиёт машғул фаъолият менамояд. Дар деҳот беш аз 73,0 ҳиссаи аҳолии ҷумҳурӣ сукунат дорад. Тоҷикистон ба миқдори 14137,7 ҳаз. гектар замин дорад, аз он 3658,2 ҳазор гектар киштзори кишоварзӣ, аз он ҷумла 657,3 ҳаз. гектар мазраъ мебошад [2, с. 18-19].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лизинг ҳамчун навъи иҷора муқаррар карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 6 декабри соли 1990 қабул карда шуд [3]. Ҳарчанд лизинг ҳамчун як навъи иҷора эътироф шуда бошад ҳам, аммо дар Қонуни мазкур ягон муқаррарот оид ба падидаи лизинг ё иҷораи молиявӣ ба назар намерасад.

Падидаи лизинг бори аввал дар таҳрири нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 дар боби 33, §7 бо номи иҷораи молиявӣ (лизинг) ба вуҷуд омад [4].

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби он, ки шартномаҳои ҳуқуқи граждириро ба танзим медарорад, аз ин лиҳоз ба таври умумӣ мавзӯи шартномаи лизингро ба танзим медарорад. Дар масъалаи шартномаи лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 апрели соли 2003 қонуни махсуси соҳавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)" қабул гардид [5].

Рушд ва инкишофи лизинг дар амал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди таъсисёбии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" ба назар мерасад. Корхонаи мазкур ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ мақсадаш ба даст овардани фоида буда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 таъсис дода шудааст. Фаъолияти корхона тибқи Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" амалӣ карда мешавад, ки Оинномаи он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 тасдиқ карда шудааст.

Корхона шахси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти хоҷагидориро ба амал мебарорад ва дорои баланси мустақил, суратҳисобҳои бонкӣ, муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи фирмавии Корхона, бланкаи кории худ, штамп ва нишонаи фирмавӣ мебошад. Корхона бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дорои корхонаҳои фаръӣ бошад, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ филиалҳои худро таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Корхона ҳуқуқи истифодабарии карзҳои бонкиро дорад. Корхона ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз амали мақомоти давлатӣ, аз ҷумла амалҳои мақоми ваколатдор, ки ба фаъолияти асосии он вобастагӣ дорад, ба суд даъво кунад.

Маълум аст, ки солҳои охир таъминоти лизингӣ бо таҷҳизот босуръат меафзояд. Ҳамин тавр, дар давраи солҳои 2008-2018 шумораи тракторҳое, ки бо лизинг дода мешаванд, ду баробар ва шумораи мошинҳои даравкунанда - 1,9 маротиба афзудааст. Афзоиши суръати расонидани мошинҳо ва таҷҳизот барои лизинг дар соҳаи кишоварзӣ дар пасманзари эҳтиёҷоти фаврии онҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ сурат мегирад.

Мусаллам аст, ки системаи мавҷудаи муносибатҳои агролизинг камбудиҳо дорад, ки дар байни онҳо истифодаи нокифояи самарабахши тадбирҳои дастгирии давлатӣ мавҷуданд. Рақобати сусти бозор дар соҳаи кишоварзӣ масъалаи мубрами рушди лизинг мебошад, зеро он бо ширкати Тоҷикагролизинг алоқаманд аст, ки беш аз 80% бозори хизматрасонии лизингиро дар иқтисоди миллӣ ишғол мекунад [6, с. 5-6]. Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобати лизингӣ кам ба назар мерасад, зеро 80%-и муносибатҳои лизингӣ дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии "Тоҷикагролизинг" амалӣ карда мешавад [7, с. 148-156].

Ба КВДҶ "Тоҷикагролизинг" дар семоҳаи соли 2021 аз ҳисоби гузаронидани амалиётҳои иҷораи молиявӣ (лизингӣ) 8 311 140 сомонӣ, подоштҳои лизингӣ 795 100 сомонӣ, Марказҳои хизматрасонии техникӣ 130 500 сомонӣ, маҷмӯан ба маблағи 9 236 740 сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 – 255 950 сомонӣ зиёд аст.

Яке аз ҳадафҳои муҳими сиёсии КВДҶ "Тоҷикагролизинг" таъмин намудани кишоварзони мамлакат бо техникаи муосир мебошад.

Корхона дархости кишоварзонро қабул намуда, бо тариқи иҷораи молиявӣ (лизингӣ) ҳама намуди техникаи кишоварзиро аз дигар давлатҳо харидорӣ намуда дастраси кишоварзони ватанӣ менамояд, ки ин кори онҳоро чанд маротиб осон менамояд. Дар шароити феълӣ дар 60 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Марказҳои хизматрасонии техникӣ самаранок фаъолият намуда, бо техникаю мошинолоти зарурӣ мукаммалу муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

Ҷиҳати рушди Марказҳои хизматрасонии техникии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ сохтмони биноҳои идорӣ ва пойгоҳҳои таъмириро дар 12 шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлон, Суғд, НТҶ ва ВМКБ бунёд намуда, сехҳои онҳо бо дастгоҳҳои харротию челонгарӣ, таъмири насосҳои сӯзишворӣ,

оҳангарӣ ва ғайраҳо муҷҷаҳҳаз гардонида, дар базаи Марказҳои хизматрасонии техникии ноҳияҳои Данғара, Деваштич ва шаҳри Истаравшан сохтмонҳо идома доранд. Соли ҷорӣ сохтмони пойгоҳи таъмирӣ дар ноҳияи Рашт ба нақша гирифта шудааст.

Дар семоҳаи соли 2021 Корхона аз ҳисоби маблағҳои хоҷагидорӣ ва буҷетӣ 38 адад тракторҳои гуногунтамға ва 194 адад таҷҳизотҳои кишоварзиро ба маблағи 14 221 220 сомонӣ харидорӣ намуда, ба тариқи иҷораи молиявӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва Маркази хизматрасонии техникии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷудо намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 398 850 сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 14 адад тракторҳои тамғаҳои МТЗ 82.1, МТЗ 80 Х ва 75 мошинолоти гуногун ба маблағи 5 000 000 сомонӣ харидорӣ ва ба ҷумҳурӣ ворид намудааст.

Роҳбарияти Корхона дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат оид ба дастгирии корхонаҳои ватанӣ корҳои самаранокро анҷом дода, бо онҳо ҳамкории зич намуда истодааст. Бо КВД “Коргоҳи мошинсозӣ”, КВД “Авторем”, ҶСК “Сомон-Кӯлоб таҷҳизот” ва ҶСШП “Новселмаш”, ҶСШП “Агротехсервис” оид ба харидории таҷҳизоти ватанӣ-ядакҳои тракторӣ, картошкашинонак, испорҳо, чизел култиватор, чапар, решаканак, лемех ва гандумкӯбак шартномаи ҳамкорӣ баста, мошинолотҳои зикргардидаро тибқи талабот дастрас намуда истодааст [8].

Бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои лизингӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ қабул гардидаанд.

Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (Стандарти байналмилалии Global G.A.P.) яке аз чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ маҳсуб меёбад.

Барнома ба фароҳам овардани заминаи қонунгузорӣ, молиявӣ ва техникӣ барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар идоракунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷиҳати мутобиқ намудани он ба талаботи байналмилалии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар Стандарти байналмилалии Global G.A.P. пешбинигардида равона карда шудааст [9].

Ҳамзамон Барномаиислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022 қабул гардидааст [10], ки он ҷиҳати муайян кардани самтҳои стратегӣ ва усулҳои таъмини соҳаи кишоварзии сердаромад ва тамоили содиротидошта пешбинӣ шудааст, ки ин аз вазифаҳои умумии баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардуми деҳоти ҷумҳурӣ барои ноил гаштан ба амнияти озуқаворию давлат ва таҳкими мавқеи он дар тақсимоти минтақавии меҳнат бармеояд.

Рушди соҳаи кишоварзӣ натанҳо аз мавҷудияти дастгоҳу таҷҳизоти махсус ва воситаҳои техникӣ, балки таъмини сохтмонҳои истеҳсолӣ барои таъмину нигоҳдории чорво низ вобастагии зиёд дорад.

Сарфи назар аз он, ки буҳрони иқтисодӣ ба таври назаррас суръати модерникунонӣ ва сохтмонро суст кард, бо вуҷуди ин, кайҳо иқтидорҳои истеҳсолӣ имконият медиҳанд истеҳсолкунандаҳои соҳа ҳаҷм ва сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро баланд бардоранд.

Рушди соҳа аз унсурҳои заминаи моддӣ-техникӣ объектҳои зерсохторҳои муҳандисӣ низ вобастагии калон дорад. Ба таркиби ин гуна объектҳо шабакаҳои берунаю дохилӣ: қубурҳои обгузар, канализатсия, таъминоти гармирасонӣ, таъминоти газ, таъминоти барқ, алоқа, радио, телевизион, сигнализатсия, амнияти сӯхтор, нақлиёт, канализатсияи селгузар ва дастгоҳу таҷҳизоти ба онҳо алоқаманд ва дигар объектҳои зерсохторҳои муҳандисӣ дохил мешаванд. Зерсохтори муҳандисӣ умуман шароити заруриро талаб менамояд ва ба нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ таъсири зерин доранд:

Якум, мавҷудияти шабакаҳои муҳандисӣ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии одамон ва самаранокии истеҳсолот таъсир мекунад, зеро инсони солим беҳтар фаъолият менамояд.

Дувум, мавҷудияти онҳо ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии одамон оварда, ҷалби мутахассисонро ба соҳа зиёд мекунад, кӯчиши аҳолиро аз деҳот ба шаҳр боз медорад ва сокинони навро ҳавасманд мегардонад. Дар натиҷа маҷмӯи истеҳсол ва маҳсулнокӣ аз ҳисоби ҷалб намудани кадрҳои баландихтисос меафзояд.

Савум, гузаронидани шабакаҳои муҳандисӣ ба беҳтаршавии технологияи истеҳсолот сабаб шуда, маҳсулнокиро зиёд менамояд ва ба зиёдшавии миқдори маҳсулот мусоидат менамояд.

Чаҳорум, беҳтаршавии зерсохторҳои муҳандисӣ ба минтақа инвеститсияи иловагиро ҷалб менамояд, ба рушди тиҷорати вуҷуддошта таъсири мусбӣ расонд дар натиҷа ба афзоиши

истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Панҷум, беҳтаршавии зерсохторҳо барои минтақа натанҳо тиҷорати истеҳсолӣ, балки сохторҳои бо он алоқамандро ҷалб намуда, ба рушди умумии иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот оварда мерасонад [1, с. 76-77].

Иҷораи молиявӣ (лизинг) – маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки вобаста ба иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ, аз ҷумла хариди предмети иҷораи молиявӣ, ба вуҷуд меоянд. Муносибати байни иҷорадеҳ ва иҷорагирро шартномаи иҷораи молиявӣ - шартномае мебозад, ки дар асоси он иҷорадеҳ уҳдадор мешавад, ки амволи нишондодаи иҷорагирро аз фурӯшандае, ки ҳамин иҷорагир муайян кардааст, ҳамчун моликият харидорӣ намуда, онро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатии пулакӣ бо мақсадҳои соҳибкорӣ ба иҷорагир пешниҳод намояд ва ба низом дарорад [11, с. 4-14].

Лизинги кишоварзӣ, ҳамчун намуди фаъолияти инвеститсионӣ-соҳибкорӣ - ин лизинги воситаҳои асосии маҷмааи (комплекси) агросаноатӣ мебошад, ки бо харидории воситаҳои асосӣ ва таҳвили онҳо аз рӯи қарордод ба истифодабарӣ ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ бо пардохти муайян алоқаманд аст. Ҳадафи лизинги кишоварзӣ гирифтани даромад бо ҳуқуқи минбаъд харидани онҳо бо назардошти фарсудашавии воситаҳои таҳвилшаванда, бо иштироки таъминкунанда, лизингдиҳанда, лизинггиранда ва дигар субъектҳо мебошад.

Рушди низоми лизинги кишоварзӣ мусоидат мекунад ба:

- васеъ намудани фурӯши техникаву дастгоҳ ва таҷҳизоти кишоварзӣ;
- баланд бардоштани талабот ба техникаи кишоварзӣ натанҳо аз тарафи ташкилотҳои корпоративӣ, ташкилотҳои аграрии тиҷоратӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), балки хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои ёрирасони корхонаҳои саноатӣ;
- ҳамоҳангсозии оқилонаи манфиатҳои истеҳсолкунандаҳои таҷҳизоти кишоварзӣ, истифодабарандагон ва лизингдиҳандаҳо.

Тартиби гузаронидани амалиётҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ва механизми баргардондани маблағҳои пулӣ ба КВДҶ «Тоҷикагролизинг», ки бо фармоиши Корхонаи воҳиди давлатии Ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» аз 12 майи соли 2008, №05 тасдиқ шудааст [12] ва он санади дохилиидоравии корхонаи мазкур маҳсуб ёфта, муносибатҳоро дар ин самт ба танзим медорорад.

Дар маҷмӯъ таҳлили мавзӯи мазкур собит намуд, ки имрӯзҳо нақши шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар танзими муносибатҳои соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, боиси рушд ва инкишофи соҳаи мазкур гардида истодааст.

Аз таҳлили анҷомдодашуда чунин хулосабарорӣ намудан мумкин мебошад:

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки аксар амалиётҳои лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошӯравӣ танҳо дар соҳаи кишоварзӣ рушд кардааст. Дар кишварҳои Аврупо ва ИМА дигар навъҳои амалиёти лизингӣ анҷом дода мешавад, яъне лизинг дар соҳаи кишоварзӣ яке аз механизми муҳими рушди ин соҳа баромад намуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши марказиро дар ин самт Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии “Тоҷикагролизинг” ташкил медиҳад, зеро таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон медиҳад, ки 80 фоизи хизматрасонии лизингӣ дар кишвар ба корхонаи мазкур рост меояд.

Рушди низоми лизинги кишоварзӣ ба фурӯши техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ, баланд бардоштани механизми сармоягузорӣ дар ин самт, мубодилаи озоди таҷҳизоти лизингӣ байни лизингдеҳ ва лизинггир замина гузошта метавонад.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дарназардошта баҳри рушди муносибатҳои лизингӣ дар соҳаи кишоварзӣ моро зарур аст, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо қабули ҳуҷҷатҳои стратегӣ марҳила ба марҳила анҷом додани он ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Раззоқова Г.Ҳ. Самаранокии лизинги молиявӣ дар кишоварзии Тоҷикистон: дис. ... номзади илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе. 2019. – С. 64.
2. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. – С.18-19.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 6 декабри соли 1990 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2) аз 11 декабри соли 1999 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 22 апрели соли 2003 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

6. Зиёев З.М. Финансово-экономические аспекты развития лизинговых отношений в сельском хозяйстве (на примере Республики Таджикистан): дис. ... канд. экон. наук. – Душанбе, 2020. – С. 5-6.

7. Соҳибзода М.М., Ҳакимов Я.Б. Мафҳум ва хусусиятҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1(50). – С. 148-156.

8. Манбаи дастрасӣ: https://moa.tj/tj/news/news/kvd-tojikagrolizing (санаи муроҷиат: 04 марти соли 2022)

9. Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (Стандарти байналмилалии Global G.A.P.) аз 28 октябри соли 2020 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

10. Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022 аз 01 августи соли 2012 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.

11. Сохибзода М.М., Хакимов Я.Б. О понятии финансовой аренды и лизинга // XVIII International correspondence scientific specialized conference «International scientific review of the problems of Law, Sociology and Political science». (Boston. USA. January 26-27, 2021), - С. 4-14

12. Тартиби гузаронидани амалиётҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ва механизми баргардондани маблағҳои пулӣ ба КВДҶ “Тоҷикагролизинг” бо фармоиши Корхонаи воҳиди давлатии Ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг», ки аз 12 майи соли 2008, №05 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2008.

**Аннотатсия**

**Танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ**

Дар мақолаи мазкур танзими ҳуқуқии муносибатҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллифон бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунандаи кишвар мавзӯи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, аҳамияти падидаи лизингро дар соҳаи кишоварзӣ муайян намудаанд. Воқеан ҳам имрӯз нақши шартномаҳои лизингӣ ва ба воситаи он анҷом додани амалиётҳои лизингӣ дар соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аксар давлатҳои пасошӯравӣ амалиётҳои лизингӣ маҳз дар ин соҳа анҷом дода мешавад.

**Аннотация**

**Правовое регулирование лизинговых отношений (финансового лизинга) в сельском хозяйстве**

В данной статье проводится анализ правового регулирования лизинга (финансового лизинга) в сельском хозяйстве. Используя юридическую литературу и действующее законодательство страны, авторы провели комплексный анализ данной темы и выявили значимость явления лизинга в сельском хозяйстве. Действительно, сегодня роль лизинговых договоров и через них осуществления лизинговых операций в агропромышленном комплексе значительна, а в Республике Таджикистан и большинстве постсоветских стран лизинговые операции осуществляются именно в этой сфере.

**Annotation**

**Legal regulation of leasing relations (financial leasing) in agriculture**

This article analyzes the legal regulation of leasing (financial leasing) in agriculture. Using the legal literature and the current legislation of the country, the authors conducted a comprehensive analysis of this topic and revealed the significance of the phenomenon of leasing in agriculture. Indeed, today the role of leasing agreements and through them the implementation of leasing operations in the agro-industrial complex is significant, and in the Republic of Tajikistan and most post-Soviet countries, leasing operations are carried out precisely in this area.

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**



**УДК:** 343.3/.7

**Азиззода Убайдулло Абдулло**,
*доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета.*
*E-mail: ubaydullo_azizov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-81-12-85.*



**Оралбаев Хамза Хайдарович,**
*соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции Таджикского национального университета.*
*E-mail: femida-80@list.ru*
*Тел.: (+992) 919-64-35-35.*

# К ВОПРОСУ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ОБЪЕКТА БАНДИТИЗМА

***Калидвожаҳо:*** *амнияти ҷамъиятӣ; банда; объекти бандитизм; кирдорҳои ҷиноятқорона; муташаккилӣ; устуворӣ; дахлнопазирии шахсият.*

***Ключевые слова:*** *общественная безопасность; банда; объект бандитизма; преступные деяния; организованность; устойчивость; неприкосновенность личности.*

***Keywords:*** *public safety; gang; the object of banditry; criminal acts; organization; stability; personal inviolability.*

В уголовном праве преступные деяния, посягающие на общественную безопасность включены в главу «Преступления против общественной безопасности», куда входит и бандитизм, который занимает «одно из центральных мест, в связи с тем, что он представляет повышенную социальную опасность» [12, с. 83].

В литературе правомерно отмечается, что «создание банд в целях нападения и участие их членов в посягательствах характеризуется одним серьезным признаком, который значительно повышает уровень (степень) вредоносности данного преступного деяния - это готовность их членов (осознание этого обстоятельства) совершить в ходе бандитского нападения любое преступление, уголовная одержимость участников банд при выполнении поставленных задач, устойчивость группы. Все эти качества, вместе взятые и каждое в отдельности, не характерны ни для одной из группировок, организовавшихся для совершения разбойного нападения, корыстного вымогательства и других преступных деяний»[4, с. 130].

Для определения объекта бандитизма важно рассмотреть характеристики бандитизма, основополагающие признаки не только в уголовно – правовом и криминологическом, но и в социальном аспектах. По мнению В.П. Ревина и Х.С. Сафарова под понятием «бандитизм» следует понимать создание «устойчивой вооруженной группы в целях нападения на граждан или организации, а равно руководство такой группой (бандой)». В Постановлении Пленума ВС РТ №15 от 23 ноября 2012 года «О судебной практике по рассмотрению уголовных дел о бандитизме» указывается, что группой (бандой), является именно устойчивая организованная вооружённая группа (банда), которая состоит из двух или более лиц и предварительно объединившихся для совершения одного или нескольких нападений на граждан или организаций [7].

Указанное понятие уже становится общепринятым в юридической науке и практике. В тоже время, в вопросе об объекте бандитизма нет ни общепринятого мнения, ни законодательной дефиниции, ни

правоприменительной практики, прежде всего, судебной и следственной. Поэтому, отмеченные вопросы вызывают достаточно серьезную научную и практическую дискуссию и немалый интерес [12, с. 83].

Т.Ш. Шарипов и А.И. Сафарзода отмечают, что для полного определения сущности любого преступления анализ следует начать с его объекта. Объект преступления – это охраняемые уголовным законом личные, общественные и государственные ценности, на которые посягает преступное деяние [14, с. 77].

Н.А. Кудратов отмечает, что объект преступления это то, на что посягает преступление, то есть то, на что оно направлено и чему причиняет или может причинить вред [5,с. 117].

И.Х. Бободжонов отмечает, что объект преступления - один из центральных и основополагающих вопросов уголовного права. Преступное деяние направлено на объект преступления, т.е. объект преступления это то, на что посягает преступления, нарушает его, наносит вред или может нанести вред ему [2, с. 5].

По мнению С.Х. Хусейнова объект преступления – это важное охраняемое уголовным законом общественное отношение, которому причиняет или может причинить вред общественно опасное деяние [13, с. 30].

В ст. 2 Уголовного кодекса Республики Таджикистан (далее – УК РТ) перечислены объекты, охраняемые УК РТ. Среди перечисленных охраняемых объектов содержится такой объект как общественная безопасность. Общественная безопасность является родовым объектом преступлений содержащихся в главе XXI УК РТ, где также содержится норма предусматривающая ответственность за бандитизм. Понятие «общественная безопасность» в научной литературе трактуется как совокупность общественных отношений, которые призваны обеспечивать безопасность условий жизнедеятельности граждан, а также организаций, учреждений и предприятий. Исходя из выше отмеченного, следует говорить именно о совокупности общественных отношений, поскольку само понятие общественной безопасности является сложным и многогранным.

По этому поводу Т.Д. Устинова отмечает, - «Сколько можно представить себе отдельных направлений, сегментов, в которых функционирует человеческая личность, столько существует разновидностей общественной безопасности» [11, с. 20]. Под общественной безопасностью, в интерпретации Верховного Суда РТ, следует понимать «состояние защищенности жизненно важных интересов общества, совокупность потребностей, удовлетворение которых надежно обеспечивает существование и возможность прогрессивного развития общества» [10, с. 415].

Нельзя согласиться и с имеющейся точкой зрения о том, что под общественной безопасностью следует понимать соблюдение тех или иных правил (норм) поведения в какой-либо сфере социальной жизни. Как отмечает А.Н. Игнатова, преступные деяния против общественной безопасности подразделяются на следующие разновидности: а) преступные деяния, нарушающие специальные производственные правила (нормы); б) преступные деяния, нарушающие общие правила (нормы) безопасности; в) преступные деяния, нарушающие правила (нормы), установленные в целях нормальной эксплуатации транспорта [6, с. 308].

По мнению М.А. Ефремова, «в основе всех социально-опасных деяний рассматриваемой группы лежат неправильное обращение с предметами, являющимися источниками повышенной опасности, несоблюдение установленных правил (норм)» [3, с. 13]. Это мнение и подход М.А. Ефремова к определению понятия общественной безопасности как объекта преступного деяния применительно к бандитизму, ряд авторов, считают «не безупречным», [1, с. 6] и с которым можно согласиться.

По статистике в РТ, в научных статьях ученых недостаточно проявляются показатели, по которым можно оценить уровень организованности, устойчивости, вооруженности преступных объединений в стране. Также, принимая бандитизм за социальное явление, без количественных и качественных характеристик трудно исследовать криминологический смысл бандитизма. Общественная безопасность ослабевает, если по результатам исследований решений судов в большем количестве обнаруживаются оправдательные приговоры по делам о бандитизме.

Чтобы лучше представить структуру общественной безопасности, следует обозначить ее входящие составной частью, состоящие из

следующих действенных элементов, которые одновременно будут являться и содержанием первоочередных задач обеспечения общественного порядка: а) потребность установления и поддержания спокойствия и общественного порядка; б) повсеместное обеспечение необходимых гражданам условий труда и отдыха; в) моральная и физическая неприкосновенность личности; г) всестороннее сохранение государственного имущества; д) обеспечение нормальной деятельности государственных и общественных предприятий, учреждений и организаций.

Но структура общественной безопасности может выделяться как чрезмерно объёмная. Перечисленные входящие составной частью не могут точно трактовать классификацию общественной безопасности. Эти элементы могут в той или иной мере характеризовать задачи, призванные обеспечить нормальное (правомерное) соблюдение адекватном установлении правил (норм) или необходимые нормальные стороны социальной жизни.

Важно также учитывать, что имеются правила (нормы) общественной безопасности общего, обычного характера, которые призваны обеспечивать нормальную жизнедеятельность людей, его свободу и личную неприкосновенность, неприкосновенность жилища, которые гарантированы Конституцией РТ. Данные блага охраняются посредством уголовно-правовой охраны общественной безопасности. А потому, закон и моральные устои общества содержат требования о том, что любой член общества обязан воздержаться от действий, совершение которых может привести к ущемлению или нарушению отмеченных прав человека и гражданина, гарантируемых Конституцией. Представляется, что с данным утверждением не вполне можно согласиться. На счет норм как о юридических понятиях, имеющих конкретное содержание и определенное правовое значение, можно говорить в случаях их фиксации в конкретных нормативных актах. Действительно, есть основания утверждать, что многие составы совершенных преступных деяний, направленные против общественной безопасности представляют собой нарушение тех или иных правил (норм), регламентирующих порядок осуществления процессов на отдельных видах производств, хранения и эксплуатации различных источников повышенной опасности и т.д. Их особенность заключается в следующем: состав соответствующего преступного деяния будет налицо только в том случае, когда установлено нарушение конкретной нормы, предусмотренного конкретной статьей нормативного акта. При квалификации бандитизма в этом плане иная картина. Здесь не идет речь о нарушении такого рода правил (норм). Ссылка же Т.Д. Устиновой на общие, обычные правила (нормы), заключающиеся в том, что любой член общества обязан воздержаться от действий, совершение которых может привести к ущемлению или нарушению прав человека и гражданина, гарантируемых Конституцией, нам представляется недостаточной и неубедительной.

Нарушение общих, обычных правил (норм), призванных обеспечивать права гражданина, могут быть совершены многими преступными деяниями, например преступления посягающих на такие конституционные права как жизнь, здоровье, собственность и т.д. Вместе с тем, эти преступные деяния, исходя, из данных признаков нельзя относить их к преступлениям посягающих на общественную безопасность. В этой связи понятие общественная безопасность необходимо рассматривать в широком смысле. Так, под общественной безопасностью следует понимать общественные отношения, складывающиеся при обеспечении нормального жизнеобеспечения граждан, нормального осуществления деятельности организаций, учреждений и предприятий.

В уголовно-правовой науке существует родовой, непосредственный и дополнительный объекты. Поскольку в результате бандитского нападения возможно причинение смерти или вреда здоровью, нарушение телесной и половой неприкосновенности или половой свободы, причинение имущественного ущерба и т.п., то в качестве дополнительного объекта бандитизма могут выступать жизнь и здоровье граждан, половая неприкосновенность и половая свобода, отношения собственности, нормальное функционирование организаций и т. д. Таким образом, родовым объектом бандитизма является общественная безопасность как совокупность общественных отношений, устанавливаемых и охраняемых государством по поводу нормальных и безопасных условий жизнедеятельности общества в целом и отдельных его граждан. Непосредственным объектом бандитизма выступают конкретные общественные отношения

или группы взаимосвязанных отношений этой системы - безопасные условия жизнедеятельности граждан, нормальная деятельность предприятий, учреждений и организаций, общественное спокойствие и т.д. [9, с. 77].

**Список литературы:**


1. Антилов В.И. Уголовно-правовая борьба органов внутренних дел с посягательствами на общественную безопасность: учебное пособие. Киев, 1987. – 86 с.
2. Бободжонов И.Х. Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (Дар назария ва амалия). Душанбе, «Ямини Содик», 2014. – 244 с.
3. Ефимов М.А. Борьба с преступлениями против общественного порядка, общественной безопасности и здоровья населения. Минск, 1971. – 86 с.
4. Казакова В.А. Вооруженная преступность как составная часть организованной преступности / В.А.Казакова // Организованная преступность, терроризм, коррупция: криминологический ежеквартальный альманах. Вып. 2. – М, 2003. – С. 129-140.
5. Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. / Н.А. Кудратов. – Душанбе, 2012. – 342 с.
6. Курс советского уголовного права. Т. 6, М. 1971. – 432 с.
7. Постановление Пленума Верховного Суда РТ №15 от 23.11.2012г. «О судебной практике по рассмотрению уголовных дел о бандитизме» Бюллетень Верховного суда РТ №4 октябрь-декабрь 2012. – Душанбе, 2013 г.
8. Ревин В.П., Сафаров Х.С. Уголовное право Республики Таджикистан. Особенная часть. Под ред. Ревина В.П., Солиева К.Х. Душанбе: «Ирфон», 2011. – 397 с.
9. Сальников А.В. Уголовно-правовое регулирование ответственности за бандитизм: история, современность и перспективы: дис… канд. юрид. наук. – М., 2018. – 183 с.
10. Сборник Постановлений Пленума Верховного суда Республики Таджикистан (1992-2011). Душанбе, 2011. – 556 с.
11. Устинова Т.Д. Уголовная ответственность за бандитизм (по новому УК РФ). М.: ЗАО «Бизнес-школа «Интел-Синтез». – 1997. – 192 с.
12. Фарханги истилохоти хукук / Словарь юридических терминов и выражений / Под ред. М.А. Махмудова. 3-е изд. Душанбе: Эр-граф, 2012. – 612 с.
13. Хусейнов С.Х. Состав преступления. Учебное пособие. ( на тадж. яз.). Душанбе, «ЭР-граф» 2013. – 271 с.
14. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. и др. Уголовное право (Общая часть). Душанбе, 2020. – 223 с.



**Аннотатсия**

**Оид ба масъалаи таърифи бандитизм**

Дар мақола мафҳуми бандитизм ва объекти он баррасӣ карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки барои муайян намудани объекти бандитизм баррасӣ намудани хусусиятҳои бандитизм, хосиятҳои асосии ҳам ҳуқуқӣ-ҷиноиву криминологӣ ва низ иҷтимоии онро баррасӣ бояд намуд. Дар доираи мақолаи мазкур муаллифон ҳамчунин мазмуни асосии Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мафҳум ва объекти бандитизмро таҳлил намуда, инчунин амнияти ҷамъиятӣ, ки объекти бандитизм ба ҳисоб меравад, дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бояд бехатарии шароити фаъолияти ҳаётии шаҳрвандон, инчунин ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳоро таъмин намояд, шарҳ дода шудааст.



**Аннотация**

**К вопросу определения объекта бандитизма**

В данной статье рассматривается понятие бандитизма и его объекта. Отмечается, что для определения объекта бандитизма важно рассмотреть характеристики бандитизма, основополагающие признаки не только в уголовно-правовом и криминологическом, но и в социальном аспекте. В рамках данной статьи автором также даётся анализ основного содержания Постановления Пленума

Верховного Суда РТ, специально посвящённый вопросам понятия и объекта бандитизма и общественной безопасности, которая являясь родовым объектом бандитизма в научной литературе трактуется как совокупность общественных отношений, которые призваны обеспечивать безопасность условий жизнедеятельности граждан, а также организаций, учреждений и предприятий.

**Annotation**

**To the question of determining the object of banditism**

This article examines the concept of banditry and its object. It is noted that in order to determine the object of banditry, it is important to consider the characteristics of banditry, the fundamental signs not only in criminal - legal and criminological, but also in social aspects. Within the framework of this article, the author also provides an analysis of the main content of the Resolution of the Plenum of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan, which is specifically devoted to the issues of the concept and object of banditry and public security, which, being a generic object of banditry, is interpreted in the scientific literature as a set of social relations that are designed to ensure the safety of the living conditions of citizens, as well as organizations, institutions and enterprises.

**УДК:** 343.231



**Сафарзода Анвар Ислом,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail:* *anvar_Safarov85@mail.ru*
*Тел.: (+992) 981-03-27-00.*



**Муқимов Сафарбек,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail:* *safarbek.mukimov.91@mail.ru*
*Тел.: (+992) 931-90-30-90.*

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

***Калидвожа:*** *қонун; ҷавобгарии ҷиноятӣ; саломатӣ; ҷиноят; ҷазои ҷиноятӣ.*
***Ключевые слова:*** *закон; уголовная ответственность; здоровье; преступление; уголовное наказание.*
***Keywords:*** *law; criminal responsibility; health; crime; criminal punishment.*

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикиситон, (минбаъд - ҶТ) ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 6-уми ноябри соли 1994 қабул шудааст, арзиши олӣ будани ҳуқуқи инсонро муайян намудааст: "Инсон, ҳуқуқ ва озодии ӯ арзиши олӣ ба ҳисоб меравад. Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд"[4].

Дар миёни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҷойгоҳи бисёр муҳимро ҳуқуқ ба саломатӣ ишғол менамояд. Дар сатҳи байналмилалӣ ҳуқуқи инсон ба саломатӣ ахиран эътирофи байналмилалӣ касб намудааст. Нахустин бор дар хусуси саломатӣ ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои пурарзиши иҷтимоиву иқтисодии бегонанашаванда, ба таври расмӣ дар конференсияи байналмилалие, ки соли 1945 дар Сан-Франтсискои ИМА ба муносибати таъсиси Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд - СММ) баргузор шуда буд, таъкид шуд. Мутобиқан, дар соли 1945 ба таври муайян дар моддаи 55 Қатъномаи СММ дар қатори дигар ҳуқуқҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ҳуқуқ ба саломатӣ низ зикр ёфт ва аз ин ба баъд ҷомеаи ҷаҳонӣ уҳдадор шуд, ки ин ва дигар ҳуқуқҳои дахлдори инсонро ҳифз намояд.

Як сол баъд, 22 июни соли 1946, дар шаҳри Ню-Йорки ИМА Қатъномаи Созмони байналмилалии саломатӣ ба имзо расид, ки дар он барои аввалин бор дар сатҳи байналмилалӣ мафҳуми саломатӣ ба таври расмӣ муайян ва мушаххас гардид. Дар муқаддимаи он аз ҷумла омадааст: "Саломатӣ на фақат маънии надоштани ҳолати заъфу беморӣ, балки он ҳолати рифоҳу некӯаҳволии комили ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоии шахсро ифода менамояд. Дастрас будани имконоти олии меъёрҳои саломатӣ ҳаққи ҷудонопазири ҳар як шаҳрванд новобаста ба нажод, эътиқодоти диниву сиёсӣ, мақоми моддӣ ва иҷтимоии вай дар ҷомеа мебошад. Сиҳату тандуруст будани шахс асос ва заминаи мусоиди расидан ба сулҳу амният маҳсуб мешавад ва он ба ҳамкории зичу наздики шахс ва давлатҳои ҷудогона сахт алоқаманд мебошад. Дастовардҳои ҳар як давлати ҷудогона дар самти таъмин ва ҳифзи саломатии шахс барои давлатҳои дигар як навъ меъёр ва маҳаки роҳнамо ба ҳисоб меравaнд". Иқтибоси мазкур ба муҳим будани неъмате чун саломатӣ дар миқёси фазои ҳуқуқи байналмилалӣ таъкид мекунад. Конститутсияи ҶТ дар мутобиқат ва мувофиқати комил бо меъёрҳои пазируфташудаи умумии байналмилалӣ барои ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва кумакҳои лозимаи тиббиро кафолат медиҳад [4]. Зери мафҳуми ҳифзи саломатӣ қонунгузории миллӣ маҷмӯи иқдомоти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, тиббӣ, санитариву беҳдоштӣ ва дигар

чорабиниҳои дорои характери зиддиэпидемиологиро дар назар дорад, ки ҳадафи ниҳоии онҳо пеш аз ҳама ҳифз ва тақвияти вазъи ҷисмониву рӯҳии ҳар як шаҳрванд ва таъмини фаъолияту зиндагии тӯлонии шахс ва расонидани кумаки лозими тиббӣ дар сурати аз даст додани саломатӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз самтҳои аслии фаъолияти давлат дар заминаи ҳифзи саломатии шахс ҳифзи саломатии шаҳрвандон дар баробари сӯиқасди дорои ангезаи ҷиноятӣ мебошад. Нақш ва аҳамияти бисёр муҳиммеро дар самти ҳифзи саломатии шаҳрвандон дар баробари сӯиқасди ҷиноятӣ мебозад. Кодекси ҷиноятии ҶТ ба таври лозим дучори тағйиру таҳаввул гардид ва дар айни замон мутобиқи муқаррароти Конститутсияи ҶТ масъалаи ҳифзи саломатии шахсро дар авлавият қарор дод. Фасли VII Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст, оғоз меёбад.

Таъмини бехатарии шахсӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи вазифаҳои дорои аҳамияти афзалиятнок дар самти таъмини бехатарии миллӣ муайян шудаанд. Омилҳои асосие, ки дар марҳалаи кунунӣ дар рушду густариши ҷинояткорӣ муассир мебошанд – ин заиф будани низоми танзиму назорат, асосҳои такмилнаёфтаи ҳуқуқӣ, набудани сиёсати пуркудрати давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва коҳиш ёфтани зарфиятҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Вуҷуд надоштани системаи муассиру самараноки таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар якҷоягӣ бо бӯҳрони мавҷудаи низоми саломатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии мардум, афзоиши дараҷаи масрафу истифодаи алкогол ва маводи мухаддир ва ҳамчун оқибатҳои он – зиёд шудани ҷиноятҳои вобаста ба зӯроварии оилавӣ дар умум саломатии миллатро дар маҷмӯъ бо хатарҳои бевосита рӯ ба рӯ месозад.

Бо дар миён гузоштани мавзӯи ҳифзи саломатӣ дар сатҳи конститутсионӣ, қонунгузори миллӣ дар назди татбиқкунандаи ҳуқуқ ҳамчун кафили асосии ҳифзи саломатии шаҳрванд, талаботи ҷиддӣ ба миён гузоштааст. Аммо бо вуҷуди муайян гардидани номгӯи васеи ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ дар Конститутсияи ҶТ, барои шахси одӣ ин ҳама бештар аз як изҳори декларативӣ чизи дигаре нест. Баъд аз сипарӣ шудани шароити вазнини солҳои 90-уми асри XX, ба тадриҷ давраи субот оғоз ёфт. Эҳёи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар маркази таваҷҷуҳи онҳо қарор доранд, вазифаи басо мураккаб ва сангинест, ки имрӯз аз сӯи давлати мо ҷиддан пайгирӣ мешавад. Вуҷуд надоштани системаи пурсамари татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон метавонад боиси аз байн рафтани асосҳои демократӣ дар ҷомеа гардад. Аз ин нигоҳ, ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мубориза ва талош барои таъмини дастовардҳои демократии давлати мо бояд нақши муҳим ва асосиро иҷро намояд.

Бешубҳа, корбурд ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо василаи мавҷуд дар ин роҳ нест. Аммо лозим ба таъкид аст, ки он василаи самарабахшу муассир дар пешгирӣ ва аз миён бурдани кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноке ба ҳисоб мераванд, ки метавонанд ба ҳаёт ва саломатии инсон ва ҷомеа зарба зананд. Аз ин ҷиҳат аст, ки мақомоти қонунгузор ва муассисаҳои илмӣ доиман ва пайваста ба масъалаҳои вобаста ба таҳқиқу коркарди илмӣ ва татбиқу ҷорикунии амалии асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои мушаххас ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Фақат ба туфайли низоми дар амал санҷидашуда ва дақиқи истифода бурдани монеаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ метавон дар кори мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, ки имрӯз ҷомеаи моро фаро гирифтааст, ба натиҷаҳои дилхоҳу самарабахш ноил шуд. Дарки дурусти мақоми таркиби ҷиноят, дараҷаи татбиқу ҳамгироии он бо низоми умумии монеагузориҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон медиҳад дар бораи сифати меъёрҳои мавриди омӯзиш ба таври саҳеҳу дуруст натиҷагирӣ намуда, камбуду норасоӣ ва иштибоҳоти эҳтимолии мавҷудаи онро муайян ва рафъ намуд.

Зери мафҳуми ҷиноят ба муқобили шахсият ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ гурӯҳи кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокеро муайян менамояд, ки онҳо дар Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар ва пешбинӣ шудаанд. Ин кирдорҳо ба муқобили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, обрӯю эътибори шахсият ва ҳуқуқи кӯдаку модар нигаронида шудаанд. Тамоми ҷиноятҳоеро, ки дар фасли VII қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ муттаҳид гардонида шудаанд, метавон ба панҷ гурӯҳи ҷудогона тақсим намуд: 1) ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ; 2) ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият; 3) ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ; 4) ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои

конститутсионии инсон ва шаҳрванд; 5) ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон.

Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ муҳимтарин бахши сохтори кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ба муқобили шахсиятро ташкил медиҳанд. Бесабаб нест, ки фасли VII Кодекси ҷиноятии ҶТ бо меъёрҳои ҳуқуқие оғоз меёбад, ки онҳо ба мавзӯи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ бахшида шудаанд. Вобаста ба тартиби ҷой гирифтани боби 16, бояд ёддовар шуд, ки он пурра ва комилан бо меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Бо дарназардошти ин нукта, ки ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ амалан қисми таркибии ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба ҳисоб мераванд, мушаххас намудани таносуби байни мафҳумҳои "шахсият" ва "инсон" аз аҳамияти хос бархурдор мебошад. Муқоисаи расмии номгӯи фаслҳо ва ҳамчунин номгӯи бобҳо иҷозат медиҳад чунин хулоса баровард, ки боби 16 фақат барои ҷиноятҳое ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, ки нисбат ба инсон ва шахсият содир мешаванд. Дар қатори ин, бояд зикр гардад, ки дар моддаи дуюми Кодекси ҷиноятии ҶТ ва ҳамчунин дар диспозитсияҳои моддаҳои фасли VII Кодекси ҷиноятии ҶТ аз сӯи қонунгузор чунин мафҳумҳое аз қабили "инсон" ва "шахсият" истифода шудаанд.

Ҳар як мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмуни муайянеро фаро мегирад [3, с.26]. Бар асоси назару андешаи маъмул шахс аз ибтидо ҳамчун шахсият ба дунё намеояд, балки он дар раванди ҳаёт ба шахсият мубаддал мегардад ва аз ин ҷост, ки мафҳуми "шахсият" дар муқоиса бо мафҳуми "инсон" [7, с.69] то андозае ҷанбаи замони гузаштаро ифода менамояд. Мувофиқи таърифи пешниҳоднамудаи В.П. Тугаринов, шахсият дорои хусусиятҳое мебошад, ки ин хусусиятҳо дар маҷмӯъ ба шахси калонсол ва шахси аз ҷиҳати рӯҳиву равонӣ солим хос мебошанд. Профессор А.Н. Красиков дар ин замина, ба ин нукта ишора менамояд, ки "на ҳар фард шахсият ба ҳисоб меравад. Фарде шахсият ҳисобида мешавад, ки ӯ баробари таваллуд соҳиби ҳуқуқ ва озодиҳо мегардад, метавонад ба таври мустақилона аз уҳдаи вазифаҳои барояш тавассути давлат муайян гардида барояд" [5, с.67]. Илми фалсафа низ тақрибан аз чунин нуқтаи назар пайравӣ ва пуштибонӣ менамояд. Дар фалсафа шахсият ҳамчун ифодаи муносибатҳои иҷтимоӣ субъекти маърифат ва таҳаввули ҷаҳон, ҳуқуқу вазифаҳо, меъёрҳои ахлоқиву эстетикӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Ба таври дигар агар баён созем шахсият ин фарди аз ҷиҳати маънавӣ рушду инкишофёфта ба ҳисоб меравад [14, с.358]. Ҳамин тавр, бо такя ба назари мутахассисону коршиносони зиёде метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки набояд ҳамаи афродро шахсият номид. Ба ин тарз пазируфта шудани нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ дар мавриди мафҳуми шахсият метавонад ин гуна тафсир шавад, ки фасли VII Кодекси ҷиноятии ҶТ танҳо он намояндагони ба истилоҳ хушбахти ҷомеаро пуштибонӣ менамояд, ки дар асл онҳо шахсият ба ҳисоб мераванд ва метавонанд ба таври мустақилона ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ сохта, он вазифаҳоеро, ки давлат барояшон муайян намудааст, иҷро намоянд. Ба ин маъно аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба истилоҳ шахси бепуштупаноҳ танҳо кӯдакони хурдсолу ноболиғ, пирону солмандон ва ҳамчунин шахсони дорои мушкилоти рӯҳиву равонӣ боқӣ мемонанд. Ҳамин тавр, ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд мафҳумҳои "шахсият" ва "инсон"-ро ба сифати ду мафҳуми баробармаъно мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Дар айни замон, наметавон ин нуктаро таъкид накард, ки барои қонунгузор осону содатар мебуд агар дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар ин замина аз мафҳуми нисбатан фаҳмо, яъне мафҳуми "инсон" кор гирифта мешуд. Ҳамин тавр, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мафҳумҳои "шахсият" ва "инсон"-ро ҳамчун ду мафҳуми баробармаъно арзёбӣ намояд. Дар баробари ин, наметавон ба ин нукта ишора накард, ки барои қонунгузор роҳату осонтар мебуд, агар дар Кодекси ҷиноятии ҶТ аз мафҳуми ягонаи "инсон" истифода бурда мешуд.

Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс қисми бисёр муҳим ва ҷудонопазири низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ ба ҳисоб меравад. Барои дарки дурусти моддаи 111-и Кодекси ҷиноятии ҶТ дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатии шахс, пеш аз ҳама бояд гурӯҳи кирдорҳоеро мушаххас сохт, ки ҷузъи ин низом ба ҳисоб мераванд.

Дар марҳалаи кунунӣ илми ҳуқуқи ҷиноятӣ низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсонро ба маънои васеъ ва аз нигоҳи соҳавиву тахассусӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад [11, с.37–39]. Аксари мутахассисони соҳаи криминалист тарафдори равияи дарки тахассусии ҷиноятҳои муқобили саломатии шахс мебошанд [17, с.58–59]. Аз ҷумла, профессор С.В Бородин қайд менамояд, ки зери мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ бояд он кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноке дар назар гирифта

шаванд, ки дар боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ КҶ ба онҳо ишора шудааст. Ин кирдорҳо агар боиси расонидани зарари мушаххас ба саломатии шахс ва ё шахрванд гарданд, дар ин ҳолат онҳо аз нигоҳи қонунгузорӣ оқибатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонанд дошта бошанд. Оқибати барои ҷамъият хавфнок оқибати кирдори ҷинояткоронаест, ки дар шакли зарар ба муносибатҳои ҷамъиятии тахти ҳимояти қонуни ҷиноятӣ қарордошта расонида шудааст ё метавонист расонида шавад [20, с.87].

Мутобиқи мавқеъи дарки васеъ, ба ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ кирдорҳое дохил мешаванд, ки онҳо бевосита боиси расонидани зарар ба саломатии шахс намегарданд, вале метавонанд саломатии инсонро ба хатар биандозанд [6, с.47–69].

Аз нуктаи назари мо мавқеъи дарки васеъи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон дар шароити истифодаи равишҳои инноватсионии кунунӣ бо мақсади эҷоди низоми самараноки ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ба ҳаёт ва саломатӣ нисбатан асоснок мебошад. Аз низоми ҷиноятҳо ба муқобили саломатии инсон хориҷ намудани унсурҳои дар боло зикршудаи ҷиноятҳои мавриди назар, мавриди омӯзиш қарор додани онҳоро ғайриимкон мегардонад, ки ин дар навбати худ боиси ба миён омадани монеагузориҳои ҳуқуқи ҷиноятие мегардад, ки он дар амал ҳифзи натиҷабахши ҳаёт ва саломатии инсонро номумкин месозад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чанд равиши аз ҳам фарқкунанда нисбат ба масъалаи таснифи гурӯҳи ҷиноятҳои мавриди назар вуҷуд дорад. Аз миёни онҳо, дар ин ҷо ба равишҳои нисбатан маълуму ошно ишора мекунем.

Ба сифати маҳаки таснифот, В.И. Зубкова аз аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон, яъне аз оқибатҳо ва тарзи сӯиқасд ё таҷовуз истифода мекунад ва дар зимн, ба таври пурра аз таркибҳои субъективии ҷиноят сарфи назар менамояд. Аз назари мо низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба мафҳуми васеъ, яъне бо дарназар гирифта шудани таркибҳои ҷиноятии дар банди боло зикршуда бояд таҳқиқу баррасӣ шавад. Ба таври умумӣ, системаи мавриди назар аз қисмҳои қонунманди бо ҳам дар алоқамандӣ қарордошта иборат аст [10, с.774]. Бинобар ин, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, бояд дар умум бо тамоми кирдорҳои дар Кодекси ҷиноятии ҶТ муайяншуда, ки барои расонидани зарар ба саломатии инсон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд, новобаста аз мақому ҷойгоҳ дар низоми қонуни ҷиноятӣ баррасӣ ва таҳқиқ шаванд. Ин дар ҳолест, ки ҳангоми таҳияву коркарди таркибҳои мазкур, низоми зарари расонидашуда ба саломатии шахс ба гурӯҳҳои вазнин, миёна ва зарари сабук тасниф ва дараҷабандӣ шудааст.

Вуқӯи инқилоб дар моҳи октябри соли 1917 ба марҳалаи навин дар рушду нумӯъи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ асос гузошт. То қабули нахустин кодекси ҷиноятии шӯравӣ, яъне Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, меъёрҳои Қонуни ҷиноятии соли 1903 дар Русия амал менамуданд, “зеро онҳо бинобар он ки бо шарафу виҷдон ва маърифати ҳуқуқии инқилобӣ мухолифат надоштанд, аз сӯи Инқилоб бекор нашуда буданд” [13, с.16]. Дар ҳафт соли сипаришуда баъди Инқилоб ва қабули Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, мақомоти қонунгузории шӯравӣ фармону дастурҳои зиёде содир намуданд, вале ҳамаи ин санадҳо аксаран характери мурофиавӣ дошта, навгониҳои ҷолиби таваҷҷуҳро дарбар намегирифтанд [3, с.30–44].

Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 аз ду боб иборат буд. Қисми махсуси КҶ ҶТ боби 5 ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари ҷисмонӣ бахшида шуда буд, ки дар он дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсият сухан мерафт. Аз рӯи зараре, ки ба шахси зарардида расонида мешуд, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 раддабандии сеҷузъии зарари ҷисмониро ба зарари вазнин, зарари каме вазнин ва зарари сабук асос қарор дода буд.

Зарарҳое, ки расонидани онҳо боиси эҷоди иллат дар саломатии шахс мегардиданд ва ё аз даст додани қувваи бинойӣ, шунавоӣ ё яке аз узвҳои баданро сабаб мешуданд ё боиси нуқсони ислоҳнопазири чеҳра мегардиданд, аз рӯи раддабандии суратгирифта ба гурӯҳи зарари ҷисмонии вазнин дохил мешуданд (моддаи 149 КҶ ҶШФСР соли 1922). Зарарҳое ба саломатӣ, ки дар натиҷаи расонидани онҳо ихтилоли доимӣ дар саломатии шахс ба вуҷуд меомад ва ё ба муддати тӯлонӣ боиси халалдор шудани кори яке аз узвҳои бадан мегардиданд, ҳамчун зарари нисбатан сабук муайян шуда буданд (моддаи 150 КҶ ҶШФСР).

Санксияҳои моддаҳои 149, 150, 153 КҶ ҶШФСР соли 1922 нишон медиҳанд, ки қонунгузор ба мубориза бо сӯиқасд ё таҷовуз ба муқобили шахсият аҳамияти зиёд медод. Барои

расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати на камтар аз 3 сол муқаррар гардида буд. Қисми дуюми ин модда оид ба навъҳои муайяншудаи зарари ҷисмонӣ, чораи ҷазоиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати на камтар аз 5 сол пешбинӣ менамуд. Барои расонидани зарари ҷисмонии қасдонаи нисбатан сабук ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол муқаррар шуда буд. Барои ворид намудани зарари ҷисмонии сабук ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ва ё корҳои маҷбурӣ ба муддати то 1 сол пешбинӣ шуда буд.

Моддаи махсус барои латукӯб ва ё дигар кирдорҳои зӯроварона ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамуд. Задан ва азоб додан дар моддаи алоҳида зикр ёфта буд, вале бо дарназар гирифта шудани истифодаи он дар маҷмӯъ бо дигар моддаҳои кодекс, моҳиятан он нақши вазнинкунандаи шароити содиршавии кирдорро иҷро менамуд. Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 барои аз рӯи беэҳтиётӣ расонидани ҳар гуна зарари ҷисмонӣ, сарфи назар аз дараҷаи вазнини онҳо, аз ҷумла зарари ҷисмонии сабук ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намуда буд.

Пас аз Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922, Муқарраротот барои тартиб додани хулоса дар бораи муайянсозии дараҷаи вазнинии зарар таҳия гардид.

Барои аввалин бор натиҷаҳои мактаби ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ, аз лиҳози қонунгузорӣ, дар Кодекси ҷиноятии соли ҶШФСР 1926, ки расман он аз якуми январи соли 1927 эътибори қонунӣ гирифта буд, инъикос ёфтанд. Ин кодекс аз миёни аломатҳои зарари вазнини ҷисмонӣ, аз ҷумла аломати "зарари ба ҳаёт ва саломати шахс хавфнок"-ро ки он бо аз даст додани ҷиддии қобилияти кории шахс меанҷомид, хориҷ намуд. Ба ин тартиб, дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ, аввалин бор меъёри иқтисодии арзёбии дараҷаи вазнинии зарар ба саломатии шахс пайдо шуд. Ҳамзамон бо ин, унсури зарари ҷисмонии нисбатан сабук, аз қонунгузорӣ хориҷ карда шуд. Бо тақсими раддабандии дуҷузъии зарари ҷисмонӣ, яъне тақсим ба зарари вазнин ва сабуки ҷисмонӣ, қонунгузор амалан аз тартиби сеҷузъии тақсими зарари ҷисмонӣ даст кашид.Ҷудосозии зарари ҷисмонии сабук ба ду навъ, яъне зарари воридкунанда ва зарари вориднакунандаи зарба ба саломатии шахс аз навгонии Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 ба ҳисоб мерафт.

Мутобиқи моддаи 142-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 ва банди 8 Муқаррароти танзими хулоса дар бораи муайянсозии мизони вазнинии зарар аз соли 1928, зери мафҳуми зарари вазнин зарари ҷисмоние фаҳмида мешуд, ки барои ҳаёт хатарнок ба ҳисоб мерафтанд ва оқибати онҳо боиси аз даст додани қувваи биноӣ, шунавоӣ ва ё кадоме яке аз узвҳои бадан ё аз даст додани қобилияти кории аъзои бадан, ба таври ислоҳнопазир зарар дидани чехра, бемории рӯҳӣ, зарар дидани саломатӣ ҳамроҳ бо аз даст додани қобилияти кории беш аз 1/3 мешуд. Барои қасдан расонидани зарари ҷисмонии вазнин ба шахс ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати то 8 сол пешбинӣ мешуд.

Моддаи 143-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 барои расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ ба саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намуда буд, ки он аз ду қисм иборат буд. Қисми аввал масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарӣ барои ворид намудани зарари сабуки ҷисмонии барои ҳаёт бехатар, вале воридкунандаи зарба ба саломатии шахсро ба танзим медаровар; қисми дуюм барои расонидани зарари сабуки ҷисмоние, ки ба саломатии шахс латма ворид намесохт ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян намуда буд. Аломати умумии ҳар ду навъи зарари сабуки ҷисмонӣ ин набудани хатар ба саломатии шахс шуморида мешуд [10, с.48].

Мутобиқи банди 9 Муқаррароти танзими хулоса дар бораи муайянсозии дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ, зарари сабуки ҷисмонии барои ҳаёт бехатар, вале воридкунандаи латма ба саломатии шахс, дорои аломатҳои зерин буд:

1) барои ҳамеша аз даст додани қобилияти кории аз 1/3 як ҳисса;

2) нуқсони дарозмуддат бардоштани яке аз узвҳои бадан;

3) бемориҳои дарозмуддати барои ҳаёт бехатар.

Тамомии ин зарарҳо дар сурати ворид намудани латма ба саломатӣ ва ҳамзамон бехатар будан барои ҳаёт аз сӯи қонунгузор ба гурӯҳи зарари сабуки ҷисмонӣ дохил карда мешуданд. Зарарҳое, ки боиси аз даст дода шудани 1/3 ҳиссаи қобилияти корӣ мешуданд, ҳамчун зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи латма ба саломатӣ арзёбӣ мешуданд. Ин аломат марзи мушаххасе миёни зарари вазнин ва сабуки ҷисмонӣ мегузошт, зеро мавҷуд будани аз даст додани қобилияти кории доимии камтар аз 1/3 ин зарарро вазнин намесохт, аммо аз даст додани қобилияти кории доимӣ, имкони ҳамчун зарари сабуки ҷисмонӣ муайян гардидани зарари мазкурро ғайриимкон месохт.

Аломати дуюми нишондиҳандаи зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи латма ба саломатӣ мутобиқи Муқаррароти мазкур “барои муддати тӯлонӣ халалдор шудани кори яке аз узвҳои бадан” шуморида мешуд. Дар эзоҳи он омада буд, ки зери мафҳуми халалдор шудан заъиф гардидани кори қувваи биноӣ, шунавоӣ, такаллум, даступо, аммо пурра аз даст надодани онҳо фаҳмида мешуд.

Аломати сеюм ба бемориҳои дарозмуддати барои ҳаёт бехатар рабт мегирифт. Аҳамияти ин аломат дар он хулоса мешуд, ки он нафақат миёни зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи латма ба саломатӣ ва зарари сабуки ҷисмонии бидуни латма ба саломатӣ марз мегузошт, балки асоси онро фароҳам меовард, ки дар чаҳорчӯби таркиби қ. 1. м. 143 КҶ ҶШФСР гурӯҳҳои зиёди зарари ҷисмонии дигар, ки ба бемории дарозмуддат меанҷомиданд, муттаҳид гардонида шаванд.

Барои қасдан расонидани зарари ҷисмонӣ (қ. 1. м. 143-и Кодекси ҷиноятии ҶШФСР) ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ва корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муддати то 1 сол пешбинӣ мешуд. Зарарҳое, ки дар натиҷаи онҳо ба саломатӣ латма ворид намешуд, зарари сабук шинохта мешуданд, яъне зарарҳое, ки боиси аз даст дода шудани қобилияти корӣ ба муддати кӯтоҳ мешуданд ё ба муддати кӯтоҳ боиси суст шудани кори яке аз узвҳои бадан мешуданд ё бемории кӯтоҳмуддати зудгузар мешуданд (б. 10 Муқаррароти танзими хулосаи дар бораи муайянсозии мизони вазнинии зарар). Ҳамаи се аломати зарари сабуки ҷисмонии вориднакунандаи зарари ҷисмонӣ мухолифи аломатҳои зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи зиён ба саломатии шахс мебошанд. Агар барои қ. 1 м. 143 Кодекси ҶШФСР соли 1926 заиф гардидани тӯлонии кори яке аз узвҳои бадан хос бошад, дар ин ҳолат қ. 2. м. 143 баръакс, дорои характери зараррасонии кутоҳмуддат буд; қисми 1 моддаи 143 – бемориҳои дарозмуддат, қисми 2 моддаи 143 – бемориҳои зудгузар, қисми 1 моддаи 143 – аз даст додани қобилияти корӣ барои муддати тӯлонӣ ва қисми 2 моддаи 143 – ба муддати кӯтоҳ аз даст додани қобилияти корӣ. Барои содир намудани сӯиқасди мазкур мутобиқи банди 2 моддаи 143 ҷазо дар шакли корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муддати то 6 сол ва ё ҷарима дар ҳаҷми 300 рубл муқаррар шуда буд.

Муқаррароти Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 доир ба ҷавобгарӣ барои сӯиқасд ба муқобили саломатӣ барҳақ, аз сӯи мутахассисон мавриди интиқод қарор гирифт. Н.И. Загородников дар ин робита аз ҷумла қайд намуда буд: “мувофиқи қонунгузории ҷиноятии қаблан амалкунанда (Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926) танҳо ду навъи зарари ҷисмонӣ, яъне сабук ва вазнин пешбинӣ шуда буд. Ба ин шакл табақабандӣ ва ё тақсим гардидани зарари ҷисмонӣ боиси пеш омадани мушкилот дар таҷрибаи амалии судӣ мегардид” [16, с.78]. Ба таври равшан нуқсу камбудҳои системаи дусатҳии арзёбии дараҷаи зарари ҷисмониро Т. Г. Даурова тавсиф намуда буд: “таҷрибаи тӯлонии истифодаи Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 ба дараҷаи лозим асоснок набудани гузариш ба арзёбии дудараҷаии муайян намудани мизони зарари ҷисмониро ошкор намуд. Бар асоси он миёни зарари вазнин ва сабуки ҷисмонӣ тафовути ҷиддӣ муайян шуда буд, дар як модда зери унвони зарари сабуки ҷисмонӣ ба таври пурра на ҳама ҷиноятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки якхела муттаҳид гардонида шуда буданд. Чораҳои ҷазоии барои расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ пешбинишуда ба дараҷаи воқеии вазнинии бештари ин кирдорҳо мутобиқат наменамуданд” [1, с. 7]. Сабуксозии беасоси ҷазо барои расонидани зарари сабуки ҷисмонии воридкунандаи латма ба саломатӣ камбуду нуқсони асосии системаи дусатҳии муайян намудани дараҷаи вазнинии зарар ба ҳисоб мерафт.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶШС Тоҷикистон), бо Қарори Президиуми КМИ Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 9 майи 1935 қабул гардида, 15 июни соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба қувваи амал даромад, ки давраи муҳим дар инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [3, с.31]. Бо ин қарор амали КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бекор карда шуд [21, с.122]. Ин нахустин КҶ ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки нақш ва аҳамияти муҳим дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад. [9, с.122]. Кодекси мазкур мутобиқи қонунҳои умумииттифоқӣ бо инъикоси хусусиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон таҳия шуда буд [9, с.122–123]. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 15 июни соли 1935 системаи таркибҳои зарари ҷисмонӣ дар боби 7 «Ҷиноятҳо бар муқобили ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шарафи шахс» пешбинӣ шуда, зарари ҷисмониро ба зарари вазнини ҷисмонӣ (м. 174) ва зарари ҷисмонии сабук (м. 175). ҷудо мекард. Оқибатҳое, ки боиси гум шудани биноӣ, шунавоӣ

ва ё ягон узв, вайроншави чеҳра, бемории равонӣ ё дигар ихтилоли саломатӣ, маъюбии шахс мегарданд, ба зарари вазнини ҷисмонӣ дохил мешаванд (қ. 1, м. 174). Қасдан расонидани зарари ҷисмонии сабуке ки ба ҳаёт таҳдид накарда боиси ихтилоли саломатӣ мегардад, ҳамчун зарар эътироф шудааст, (қ. 1, м. 175) [22, с. 57–58]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд.

17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор гирифт. [3, с. 30]. КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз принсипҳо ва муқаррароти умумии Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки 25 декабри соли 1958 қабул гардидааст, бармеояд [8, с. 13]. Дар ҷараёни таҳияи Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 масъалаҳои мавҷудаи таҷрибаи амалияи судӣ ва интиқодоти намояндагони муассисаҳои илмӣ ба инобат гирифта шуданд. Ба қонунгузори ватанӣ муяссар гардид, ки иштибоҳу камбудиҳои мавҷударо рафъ сохта, системаи мутаносуби муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба саломатии шахсро эҷод намояд.

Дар Кодекси ҷиноятии соли 1961 ҶШС Тоҷикистон аз нав системаи сесатҳии муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба кор гирифта шуд:

1) м. 111 – қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ

2) м. 112-қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ

3) м. 115 қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ

Таҳлили муқоисавии м. 142 КҶ ҶШФСР соли 1926 ва м. 111-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961, ҳамчунин Муқарраротҳои ҳуқуқии кодексҳои солҳои 1926 ва 1961 нишон медиҳанд, ки қонунгузори шӯравӣ барои ворид кардани тағйироти ҷиддӣ дар таркиби қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ далелу асосҳои қавӣ ошкор насохт. Танҳо қатъ намудани ҳомиладорӣ ҳамчун навгонии чунин аломат дар чаҳорчӯби моддаи 111-и Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 пешбинӣ шуд. Моддаи мазкур ба сифати ҷазо ҷавобгарии ҷиноятиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 10 сол муқаррар намуд. Қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ, ки боиси марги шахси зарардида мешуд ё дорои характери азобу шиканҷа ва ё ҷинояти содиршуда тавассути шахси ретсидивист ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то дувоздаҳ солро ба ҳамроҳ метавонист дошта бошад (қ. 2 м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961).

Зарари ҷисмоние, ки боиси ба миён омадани оқибатҳои хоси зарари вазнини ҷисмонӣ нашуда сабаби ворид гардидани латмаи дарозмуддат ба саломатӣ дар шакли беморӣ ё иллатдор шудани яке аз узвҳои бадан ба муддати бештар аз чаҳор ҳафта ё аз 15 то 33% аз кор афтодани қобилияти корӣ мегардиданд, дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ва Муқаррароти танзими хулоса дар бораи мизони муайянсозии вазнинии зарар ҳамчун зарари нисбатан сабуки барои ҳаёт бехатар муайян гардиданд.

Таркиби муайяншуда (расонидани зарари нисбатан сабуки дорои характери азобу шиканҷа ё зараре, ки тавассути шахси ретсидивист расонида мешавад) таъйини ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати то панҷ солро пешбинӣ менамуд.

Дар тамоми давраи амали Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 моддаи 112 танҳо ду бор дучори тағйир шуд. Мувофиқи Указа Президиуми Суди Олии ССР аз таърихи 3 декабри соли 1982, муҳлати ҷазо барои қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ бидуни аломатҳои квалификатсионӣ то ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ тамдид карда шуд.

Мутобиқи ин санади қонунгузорӣ расонидани зарари ҷисмонии нисбатан сабук ба шахсе, ки дар ҳоли иҷрои вазифаи ҷамъиятӣ ё хизматӣ мебошад ё ба шахси наздики вай ва ё шахсони дигаре, ки ба ҳаёти онҳо таарруз бо мақсади халал расонидан ба иҷрои фаъолияти қонунӣ, ки тавассути онҳо анҷом мешавад, зарари муайяншуда арзёбӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, ба муҳлати то ду сол ҳадди минималӣ барои содир намудани таркиби квалификатсионӣ муқаррар гардид.

Аз якуми сентябри соли 1998 Кодекси ҷиноятии ҶТ мавриди амал қарор гирифт, ки он аз муқаррароти қаблан амалкунанда қоидаҳои зиёди вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсонро низ қабул намуд. Дар зимн ба он навгониҳои зиёде низ ҳамроҳ карда шуд. Аз ҷумла, дар ин замина системаи муайянсозии аломатҳои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба таври назаррас тағйир дода шуд.

Аснои таҳияи КҶ ҶТ соли 1998 мафҳуми ба таври васеъ истифодашавандаи “зарари ҷисмонӣ” ба истилоҳи нисбатан дақиқтар, яъне “расонидани зарар ба саломатӣ” барои муайян гардидани оқибатҳои таъарруз ба саломатии шахс иваз карда шуд. Системаи седараҷаии муайянсозии мизони вазнинии зарари расонидашаванда ба саломатӣ дар КҶ ҶТ соли 1998 иваз нагардида, ҳифз шуд.

Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дар моддаи 111 пешбинӣ шудааст, ки он аз ду бахш иборат мебошад: қ. 1 - таркиби умумӣ, қ. 2 – таркиби квалификатсионӣ. Кодекси ҷиноятии ҶТ соли 1998 принсипи сохти таркиб бо истифода аз аломатҳои негативӣ (барои ҳаёт хавфнокнабуда ва оқибатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ пешинишударо ба миён наовардааст) ва аломатҳои позитивиро, ки (аз се як ҳисса аз даст додани қобилияти умумии корӣ, ба муддати тӯлонӣ ворид гардидани латма ба саломатӣ) дар Кодекси ҷиноятии соли 1961 ҶШС Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор гирифта буд, истифода намуд. Истифодаи чунин конструксия имкон медиҳад ба ҳадди максималӣ фосила дар байни қасдан расонидани зарари миёна ва қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ мушаххас гардад. Санксияи қ.1 м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ характери алтернативӣ дорад ва он ду навъи ҷазои эҳтимолиро пешбинӣ менамояд: 1) корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол; 2) маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол.

Тағйиру иловаҳои ба КҶ ҶТ воридкардашуда дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ раванди гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ сурат гирифта истодааст. Ин бо он тасдиқ мешавад, ки КҶ ҶТ (1998), баръакси КҶ солҳои 1935, 1961 пайдарпайии дигари намудҳои ҷазоҳоро «аз ҷазои сабуктар ба ҷазои вазнинтар» мустаҳкам менамуданд [3, с.48].

Ҳамин тавр, зарари миёна ба саломатӣ, зарарест, ки боиси харобшавии тӯлонии саломатӣ ё ба таври устувори назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти меҳнатӣ гаштааст. Харобшавии тӯлонии саломатӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки дар натиҷаи зарар шахс қобилияти меҳнатии худро зиёда аз се ҳафта (21 рӯз) гум карда бошад. Ба таври устувору назаррас аз даст додани қобилияти меҳнатӣ бошад, дар вақте ҷой дорад, ки шахс аз 10 то 30 фоизи қобилияти меҳнатии худро гум карда бошад [15, с.252].

Зимни таҳлилу баррасии мавзӯи баъзе масоили рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мо ба хулосаҳои зерин омадем.

1. Аз рӯи зараре, ки ба шахси зарардида расонида мешуд, Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 раддабандии седараҷаии зарари ҷисмониро ба зарари вазнин, зарари каме вазнин ва зарари сабук асос қарор дода буд.

2. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ҳамчун таркиби ҷиноят мавҷуд набуд.

3. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз нав системаи сесатҳии муайян намудани дараҷаи зарари ҷисмонӣ ба кор гирифта шуд:

1) м. 111 – қасдан расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ

2) м. 112-қасдан расонидани зарари каме вазнини ҷисмонӣ

3) м. 115 қасдан расонидани зарари сабуки ҷисмонӣ.

4. Дар айни замон барои қонунгузор осону содатар мебуд агар дар Кодекси ҷиноятии ҶТ дар ин замина аз мафҳуми нисбатан ба ин маъно миёна ва фаҳмо, яъне мафҳуми “инсон” кор гирифта мешуд. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд мафҳумҳои “шахсият” ва “инсон”-ро ҳамчун ду мафҳуми баробармаъно арзёбӣ намояд. Дар баробари ин, наметавон ба ин нукта ишора накард, ки барои қонунгузор хубтар аст, агар дар Кодекси ҷиноятии ҶТ аз мафҳуми воҳиду ягонаи “инсон” истифода мешуд.

Ҳамин тавр, қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ унсури муҳими низоми ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар Кодекси ҷиноятии ҶТ пешбинӣ шудааст.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Т.Г. Даурова Уголовная ответственность за легкие телесные повреждения [Текст] / Т.Г. Даурова. – Саратов, 1980. – 121 с.

2. Н.И. Загородников Преступления против здоровья [Текст] / Н.И. Загородников.– М., 1969. – 463 с.

3. З. Х. Зокирзода Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ[Матн]: дис. … ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / З.Х. Зокирзода. – Душанбе, 2020. – 176 с.

4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016.–137 с.

5. Красиков А.Н. Уголовно-правовая охрана прав и свобод человека в России [Текст] / А.Н. Красиков. – Саратов: Полиграфист, 1996. – 211 с.

6. Курс уголовного права. Особенная часть. Т. 3. Учеб. для вузов / Под ред. Г.Н. Борзенкова, В.С. Комисарова. – М.: ИКД Зерцало, 2002. – 624 с.

7. Матузов Н.И. Личность. Права. Демократия. Теоретические проблемы субъективного права [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов, 1972. – 292 с.

8. Мирзоахмедов Ф.А. Уголовная ответственность за терроризм по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование). Монография [Текст] / Ф.А. Мирзоахмедов. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 180 с.

9. Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР [Текст] / М.М. Муллаев. – Сталинабад: Идв-во Таджик, гос. ун-та, 1960. Ч. 1. – 159 с.

10. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения [Текст] / А.С. Никифоров. – М.: Госюриздат, 1959. – 158 с.

11. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1993. – 960 с.

12. Расторопов С.В. Система преступлений против здоровья человека [Текст] / С.В. Расторопов // Законность. – 2004. – № 10. – С. 46–48.

13. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / А.И.Сафарзода. – Душанбе, 2018. – 53 с.

14. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917–1952 гг. – М.: Госюриздат, 1953. – 463 с.

15. Спиркин А.Г. Философия. Учебник [Текст] / А.Г. Спиркин.– М.: Гардарики, 2002. – 736 с.

16. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Муҳаррири масъул Х.Х. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – 880 с.

17. Тихонов Е.Н. Уголовная ответственность за причинение вреда здоровью по законодательству Российской Федерации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Е.Н. Тихонов. – М., 2004. –187 с.

18. Уголовное право России: Учебник: В 2 т. Особенная часть. / Под ред. А.И. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М.: НОРМА-ИНФРА-М., 2000. – 100 с.

19. Уголовный кодекс Таджикской Советской Социалистической Республики [Текст] / Сталинабад: Таджикгосиздат, 1935. – 81 с.

20. Российское уголовное право. Особенная часть [Текст]. – М.: Юрист, 1997. – 496 с.

21. Халиков Ш.Л. Уголовная ответственность за умышленное причинение тяжкого вреда здоровью по законодательству Республики Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Ш.Л. Холиков. – Душанбе, 2017. – 178 с.

22. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилёфта [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х.Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. – Душанбе, 2020. – 223 с.

**Аннотатсия**

**Баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ**

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи баъзе масоили инкишофи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ меравад. Муаллифон баъзе масоили рушди қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро аз нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қорор дода, оид ба ин масъала фикру андешаҳои худро иброз доштаанд.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы развития уголовного законодательства Республики Таджикистан об умышленном причинении средней тяжести вреда здоровью**

В статье рассматриваются некоторые вопросы развития уголовного законодательства Республики Таджикистан об умышленном причинении средней тяжести вреда здоровью. Авторы исследуют некоторые вопросы развития уголовного законодательства Республики Таджикистан об умышленном причинении средней тяжести вреда здоровью с точки зрения отечественных и зарубежных ученых и высказывают свое мнение по данному вопросу.

**Annotations**

**Some issues of the development of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on the deliberate infliction of moderate harm to health**

The article examines some issues of the development of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on the deliberate infliction of moderate harm to health. The authors investigate some issues of the development of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan on the deliberate infliction of moderate harm to health from the point of view of domestic and foreign scientists and express their opinion on this issue.





**УДК:** 341.413

**Кудратов Некруз Абдунабиевич,**
*кандидат юридических наук, заведующий кафедрой коммерческого права Таджикского государственного университета коммерции.*
*E-mail: nek-kudratov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 935-96-00-01.*

**Курбонова Афзуна Азимбоевна,**
*соискатель Института философии, политологии и права им. А.М. Бахоуддинова Академии наук Республики Таджикистан.*
*E-mail: afzuna.kurbonova@bk.ru*
*Тел.: (+992) 921-01-02-29.*

# ГЛОБАЛИЗАЦИЯ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ТРАНСНАЦИОНАЛЬНОЙ ОРГАНИЗОВАННОЙ ПРЕСТУПНОСТИ

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ; ҷиноятгорӣ; ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ; коррупсия; муҳоҷирати ғайриқонунӣ; хариду фурӯши одамон.*

***Ключевые слова:*** *глобализация; преступность; транснациональная организованная преступность; коррупция; незаконная миграция; торговля людьми.*

***Keywords:*** *globalization; crime; transnational organized crime; corruption; illegal migration; human trafficking.*

Глобализация привела не только к глобализации преступного мира, но и до сих пор подпитывает спрос на многие незаконные услуги. По справедливому мнению В.В. Лунеева, именно глобализация предоставила исключительные возможности для транснациональных преступных организаций [1]. Сегодня мир становится все более взаимосвязанной сетью, включающей транспорт, связь, финансы, распределение власти и т.д. В сочетании с достижениями в области технологий, потенциал для новой преступной деятельности становится более привлекательным.

Преступность считается одной из самых известных общественных проблем, которая может быть вызвана многими факторами, в том числе последствиями глобализации [4, с.76–78]. Общая взаимосвязь между глобализацией и преступностью заключается в том, что глобализация приводит к появлению неформальности, которая создает привлекательную среду для преступников. Кроме того, некоторые формы преступлений все чаще приобретают глобальный характер.

Согласно сведениям ООН, ежегодно организованная преступность наносит вред мировой экономике почти 2.2 трлн. долларов США [3, с.241–255]. Часть этих преступлений совершается транснациональными преступными организациями, которые занимаются контрабандой незаконных товаров, наркотиков, оружия и торговлей людьми. Другая часть преступлений совершается странами, нарушающими международные законы и соглашения.

Благодаря возможностям глобализации, организованная преступность может нанести большой ущерб при очень низких затратах, используя, например, телекоммуникационные сети. С развитием коммуникационных и транспортных технологий удаление границ между странами в определенном смысле затруднило надзор и контроль национальных границ в традиционном смысле. В некотором смысле такая ситуация облегчает работу транснациональных преступных организаций. Таким образом, преступники могут легко организоваться в группировки и избежать контроля государства.

Процессы глобализации изменили не только структуру и динамику преступности, но и ее количественные и качественные характеристики. Борьба с транснациональной преступностью для Республики Таджикистан стала актуальна в 1990-х гг., когда преступность приобрела трансграничный характер и начала

пересекать национальные границы. Сегодня ООН выделяет 18 видов преступлений транснационального характера, которые имеют негативные последствия в двух или более странах [4, с. 211].

Основными последствиями глобализации, способствующими развитию транснационалной преступности являются:

1. Растущее экономическое неравенство

Совокупный эффект глобализации в последние десятилетия привёл к более неравномерному распределению благ даже в тех странах, где доходы на душу населения выросли [5, с.1-10]. Рыночные или благоприятные для рынка изменения, связанные с глобализацией, спровоцировали текущее глобальное неравенство или создали новые. Социальное неравенство в распределении экономических или производственных ресурсов и доходов имеет тенденцию к увеличению, в результате разрыв между западом и востоком увеличивается.

Как сторонники, так и противники глобализации, признают, что неолиберальный капитализм и глобальное развитие приводят к возникновению бедности и лишений в развивающихся странах [6]. После промышленной революции разрыв между самыми богатыми и беднейшими странами мира увеличился.

Экономическое неравенство в стране считается одной из основных причин совершения преступлений. Новые экономические системы в глобальном мире привели к возникновению неравенства, поляризации бедности и нищеты, которые считаются первопричинами преступности [7]. Общая неустойчивость экономики страны, ограниченные возможностями трудоустройства, безработица и инфляция влияют на уровень преступности в стране. Именно эти условия во многом способствовали вовлечению граждан Республики Таджикистан к участию в «Исламском государстве», так как они давали возможность получения «зарплаты» в размере от 2000 долларов США ежемесячно. Согласно данным ГКНБ, на стороне террористической организации "Исламское государство" (ИГ или ИГИЛ, запрещена также и в РФ) в боевых действиях в Сирии и Ираке участвовали порядка 1900 граждан Республики Таджикистан [8]. Данный фактор является причиной резкого возрастания преступления экстремистского характера в Таджикистане. За последние 10 лет динамика совершения преступлений экстремистского характера (ст. $307^1$, $307^2$, $307^3$, $307^4$ УК РТ) и по количественным, и по качественным свойствам имеет высокий рост. Например, если в 2010 г. по ст. $307^1$, $307^2$, $307^3$, $307^4$ УК РТ было зарегистрировано 10 преступлений, то в 2011 г. – уже 28. В последующие годы число этих преступлений резко выросло. Например, в 2012 г. их было совершено 18; в 2013 г. – 38; 2014 г. – 116, 2015 г. – 345, 2016 г. – 617, 2017 г. – 506 [9], 2018 г. – 360 [10], 2019 г. – 634 [11], 2020 г. - 1091 (включая террористические преступления) [12] упомянутых преступлений. По другим данным за 2015 г. - 437, 2016 - 876, 2017 – 793 эпизодов этих преступлений было зарегистрировано [13]. Безусловно, данные статистики значительно ниже реальных цифр, поскольку многие преступления экстремистского характера являются высоко латентными. Причиной резкого возрастания этих групп преступлений стало то, что определенная часть граждан РТ примкнула к некоторым экстремистским и террористическим организациям и течениям (Хизб-ут-Тахрир, Ихвон-ул-Муслимин, Движение Талибан, Аль-Каида, Ансаруллах, Салафия, ИГИЛ, Группа 24, Национальный альянс Таджикистана), а также совершила попытку государственного переворота при поддержке Партии исламского возрождения Таджикистана (ПИВТ) в 2015 г.

При неразвитой экономике уровень преступности растет. Как показывают исследования, уровень убийств намного выше в странах с большим неравенством доходов [14, с. 186].

2. Последствия приватизации и либерализации

Проведение во всем мире либерализации и приватизации привело к ухудшению социально-экономических условий для значительной части населения мира и увеличению разрыва между развитыми и развивающимися странами за последние десятилетия. Более того, такая политика нанесла значительный ущерб способности развивающихся стран отстаивать и расширять свои национальные интересы.

Политика глобализации частично осуществляется благодаря инициативам МВФ и Всемирного банка. До сих пор эти учреждения подвергались резкой критике из-за их противоречивой политики, направленной на развитие бедных стран. Помимо функций по восстановлению экономик, эти два учреждения часто принимают меры, которые усугубляют

бедность в странах с переходной экономикой [15, с. 28].

Соглашаясь с некоторыми авторами, можно утверждать, что факторы, которые привели к вынужденной экономической глобализации бедных стран, являются долговым кризисом третьего мира и переговорами о мировой торговле. Бедные страны не могут обращаться в МВФ или Всемирный банк с просьбой о ссуде для восстановления своей экономики, если они не согласятся на пакет мер структурной перестройки, призванной открыть их для глобального рынка.

Эти меры включают снижение тарифов, минимальный контроль над иностранными инвестициями, девальвацию валюты и низкие государственные расходы. В настоящее время около девяноста стран подлежат такой экономической корректировке, санкционированной Всемирным банком и МВФ [16].

Приватизация имеет место в мировом масштабе, однако она ведет к динамичному развитию производительных сил в нескольких странах. Возникли серьезные политические, экономические и этические проблемы, связанные с обоснованием приватизации государственных предприятий. Одним из основных доводов в пользу приватизации было устранение государственных монополий, чтобы стимулировать конкуренцию и способствовать снижению цен и повышению эффективности. Однако покупателями государственных монополий обычно являются частные монополии и крупные инвесторы. Дерегулирование включает в себя приватизацию, повышение новых частных монополий цен и прекращение оказание услуг для людей, которые не могут позволить себе платить. Таким образом, новый порядок привел к неэффективности удовлетворения реального спроса.

На самом деле приватизация была связана с усилением грабежей, истощением ресурсов и перемещением людей. Скорость и масштабы приватизации предоставили преступным группировкам возможность инвестировать свою незаконную прибыль в предприятия и недвижимость, которые обычно служили прикрытием для дальнейшей незаконной деятельности или отмывания денег. Это привело к вложению большого количества «грязных» денег в страны с переходной экономикой. По мнению Л. Шелли, организованная преступность оказалась вовлеченной в процесс приватизации посредством мошенничества с ваучерами, аукционов по приобретению частной собственности, коммерческой недвижимости, банковского сектора и присвоения природных ресурсов государства. Когда началась приватизация, российские, мексиканские и колумбийские организованные преступные группировки стали влиятельными. Приватизация предоставила этим группам возможности за счет отмывания преступного капитала вложить деньги в легальную экономику [17, с. 465].

3. Массовые миграционные потоки

Глобальные изменения влияют на перемещение населения. Глобализация на рынке труда характерно отличается от глобализации рынков товаров или активов. Производство, как часть торговли, выходит за рамки границ с привлечением международной миграции. Торговля товарами, услугами и капиталом полностью отличается от торговли трудовыми услугами. Международная миграция реагирует на сигналы рынка. Когда позволяет политическая среда, международная миграция становится законной; однако при наличии ограничений на иммиграцию она может стать незаконной.

По прогнозам Международной организации по миграции, количество мигрантов к 2030 г. достигнет более чем 300 млн. человек [18, с. 289]. Миграция, оказывая влияние на количественные и качественные характеристики преступности, воздействует на ее условия и причины, и в целом усугубляет криминогенную обстановку в стране [19, с. 124-127]. Иммиграция и преступность - взаимосвязанные проблемы. Точно так же новые иммигранты в развитых странах связаны с ростом уровня преступности и появлением новых транснациональных преступных организаций. В связи с чем, как отмечает А.И. Федорако, «наибольшая угроза исходит не от мигранта, ставшего объектом незаконного ввоза (вывоза), а от укрепления организованных преступных синдикатов, получения ими сверхприбылей противозаконным путем» [20, с. 11].

Международная миграция и организованная преступность связаны в трех аспектах. Во-первых, как деятельность международных капиталистических корпораций, так и адаптация транснациональных сетей создают экономические возможности и стимулы для иммигрантов, поэтому многие люди из развивающихся стран стремятся мигрировать в развитые страны. Однако ограничительная

политика в развитых странах накладывает ограничения на иммигрантов, создавая рынок для преступных организаций. Например, страны приема иммигрантов, как правило, предпочитают высококвалифицированных иммигрантов, а не низкоквалифицированных рабочих. В то время как последствия глобализации вызвали появление массовых потоков капитала и массовую миграцию в чрезвычайных масштабах, второй период глобализации характеризовался дальнейшим прогрессом в международной экономической интеграции, но ограниченной миграцией, желательно высококвалифицированных иммигрантов. В результате этой тенденции эти процессы косвенно помогают создать рынок для организованных преступных групп. Люди, желающие нелегально мигрировать в развитые страны, обращаются в преступные организации. В результате контрабанда людей стала одним из наиболее прибыльных и предпочтительных видов преступной деятельности для организованных преступных групп.

Во-вторых, некоторые потомки иммигрантов, как правило, вовлечены в организованную преступность. Транснациональные преступные организации, занимающиеся незаконной миграцией, состоят в основном из групп иммигрантов. Основным фактором этой тенденции является то, что большинство иммигрантов живут в условиях низких стандартов и имеют более низкий уровень образования.

В-третьих, группы мигрантов, которые начали действовать в начале 1990-х годов, сейчас уже обеспечивают связи с организованными преступными группами в своих странах и способствуют их интернационализации.

4. Укрепление теневой экономики

Теневая экономика считается альтернативой бедности четвертого мира. Эта экономика расширила свои масштабы, стала диверсифицированной и взаимосвязанной с мировой промышленностью.

Возникновение теневой экономики обусловлено несколькими факторами. Так, согласно некоторым авторам, глобализация мировой экономики приводит к созданию неформальной экономики. Глобальная торговля и инвестиции дают компаниям возможность быстро перемещаться и легко пересекать границы, ставя в невыгодное положение рабочую силу, особенно низкоквалифицированных рабочих, которые не могут легко мигрировать. В последнее время все больше и больше корпораций переезжают в развивающиеся страны с низкими затратами на рабочую силу или переходят на неформальную занятость. В результате большему количеству рабочих в этих странах платят очень низкую заработную плату [21]. Согласно данным ОЭСР в первом десятилетии нового века масштабы теневой экономики в мире достигли 10 трлн долл. США, в ней были задействованы почти 2 млрд чел (50% всей рабочей силы планеты) [22].

В результате взаимосвязь между глобализацией и развитием теневой экономики приводит к росту бедности и определённых лишений для людей, которые работают в данном секторе. Чаще всего именно бедные люди склонны совершать преступления или вовлекаться в организованную преступность [23].

5. Распространение коррупции

Одной из важнейших последствий процессов глобализации является коррупция, профилактикой которой наравне с национальными правоохранительными органами, занимаются практически все международные организации [24, с. 24-31]. Коррупция возникает как консервативная сила, которая поддерживает и усиливает структурные несоответствия и неравенства. Данное явление серьезно препятствует социально-экономическому прогрессу в развивающихся странах. Коррупция — это явление, несущее опасность обществу, борьба против нее считается главной задачей государственных органов, институтов гражданского общества и каждого жителя страны [25]. Коррупция подрывает экономическое развитие. Коррупция, являясь одним из опасных явлений общества, в мировом масштабе признана как тяжкое преступление и одним из угрожающих элементов национальной безопасности государств, воспрепятствует его социально-экономическому развитию и стабильности [26]. Кроме того, коррупция способствует тому, что финансовые средства используются несправедливо, что приводит к увеличению уровня недоверия как населению, так и международным донорам. В результате исчезает значительная часть иностранной помощи и снижается производительность труда.

Глобализация увеличила возможности для коррупции. Например, приватизация предоставила многочисленные возможности коррупционерам [27, с. 246-258]. Глобализация

мировой экономики придала проблемам коррупции новое измерение. Дерегулирование финансовых рынков, отмена валютного контроля, распространение новых информационных технологий и развитие более сложных систем платежей способствуют росту числа случаев коррупции во всем мире.

Коррупция и взяточничество считаются одним из видов транснациональной преступности [28]. Коррупция стала в значительной степени транснациональной, потому что экономика стран стала транснациональной и все более глобальной по своему характеру. Стоимость ведения бизнеса во многих регионах мира включает подкуп как тех, кто работает на правительство, так и в частном секторе, отвечающих за предоставление доступа, франшиз или прав эксплуатации. Глобальные компании, работающие в странах с громоздкой бюрократией и неэффективной администрацией, вынуждены платить «быстрые деньги», чтобы «выполнять свою работу».

Многие преступления связаны с коррупцией в том смысле, что она способствует совершению злоупотреблений и помогает обрабатывать незаконные доходы. Эти правонарушения охватывают использование подтасовки, правонарушения в области бухгалтерского учета, фальсификацию или подделку документов, а также отмывание незаконных доходов. Транснациональные преступные организации совершают большинство этих преступлений, когда они действуют по всему миру. Условия, созданные глобализацией, привели к глобальному объединению преступного подполья. Глобальные преступники развращают законные экономические, социальные и политические институты. И когда коррупция носит эндемический характер транснациональные преступные группы сводят к минимуму риск судебного преследования и не боятся государственных институтов.

6. Ослабление контроля на границах

Отмена пограничного контроля стала интеллектуальной модой в так называемую эпоху глобализации. Значение национальных границ развитых регионов мира, значительно уменьшилось в результате военных изменений, экономического развития и современных коммуникационных технологий. Территория теряет свое значение в новую эпоху «виртуального государства». Несмотря на то, что многие границы были демилитаризованы в рамках традиционной сферы национальной безопасности и либерализованны для облегчения коммерческого обмена, теперь они также в большей степени криминализированы за счет предоставления возможностей транснациональным преступным группировкам. В частности, коррупция на границах служит основой деятельности этих преступных групп.

Нормы УК РТ не защищают в достаточной мере некоторые особо важные вопросы, касающиеся проблем защиты территории Таджикистана от незаконного деления и нарушения неприкосновенности. Основными угрозами для нарушения территориальной целостности и территориальной неприкосновенности Таджикистана является нынешняя ситуация в соседних государствах Кыргызстане и Афганистане. Протяженность границы между Таджикистаном и Афганистаном составляется 1400 км., а между Таджикистаном и Кыргызстаном составляет около 970 км. По мере того, как советская эпоха распалась, кыргызско-таджикская граница остается одной из последних неопределенных границ, где отчетливо ощущается наследие СССР в новой Евразии. За 25 лет независимости Кыргызстану и Таджикистану удалось разграничить 519 км из 978 км их общей границы, в то время как оставшиеся 459 км в густонаселенных низменностях являются предметом взаимных претензий и включают 58 раздельно спорных участков.

Анализ законодательных предписаний подтверждает принадлежность территориальной целостности и неприкосновенности Таджикистана к основам национальной безопасности (безопасности государства). Особое место среди них занимают реальные и потенциальные угрозы территориального характера:

1) во внешнеполитической сфере – угрозы посягательства на суверенитет государства и ее территориальную целостность, территориальные претензии со стороны других государств (Кыргызстан, Афганистан, Китай);

2) в сфере государственной безопасности – угрозы посягательств со стороны отдельных групп (ИГИЛ, ПИВТ) и лиц на государственный суверенитет, территориальную целостность;

3) во внутриполитической сфере – возможность радикализации и проявлений экстремизма, а также угроза проявлений сепаратизма в отдельных регионах Таджикистана

(например, в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикистана (Памир));

4) в военной сфере и сфере безопасности государственной границы Республики Таджикистан – незавершенность договорно-правового оформления государственной границы РТ с соседними государствами (с Кыргызстаном);

Для этого, с целью защиты территориальной целостности и неприкосновенности государства, требуются концептуальные разработки уголовной ответственности за сепаратизм, т.е. за посягательство на территориальную целостность и территориальную неприкосновенность РТ на законодательном уровне.

7. Возможности, представленные достижениями в области информационных и иных технологий

Взаимодействие выдающихся технологических инноваций в сочетании с глобальным капитализмом предоставляет огромные возможности в области коммуникации и транспорта. Широкое распространение технологических достижений в области коммерческих поездок, телекоммуникаций и компьютерных технологий в значительной степени способствовали росту транснациональной преступности. Например, простота современных коммуникаций помогает транснациональным преступным организациям общаться более простым, быстрым и безопасным способом. Анонимность в Интернете обеспечивает организованную преступность с возможностями для распространения детской порнографии. Зашифрованные сообщения используются членами организованной преступности для сокрытия сообщений. Организованная преступность наняла компьютерных специалистов высокого уровня, чтобы использовать их в своей транснациональной деятельности.

Более широкое использование кредитных карт и методов электронных денежных переводов через банки открыло новые возможности для транснациональных организованных преступных групп. Современная финансовая система стала средством для отмывания денег, в то время как она создает проблемы для правоохранительных органов. В голландском случае преступники отмывали деньги через международную банковскую систему за 45 секунд, но последующее расследование длилось 18 месяцев [29, с. 57-87].

Достижения в области информационных технологий также открывают возможности для организованной преступности. Организованная преступность, используя информацию, найденную в Интернете тем самым, расширяет свои разведывательные возможности. Кроме того, информационные технологии помогают избежать контроль со стороны государства при навязывании движения товаров за счет использования высококачественных поддельных документов. Например, фальшивомонетчики разработали анти-методы, когда государства изменили дизайн своих паспортов и виз с использованием высокотехнологичных технологий. Более того, информационные технологии — это средство проникновения в преступную деятельность, так, например, преступные организации проводят игорные операции в Интернете. Наконец, информационные технологии дают транснациональным преступным группам возможность перемещать деньги на международном уровне.

мешаванд. Таҳлили принсипҳои соҳаи муҳоҷират, ки барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо дар кишвари қабулкунанда пешбинӣ шудаанд, гузаронида шуд. Ба принсипи поймол накардани ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо таваҷҷӯҳи хоса дода мешавад.

**Аннотация**

**К вопросу о принципах в области международно-правового регулирования миграции**

В настоящей статье проведен анализ общих и специальных принципов в области международно-правового регулирования миграции. Рассмотрены принципы, нашедшие свое отражение в отечественном законодательстве. Проведен анализ принципов в области миграции, призванные улучшить правовое положение трудящихся-мигрантов и членов их семей в стране пребывания. Особое внимание уделено принципу недискриминации трудящихся-мигрантов и членов их семей.

**Annotation**

**On the issue of principles in the field of international legal regulation of migration**

This article analyzes the general and special principles in the field of international legal regulation of migration. The principles reflected in the domestic legislation are considered. An analysis of the principles in the field of migration, designed to improve the legal status of migrant workers and members of their families in the host country, was carried out. Particular attention is paid to the principle of non-discrimination of migrant workers and members of their families.



**УДК:** 341.1/8
**Раҳим Зафар Ҳаким,**
*сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: zafarrahim3@gmail.com*
*Тел.: (+992) 918-85-40-49.*

# ЗАБОНИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МАСЪАЛАИ ИНТИШОРИ РАСМИИ ОНҲО

***Калидвожаҳо:*** *шартномаҳои байналмилалӣ; забони давлатӣ; санади меъёрии ҳуқуқӣ; интишори расмӣ; шартномаҳои байналмилалии дуҷониба; шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба.*

***Ключевые слова:*** *международные соглашения; государственный язык; нормативный правовой акт; официальное издание; международные двусторонние соглашения; многосторонние международные соглашения.*

***Keywords:*** *international agreements; official language; normative legal act; official publication; international bilateral agreements; multilateral international agreements.*

Забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ чун парчам, суруди миллӣ ва нишони давлатӣ яке аз рукнҳои асосии муайянкунандаи ҳар як халқият, миллат ва давлат аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 июли соли 2007 зимни суханрониашон ба муносибати Рӯзи забони тоҷикӣ, соли 2008-ро “Соли бузургдошти забони тоҷикӣ” эълон намуда, дар ин чорабинӣ зикр намуданд: “Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлолияти давлативу сиёсии мо ба ҳисоб меравад. Забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлати миллӣ мақом ва нақши муҳим дорад ва ба ҳамин далел забони миллат бунёд ва пояи давлат маҳсуб мешавад”.

Бояд зикр намуд, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ (22 июли соли 1989) Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) қабул шуд ва вазъи ҳуқуқии забони тоҷикӣ ва истифодаи онро ба сифати забони давлатӣ муайян намуд. Боиси ифтихор аст, ки тибқи Қонуни мазкур ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд. Аммо метавон гуфт, ки меъёрҳои ин Қонун воқеияти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро пурра инъикос карда наметавонист.

Тибқи моддаи 2 Конститутсияи ҶТ забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ муқаррар шудааст [1].

Маҳз бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи ҶТ тағйир ёфтани муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарурати қабули қонуни нав дар бораи забони давлатӣ ба миён омад. Ин буд, ки 5 октябри соли 2009 Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии ҶТ” дар таҳрири нав қабул карда шуд ва забони тоҷикиро як рукни асосии давлатдорӣ муайян намуда, риояи талаботи онро ҳатмӣ гардонид.

Акнун тибқи талаботи Қонуни болозикр коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ва ташкилотҳое, ки дар ҳудуди ҶТ фаъолият мекунанд ба забони давлатӣ сурат мегирад [3].

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ҶТ ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда шуда, дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонунгузорӣ онҳо ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд. Меъёри моддаи мазкур дар Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” такмил ёфта, талаботи забонӣ ба матни санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Дар моддаи 49 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” оварда шудааст, ки матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ қабул шуда, бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, содa ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд [2].

Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи забони давлатии ҶТ” дар модаи 24 забони шартномаҳои байналмилалӣ танзим шуда, мутобиқи он шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ба забонҳои давлатии тарафҳои аҳдкунанда ва шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба ба забонҳое, ки тарафҳо муайян кардаанд, ба имзо

расонида мешаванд. Дар моддаи мазкур талаботи забон дар ду ҳолат пешбинӣ шуда, шартномаҳои байналмилалии дуҷониба бо забонҳои давлатии тарафҳо ва шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба ба забонҳое, ки тарафҳо муайян кардаанд, ба имзо расонида мешавад [3].

Дар моддаи 6 Қонуни ҶТ "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ" муқаррар шудааст, ки шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ба забонҳои давлатии ҷонибҳои иштирокчии гуфтушунидҳо баста мешаванд. Бо розигии ҷонибҳо забони дигар низ ҳамчун забони шартномаҳои байналмилалӣ интихоб шуда метавонад. Шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба бо забонҳое, ки аз ҷониби тарафҳои иштирокчии гуфтушунидҳо муайян гардидаанд, баста мешаванд. Тағйиру иловаҳо ба шартномаҳои байналмилалӣ бо забонҳое, ки онҳо баста шудаанд, ворид карда мешаванд [4].

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар моддаи 6 Қонуни ҶТ "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии ҶТ" дар фарқият аз моддаи 24 Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" як ҳолати дигари талаботи забонӣ пешбинӣ шуда, навобаста аз дуҷониба ё бисёрҷониба будани шартномаҳои байналмилалӣ бо розигии ҷонибҳо забони дигар низ ҳамчун забони шартномаҳои байналмилалӣ интихоб шуда метавонад. Масалан, Созишномаи дуҷониба байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба бекор намудани раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ, ки он 1 августи соли 2016 дар шаҳри Ҷакарта дар ду нусха ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ, индонезиёӣ ва англисӣ, ки ҳамаи матнҳо эътибори якхела доранд, ба имзо расидааст [6].

Мисоли дигар, дар моддаи 28 Қонуни ҶТ "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" муқаррар шудааст, ки тарафҳо метавонанд бо салоҳдиди худ оид ба забон ё забонҳое, ки дар ҷараёни баррасии арбитражӣ истифода мешаванд, ба созиш оянд. Дар ҳолати набудани чунин созиш забон ё забонҳое, ки ҳангоми баррасӣ бояд истифода шаванд, аз тарафи арбитраж муайян карда мешаванд. Чунин намуди созиш ё муайянкунӣ, агар дар онҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, нисбати ҳама гуна муроҷиати хаттии тарафҳо, ҳама гуна баррасии парванда ва ҳалномаи арбитражӣ, қарор ва ё дигар хабари арбитраж дахл дорад [5].

Агар ба таърихи забони шартномаҳои байналмилалӣ нигарем, то асри 17 бисёр шартномаҳои байналмилалӣ бо забони лотинӣ баста мешуд. Дар миёнаҳои асри 18 забони расмии ҳуҷҷатҳои дипломатӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ забони фаронсавӣ гашт. Айни замон бошад забони англисӣ мавқеи асосиро дорад.

Бояд зикр намуд, ки имрӯз гуфтушунидҳо ва мукотибот бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ ва забонҳои расмии онҳо сурат мегиранд. Ҳангоми зарурат, дар гуфтушунидҳо ва мукотибот истифодаи забонҳои дигар маҳдуд карда нашудааст.

Фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои хориҷии ҶТ дар созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ба забони давлатӣ, забонҳои расмии кишварҳои қарордошта ва созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ сурат мегирад.

Тибқи Оинномаи консулии ҶТ коргузории нотариалӣ дар муассисаҳои консулӣ бо забоне пеш бурда мешавад, ки бо он коргузории муассисаи консулӣ сурат мегирад. Агар шахси барои иҷрои амалҳои нотариалӣ муроҷиаткарда, забонеро, ки бо он коргузорӣ пеш бурда мешавад, надонад, матнҳои ҳуҷҷатҳои расмиятдаровардашаванда бояд аз ҷониби консуле, ки амалҳои нотариалиро иҷро менамояд, ё тарҷумони ба консул шинос тарҷума карда мешавад [7].

Қобили зикр аст, ки имрӯз дар таҷрибаи байналмилалӣ бештар шаш забон ба сифати забони шартномаҳои байналмилалӣ истифода мешавад, хато намекунем. Инҳо, забонҳои англисӣ, русӣ, арабӣ, чинӣ, испанӣ ва фаронсавӣ мебошанд, ки мақоми забони расмии Созмони Милали Муттаҳидро доранд.

Масъалаи дигаре, ки ба ақидаи мо мубрамият дорад, ин интишори расмии шартномаҳои байналмилалӣ ва дар ҳолати зарурат тарҷумаи онҳо бо дигар забонҳо мебошад.

Интишори расмии шартномаҳои байналмилалӣ ва дар ҳолати зарурӣ тарҷумаи онҳо бо дигар забонҳо дар Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", инчунин дар Қонуни ҶТ "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ" танзим шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар қонунҳои мазкур номутобиқатӣ вуҷуд дорад. Ин

номутобиқатӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки тартиби ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷро намудан, бекор кардан (денонсатсия) ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии ҶТ доираи танзими Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" намебошад (қисми 3 моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ").

Тибқи қисми 1 моддаи 10 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифта, меъёри қисми 2 моддаи мазкур бошад ҳавола мекунад, ки тартиби ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷро намудан, бекор кардан (денонсатсия) ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии ҶТ-ро қонунгузории ҶТ танзим менамояд.

Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" истилоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи ҶТ ва истилоҳи шартномаҳои байналмилалӣ истифода шудааст. Истилоҳоти мазкур конститутсионӣ буда, истилоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ ба маънои васеътар истифода мешавад. Масъалаи дигар ин, ки зери истилоҳи шартномаи байналмилалӣ - яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи ҶТ фаҳмида мешавад (моддаи 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ")[4].

Пас, метавонем гуфт, ки ҳарду истилоҳ аз ҳам фарқи зиёде надоранд. Масалан, дар тафсири қисми 3 моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" муаллифон истилоҳи шартномаҳои байналмилалӣ ва истилоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи ҶТ-ро ба як маъно шарҳ додаанд[3]. Ба ҳамин монанд муоллифон дар тафсири қисми 3 моддаи 57 Конститутсияи ҶТ истилоҳи шартномаҳои байналмилалӣ ва истилоҳи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи ҶТ-ро ба як маъно шарҳ додаанд[1].

Дар қисми 3 моддаи 65 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" масъалаи мазкур чунин танзим шудааст, ки интишори расмии санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо забони давлатӣ ва тарҷумаи онҳо бо забони русӣ сурат гирифта, ҳангоми зарурат тарҷумаи онҳо бо дигар забонҳо аз тарафи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ амалӣ карда мешавад, ки хилофи талаботи қисми 3 моддаи 1 ва қисми 2 моддаи 10 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва моддаи 21 Қонуни ҶТ "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ" мебошад.

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ" масъалаи интишори расмии шартномаҳои байналмилалӣ танзим шуда, тибқи қисми 3 он, агар шартномаҳои байналмилалӣ ба забони давлатӣ матни яксон надошта бошанд, яке аз матнҳои яксони онҳо бо забони баимзорасида, инчунин тарҷумаи шартномаҳои байналмилалӣ ба забони давлатӣ дар маҷмӯаи "Бюллетени шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" интишор мегардад.

Таҳлилҳои боло шаҳодат аз он медиҳанд, ки такмили қонунҳои ҶТ "Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ" ва "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мувофиқи мақсад буда, ҳамоҳангии онҳо барои фаъолияти минбаъдаи соҳа зарур мебошанд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Ҳайати муаллифон. Тафсири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе "Шарқи озод". Соли 2009.С.34-35.С298-300
2. Холиқзода А.Ғ. ва Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ". Душанбе 2017.С.20.281.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 5 октябри соли 2009 №553. [Нусхаи электронӣ] //АДЛИЯ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ м-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. 1 электрон. М.5,24.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" 23 июли соли 2016 №1326. [Нусхаи электронӣ] //АДЛИЯ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ м-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2016. 1 электрон. М.6,2.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" аз 18 марти соли 2015 № 1183. [Нусхаи электронӣ]//адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ м-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. М. 28.

6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия оид ба бекор намудани раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.09.2019 № 458. [Нусхаи электронӣ] //адлия: махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ м-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. 1 электрон.

7. Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 1998 № 275. [Нусхаи электронӣ] //АДЛИЯ: Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ м-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2016. 1 электрон. М.49.

**Аннотатсия**

**Забони шартномаҳои байналмилалӣ ва масъалаи интишори расмии онҳо**

Дар мақолаи мазкур оид ба забони давлатӣ, забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, забони шартномаҳои байналмилалӣ, интишори расмии шартномаҳои байналмилалӣ ва тарҷумаи онҳо бо дигар забонҳо мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар як маврид муаллиф андешаҳои худро оид ба такмили қонунгузорӣ вобаста ба интишори расмии шартномаҳои байналмилалӣ, махсусан Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ” иброз намудааст.

**Аннотация**

**Язык международных договоров и вопрос их официального опубликования**

В данной статье проводится анализ и изучение государственного языка, языка правовых актов, языка международных договоров, официального опубликования международных договоров и их перевода на другие языки. В одном случае автор высказал свое мнение по совершенствованию законодательства, касающегося официального опубликования международных договоров, в частности Закона Республики Таджикистан “О нормативных правовых актах” и Закона Республики Таджикистан “О международных договорах”.

**Annotation**

**The language of international treaties and the issue of their official publication**

This article analyzes and studies the state language, the language of legal acts, the language of international treaties, the official publication of international treaties and their translation into other languages. In one case, the author expressed his opinion on improving the legislation regarding the official publication of international treaties, in particular the Law of the Republic of Tajikistan “On Normative Legal Acts” and the Law of the Republic of Tajikistan “On International Treaties”.

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**



**УДК:** 347.2/.3

**Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: sherzoda.b.1999@gmail.com*
*Тел.: (+992) 939-04-13-63.*

# КОНСЕПСИЯҲОИ ЯГОНАГӢ ВА ГУНОГУНИИ ОБЪЕКТҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

***Калидвожаҳо:*** *ашё; молу мулк; молу мулки ғайриманқул, консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул, консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин, бино, иншоот, сохтмони нотамом, тақдири ҳуқуқӣ, алоқаи устувор ба замин.*

***Ключевые слова:*** *вешь, имущество, недвижимое имущество, концепция единства объектов недвижимого имущества, концепция разнообразия объектов недвижимого имущества, земельный участок, здания, сооружения, незавершенное строительство, юридическая судьба, прочная связь с землей.*

***Keywords:*** *thing, property, real estate, the concept of the unity of real estate objects, the concept of a variety of real estate objects, land plots, buildings, structures, construction in progress, legal fate, a strong connection with the land.*

Дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ молу мулк (ашё)-и ғайриманқул мавқеи хосаро ишғол менамояд, зеро ин объектҳо асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, макони истеҳсоли маҳсулот, ҷойи иҷрои функсияҳои меҳнатӣ ва ғайра мебошанд. Ба таври дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул таъиноти истиқоматӣ, ғайриистиқоматӣ, истеҳсолӣ, хизматӣ, истироҳатӣ дошта метавонанд. Молу мулки ғайриманқул яке аз неъматҳои моддии арзишманд ва “доимӣ”-и истеъмолнашаванда ба шумор меравад. Молу мулки ғайриманқул дар ҳама давру замон речаи ҳуқуқии махсусро доро буда, муомилоти он мураккаб сурат мегирад ва аз ҳуқуқи римӣ оғоз шуда, то инҷониб танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул дар заминаи меъёру қоидаҳои тафриқавӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар низоми ҳуқуқии мамлакатҳои хориҷӣ муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба таври мухталиф роҳандозӣ карда мешаванд. Таърихан речаи ҳуқуқии махсуси молу мулки ғайриманқул аз тартиби хоси муомилоти қитъаи замин оғоз мегардад ва дар даврони қадим расман молу мулк ба манқул ва ғайриманқул ҷудо нагардида, худи қитъаи замин (чун объекти марказии молу мулки ғайриманқул) тавассути қоидаҳои махсус ба муомилот ворид карда мешуд. Тақсимоти таърихӣ ва расмии ашё ба манқул ва ғайриманқул аз решаҳои ҳуқуқи римӣ сарчашма мегирад. Ин тақсимоти таърихӣ ва мураккаб, муайянкунандаи қоидаҳои муомилоти ашё, дар ҳуқуқи муосир на бо тақдири табиӣ [6, с. 36], балки бо таъиноти функсионалии он асоснок аст ва бо шарофати он замин ҳамчун объекти муҳим ва арзишманди шаҳрвандон баррасӣ карда мешавад. Ҳамчун хусусияти хоси тафовут ҳуқуқшиносони римӣ salva rei substantia – қобилияти ҳаракат кардани ашё ҳангоми нигоҳ доштани моҳияти ҷисмонии он, яъне бидуни тағйирёбии шакл, таъиноти иқтисодӣ, бидуни расонидани зарар ё кам кардани арзиши онҳо интиқоли ашёҳоро муайян менамуданд. Ашёҳое, ки ба чунин ҳаракат қодир нестанд, ғайриманқул (res immobiles) меҳисобиданд. Ҳамаи намудҳои дигари ашё ба категорияи манқул (res mobiles) тааллуқ доштанд [10, с. 135].

Баъди ҳуқуқи римӣ таснифоти классикии ашё ба манқул ва ғайриманқул дар тамоми низоми ҳуқуқӣ пазируфта шуд, аммо муносибат ба молу мулки ғайриманқул ба таври гуногун сурат гирифт. Дар қисме аз низомҳои ҳуқуқӣ (Олмон, Бразилия, Португалия, Нидерландия, Юнон, Япония ва ғайра) речаи ҳуқуқии классикии молу мулки ғайриманқул, ки дар Рими Қадим коркард шудааст, эътироф ва қонунан мустаҳкам гардид, яъне дар қонунгузории ин мамлакатҳо, ба монанди ҳуқуқи римӣ қитъаи замин объекти асосии ғайиманқул муқаррар

гардида, объектҳои ба он алоқаманд ҳамчун қисми таркибии қитъаи замин муайян карда шудаанд. Дар қисми дигари низомҳои ҳуқуқӣ (Фаронса, Белгия, Италия, Испания, Миср, Канада, мамлакатҳои аъзои ИДМ ва ғайра) таҷрибаи ҳуқуқи римиро вобаста ба додани реҷаи ҳуқуқии ягона ба қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқаманд эътироф накарда, дар қонунгузории худ номгӯи гуногуни объектҳои молу мулки ғайриманқулро дарҷ намуда, ба қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқаманд реҷаи ҳуқуқии гуногун доданд, яъне реҷаи ҳуқуқии дугонаро барои онҳо муайян намудаанд.

Мафҳум, низоми объектҳо ва махсусиятҳои муомилоти молу мулки ғайриманқул барои қонунгузории мамлакатҳои муосир умумӣ (универсалӣ) намебошад. Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ мафҳум, низом ва тартиби муайяни кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул, инчунин шаклу тартиби анҷом додани муомилот бо молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқи вобаста ба он меъёру қоидаҳои гуногун муқаррар карда шудааст.

Тақсими ашё ба манқул ва ғайриманқул ягона таснифоти ашё дар ҳуқуқи граждании аст, ки дар аксарияти низомҳои ҳуқуқии муосир мустаҳкам шудааст. Таснифи мазкур аввалан дар тамоми муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ аҳамияти хоса дорад, дувум, ин таснифот дар муқоиса бо дигар таснифоти ашё дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ мустаҳкам шудааст. Тафовутҳо дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ боиси таснифи ашё дар баъзе кишварҳо ба ҳайси манқул ва дар баъзе дигар мамлакатҳо ба ашёи ғайриманқул оварда мерасонад. Масалан, тибқи қонунгузории граждании Олмон, қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд, ашёҳои ба замин алоқаманд мустаҳкамдошта (биноҳо, иншоот, дарахтон ва ғайра) қисмҳои таркибии он шуморида мешавад. Ҳамзамон, агар робита бо замин муваққатӣ бошад, он гоҳ ашё манқул эътироф карда мешавад. Кодекси граждании Швейтсария аз 10 декабри соли 1907 [4] мафҳуми хеле васеи молу мулки ғайриманқулро дар бар мегирад, ки дар баробари замин ва сарватҳои зеризаминии он, бино ва иншооте, ки бо замин мустаҳкам алоқаманданд, инчунин "ҳуқуқҳои ба таври мушаххас мустаҳкам ва доимии ба феҳристи молу мулки ғайриманқул воридшуда"-ро фаро мегирад.

Ашёи манқул объекте аст, ки озодона аз як ҷой ба ҷои дигар интиқол доданашон имконпазир аст ва қувваҳои табиии идорашаванда (масалан, барқ) ба ашёи ғайриманқул алоқаманднабуда мебошад.

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ ягонагии мафҳум ва номгӯи объектҳои молу мулки ғайриманқул вуҷуд надорад. Бояд қайд кард, ки ҳар як мамлакат бо дарназардошти шароит, манфиатҳои миллии худ ва танзими муътадили муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ масъалаҳои вобаста ба молу мулки ғайриманқулро танзим менамояд. Дар як мамлакат объекти муайян мумкин аст молу мулки ғайриманқул ва дар ҳудуди мамлакати дигар молу мулки манқул эътироф карда шавад. Чунин гуногунӣ ягон вайрони кардан қоидаву принсипҳои танзими ҳуқуқӣ нест, зеро муайян намудани самти инкишофи низоми ҳуқуқи миллии ҳар як давлат ба ваколати истисноии он мансуб аст. Дар баробари ин, молу мулки ғайриманқул асосан ин реҷаи ҳуқуқии махсус додан ба ин ё он молу мулк мебошад. Давлат агар зарур шуморад ба ин ё он молу мулк реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқулро паҳн намояд, пас онро объекти ғайриманқул муқаррар мекунад, дар акси ҳол он ҳамчун молу мулки манқул боқӣ мемонад.

Низомҳои ҳуқуқии миллӣ номгӯи гуногуни молу мулкеро, ки ба объектҳои молу мулки ғайриманқул тааллуқ доранд, муайян менамоянд. Ба молу мулки ғайриманқул қитъаҳои замин ва биноҳое, ки дар онҳо сохта шудаанд, дохил мешаванд. Аммо, илова бар ин, мафҳуми "молу мулки ғайриманқул" метавонад асбобҳои кишоварзӣ, асбобҳо, ашёи хоми дар корхонаҳо истифодашавандаро фаро гирад, масалан, ин объектҳо дар Фаронса ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф карда шудаанд. Тибқи қонунгузории Англия, соҳиби санади ҳуқуқӣ ба қитъаи замин, инчунин соҳиби калиди хона, соҳиби молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравand. Дар баъзе иёлоти ИМА бинои барои намоишгоҳ бунёдшуда вазъи молу мулки манқулро дорад [13, с. 324].

Ин гуногунӣ дар танзими муносибатҳо доир ба молу мулки ғайриманқул дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ боиси мавҷудияти мухталифияти танзими ҳуқуқӣ, муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул ва реҷаи ҳуқуқии он гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул, на низоми ақидаҳо ва нуқтаи назарҳо дар бораи объектҳои молу мулки ғайриманқул, балки меъёру қоидаҳои

монанди дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ мустаҳкамгардидда мебошанд. Консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул андешаву назарияҳои олимон набуда, балки онҳо дар асоси таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ дар самти молу мулки ғайриманқул коркард гардидаанд. Таҷрибаи қонунгузории мамлакатҳои хориҷиро оид ба молу мулки ғайриманқул ҷамъбаст намуда, онро ба гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст, ки шартан онро дар адабиёти илмӣ “консепсияҳои объектҳои молу мулки ғайриманқул” меноманд. Дар номи консепсияҳо ишораи бевосита ба объектҳои молу мулки ғайриманқул бо он хусусиятнок аст, ки нақши асосиро дар онҳо масъалаи муайян кардани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул иҷро менамояд.

Маъмулан дар назарияи ҳуқуқи граждании ду консепсияи муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул мавҷуд аст:

1) консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ё консепсияи қитъаи замин;

2) консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул.

Бо тамоми гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул ин падидаи ҳуқуқӣ бо мавҷудияти алоқаи ҳуқуқии қитъаи замин ва ашёҳои дар он ҷойгиршуда (бунёдшуда) (алоқаи устувор дар низоми континенталии ғарбӣ, дар шарқ алоқаи камтар) фарқ мекунанд. Чунин тафовут дар адабиёти илмӣ [7, с. 68] одатан бо дараҷаи таъсири низоми ҳуқуқи римӣ шарҳ дода мешавад.

Консепсияҳои мазкур аз ҷиҳати муайян кардани объектҳои молу мулки ғайриманқул ва вазъи ҳуқуқи граждании ин объектҳо хусусиятнок мебошанд. Дар консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул ба ҳайси молу мулки ғайриманқул объектҳои гуногун, ба монанди қитъаи замин, бино, иморат, иншоот, маҳсулот ва растаниҳои ба замин алоқаманд (то лаҳзаи ҷудо шудан аз замин) ва дигар молу мулк дохил карда мешавад. Моҳияти ин консепсия дар реҷаи ҳуқуқи граждании алоҳида додан ба объектҳои молу мулки ғайриманқул, бахусус ба қитъаи замин ва объектҳои ба он алоқамандии зичдошта зоҳир мегардад. Хусусияти дигари ин консепсия дар он аст, ки ҳар як объекти молу мулки ғайриманқул объекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад. Ҳатто молу мулки ғайриманқули ба замин алоқаи мустаҳкамдошта низ хусусияти мустақил доранд, яъне тақдири ҳуқуқии он аз қитъаи замин вобаста нест. Маҳз ҳамин хусусият мураккабиро дар танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд овардааст, зеро барои амалишавии ҳуқуқҳо ба объекти ба қитъаи замин алоқаманд мавҷудияти дигар падидаҳо, ба монанди суперфитсия, ҳуқуқи сохтмон ва дигар тақозо карда мешавад. Ҳамзамон вақтҳои охир бо назардошти хусусияти мустақил доштани қитъаи замин ва объектҳои дар он бунёдшуда (аз ҷумла сохтмони худсаронаи объектҳои молу мулки ғайриманқул) мушкилот дар эътирофи ҳуқуқ ба объектҳои молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд омадааст.

Ҳамзамон вақтҳои охир бо назардошти хусусияти мустақил ва реҷаи ҳуқуқии гуногун доштани қитъаи замин ва объектҳои дар он бунёдшуда (аз ҷумла сохтмони худсаронаи объектҳои молу мулки ғайриманқул) мушкилот дар эътирофи ҳуқуқ ба объектҳои молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд омадааст.

Консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул аввалин маротиба дар Кодекси граждании Фаронса [3] пешбинӣ гардидааст ва имрӯз дар қонунгузории як қатор мамлакатҳо мавриди корбаст қарор дорад. Аҷибаш дар он аст, ки баъди ҳуқуқи римӣ, ки дар он консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул амал менамуд, дар фазои ҳуқуқи гражданӣ Фаронса аввалин шуда, бо қабули аввалин санади кодификатсионии соҳаи ҳуқуқи гражданӣ – Кодекси граждании Фаронса заминаи ҳуқуқӣ барои мавҷудияти минбаъдаи консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул фароҳам овард. Яъне Фаронса таҷрибаи мавҷудаи ҳуқуқи римиро ретсепсия накарда, ба пайдоиши консепсияи нави молу мулки ғайриманқул замина гузошт.

Кодекси граждании Фаронса санади кодификатсионие мебошад, ки аввалин маротиба дар сатҳи қонунгузорӣ консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқулро рӯи кор овард ва ин таҷриба дар қонунгузории дигар мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла қонунгузории мамлакатҳои аъзои ИДМ мавриди истифода қарор дода шуда истодааст.

Консепсияи мазкур дорои як қатор хусусиятҳои хоси реҷаи ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул аст. Ҷиҳати хоси ин консепсия дар он зоҳир мегардад, ки дар қонунгузории мамлакатҳо онро эътироф намуда, таърифи мафҳуми молу мулки ғайриманқул бо роҳи нишон додани объектҳои он муайян мегардад. Дар консепсияи зикргардида зарурати

мавҷудияти маҳакҳое лозим аст, ки дар асоси онҳо ашё ба манқул ва ғайриманқул мансуб дониста шавад. Масалан, дар м. 517 Кодекси граждании Фаронса муқаррар шудааст, ки "молу мулк вобаста ба табиати худ ё тибқи таъинот ва ё аз рӯи предмете, ки онҳо ташкил мешаванд, ғайриманқул мебошанд". Дар меъёри мазкури Кодекс се маҳаки асосӣ барои эътирофи молу мулк ба сифати ғайриманқул муайян шудааст, ки инҳо мебшанд: 1) молу мулке, ки тибқи табиати худ ғайриманқул мебошанд; 2) молу мулки ғайриманқул вобаста ба таъиноти худ; 3) "ҳуқуқи ғайриманқул ва даъво".

Молу мулки тибқи табиати худ ғайриманқул мулу мулке дар назар дошта мешавад, ки табиатан худи онҳо ғайриманқул мебошанд ва ин объектҳо асосӣ ба шумор меравaнд, зеро дигар молу мулке, ки ба он (қитъаи замин) вобастагӣ ва алоқамандии зич дорад, ғайриманқул эътироф карда мешавад. Тибқи санади мазкур ба ин гуруҳи молу мулки ғайриманқул қитъаи замин, иншоот, осиёбҳои бодӣ ва обӣ, маҳсулот ва меваҷот дохил мешаванд. Тибқи м. 518 Кодекси граждании Фаронса "қитъаи замин ва иншоот вобаста ба табиати худ ғайриманқул мебошанд". Ду объектро, яъне қитъаи замин ва иншоотро Кодекси мазкур вобаста ба табиати ҳуқуқӣ ғайриманқул эътироф намудааст. Дар ин маврид бояд таҳти мафҳуми "иншоот" бино низ дар назар дошта шавад, чунки бино навъи алоҳидаи иншоот ба ҳисоб меравад. Дар асоси м. 519 Кодекси граждании Фаронса "осиёбҳои бодӣ ва обӣ, ки дар сутунҳо мустаҳкам шудаанд ва як қисми иншоотро ташкил медиҳанд, аз рӯи табиати худ ғайриманқул мебошанд". Дар баробари ин, м. 520 муқаррар мекунад, ки "маҳсулот дар решааш ва меваҳои ҳанӯз аз дарахтон гирифтанашуда низ молу мулки ғайриманқул мебошанд".

Маҳаки табиӣ ҳамчун асоси мансубияти молу мулк ба ғайриманқул маънои онро дорад, ки объект аз лаҳзаи пайдоиш ғайриманқул, яъне имконияти интиқоли онҳо имконнопазир аст ва онҳо маҳсули натиҷаи фаъолияти инсон нестанд, зеро табиат онҳо офаридааст. Дар асоси қонунгузории граждании мамлакатҳои пасошӯравӣ ба объектҳое, ки тибқи табиати худ ғайриманқул мебошанд, қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминӣ баромад менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки дар қонунгузории мамлакатҳоро консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқулро мустаҳкамнамуда дар масъалаи муайян кардани низоми объектҳои ғайриманқул ягонагӣ дида намешавад. Масалан, дар қонунгузории мамлакатҳои ИДМ вобаста ба табиати худ қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминӣ ба сифати молу мулки ғайриманқул эътироф карда шудааст. Бино ва иншоот бошад, вобаста ба таъиноти худ, бо дарназардошти алоқамандии зич доштан ба замин ва имконнопазирии иваз кардани он бидуни расонидани зарари воқеӣ ба таъиноти он ғайриманқул муқаррар карда шудаанд. Аз ҳамин лиҳоз, эътирофи иншоот ба сифати ғайриманқул вобаста ба табиати худ баҳснок мебошад, чунки на вобаста ба табиати худ, балки вобаста ба таъиноти худ он ғайриманқул мебошад. Танҳо молу мулке вобаста ба табиати худ ғайриманқул буда метавонад, ки агар он бидуни натиҷаи фаъолияти инсон, бидуни алоқамандӣ доштан ба замин ғайриманқул аст. Яъне, онҳо набояд сунъӣ бошанд, балки аз лаҳзаи пайдоиши худ бояд онҳо хусусияти ғайриманқулро дошта бошанд.

Ашёе тибқи таъиноти худ ғайриманқул эътироф мегардад, ки ба замин алоқаи мустаҳкам дошта, интиқоли онҳо бидуни расонидани зарари воқеии беҳисоб ба таъиноташон ғайриимкон аст. Тибқи ҳуқуқи фаронсавӣ молу мулки зерин тибқи таъиноти худ ғайриманқул мебошанд, агар соҳибмулк дар қитъаи худ онҳоро барои истифодабарӣ ва нигоҳдорӣ ҷойгир намояд: ҳайвоноте, ки барои коркарди замин хизмат менамоянд; асбобу анҷоми кишоварзӣ; тухмиҳое, ки ба деҳқонон ё дигар шахсон барои иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда дода шудааст. Ҳамчунин молу мулки ғайриманқул тибқи таъиноти худ ҳамаи предметҳое, ки ба молу мулки ғайриманқул ҳамроҳ буда, бе таъсиррасонӣ ё бад шудани ҳолати охирон ғайриимкон аст [11, с. 46]. Дар асоси қонунгузории граждании мамлакатҳои аъзои ИДМ бошад, тибқи таъинот бино, иморат, иншоот, сохтмони нотамом, дарахтони бисёрсола ва дигар ашёи ғайриманқул ба ҳисоб меравaнд.

Ҳамзамон молу мулки ғайриманқул тибқи таъиноти худ ҳамаи ашёи манқуле мебошанд, ки аз ҷониби соҳиби он ба таври доимӣ ба замин вобаста карда шудаанд.

Алоқаи зич (ё мустаҳкам) доштан ба замин яке аз маҳакҳои асосӣ дар консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул аст. Барои эътирофи ашё ҳамчун ғайриманқул он бояд ба замин алоқаи устувор дошта бошад, ки интиқоли одии онҳоро бидуни расонидани зарар ба таъиноти он ғайриимкон гардонад. Аз ин рӯ,

дараҷаи мустаҳкамии молу мулки ғайриманқул ба замин, инчунин тавассути кадом воситаҳо васл кардани он ба замин дорои аҳамияти амалӣ аст. Ашёи манқул, ки ба замин васл карда шудаанд, дар сурати мавҷудияти талаботи зерин ғайриманқул эътироф карда мешавад: а) агар соҳибмулк ин молу мулкро ба таври доимӣ ба қитъаи замини худ вобаста намояд; б) агар молу мулки манқул ба замин бо василаҳои муайян (масалан, гаҷ, оҳак ё семент) мустаҳкам шуда бошад, ки алоқаи устувори онро бо замин таъмин мекунад; в) ҷудо намудани ин ашё аз қитъаи замин бидуни расонидани зарар ё вайрон шудани таъиноти ашё (шикастан, хароб шудан, паст шудани сифати он, мавҷуд набудани имконияти тибқи таъиноти пештара истифода намудани он) имконнопазир бошад.

Дар қонунгузории граждании амалкунандаи ҶТ консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул амал менамояд. Тибқи м. 142 Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999 [1] ба ашёи ғайриманқул (амволи ғайриманқул) инҳо дохил мешаванд: бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом, ниҳолҳои бисёрсола ва амволи дигаре, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки интиқолашон бидуни расонидани зиёни воқеии беҳисоб ба таъиноташон имконнопазир аст. Ҳамчунин ба молу мулки ғайриманқул, инчунин киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, объектҳои кайҳон, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ ашёи дигарро низ ба ҷумлаи амволи ғайриманқул нисбат додан мумкин аст, дохил мешаванд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Тибқи муқаррароти моддаи болозикр ба сифати молу мулки ғайриманқул объектҳои гуногун, ба монанди бино иншоот, сохтмони нотамом ва ғайра баромад менамоянд. Тибқи қонунгузории ҶТ объектҳои зикршуда хусусияти мустақил дошта, дар муомилоти гражданӣ алоҳида (аз қитъаи замин) ворид шуда метавонанд.

Қонунгузории граждании мамлакатҳои аъзои ИДМ оид ба молу мулки ғайриманқул дорои хусусияти умумӣ аст, яъне муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул дар ин мамлакатҳо тавассути меъёрҳои монанд танзим карда мешавад. Сабаби асосии чунин хусусият дар он аст, ки асосан дар ҷараёни таҳияи Кодексҳои граждании мамлакатҳои аъзои ИДМ муқаррароти Кодекси моделӣ (намунавӣ) барои мамлакатҳои аъзои ИДМ, ки бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии мамлакатҳои аъзои ИДМ аз 29 октябри соли 1994 [2] қабул шудааст, ба инобат гирифта шудааст. Дар моддаи 25 санади мазкур муқаррар гардидааст, ки “ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқул) қитъаи замин, қитъаи қаъри замин, объектҳои обӣ ва ҳама он чизе ки ба замин алоқаманд, яъне объекҳое, ки ҷойивазкунии онҳо бидуни расонидани зарари воқеии беҳисоб ба таъиноти онҳо ғайриимкон аст, аз ҷумла ҷангал, ниҳолҳои бисёрсола, бино, иншоот ва ғайра дохил мешавад”. Мафҳуми зерине, ки дар Кодекси намунавии гражданӣ пешбинӣ гардидааст, қариб дар қонунгузории граждании аксарияти мамлакатҳои аъзои ИДМ ба назар мерасад.

Баъзан мамлакатҳое, ки дар қонунгузории худ консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқулро мустаҳкам намудаанд, давра ба давра рӯ ба консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул оварда истодаанд. Аз ҷумла, дар Федератсияи Россия дар сатҳи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавӣ оид ба ҷорӣ намудани принсипи тақдири ҳуқуқии ягонаи қитъаи замин ва объектҳои дар он ҷойгирбуда, инчунин дар бораи эътирофи қитъаи замин ҳамчун объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, ба моддаи 130 Кодекси граждании Федератсияи Россия илова ворид карда шуд, ки тибқи он “қитъаи замин ва бино, иншоот, объекти сохтмони нотамоми дар он воқеъбуда, ки ба моликияти як шахс тааллуқ дорад, ҳамчун объекти ягона эътироф гардида, ҳамчун як ашёи ғайриманқул дар муомилоти гражданӣ иштирок мекунанд” [5].

Консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул навъи дигари таҷрибаи амалкунандаи танзими ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул мебошад. Консепсияи мазкур аз ҳуқуқи румӣ пайдо гардида, дар Рими Қадим қитъаи замин объекти ягона ва марказии ғайриманқул ҳисобида шуда, объектҳои дигари ба он алоқаманд қисми таркибии қитъаи замин эътироф мегардиданд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт ки консепсияи мазкур таърихи қадима дошта, консепсияи нахустин дар самти молу мулки ғайриманқул маҳсуб меёбад.

Муайян намудани реҷаи ҳуқуқи граждании ягона нисбат ба қитъаи замин ва объектҳои ба он мустаҳкам моҳияти конеспсияи мазкурро ифода мекунад. Моҳияти консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул дар истифодаи самараноки объектҳои молу мулки

ғайриманқул, зарурати тобеияти бино (иморат, иншоот) ва қитъаи замине, ки ин объектҳо дар он ҷойгиранд, ба реҷаи ҳуқуқии ягона зоҳир мегардад. Ҷиҳатҳои хоси консепсияи мазкур дар асосҳои зерин зоҳир мегардад:

а) қитъаи замин объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул аст. Дигар объектҳо мустақилона ҳамчун молу мулки ғайриманқул муқаррар карда намешавад. Бино, иншоот ва дигар объектҳои ба замин алоқаи мустаҳкамдошта қисми муҳимми таркибии охирин мебошанд;

б) қисми муҳими таркибии қитъаи замин эътироф гардидани объектҳои ба қитъаи замин алоқаи зичдошта (аз ҷумла бино, иморат, иншоот ва ғайра). Мафҳуми қисми таркибӣ бояд аз мафҳуми мансубият фарқ карда шавад. Аз берун ин ашёҳо як функсия – пайгирӣ тақдири ҳуқуқии ашёи асосиро иҷро менамоянд. К. Хофакер ин мафҳумҳоро фарқ намуда, қайд мекунад, ки қисми таркибӣ – ин ашёест, ки бидуни он ашёи ташкилшуда ба таъиноти муайяншудаи худ мутобиқат намекунад; мансубият – ин баръакс, ашёе мебошад, ки мустақилона вуҷуд дошта метавонад ва он ба ашёи дигар барои алоқаи пойдор маҷбур шудааст [8, с. 396].

в) эътирофи қитъаи замин ҳамчун объекти мустақили ғайриманқул. Яъне танҳо қитъаи замин объекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб рафта, қисмҳои муҳимми таркибии он объекти мустақил эътироф намегарданд;

г) вобаста будани тақдири ҳуқуқии бино, иншоот ва дигар объектҳои ба қитъаи замин алоқаи зичдошта ба тақдири ҳуқуқии қитъаи замин. Бояд зикр намуд, ки консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ҳамчун таҷрибаи классикӣ баъди ҳуқуқи римӣ дар Уложенияи граждании Олмон ва қонунгузории граждании дигар мамлакатҳо мустаҳкам гардид.

Алоқаи ҳуқуқии объект бо замин пеш аз ҳама ба талаботи имконпазирии иқтисодӣ вобастагӣ дорад: возеҳ аст, ки якҷоя ва истифодаи ин объектҳо бо як таъинот воҳиди нави хоҷагидориро бунёд менамояд, ки он молу мулки муайяни тақсимнашаванда, арзиши иловагии иқтисодӣ фаро мегирад, ки ҷудошавии объектҳои аввалиро таври назаррас коҳиш медиҳад ё пурра аз байн мебарад. Илова бар ин, “шахсони сеюм ба воҳиди ягонаи хоҷагидорӣ ҳамчун объекти ягонаи ҳуқуқ такя намуда, арзиши иқтисодии он бояд нигоҳ дошта шавад. Нигоҳдории арзиши иқтисодӣ, на худи асоси пайдоиши сохтор (конструксия)-и ҳуқуқӣ, балки оқибати ҳифзи ҳуқуқии мавҷудияти ашё мебошад”. Ҳамин тавр, ягонагии иқтисодӣ ва механикӣ ягонагии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад: муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ бояд ба таъмини яквақтаи иштироки ашёҳои ба ҳам алоқаманд дар муомилот равона карда шавад [12, с. 123].

Дар қонунгузории граждании Олмон бевосита молу мулк ба манқул ва ғайриманқул тасниф нагардида, истилоҳи “қитъаи замин” ва “ашёи манқул” истифода мегардад. Қитъаи замин ягона объекти молу мулки ғайриманқул эътироф гардида, дигар объектҳо қисми муҳими таркибии қитъаи замин эътироф карда шудаанд. Яъне бевосита истилоҳи “молу мулки ғайриманқул” дар он истифода намегардад ва объектҳои молу мулки ғайриманқул таҳти категорияҳои “қитъаи замин” ва “қисми таркибии муҳими қитъаи замин” ифода карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ низ баъзе муҳаққиқон аз консепсияи мазкур ҷонибдорӣ намуда, қитъаи заминро объекти ягона дар низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул муайян менамоянд. Масалан, ба андешаи Р.С. Бевзенко қитъаи замин бояд ҳамчун намуди ягонаи молу мулки ғайриманқул баррасӣ карда шавад ва биноюю иншоотро ҳамчун ҷузъи таркибии қитъаи замин (ҳуқуқи ашёии маҳдуд ба қитъаи замин) ҳисоб кардан лозим аст [9, с. 58]. Вобаста ба реҷаи ҳуқуқии манзил бояд зикр кард, ки бино ашёи ғайриманқул, умуман ашё нест. Дар тақсим шудани бино ба манзил, бино қисми таркибии қитъаи замин ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқи истисноии истифодаи биноҳои дахлдор бо ҳуқуқи ҳиссаи қитъаи замин шартан дода мешавад [9, с. 66].

Дар консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул ба сифати молу мулки ғайриманқул танҳо қитъаи замин эътироф мегардад. Дигар объектҳои ба қитъаи замин алоқаманд қисми таркибии он ҳисобида шуда, тақдири ҳуқуқии онҳо аз тақдири қитъаи замин вобаста аст. Бино, иморат, иншоот ва дигар навъи сохтмон, инчунин маҳсулоти замин, дарахтон, растаниҳо (то мавриди ҷудо намудани онҳо аз замин) молу мулки ғайриманқул эътироф карда мешаванд. Бо ҳамин назардошт, қонунгузрии граждании Олмон чунин роҳи танзими муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқулро пеша намуда, ба консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул асос гузошт, ки моҳияти консепсияи мазкур дар эътирофи қитъаи замин ҳамчун объекти ягонаи молу мулки ғайриманқул зоҳир мегардад.

Дар фарқият аз консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки дар он қитъаи замин ва сарватҳои зеризаминии объектҳои алоҳидаи молу мулки ғайриманқул муқаррар гардидаанд, дар консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул танҳо қитъаи замин объекти ғайриманқул муайян мегардад ва мафҳуми он ба таври васеъ муайян шуда, қаъри замин, сатҳ ва фазои болоии қитъаи заминро фарогир мебошад.

Ҳамин тавр, дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ доир ба муайян кардани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул консепсияи ягонагии объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки дар он қитъаи замин объекти асосӣ ва ягонаи ғайриманқул эътироф мегардад ва консепсияи гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул, ки дар он қитъаи замин ва дигар молу мулки ба қитъаи замин алоқаи зичдошта объектҳои молу мулки ғайриманқул ва мустақили ҳуқуқи гражданӣ муайян карда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.01.2022).
2. Гражданский кодекс (часть первая). Модель Рекомендательный законодательный акт Содружества Независимых Государств. Принят на пятом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников Содружества Независимых Государств 29 октября 1994 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://iacis.ru/baza_dokumentov/modelnie_zakonodatelnie_akti_i_rekomendatcii_mpa_sng/modelnie_kodeksi_i_zakoni/10 (санаи муроҷиат: 10.01.2021).
3. Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) / пер. с франц. В. Захватаев; Предисловие: А. Довгерт, В. Захватаев; Приложения 1–4: В. Захватаев / отв. ред. А. Довгерт. – К.: Истина, 2006. – 624 с.
4. Гражданский кодекс Швейцарии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.fedlex.admin.ch/eli/cc/24/233_245_233/en (санаи муроҷиат: 10.01.2021).
5. Федеральный закон о внесении изменений в части первую, вторую, третью и четвертую гражданского кодекса российской федерации, а также в отдельные законодательные акты Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sozd.duma.gov.ru/bill/ 47538-6 (санаи муроҷиат: 05.01.2022).
6. Motive zu dem Entwurfe eines Bürgerlichen Gesetzbuches für das Deutsche Reich. Band III. Sachenrecht. Amtliche Ausgabe. Zweite unveränderte Auflage. – Berlin, 1896. – S.36-41.
7. Rosenbauer H. Das Wohnungs-bzw. Teileigentum und seine Einordnung in das bürgerliche Recht. – Nürnberg, 1968. – 129 s.
8. Schmückel K. Zimmermann G. Historisch-kritischer Kommentar zum BGB. – Berlin, 1990. – 145.
9. Бевзенко Р.С. Земельный участок с постройками на нем: введение в российское право недвижимости [Электронное издание]. – М.: М-Логос, 2017. – 80 с.
10. Дормидонтов Г.Ф. Система римского права. Общая часть. – Казань. 1910. – 269 с.
11. Кисилева Т.В. Гражданско-правовое регулирование недвижимости: дисс. канд. юрид. наук. Москва, 2007. – 194 с.
12. Леонтьева Е.А. Концепция единого объекта недвижимости в германском гражданском праве. Право в современном мире. 2011. – №2. – С.122-140.
13. Чешир Дж., Норт П. Международное частное право. – М., 1982. – 324 с.



**Аннотатсия**

**Конепсияи ягонагӣ ва гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи гражданӣ**

Дар мақолаи мазкур шароити таърихӣ ва ҳолати муосири танзими ҳуқуқи граждании молу мулки ғайриманқул дар доираи конепсияи ягонагӣ ва гуногунии объектҳои молу мулки ғайриманқул таҳлил гардидааст. Молу мулки ғайриманқул падидаи ҳуқуқи гражданӣ аст, ки таърихи қадима дошта, таҳаввулоти муайяни таърихиро гузаронидааст. Дар даврони қадим реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқулро ҳуқуқи римӣ дар сатҳи мукаммали дахлдор муайян намуда, баъдан он дар аксарияти низомҳои ҳуқуқии замони муосир мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Аннотация**

**Концепция единства и разнообразия объектов недвижимого имущества в гражданском праве**

В статье анализируются исторические условия и современное состояние гражданско-правового регулирования недвижимого имущества в контексте концепции единства и разнообразия недвижимого имущества. Недвижимость - это институт гражданского права, имеющий долгую историю и прошедший определенные этапы исторического развития. В древности правовой режим недвижимости определялся римским правом на соответствующем уровне, а затем он использовался в большинстве современных правовых систем.

**Annotation**

**The concept of unity and diversity of real estate objects in civil law**

The article analyzes the historical conditions and the current state of civil legal regulation of real estate in the context of the concept of the unity and diversity of real estate. Real estate is an institution of civil law that has a long history and has gone through certain stages of historical development. In ancient times, the legal regime of real estate was determined by Roman law at the appropriate level, and then it was used in most modern legal systems.



**УДК:** 340.5
**Абдуғанизода Бахтиёр,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: bakt0820@mail.ru*
*Тел.: (+992) 902-90-90-68.*

# ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ МАФҲУМ, ХУСУСИЯТ ВА НАМУДҲОИ ҲАМЛУ НАҚЛ ДАР МУНОСИБАТҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳамлу нақл; мафҳум; хусусият; намудҳои ҳамлу нақл; қонунгузории гражданӣ; қонунгузории нақлиётӣ; нақлиёти автомобилӣ; ҳамлу нақли бор, мусофир ва бағоҷ.*

***Ключевые слова:*** *перевозки; понятие; особенность; виды перевозки; гражданское законодательство; транспортное законодательство; автотранспорт; грузовые, пассажирские и багажные перевозки.*

***Keywords:*** *transportation; concept; peculiarity; types of transportation; civil law; transport legislation; motor transport; freight, passenger and baggage transportation.*

Дар муносибатҳои шартномавӣ, махсусан шартномаи ҳамлу нақл (бор, бағоҷ ва мусофиркашонӣ) тавассути нақлиёти автомобилӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) унсури марказӣ ҷиҳати амалӣ намудани василаи интиқоли бор, мол, бағоҷ, мусофир ҳамлу нақл ба шумор меравад, ки заминаи асосии аз як ҷой ба ҷойи дигар расонидани маҳсулот, объект ва мусофирро ифода менамояд.

Ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ низ унсури марказии интиқол ба шумор рафта, аз нигоҳи ҳуқуқӣ муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои он дар гурӯҳи муносибатҳои мазкур аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалиро дорад.

Қобили зикр аст, ки асосан дар Конститутсияи ҶТ як қатор меъёрҳое муқаррар гардидаанд, ки муносибатҳоро дар самти амалишавии функсияҳои ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиётӣ бавосита ва ё бевосита танзим менамоянд. Масалан, тибқи муқаррароти м. 12 «давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад» [1, с. 64], ки чунин меъёр махсусан дар муносибатҳои ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ аҳамияти муҳим дорад ва дар заминаи муқаррароти мазкур ҳамлу нақли бор, ки хусусияти молу мулкиро дорад, амалӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки нақлиёти автомобилӣ дар муомилоти молӣ нақши муҳимро мебозад, зеро ҷузъи асосии инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад. Зиёда аз 90 фоизи ҳамлу нақли бору мусофир дар дохили ҷумҳурӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад. Ҳаҷми умумии боркашонӣ ва мусофирбарӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар давраи солҳои 1992-2000-ум тамоюли пастравӣ дошта, аз соли 2001-ум сар карда, он тамоюли пайвастаи баландшавиро доро гардидааст. Баландравии миёнаи ин нишондиҳандаҳо дар солҳои 2008-2010-ум боркашонӣ 21,7 % ва мусофирбарӣ 4,4 %-ро ташкил медиҳад [6, с. 183].

Ҳамлу нақли борҳо, мусофирон ва бағоҷ дар як вақт раванди истеҳсолот ва маҳсули фаъолияти нақлиётӣ мебошад. Аз ин рӯ, такрористеҳсол дар ин соҳа на дар шакли мол, балки дар шакли пул таҷассум меёбад. Ин раванд бо маҳсулаш вобаста ба замон ва макон мувофиқ омада, ҷудонопазир аст. Онро ҷамъ овардан ва ё захира кардан имконнопазир аст [7, с. 7].

Ҳамлу нақлро дар адабиёти ҳуқуқӣ бо мафҳумҳои гуногун ифода мекунанд – «ҳамлу нақл», «шартномаи ҳамлу нақл», «шартномаҳо вобаста ба ҳамлу нақл», «уҳдадориҳои нақлиётӣ» ва ғайра. Вобаста ба истифодаи дурусти ин ё он мафҳуми мазкур доираи шартномаҳо низ дуруст муайян карда мешавад. Чунки аз паси ҳар як мафҳуми ҳуқуқӣ мазмуни муайян меистад ва истифодаи нодуруст бо он боиси муносибати нодуруст бо воқеият мегардад [8, с. 545].

Қобили зикр аст, ки агар ба таҳлили қонунгузории гражданӣ ва нақлиётӣ дар самти муайян намудани мафҳум, хусусият ва намудҳои бор назар афканем, муайян мегардад, ки меъёри заминавиро вобаста ба асосҳои ҳуқуқии истилоҳи

мазкур Кодекси граждании ҶТ, Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудаанд.

Дар Кодекси граждании ҶТ боби 38 (Ҳамлу нақл) номгузорӣ гардида, дар он муқаррароти умумӣ оид ба шартномаи ҳамлу нақл, шартномаи мусофиркашонӣ, шартномаи чартер, ҳамлу нақли мустақими омехта, ҳамлу нақл тавассути нақлиёти истифодаи умум, музди ҳамлу нақл, мӯҳлати расонидани бор, мусофир ва бағоҷ, масъулият оид ба уҳдадориҳое, ки аз ҳамлу нақл бармеоянд, шартнома оид ба ташкили ҳамлу нақл ва ғайра мавриди танзим қарор дода шудааст [2]. Аммо бояд зикр намуд, ки дар баробари муқаррароти мазкур мафҳуми бевоситаи "ҳамлу нақл", ки зери мафҳуми мазкур кадом унсурҳо фаҳмида мешаванд, пешбинӣ нагардидааст.

Дар Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ бошад, мафҳуми ҳамлу нақл пешбинӣ гардидааст, ки ҳамлу нақл - интиқоли бор, мусофирон ва бағоҷ, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо истифода аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути роҳҳои автомобилгард анҷом дода мешаванд [3], фаҳмида мешавад. Аз мафҳуми мазкур якчанд хусусиятҳои ҳамлу нақлро ҷудо намудан мумкин аст: а) василаи интиқоли бор, мусофир ва бағоҷ мебошад; б) аз ҷониби субъектони муайян, яъне шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амалӣ мегардад; в) тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгард ба анҷом мепазирад.

Дар Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ [4] мафҳуми ҳамлу нақл на дар шакли алоҳида, балки дар шакли ҳамлу нақли автомобилӣ муқаррар гардидааст, ки мувофиқи он "интиқоли бору мусофир, бори дастиву бағоҷ ва почта тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгард" фарогири мафҳуми ҳамлу нақли автомобилӣ мебошад. Хусусиятҳои тавсифдиҳандаи моҳияти ҳамлу нақли автомобилӣ аз инҳо бармеоянд: а) механизми интиқоли бору мусофир, бори дастиву бағоҷ ва почта мебошад; б) дар роҳҳои автомобилгард тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки агар ба мафҳум ва хусусиятҳои пешбининамудаи Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ ва Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ назар афканем дар мафҳуми дуюм зикргардида субъектоне, ки раванди интиқоли молу маҳсулот ва мусофирро амалӣ менамоянд, муайян ва зикр нагардидааст. Аз нигоҳи дигар дар ду санади танзимкунандаи як соҳаи фаъолияти ҷамъиятӣ (албатта дар ин маврид санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногундараҷа) дар шаклҳои мухталиф пешбинӣ намудани мафҳум ва меъёрҳо боиси ихтилоф байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегардад. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад, ки мафҳуми мазкур дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр дар шакл ва мазмуни ягона муқаррар карда шавад.

Ҳамлу нақл дар забони тоҷикӣ аз ду калимаи бо ҳам алоқаманд: "ҳамл" ва "нақл" иборат аст. Ҳамл дар иҷрои уҳдадориҳои нақлиётӣ маънои бурдан, интиқол додан, бор карда бурдани чизеро дорад. Ҳамл дар забони тоҷикӣ – бардоштан, боркунӣ, яъне ҳамлкуниро мефаҳмонад [9, с. 725].

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи нақл маънои васеъ дошта ва фаҳмиши он ба сифати "воситаи аз ҷое ба ҷое кӯчидан, воситаи боркашӣ, нақлиёт" [10, с. 509] бештар ба муносибатҳои ҳуқуқи нақлиёт мувофиқ мебошад. Истифодаи воситаи нақлиёт тарзи ҳамлкуниро муайян менамояд (кашида ё тела карда бурдани бор ва ғайра), ки дар навбати худ муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳоро ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ва ё қатъ мегардонад.

Ҳамлу нақл асосан муносибатҳоро вобаста ба интиқоли мусофир, бор, муросилот ва бағоҷ фаро мегирад. Онро ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст:

1) ҳамлу нақл ҳамчун ҳаракати техникӣ ва технологӣ оид ба интиқоли ҳудудӣ тавассути воситаи нақлиёт;

2) ҳамлу нақл ҳамчун муносибатҳои махсуси шартномавӣ, ки бо қонунгузории граждандӣ танзим шудаанд.

Қобили қайд аст, ки на ҳама интиқоли ҳудудӣ уҳдадориҳоро вобаста ба ҳамлу нақл ба вуҷуд меорад. Уҳдадориҳои ҳамлу нақл 1) бояд молӣ бошад, дар асосҳои музднокию баробарарзишӣ ба роҳ монда шаванд; 2) тарзи интиқол дар онҳо аҳамият дорад (кашида ё тела карда бурдани бор уҳдадориҳои дигарро ба вуҷуд меорад); 3) қисми асосии онҳо тавассути интиқолдиҳандагони оммавӣ амалӣ карда мешаванд [11, с. 432].

Бояд зикр намуд, ки дар ин раванд андешаи муаллифони болозикр қобили дастгирӣ мебошад, чунки моҳияти ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ аз унсурҳои болозикр бармеояд. Пас, уҳдадориҳои ҳамлунақлӣ чунин уҳдадориҳое мебошанд, ки мувофиқи он интиқолдиҳанда уҳдадор мешавад мусофир, бағоҷ

ва ё борро ба нуқтаи таъиншуда расонад, борфиристанда, мусофир ё дигар шахс уҳдадор мешаванд, ки барои амалӣ мазкур пардохт намоянд.

Тибқи Оинномаи нақлиёти роҳи оҳани ҶТ [5] муносибатҳои байни интиқолдиҳанда, мусофир, борфиристанда, борқабулкунанда, соҳибони роҳҳои оҳани истифодабарии ғайриумум, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми хизматрасониҳои муздноки нақлиёти роҳи оҳан танзим гардида, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва ҷавобгарӣ дар ин муносибатҳо муқаррар карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки танҳо ҳамин омил аз ҷониби қонунгузор ба сифати муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ҳамлу нақл муайян карда шудааст.

Хусусияти чунин муносибатҳо дар он аст, ки «онҳо аз хизматрасониҳои характери ғайримоддӣ (ғайриашёӣ), ки аз ҷониби қарздор ба кредитор пешниҳод карда мешаванд, дар заминаи пеш қарор доранд» [12, с. 30]. Уҳдадории нақлиётӣ яке аз намудҳои мустақили уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии муздноқӣ характери ҳуқуқи гражданидошта ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи раванди ҳамлу нақл ягон мол ё маҳсулоти нав ба вуҷуд намеояд. Арзишнокии фаъолияти нақлиётӣ аз самаранокии иқтисодӣ иборат мебошад, ки дар натиҷаи интиқоли бор ба ҷои қайду шартшуда ба вуҷуд меояд. Дар шароити муътадили ҳамлу нақл дар хусусият ё шакли бор ягон тағйироте ба вуҷуд намеояд, танҳо мавқеи ҷойгиршавии онҳо тағйир меёбад [13, с. 44-45].

Агар вобаста ба мафҳуми ҳамлу нақл дар сатҳи қонунгузории граждании давлатҳои хориҷӣ назар афканем дар аксари Кодексҳои гражданӣ ва тиҷоратии давлатҳои хориҷа меъёрҳое вуҷуд надоранд, ки ба таври истисноӣ танҳо барои батанзимдарории ҳамлу нақл равона гардида бошанд. Чунин меъёрҳо дар санадҳои махсуси қонунгузорӣ ба таври алоҳида оварда шудаанд. Аз ҷумла, таҷрибаи танзими ҳуқуқии масъалаи мазкур дар ҶТ дар шакли мазкур муқаррар гардидааст.

Масалан, дар Кодекси граждании Франсия (соли 1804) [14, с. 13-21], дар китоби сеюм «Дар бораи воситаҳои гуногуни бадастории моликият», дар моддаи 711 омадааст, ки моликият ба молу мулк тавассути мерос, ҳадя ва васоят, аз рӯйи уҳдадорӣ супорида ё ба даст оварда мешавад. Вале, байни шартномаҳои дар Кодекси мазкур овардашуда ягон меъёр оид ба уҳдадории аз ҳамлу нақли бор тавассути воситаҳои нақлиётӣ, ки имрӯз амал менамояд, ҷой надорад. Тафсири меъёр оид ба шартномаи кироя имкон медиҳад, ки муносибатро аз ҳамлу нақли бор ба падидаи мазкур дохил намоем. Чунин тарзи танзим дар қонунгузории гражданӣ ва тиҷоратии Белгия, Нидерландия, Испания, Италия, Португалия, Люксембург ва дигар давлатҳои Аврупо эътироф шудааст [13, с. 45].

Чунин ҳолат дар Олмон низ ба назар мерасад, ки ҳамлу нақли бор ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ эътироф мешавад. Маҷмӯаи қонунҳои граждании Олмон (с. 1896) танзими пурраи падидаи мазкурро ба роҳ намонда, танзими онро ба санади махсус ҳавола менамояд. Дар Кодекси граждании Португалия (с. 1966) ба танзими падидаи ҳамлу нақл якчанд модда бахшида шудааст, ки онҳо на раванди ҳамлу нақли бор, балки талаботро нисбати интиқолдиҳанда ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ муқаррар намудаанд [14, с. 224-276].

Тибқи м. 2032 Кодекси граждании Квебек (с. 1994) [15, с. 308] ба истинои ҳолатҳое, ки ҳамлу нақл аз ҷониби интиқолдиҳанда, хизматрасонӣ ба гурӯҳи номуайяни субъектон татбиқ карда мешавад, ҳамлу нақли бемузд ё молу мулк, тибқи боби мазкур танзим карда намешавад.

Ба андешаи муаллифони васоити таълимии "Ҳуқуқи нақлиёт" ҳамлу нақл ин навъи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки тавассути он бор, мусофир, бағоҷ аз як нуқта ба нуқтаи дигар интиқол меёбанд [7, с. 161], фаҳмида мешавад.

Дар баробари ин, дар Оинномаи нақлиёти роҳи оҳани ҶТ ҷараёни интиқол дар шакли раванди ҳамлу нақл муайян гардидааст. Тибқи сархати 7 банди 2 Оинномаи мазкур "раванди ҳамлу нақл – маҷмӯи амалҳои ташкилӣ ва технологии ба ҳам алоқаманде мебошад, ки аз ҷониби ташкилот ё дигар сохтори роҳҳои оҳан ҳангоми тайёрӣ, ҳамлу нақл ва ба анҷом расонидани ҳамлу нақли мусофир, бор ва бағоҷ, анҷом дода мешавад [5].

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ, ҳамлу нақли бор асосан бо иҷроиши уҳдадориҳои нақлиётӣ, ки аз мазмуни шартномаи боркашонӣ бармеояд, ба амал меояд. Вале бастани шартномаи мазкур заминаҳои ташкилӣ низ дорад. Барои бастани шартномаи боркашонӣ заминаҳои муайяни ташкилӣ лозим аст.

Иҷрои ҳаракатҳое, ки бо ташкили ҳамлу нақл вобастаанд, бидуни мувофиқаи пешакӣ имконнопазир аст. Масалан, пеш аз он ки шартномаи боркашонӣ баста шавад, шартҳо вобаста ба муҳлат, теъдоди зарурии нақлиёт,

хислати бор ва ғайра бояд мувофиқа гардад. Ин заминаҳо дар ҳаракатҳои мутаносиби тарафҳо ифода меёбад: боркашон вазифадор аст, ки воситаҳои нақлиёти коршоям ва барои интиқоли бори дахлдор муносибро фароҳам орад; борфиристанда бошад, борро барои борбардорӣ ва ҳамлу нақл пешкаш намояд [2].

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамлу нақлро тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки ҳамчун василаи интиқоли бор, мусофир ва бағоҷ баромад менамояд, вобаста ба асосҳои гуногун ба намудҳои алоҳида ҷудо менамоянд, ки махсусияти хоси танзимиро дорад.

1. Аз рӯйи аломати минтақавӣ ҳамлу нақлро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: 1) шаҳрӣ, яъне ҳамлу нақл дар ҳудуди шаҳр, маҳали аҳолинишини дигар; 2) наздишаҳрӣ, берун аз ҳудуди шаҳр, маҳали аҳолинишини дигар, дар масофаи то 50 км; 3) байнишаҳрӣ, берун аз ҳудуди маҳали аҳолинишини шаҳрӣ, дар масофаи зиёда аз 50 км; 4) байналхалқӣ.

2. Ҳамлу нақли автомобилиро инчунин ба навъҳои марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда ҷудо менамоянд. Дар ҳамлу нақли марказонидашуда ташкилоти нақлиёти автомобилӣ аз рӯйи як шартнома бо борфиристанда (маҳсулотсупоранда, ё ин ки нуқтаи ташаккулёбии бор – истгоҳ, бандар ва ғайра) ва фармоиши ӯ, бор ба маҳсулотқабулкунанда расонида мешавад. Мувофиқи ҳамлу нақли ғайримутамарказонидашуда бошад, ташкилоти нақлиёти автомобилӣ бо ҳар як маҳсулотқабулкунанда шартнома баста ва аз рӯйи супориши онҳо борро мерасонад [16, с. 171-172].

Муаллифони дигар бошанд, вобаста ба асосҳои зерин ҳамлу нақлро таснифбандӣ менамоянд:

1. Ҳамлу нақли бор ва мусофирон мумкин аст аз ҷониби як ё якчанд намуди нақлиёт ва ташкилоти нақлиётӣ амалӣ карда шавад. Вобаста ба ин ҳамлу нақли маҳаллӣ, мустақим ва омехта тафовут гузошта мешавад. а) ҳамлу нақли маҳаллӣ аз ҷониби як намуди нақлиёт ва як ташкилот амалӣ карда мешавад; б) ҳамлу нақли мустақим аз ҷониби як намуди нақлиёт ва якчанд ташкилоти нақлиётӣ амалӣ карда мешавад; в) ҳамлу нақли омехта аз ҷониби якчанд ташкилоти нақлиётӣ ва якчанд намуди нақлиёт (аз рӯйи як ҳуҷҷати нақлиётӣ) амалӣ карда мешавад.

2. Вобаста ба объекти интиқолшаванда ҳамлу нақли бор, мусофир, бағоҷ, бағоҷбор ва муросилот тафовут дорад.

3. Дар нақлиёти баҳрӣ ҳамлу нақл дар каботажи хурд ва калонро тафовут мегузоранд. Каботажи хурд ҳамлу нақле мебошад, ки байни бандарҳои ҳамон як баҳр сурат мегирад. Дар каботажи калон ҳамлу нақл байни бандарҳои як давлат тавассути баҳрҳои гуногун сурат мегирад [7, с. 161-162].

Мафҳуми ҳамлу нақли байналмилалӣ дар муносибатҳои мазкур ба он вобаста аст, ки вақте бор ва мусофир аз ҳудуди ҷумҳурӣ берун мешавад ва ё аз хориҷ ворид мегардад. Дар Қонуни ФР "Дар бораи назорати давлатӣ ба иҷрои боркашонии байналхалқии автомобилӣ ва дар бораи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиби иҷрои он" аз 24 июли соли 1998, №127-ФЗ [17] ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он ҳамлу нақли бор ё мусофир тавассути воситаи нақлиёт аз ҳудуди ду ё зиёда давлатҳо, инчунин убури нақлиёти бебор аз ҳудуди ду ва зиёда давлатҳо фаҳмида мешавад.

Дар Кодекси нақлиёти автомобилӣ бошад, намудҳои зерини ҳамлу нақл муайян ва пешбинӣ гардидааст: ҳамлу нақли мунтазам; ҳамлу нақли номунтазам; ҳамлу нақли транзитӣ; ҳамлу нақл барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти худӣ [3].

Дар Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бори дастиву бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ аз 20 июли соли 2009, №10 [18] бошад, ҳамлу нақли оммавӣ, ҳамлу нақли мунтазам ва ҳамлу нақли номунтазам таснифбандӣ гардида, тартиб ва механизми интиқоли бори дастиву бағоҷ ва мусофирро дар шаклҳои мазкур муқаррар намудааст.

Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ намудҳои мухталифи ҳамлу нақлро муқаррар менамояд: ҳамлу нақли автомобилии шаҳрӣ (дохилишаҳрӣ); ҳамлу нақли башардӯстона; ҳамлу нақли каботажӣ; ҳамлу нақли автомобилии байнишаҳрӣ; ҳамлу нақли байналмилалӣ; ҳамлу нақли номунтазами автомобилӣ; ҳамлу нақли автомобилии наздишаҳрӣ; ҳамлу нақл тавассути таксиҳои хатсайргард; ҳамлу нақл тавассути таксиҳои сабукрав; ҳамлу нақли транзитӣ [4].

Дар Оинномаи нақлиёти роҳи оҳани ҶТ бошад, танҳо як намуди ҳамлу нақл пешбинӣ мегардад, ки ин ҳамлу нақли махсус - намуди алоҳидаи ҳамлу нақл, ки интиқоли борҳоро барои мақсадҳои махсусан муҳими давлатӣ ва мудофиавӣ таъмин месозад, фаро мегирад [5].

Дар маҷмӯъ, вобаста аз таҳлили масъалаи мазкур мафҳуми ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилиро дар чунин шакл

пешниҳод намудан мумкин аст: ҳамлу нақл - интиқоли бор, мусофирон, бағоҷ ва почта, ки аз ҷониби субъектони тибқи қонунгузорӣ муайянгардида бо истифода аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ тавассути роҳҳои автомобилгард анҷом дода мешаванд.

Ба андешаи мо ба анҷом расонидани ҳамлу нақл фаъолияти соҳибкорӣ эътироф мегардад, яъне аз ҷониби субъектони махсус ба амал бароварда мешавад. Хусусиятҳои тавсифдиҳандаи ҳамлу нақлро дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ, ки аз мафҳуми мазкур бармеоянд, дар чунин шакл пешниҳод намудан мумкин аст:

– ба сифати василаи асосии интиқоли бор, мусофир, бағоҷ ва почта баромад менамояд;

– аз ҷониби субъектони тибқи қонунгузорӣ муайянгардида ба амал бароварда мешавад;

– махсусияти бевоситааш дар он аст, ки тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар роҳҳои автомобилгард ба анҷом мепазирад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. – 64 с.

2. Кодекси граждании ҶТ (қисми дуюм) аз 11 декабри соли 1999, №884 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.03.2022).

3. Кодекси нақлиёти автомобилии ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1689 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.03.2022).

4. Оинномаи нақлиёти автомобилии ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2009, №696 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.03.2022).

5. Оинномаи нақлиёти роҳи оҳани ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 5 июни соли 2002, №244 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.03.2022).

6. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми дуюм / Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе, «Эр-граф». 2014. – 424 с.

7. Ғафуров А.Д., Бадалов Ш.К., Сафаров Д.С., Сафаров А.И. Ҳуқуқи нақлиёт: васоити таълимӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2012. – 356 с.

8. Иоффе О.С. Избранные труды: В 4 т. Т. III. Обязательственное право. – СПб.: Изд.-во «Юридический центр Пресс», 2004. – 837 с.

9. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд / Зери таҳрири М.Ш. Шукуров., В.А. Капранов., Р. Ҳошим., Н.А. Масъудӣ. Ҷилди 2. П-Ҷ. – Нашриёти «Сов. Энциклопедия». – М., 1969. – 952 с.

10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди II. О-Я. (нашри дувум) // Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе, 2010. – 945 с.

11. Медведев Д.А., Смирнов В.Т. Транспортные обязательства // Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т.2 / Отв. ред. А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. – М., 2006. – 632 с.

12. Гражданское право. Том второй, полутом второй // Под ред. проф. Е.А.Суханова.– М.: Изд.-во «БЕК», 2000. – 544 с.

13. Қудбудинов Ф.Ш. Масъалаҳои шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти роҳи оҳан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқ. – Душанбе, 2019. – 174 с.

14. Гражданское, торговое и семейное право капиталистических стран: Сборник нормативных актов: гражданские и торговые кодексы: учеб. пособ. // Под ред. В.К. Пучинского, М.И. Кулагина. – М.: Изд.-во УДН, 1986. – 384 с.

15. Гражданский кодекс Квебека: Пер. с анг. и фр. (Серия: Современное зарубежное и международное частное право) – М.: «Статут», 1999. – 470 с.

16. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми II // Зери таҳрири узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотори илми ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А. Маҳмудов. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2007. – 508 с.

17. О государственном контроле за осуществлением международных автомобильных перевозок и об ответственности за нарушение порядка их выполнения: Федеральный закон от 24.07.1998, №127-ФЗ (ред. от 01.03.2020) [Электронный ресурс] // СПС «Консультант Плюс». Режим доступа: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_19561.

18. Қоидаҳои ҳамлу нақли мусофирон ва бори дастиву бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар ҶТ аз 20 июли соли 2009, №10 бо фармоиши вазири нақлиёт ва коммуникатсияи ҶТ тасдиқ гардида, дар вазорати адлияи ҶТ таҳти №255 “г” аз 31 июли соли 2009 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 29.03.2022).

**Аннотатсия**

**Ҳолати ҳуқуқии мафҳум, хусусият ва намудҳои ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ**

Дар мақолаи мазкур мафҳум, хусусият ва намудҳои ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ, ки моҳияти асосии он аз муносибатҳои шартномавии соҳаи ҳуқуқи гражданӣ ва нақлиётӣ бармеоянд аз нигоҳи назариявӣ ва масъалаҳои танзими қонунгузорӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Муайян намудани мафҳум, хусусият ва намудҳои ҳамлу нақл дар муносибатҳои нақлиёти автомобилӣ ба он вобаста аст, ки муносибатҳои байни субъектони интиқолдиҳандаи объект ва мусофирон дар ин раванд дуруст ва мақсаднок таъмин гардад. Бо ин назардошт, аз ҷониби муаллиф таклифҳои асоснок доир ба мафҳум ва хусусиятҳои ҳамлу нақл дар муосибатҳои нақлиёти автомобилӣ пешниҳод гардидааст.

**Аннотация**

**Правовой статус понятия, особенности и видов перевозок в отношениях автотранспортных средств**

В данной статье рассматриваются и анализируются понятие, сущность и виды перевозок в сфере автомобильного транспорта, основная сущность которых вытекает из договорных отношений в сфере гражданского и транспортного права с теоретической точки зрения и вопросов законодательства. Определение понятия, признаков и видов перевозок в дорожно-транспортных отношениях зависит от обеспечения правильных и целеустремленных отношений между транспортными субъектами объекта и пассажирами в этом процессе. С учетом этого автором сделаны обоснованные предложения по понятию и характеристике перевозок в сфере автомобильного транспорта.

**Annotation**

**Legal status of the concept, nature and types of transportation to motor transport**

This article discusses and analyzes the concept, essence and types of transportation in the field of road transport, the main essence of which follows from contractual relations in the field of civil and transport law from a theoretical point of view and legislative issues. The definition of the concept, signs and types of transportation in road transport relations depends on ensuring correct and purposeful relations between the transport subjects of the object and passengers in this process. With this in mind, the author made reasonable proposals on the concept and characteristics of transportation in the field of road transport.



**УДК:** 347.633.1
**Саймудинзода Муаттара Бурҳонидин,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузории граждани, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: muattara1997@mail.ru*
*Тел.: (+992) 915-65-76-48.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ КӮДАКОНЕ, КИ БЕ ПАРАСТОРИИ ПАДАРУ МОДАР МОНДААНД

***Калидвожаҳо:*** *кӯдак; кодекси оила; қонунгузорӣ; фарзанд; падар; модар; ақди никоҳ; бекор кардан; мӯҳлат.*

***Ключевые слова:*** *ребенок; семейный кодекс; законодательство; дитя; отец; мать; брак; отмена; срок.*

***Keywords:*** *child; family code; legislation; infant; father; mother; marriage; repeal; term.*

Дар ҳаёт ҳолатҳое мешавад, ки кӯдак бе парастории падар ё модар мемонад. Масалан, ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ва ҷудо зиндагӣ кардани падар аз модар; маҳрум гардидани падар ё модар аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ; маҳдуд кардани ҳуқуқи падар ё модар; фавти падар ё модар; ғайри қобили амал эътироф шудани падар ё модар, беморӣ ва муддати тӯлонӣ ғайриҳозир будани падар ё модар; саркашии падар ё модар аз тарбияи фарзандон ё аз ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби падар ё модар рад кардани гирифтани кӯдакони худ аз муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ ва муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд ва ғайра.

Пурсишҳо нишон медиҳанд, ки шумораи парвандаҳои ҷиноятие, ки вобаста ба онҳо падару модар бинобар иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ вобаста ба тарбияи кӯдак ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд, (моддаи 174 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 1,2% аз шумораи умумии парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби судҳо баррасишавандаро ташкил медиҳанд [1, с.13].

Аксари кӯдаконе, ки аз ақди никоҳи дуюми бақайднагирифта таваллуд шудаанд, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ умуман ба қайд гирифта нашудаанд.

Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда кӯдак ба ҳимоя ва дастгирии махсус ниёз дорад. Албатта, барои равшан намудани ҷиҳати ҳуқуқӣ, мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, масъаларо таҳлил ва омӯзиш намоем.

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ. Бекор гардидани ақди никоҳ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак зарари ҷиддӣ мерасонад. Барои рушду такомули дурусти кӯдак ҳамзистии падару модар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин ҳолат ба вазъи молумулкии кӯдак низ таъсири манфӣ дорад [2, с.125].

Барои ҳамин ҳам дар моддаҳои алоҳидаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КО ҶТ) муқаррароти гуногун оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак дар чунин ҳолатҳо пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи моддаи 17 КО ҶТ («Маҳдуд кардани ҳуқуқи шавҳар оид ба талаби бекор кардани ақди никоҳ») шавҳар ҳуқуқ надорад ҳангоми ҳомиладории зан ва дар давоми якуним соли пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан ба суд оиди бекор кардани ақди никоҳ даъво пешниҳод намояд. Муқаррароти мазкури КО ҶТ пеш аз ҳама барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои зан равона шудааст. Маълум аст, ки зан дар давраи ҳомиладорӣ ва лаҳзаҳои ибтидоии таваллуди кӯдак дар ҳолати махсуси ҷисмонию равонӣ қарор мегирад. Бекор шудани ақди никоҳ дар ҳамин давра боиси оқибатҳои манфӣ гардида, ба саломатии кӯдак низ таъсири манфӣ расонида метавонад. Қонунгузор маҷмӯи ҳолатҳои мазкурро ба инобат гирифта, чунин маҳдудиятро пешбинӣ кардааст ва ин ҳолат чун нобаробарии зану мард набояд бандубаст гардад [3].

Дар таҷриба ҳамин тавр ҳам ҳаст, суди ноҳияи Сино ҳангоми баррасии парвандаи гражданӣ бо даъвои С. оид ба бекор кардани ақди никоҳ муайян намуд, ки ҷавобгар М. ҳомиладор будааст. Бинобар ин, дар асоси Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 29 майи соли 2003 банди 1 қисми 1 моддаи 225 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии

Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, баррасии парвандаро қатъ намуд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 21 КО ҶТ ҳангоми дар оила мавҷуд будани кӯдак («фарзанди ноболиғ») ақди никоҳ аз рӯи қоидаи умумӣ ҳатман бо тартиби судӣ бекор карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 24 КО ҶТ ҳангоми ба тариқи судӣ бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар метавонанд созишномаро дар хусуси бо кадоме аз онҳо зиндагӣ кардани фарзандони ноболиғ, дар бораи тартиби пардохт ва андозаи маблағ барои таъминоти фарзандон ва (ё) зан ва (ё) шавҳари ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд, дар хусуси ҳаҷми ин маблағ ё тақсимоти амволи зану шавҳар барои тасдиқи суд пешниҳод намоянд.

Дар сурати набудани созишномаи байни зану шавҳар оид ба масъалаҳои мазкур, инчунин агар муқаррар гардад, ки ин созишнома манфиати фарзандон ва ё зан ва шавҳарро поймол мекунад, суд вазифадор аст:

- муайян намояд, ки фарзандони ноболиғ пас аз бекор кардани никоҳ бо кадоме аз падару модар зиндагӣ мекунанд;

- муайян намояд, ки барои таъминоти фарзандон аз кадом падару модар ва ба кадом андоза алимент ситонида мешавад;

- бо талаби зану шавҳар (яке аз онҳо) амволи дар таҳти моликияти муштараки онҳо қарордоштаро тақсим намояд;

- бо талаби зан ё шавҳаре, ки аз ҳамсари худ ба гирифтани таъминот ҳуқуқ дорад, андозаи ин таъминотро муайян намояд.

Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки аз чор масъалае, ки суд ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ бояд ҳал намояд, дутоаш ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак дахл дорад.

Дар КО ҶТ ҳуқуқи афзалиятноки тарбияи кӯдак аз ҷониби модар ё пардохти алимент танҳо аз ҷониби падар муқаррар нашудааст. Ба ақидаи М.Г.Маркова ва Н.П. Ленская барои тарбияи шахсии кӯдаки хурдсол модар ҳуқуқи афзалиятнок дорад [4, с.23]. Ба чунин ақида на ҳамеша розӣ шудан мумкин аст [5, с.41].

Муҳлати шашмоҳаи оштишавӣ низ, ки дар моддаи 22 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, боиси оштишавии падару модар ва ба манфиати тарбияи минбаъдаи кӯдак мебошад.

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ҳангоми маҳрум кардани падар ё модар аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ.

Дар КО ҶТ дар баробари ҳуқуқи падару модар ба якҷоя зистан бо кӯдак, бевосита муошират кардан бо ӯ ҳолатҳое пешбинӣ шудааст, ки падар ё модар аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда мешавад. Албатта, ин ҳолат истисноӣ мебошад. Дар чунин мавридҳо кӯдак махсус ба ҳимоя ва ғамхорӣ эҳтиёҷ дорад.

Фарзандхондӣ шакли афзалиятноки тарбияи кӯдконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, мебошад. Моҳияти ин муносибатҳо дар он аст, ки байни фарзандхондкунандагон ва фарзандхондшаванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон ба вуҷуд меояд. Яъне, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳолати ҳуқуқии фарзандхондагон ба ҳолати ҳуқуқии падару модар ва ҳолати ҳуқуқи фарзандхондшавандагон ба ҳолати ҳуқуқии фарзандон баробар донista шудааст. Воқеӣ будани чунин муносибатҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Бинобар ин, қонунгузор муқаррароти зиёдро пешбинӣ мекунад, ки чун кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак баромад мекунанд. Аз ҷумла: талаботи махсус нисбат ба фарзандхондкунандагон (моддаи 127 КО ҶТ); фарзандхондии бародарону хоҳарон аз ҷониби шахсони гуногун, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак мебошад, иҷозат дода намешавад (моддаи 125 КО ҶТ); фаъолияти миёнаравӣ дар фарзандхондии кӯдак манъ аст (моддаи 126[1] КО ҶТ); фарқияти синну соли шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда ва фарзандхондшаванда (моддаи 128 КО ҶТ); гирифтани розигии кӯдак (моддаи 132 КО ҶТ); чораҳои таъмини маҳрамияти фарзандхондӣ (моддаҳои 134-136, 139 КО ҶТ) ва ғайра.

Мувофиқи моддаи 127 КО ҶТ (бо назардошти тағйироту иловаҳои минбаъда) танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдаконро доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ ҳолати фарзандхондӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ бо назардошти баъзе камбудиҳо қобили қабул дониста шудааст [7, с.97].

Мувофиқи моддаи 21 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак давлатҳои аъзое, ки мавҷудияти системаи фарзандхондкуниро эътироф ва ё иҷозат медиҳанд, таъмин менамоянд, ки пеш аз ҳама манфиатҳои аввалиндараҷаи кӯдак ба инобат гирифта шаванад ва онҳо:

а) таъмин менамоянд, ки фарзандхондии кӯдак танҳо аз ҷониби ҳокимияти салоҳиятдоре иҷозат дода шавад, ки мутобиқи қонуну расмиёти истифодашаванда ва дар асоси тамоми иттилооти

дақиқи марбут ба парвандаи онҳо муайян менамоянд, ки фарзандхондкунӣ бинобар мақоми кӯдак нисбати волидайн, хешовандон ва сарпарасторони қонунӣ имконпазир аст ва агар зарур бошад, шахсони манфиатдор розигии масъулиятноки худро барои фарзандхондкунӣ дар асоси чунин машварате, ки метавонад зарур бошад, додаанд;

б) эътроф менамоянд, ки фарзандхондӣ дар дигар кишвар метавонад ҳамчун усули алтернативии нигоҳубинии кӯдак арзёбӣ гардад, ки кӯдак натавонад ба тарбия дода шавад ё дар оилае ҷой карда шавад, ки метавонад тарбия ё фарзандхондкунии онро таъмин намояд ва агар таъмини ягон нигоҳубни муносиб дар кишвари асли кӯдак ғайриимкон бошад;

в) таъмин менамоянд, ки дар сурати фарзандхондии кӯдак дар дигар кишвар ҷойгиркунии кӯдак боиси ба даст овардани фоидаи беасоси молиявӣ аз ҷониби шахсони ба ин кор вобаста нагардад;

г) тамоми тадбирҳои зарурӣро меандешанд, то ки дар сурати фарзандхондкунӣ дар дигар кишвар ҷойгиронии кӯдак боиси ба даст овардани фоидаи беасоси молиявӣ аз ҷониби шахсони ба ин кор вобаста нагардад;

д) дар ҳолатҳои зарурӣ барои ноил гаштан ба мақсадҳои ин модда бо роҳи бастани шартнома ё созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат менамоянд ва дар ин замина кӯшиш мекунанд, ки ҷойгиронии кӯдак дар дигар кишвар аз ҷониби ҳокимият ё мақомоти салоҳиятдор анҷом дода шавад.

Аз мазмуни ин модда бармеояд, ки фарзандхондкунӣ дар дигар кишвар чун усули алтернативӣ баромад мекунад ва дар сурате ҷоиз аст, ки кӯдак натавонад ба тарбия дода шавад ё дар оилае ҷой карда шавад, ки метавонад тарбия ё фарзандхондкунии онро таъмин намояд ва агар таъмини ягон нигоҳубини муносиб дар кишвари асли кӯдак ғайриимкон бошад.

Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда дар ҳама ҳолати фарзандхондӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои мазкур санҷида нашуда, дар асоси суханҳои хушку холии кормандони мақомоти васояту парасторӣ судҳо ба хулоса меоянд, ки кӯдак наметавонад ба тарбия дода шавад ё дар оилае ҷой карда шавад, ки тавонад тарбия ё фарзандхондкунии онро таъмин намояд ва таъмини нигоҳубини муносиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Манъ кардани фарзандхондии кӯдак аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ба фикри ман ба манфиати кӯдаконе мебошад, ки бе парастории падару модар мондаанд. Зеро шароити зисти воқеии фарзандхондкунандагон, ҳолати ҳуқуқии кӯдакон дар хориҷи кишвар ҳамеша ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон норавшан аст. Ин ҳолат боиси оқибатҳои эҳтимолии манфӣ ва ҳатто фоҷиавӣ шуданаш ҳам мумкин аст.

Аз таҳлил ва омӯзиши масъалаи мазкур чунин хулосаҳоро пешниҳод намуданамон мумкин аст:

1. Барои дақиқ намудани мафҳуми кӯдак бояд бо дигар мафҳумҳои ҳамрадиф, вале дорои мазмуни хос муқоиса карда шаванд. Ин ҷо мафҳумҳои ноболиғ, болиғ, кӯдаки мукаллаф ва фарзанд дар назар дошта мешавад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки маҳаки ноболиғ эътироф намудани шахс ин синну сол мебошад. Яъне, шахси аз ҳаждаҳсола хурд ноболиғ дониста мешавад. Кӯдак ва шахси ноболиғ дар Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ҳаммаъно мебошад. Дар он кӯдак ҳамчун шахси ба синни 18-солагӣ нарасида тавсиф гардидааст.

Аз ин рӯ, боби 11 КО ҶТ, ки «Ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ» ном дорад, чандон саҳеҳ нест. Ҳам кӯдак ва ҳам ноболиғ шахсони ба синни ҳаждаҳсола нарасида мебошанд. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки номи боби 11 (ва дигар моддаҳои дахлдор) КО ҶТ дар таҳрири зайл ифода ёбад: «Ҳуқуқи кӯдакон».

Шахси болиғ шахсест, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидааст. Аз ҳамин лаҳза дигар шахс кӯдак эътироф намешавад. Шахси болиғ аз шахси мукаллаф бояд фарқ карда шавад.

Аслан мукаллафият мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятӣ аст. Ибораи «мукаллафияти пурраи ноболиғон», ки дар қисми 2 моддаи 61 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, чандон дақиқ набуда, он бояд ба мафҳуми «қобилияти пурраи амалкунӣ» иваз карда шавад.

Аз таҳлили низомнок ва муқоисавии Кодекси оила ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ҳукуқи оила ду намуди ҳолати ҳуқуқии кӯдак бояд фарқ карда шавад:

1) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ намебошанд (тамоми кӯдаконе, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 Кодекси оилаи ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ мегардад;

2) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мебошанд, ҳарчанд ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд (бинобар бастани ақди никоҳ ё дорои қобилияти пурраи амал – эмансипатсияшуда эътироф кардан) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ намегардад.

Ба чунин намудҳо ҷудо сохтани кӯдакон оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба миён меорад.

Фарзанд – маънои алоқаи хунӣ ва ё ҳуқуқӣ байни падару модар ва кӯдакро дорад. Яъне, ин ҳолати иҷтимоист. Агар ин алоқа биологӣ бошад, он нишондиҳандаи аслу насаби кӯдак (баромади ӯ) мебошад. Агар ин алоқа танҳо ҳуқуқӣ бошад, яъне байни падару модар алоқаи биологӣ ҷой надошта бошад, ин ҳолатро фарзандхондӣ меноманд. Фарзандӣ яке аз намудҳои фактҳо-ҳолатҳо мебошад. Агар ҳолати кӯдакӣ бо расидан ба синни 18-солагӣ аз байн равад, ҳолати фарзандӣ абадӣ боқӣ мемонад. Фарзандхондӣ ҳамчун факти ҳуқуқӣ баъди ба балоғат расидани кӯдаки ба фарзандхондӣ қабулшуда танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ имконпазир аст (моддаи 144 КО ҶТ).

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Экспресс – исследование. Защита прав ребенка в Таджикистане: достоинства и недостатки системы (Рабочая группа по подготовке ситуационного анализа по защите прав ребенка для информирования парламента Республики Таджикистан. Душанбе, 2008. С.13
2. Чечот Д.М., Шестаков Д.А. Социальные зло-алкогализм, семья и право. Л., 1988. – 2016 с.
3. Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2009 «Оид ба парванда аз рӯи пешниҳоди судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Шодиев Ш.Р. «Дар бораи муайян кардани мувофиқати моддаи 17 КО ҶТ ба қисми 2 моддаи 17 ва қисми 2 моддаи 33 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»// “Ҷумҳурият” аз 25 июли соли 2009.
4. Маркова М.Г., Ленская Н.П. Советская семья и право. Л., 1965. – 178 с.
5. Худоёров Б.Т. Защита прав и интересов детей при лишении родителей родительских прав// Давлат ва ҳуқуқ. №3, 1999. - С.55-56.
6. Маҳмудов М., Худоёров Б. Тафсири КО ҶТ. - С.24
7. Бурҳонова М.Ҷ. К проблеме правового регулирования усыновления с участием иностранных граждан и лиц без гражданства в семейном законодательстве РТ (постановка вопроса)// Давлат ва ҳуқуқ. №1, 2002. - С. 97-102
8. Международное усыновление (извлечение из обобщения судебной практики рассмотрения дел об установлении усыновления (удочерения)// Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №1-2, 2004. С.242-253.



**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд**

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, мавриди таҳлил ва омӯзиши илмӣ қарор дода шуда, пешниҳодҳои мушаххас низ илова шудаанд.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы правового статуса детей, которые остаются без попечения родителей**

В данной статье рассматриваются некоторые вопросы, связанные с правовым положением детей, оставшихся без попечения родителей, которые подлежат научному анализу и изучению, также представляются определенные предложения.

**Annotation**

**Some questions of the legal status of children who remain without worshiping parents**

This article discusses some issues related to the legal status of children left without parental care, which are subject to scientific analysis and study, certain proposals are also presented.



**УДК:** 341.46

**Ахмедов Фарҳод Абдусаломович,**
*магистранти соли дуюми шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: akhmedovfarhod@gmail.com*
*Тел.: (+992) 933-34-36-66.*

# ОИД БА ПРИНСИПИ ҶАВОБГАРИИ ФАРДӢ ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶИНОЯТӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҷавобгарии фардӣ; ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ; шахсони воқеӣ; мукаллафӣ; субъекти ҷиноят; Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ; гуноҳ; Трибунали Нюрнберг.*

***Ключевые слова:*** *индивидуальная ответственность; международное уголовное право; физические лица; вменяемость; субъект преступления; Римский статут Международного уголовного суда; вина; Нюрнбергский трибунал.*

***Keywords****: individual responsibility; international criminal law; natural persons; sanity; the subject of a crime; the Rome Statute of the International Criminal Court; guilt; the Nuremberg Tribunal.*

Принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ яке аз муҳимтарин принсипҳои мурофиаи Нюрнберг буд. Ин принсип доктринаи Бриана-Келлогаро иваз кард, ки он танҳо ҷавобгарии давлатро барои содир кардани ҷанги таҷовузкорона ҳамчун ҷинояти байналмилалӣ баррасӣ мекард [2, с. 14]. Тибқи банди 1 моддаи 6 Оинномаи Трибунали Нюрнберг “Трибунал, ки мувофиқи Созишнома барои суд кардан ва ҷазо додани ҷиноятkорони асосии ҳарбии мамлакатҳои аврупоии блоки миллатгаро таъсис дода шудааст, ҳуқуқ дорад шахсонеро суд кунад ва ҷазо диҳад, ки ба манфиати давлатҳои аврупоии блоки миллатгаро амал карда, ба таври фардӣ ё ба ҳайси аъзои созмон ҷиноятҳои зеринро содир кардаанд...” [9].

Аз рӯи принсипи ҷавобгарии фардӣ барои содир намудани ҷиноят танҳо шахсони воқеӣ масъулият доранд (қисми 1 моддаи 25 Статути римӣ). Дар баробари ин, тибқи моддаи 26 Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ ин суд танҳо нисбати шахсоне, ки ба сини 18 расидаанд, салоҳияти худро татбиқ карда метавонад [6].

Принсипи ҷавобгарии фардӣ маънои онро дорад, ки шахс аз рӯи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, дар ҳолате ки агар ӯ иҷрокунанда ё шарики дигари ҷиноят бошад, инчунин ҳангоми қасди содир кардани ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки номутобиқатии сину соли субъекти ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва қонунгузории миллӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ), ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният пешбинӣ мекунад (моддаҳои 395-405), сину соли субъекти ҷиноят аз 16-солагӣ оғоз меёбад. Саволе ба миён меояд, ки оё шахси аз 16 то 18-сола агар чунин ҷиноят содир карда бошад, аз рӯи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад?

Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ амалан дар ҳеҷ ҷо сину соли ҳадди ақкали субъекти ҷиноятро нишон намедиҳанд. Аз ин рӯ, бо фаҳмиши муқаррарот дар бораи ба манфиати шахс шарҳ додани ҳама гуна шубҳа танҳо як ҷавоб вуҷуд дорад – аз рӯи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ, чунин шахс наметавонад ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Принсипи ҷавобгарии фардии шахсони воқеӣ инчунин имкон медиҳад, ки ҷавобгарӣ аз рӯи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ вобаста аз иштироки воқеӣ дар содир намудани кирдор, ҳамчунин дараҷаи хотимаёбии кирдор тафриқа ва фардӣ кунонида шавад.

Дар асоси принсипи ҷавобгарии фардии шахсон маълум аст, ки субъекти умумии ҷиноят дилхоҳ инсони содиркардаи ҷиноят, новобаста аз хусусиятҳои демографӣ, иҷтимоӣ, молу мулкӣ ва ғайра ҳисобида мешавад ва аз рӯи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, Дар фарқият аз қонунҳои ҷиноятии миллӣ, қариб дар ҳамаи сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ягон ишора ба

аломатҳои тавсифдиҳандаи субъект дида намешавад. Дар санадҳои байналмилалӣ сухан одатан дар бораи «шахс», «ҳар шахс», «дилхоҳ шахс» меравад.

Аз рӯи фаҳмиши ҳозираи муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии ҷиноятӣ танҳо инсон ҳамчун субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Ҷавобгарии давлат ва мақомоти он хислати ба худ хос дорад доранд. Дигар ин ки роҳбарони давлатҳо ва ё шахсони ҳуқуқӣ барои ҷиноятҳои содиркардаашон метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Ин ҷо, А.Н.Трайнин дуруст қайд мекунад, ки «масъалаи мукаллафӣ нисбати давлат дахл надорад, ҳамчунин давлатро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ намекашанд» [8, с. 42].

Гуфтаҳои боло ба шахсони ҳуқуқӣ низ пурра дахл доранд (ин ҷо ба хотир овардани принсипи "societas delinquere non potest" - шахсони ҳуқуқӣ ҷиноят содир карда наметавонанд, ки дар ҳуқуқи римӣ амал мекард, кифоя аст).

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятии муосир маънои принсипи ҷавобгарии фардии шахс ба муқаррар кардани ҳамбастагии байни мафҳумҳои «субъекти ҷиноят» ва «субъекти ҷавобгарӣ» меорад.

Зери мафҳуми “шахс” ҳамчун субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ бояд дилхоҳ инсонеро дар назар дошт, ки:

— худаш кирдори ҷиноятиро содир карда бошад;

— барои содир намудани кирдори ҷиноятӣ шахси дигарро истифода бурда бошад (масалан, ҳангоми иҷрои фармони ғайриқонунӣ). Дар қонунгузории миллӣ ҳамеша ҳадди сину солӣ муқаррар карда мешавад, ки аз рӯи он шахсро субъекти ҷиноят эътироф кардан ва мувофиқан ӯро ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст (масалан, моддаи 23 КҶ ҶТ). Дар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ бошад ҳолат дигар гуна аст – сину соли ҳадди аққали субъекти ҷиноят нишон дода нашудааст. Оё ин маънои онро дорад, ки сину соли шахс ягон нақш намебозад? Аён аст, ки не. Вобаста ба вижагиҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳо дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ муқаррар намудани сину соли чавобгарии ҷиноятӣ аз қонунгузории миллӣ вобаста аст, ки нисбати ин шахс тобеияти ҳуқуқии худро амалӣ менамояд.

Дар баробари ин таъкид кардан лозим аст, ки агар нисбати шахс якчанд ҳуқуқтатбиқкунанда юрисдиксия дошта бошанд, шубҳаҳо дар бораи имкони эътироф кардани шахс ҳамчун субъекти ҷиноят бояд бар нафъи худи ӯ ҳал карда шавад [3, с. 67].

Ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ҳолати истисноиро медонад, ки бевосита дар матни сарчашмаи он нишондоди ҳадди сину соли субъекти он мавҷуд бошад. Чунин муқаррарот дар моддаи 26 Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ ҷой дорад - «Суд нисбати дилхоҳ шахси дар лаҳзаи эҳтимолии содир кардани ҷиноят ба сини 18-сола нарасида салоҳият надорад».

Аммо ин муқаррарот танҳо ба тобеияти ҳуқуқии Суди байналмилалии ҷиноятӣ дахл дошта, барои татбиқи тобеияти ҳуқуқии миллӣ нисбат ба ҷавонони то сини 18-сола, ки ҷиноятҳои байналмилалӣ содир кардаанд, монеъ намешавад. Дар ин ҳолат ҷавонони аз 16 боло тибқи муқаррароти КҶ ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хислати байналмилалидошта ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Хусусияти дуюм, ки ба шахсияти субъекти ҷиноят хос аст, мукаллафии вай, яъне қобилияти дарк кардани моҳияти воқеии кирдор (амал ё беамалии) ва озодона идора кардани он мебошад.

Дар муайян намудани мукаллафӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ маҳз ҳуқуқи байналмилалӣ дар муқоиса бо қонуни ҷиноятии мамлакатамон дар мавқеи “ғолиб” қарор дорад (дар КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ вуҷуд надорад ва фаҳмиши он аз таърифи “номукаллафӣ" бармеояд).

Стандарти байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи башар ҳар як шахсро мукаллаф эътироф мекунад, то он даме, ки тартиби дигаре исбот нагардад (масалан, ин аз моддаи 16 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии соли 1966 бармеояд).

Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ нисбати шахсе, ки ба сину соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст, эҳтимолияти мукаллафӣ амал мекунад: ҳар шахсе, ки ба сини ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст, мукаллаф диниста мешавад, яъне вай хусусияти ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк мекунад ва онҳоро саришта карда метавонад, то даме ки номукаллафиаш исбот шавад.

Дар асоси муқаррароти конститутсионӣ дар бораи афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои миллӣ (банди 3 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) метавон гуфт, ки муқаррарот дар

бораи мукаллафӣ дар қонуни ҷиноятии мамлакати мо эътибор дорад.

Мавҷудияти ақаллан яке аз ин аломатҳо имконияти субъекти ҷиноят эътироф кардани шахсро истисно мекунад. Ва агарчи дар санадҳои байналмилалӣ мафхуми «номукаллафӣ» вуҷуд надорад, хусусан ҳангоми содир кардани кирдор ҳолати номукаллафӣ бо ҳар гуна сабабҳои тиббӣ асос барои истиснои ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, тибқи банди "а" моддаи 31 Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ, шахс наметавонад ба ҷавобгарӣ кашида шавад, агар ӯ ба бемории рӯҳӣ ё парешонхотирӣ мубтало шуда бошаду, қобилияти дарк кардани кирдорҳои ғайриқонунии худро надошта бошад ё қобилияти ба қонун мувофиқ кунонидани кирдори худро надошта бошад. Аз тарафи дигар, дар банди «б»-и ҳамин меъёр ҳолати заҳролудшавӣ ҳамчун ҳолати аз ҷавобгарӣ озод кардани шахс пешбинӣ мегардад, ки дар натиҷаи аз даст додани қобилияти фаҳмидани хислати амалҳои худ ва бо қонун мувофиқат кунонидани онҳо ба миён меояд. Дар ин маврид шарт он аст, ки шахс беихтиёр, яъне ба таври маҷбурӣ, бар хилофи хоҳишаш ба ҳолати заҳролудшавӣ гирифтор шуда бошад. Дар як қатор қонунҳои миллӣ ҳолати мазкур ҳамчун «маҷбуркунии ҷисмонӣ» ифода гардида, боиси аз даст додани тавсифи ҳуқуқии субъекти ҷиноят намегардад, балки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад. Масалан, тибқи қисми 1 моддаи 43 КҶ ҶТ "Расонидани зарар ба манфиатҳои бо ҳамин Кодекс муҳофизатшаванда дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, агар дар натиҷаи чунин маҷбуркунӣ шахс ҳаракати (беҳаракатии) худро идора карда натавонад, ҷиноят ҳисоб намешавад [4].

Ниҳоят, ба ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ субъектони махсуси ҷиноят хосанд, яъне шахсоне, ки аломатҳои иловагии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнокро доранд. Ҳамзамон, нишон додани ин аломатҳо бояд дар худи меъёри ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ сурат гирад (масалан, «сардор», «фармондеҳи ҳарбӣ», «шахсе, ки амалан вазифаи фармондеҳи ҳарбиро иҷро мекунад» - моддаҳои 28, 33 Статути римӣ).

Принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ муносибати гунаҳгоронаи шахсро ба кирдор дар назар дорад.

Хусусияти асосии тарафи субъективии ҳама гуна ҷиноят гуноҳ, яъне муносибати муайяни равонии шахс ба кирдори худ ва натиҷаи имконпазир – оқибатҳо мебошад.

Моддаи 30 Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ тарафи субъективиро бо ду аломат – «қасд» ва «дидаву дониста» содир намудани ҷиноят муайян мекунад. Дар баробари ин қасднокӣ, яъне мақсаднок будани рафтор нисбат ба инҳо муайян мегардад:

– кирдоре, ки шахс нияти содир намудани онро дорад;

– оқибат - агар шахс нияти ба вуҷуд овардани оқибатро дошта бошад ё фаҳмад, ки чунин оқибат фаро мерасад.

Аломатҳои субъекти ҷиноятро баррасӣ намуда, кайд кардем, ки дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ эҳтимолияти мукаллафии шахс вуҷуд дорад. Аз ин бармеояд, ки ҳар шахс бояд моҳияти воқеии аъмоли худро дарк кунад (бохабар бошад) ва онҳоро идора кунад.

Ният хусусияти доираи ихтиёрии равонии инсон буда, маънояш «хоҳиш, ният»-и чизе мебошад [5, с. 388]. Бинобар ин, хоҳиш хамчун хусусияти ихтиёрӣ ҳам ба амал ва ҳам ба оқибат дахл дошта метавонад.

Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба чунин хусусиятҳои равонӣ мафҳуми қасди бевосита мувофиқат мекунад, ки дар он шахс моҳияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок будани кирдори худро дарк карда, ногузир ё имконияти воқеии оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро пешбинӣ намуда, ба вуҷуд омадани онҳоро хоҳон аст.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ имкони қасди бевоситаро ҳам нисбат ба кирдор ва ҳам нисбат ба окибатҳо иҷозат медиҳад. Аз ин рӯ, қасди бевоситаи ҷинояткор дар ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ ва моддӣ имконпазир аст.

"Дидаву донистагӣ" дар таърифи тарафи субъективии ҷиноят аз рӯи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ танҳо нисбати оқибат роҳ дода мешавад – "дидаву донистагӣ" маънои дарк намудани он аст, ки оқибат мумкин аст, ки дар ҳолатҳои муқаррарӣ фаро расад. Ҳамин тариқ, дидаву дониста муносибат кардан ба оқибати кирдори худ муносибати «бошуурона» ба оқибатҳои кирдор аст, ки одатан дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун қасди бавосита ҳисобида мешавад.

Ҳамин тавр, дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ содир намудани чиноят танҳо бо қасди бевосита - дар таркиби расмӣ; бо қасдии бевосита

ё бавосита — дар таркибҳои моддӣ имконпазир аст [1, с. 150-151].

Гуноҳи беэҳтиётона дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ зуҳуроти истисноӣ мебошад. Имконияти чунин шакли гуноҳ дар намуди худбоварӣ ва бепарвоӣ танҳо дар ҷиноятҳои хислати экологидошта (ифлос намудани муҳити зист) ва таркиби зиён расонидан ба ноқилҳои зериобӣ имконпазир аст.

Ниҳоят, тарафи субъективии ҷиноят дар ҳуқуқи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки шахс иштибоҳ кунад, яъне тасаввуроти нодуруст нисбати ҳолатҳои воқеӣ ё ҳуқуқӣ дошта бошад.

Дар асоси муқаррароти моддаи 32 Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ саҳв маънои зеринро дорад:

- саҳв дар факт барои озод кардан аз ҷавобгарӣ асос мешавад, агар он «тарафи зарурии субъективии ин ҷиноятро истисно намояд (яъне бинобар чунин саҳв шахс нияти содир намудани кирдор ё фаро расидани оқибатҳоро надошта бошад);

- саҳв дар ҳуқуқ, чун қоида, ҳолате нест, ки шахсро аз ҷавобгарӣ озод намояд, балки он метавонад чунин бошад ки тарафи субъективии ҷиноятро истисно кунад.

Принсипи ҷавобгарии фардӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон каме тобиши дигар дорад. Масалан, дар қ. 1 м. 7 КҶ ҶТ принсипи ҷавобгарии фардӣ бо муқаррароти «ҳеҷ кас таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад, ба ҷуз аз кирдори ҳаракат ё беҳаракатии шахсии худ» ифода ёфтааст.

Принсипи ҷавобгарии фардӣ аз рӯи КҶ ҶТ ба ду маъно фаҳмида мешавад. Ба маънои аввал, танҳо шахсони ҷиноятсодиркарда мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо қарор мегиранд, яъне шахс барои ҷинояти содиркардааш худаш ҷавоб медиҳад. Аммо ҷавобгарӣ ба шахсони дигар, ки кирдори мушаххасро содир накардаанд (мисол, волидайн, васӣ) вогузор намешавад. Дар ҳолатҳои маълуми расонидани зарар агар ҷиноят аз тарафи шахсе содир гардад, ки ба сини муқарраргардидаи қонун нарасида бошад, пас дар ин ҷо на иҷрокунанда, балки шахсе, ки ӯро ба содир намудани ҷиноят ҷалб кардааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки принсипи ҷавобгарии фардӣ дар мамлакати мо то давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба таври оммавӣ вайрон гардида, дар баробари шахсони барои ҷиноятҳои давлатӣ маҳкумшуда, шахсони наздики онҳо низ ҷазо медиданд [10, с. 35-36].

Ҳамчунин асоси ҷавобгарии фардӣ танҳо кирдори шахс аст. Андешаву ақидаҳои инсон, агар тавассути кирдор ифода нагардида бошанд, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ нестанд. Ин меъёри қонуни ҷиноятӣ барои амалӣ сохтани ҳуқуқҳои конститутсионӣ оид ба озодандешӣ (м. 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва озодии сухан (м. 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) мамоният карда наметавонад. Аммо шарт он аст, ки меъёри конститутсионӣ ба муқобили манфиатҳои ҷомеа ва давлат истифода нашаванд. Масалан, даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят аст (м. 307 КҶ ҶТ) [7, с. 13].

Ба маънои дуюм бошад, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо шахси воқеии мукаллафи ба сину соли бо қонун муқарраршудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ расида, субъекти ҷиноят буда метавонад (м. 23 КҶ ҶТ). Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки шахсони ҳуқуқӣ субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ буда наметавонанд.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуни принсипи ҷавобгарии фардӣ аз рӯи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ нисбат ба муқаррароти КҶ ҶТ маҳдудтар аст, зеро моҳияташ дар пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо нисбати шахсони воқеӣ ифода меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Василенко В.А. Ответственность государств за международные правонарушения. Киев, 1976. – 267 с.
2. Волчков А.Ф. Нюрнбергский приговор // Советское государство и право. 1976. №10. С. 12-20.
3. Кибальник А.Г. Современное международное уголовное право: понятие, задачи и принципы / Под науч. ред. док. юрид. наук А. В. Наумова. — СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003. – 252 с.
4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 [Манбаи электронӣ]. — URL: http://mmk.tj/content/кодекси-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 21.01.2022).
5. Ожегов С. И. Словарь русского языка. 15-е изд. М,, 1984. – 816 с.

6. Римский статут Международного уголовного суда [Манбаи электронӣ]. — URL: https://www.un.org/ru/law/icc/rome_statute(r).pdf (санаи муроҷиат: 12.01.2022).

7. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. Душанбе, 2005.

8. Трайнин А. Н. Защита мира и борьба с преступлениями против человечества. М., 1956. – 298 с.

9. Устав Международного Военного Трибунала для суда и наказания главных военных преступников европейских стран оси [Манбаи электронӣ]. — URL: https://docs.cntd.ru/document/901737883 (санаи муроҷиат: 1.02.2022).

10. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Китоби дарсӣ // Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. - Душанбе, 2011. – 331 с.

**Аннотатсия**

**Оид ба принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти принсипи ҷавобгарии фардӣ дар ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ баррасӣ гардида, масъалаи татбиқи он дар ҳамкории байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф қайд мекунад, ки агар доктринаи Бриана-Келлога танҳо ҷавобгарии давлатро барои содир кардани ҷиноятҳои байналмилалӣ, хусусан агрессия муқаррар мекард, принсипи ҷавобгарии фардӣ ҷавобгарии шахсони воқеиро барои ин гуна ҷиноятҳо пешбинӣ мекунад.

Муқаррароти қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаллафиро яке аз аломатҳои муҳими субъекти ҷиноят ҳисобад ҳам, дар он мафҳуми “мукаллафӣ” оварда нашудааст. Аз ин рӯ, дар қонуни ҷиноятии мо таърифи “мукаллафӣ” аз фаҳмиши баръакси таърифи “номукаллафӣ" бармеояд.

**Аннотация**

**О принципе индивидуальной ответственности в международном уголовном праве**

В данной статье рассматривается понятие и сущность принципа индивидуальной ответственности в международном уголовном праве и анализируются проблемы его реализации в международно-правовом сотрудничестве в борьбе с преступностью. Автор отмечает, что если доктрина Бриана-Келлога лишь устанавливала ответственность государства за совершение международных преступлений, особенно агрессии, то принцип индивидуальной ответственности предусматривает ответственность физических лиц за такие преступления.

Хотя нормы уголовного закона Республики Таджикистан считают вменяемость одним из важнейших признаков субъекта преступления, Уголовный кодекс Республики Таджикистан не дает определения «вменяемость». Поэтому определение «вменяемость» в нашем уголовном законодательстве вытекает из противоположного определения «невменяемость».

**Annotation**

**On the principle of individual responsibility in international criminal law**

This article discusses the concept and essence of the principle of individual responsibility in international criminal law and analyzes the problems of its implementation in international legal cooperation in the fight against crime. The author notes that if the Briand-Kellogg doctrine only established the responsibility of the state for the commission of international crimes, especially aggression, then the principle of individual responsibility provides for the responsibility of individuals for such crimes.

Although the norms of the criminal law of the Republic of Tajikistan consider sanity to be one of the most important features of the subject of a crime, the Criminal Code of the Republic of Tajikistan does not define “sanity”. Therefore, the definition of "sanity" in our criminal law follows from the opposite definition of "insanity".



**УДК:** 347.451

**Қудратзода Бозорбой,**
*магистранти курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: kudratzodab@mail.ru*
*Тел.: (+992) 933-22-77-55.*

# МАФҲУМ ВА АСОСҲОИ ҶАВОБГАРИИ ФУРӮШАНДА ДАР ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШ

***Калидвожаҳо:*** *ҷавобгарӣ; ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ; асосҳои ҷавобгарӣ; амали зиддиҳуқуқӣ; мавҷудияти зиён; уҳдадории тарафҳо; шартномаи хариду фурӯш; ҷавобгарии фурӯшанда.*

***Ключевые слова:*** *ответственность; гражданско-правовая ответственность; основания ответственности; противоправные действия; наличие вреда; ответственность сторон; договор купли-продажи; ответственность продавца.*

***Keywords:*** *responsibility; civil liability; grounds for liability; illegal actions; the presence of losses; liability of the parties; contract of sale; liability of the seller.*

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷавобгариро ба намудҳои гуногун ҷудо менамоянд, ки яке аз онҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ - намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони бо салоҳият татбиқ мешавад [1]. Ба маънои дигар ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин истифодабарии чораи маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда мебошад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар навбати худ ба намудҳои алоҳида тақсим мешавад, аз қабили ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии гражданӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷавобгарии интизомӣ.

Қонунгузории гражданӣ талаб менамояд тарафҳои фурӯшандаи шартномаи хариду фурӯши чакана уҳдадории худро, ки дар асоси шартнома ё қонун муқаррар шудааст, бояд дуруст, бонизом ва сари вақт иҷро намоянд. Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуб (сари вақт иҷро накардан, норасоиҳои мол, вайрон кардани дигар шартҳо)-и он ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои ба таври зарурӣ ва бояду шояд иҷро накардани шартномаи хариду фурӯши чакана ба вуҷуд меояд. Мақсади ҷорӣ кардани ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои гуногун арзёбӣ мегардад. Дар навбати аввал ин барои инкишофи мӯътадили муомилоти гражданӣ дар бахши муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ лозим аст, ки иштирокчиёни онҳо уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худро бояд ба таврӣ зарурӣ иҷро намоянд. Баъдан, бо мақсади бартараф ва пешгирӣ намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ва оқибати онҳо ин ҷавобгарии мазкур зарур аст. Аз ин рӯ, ҷавобгарии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана бо мақсади он ҷорӣ карда шудааст, ки ҳуқуқҳои харидор яъне истеъмолкунанда ба таври бояду шояд риоя шаванд.

Перомуни падидаи мазкур ақидаҳои гуногуни хислати субъективидошта ба назар мерасанд. Масалан, ба ақидаи А.П. Сергеев «Ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо- муҷозотие мебошад, ки нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда дар шакли ба зиммаи ӯ гузоштани уҳдадориҳои иловагии гражданӣ ё ин ки маҳрум сохтан аз ҳуқуқи граждании муайяни ба ӯ тааллуқдошта иборат аст» [2]. Ба ақидаи О.С. Иоффе бошад ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо, ин муҷозот барои ҳуқуқвайронкуние, ки барои вайронкунада оқибатҳои манфиро дар шакли маҳрум сохтан аз ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ ё ба зиммагузории уҳдадориҳои нав ё иловагии гражданӣ-ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд[3]. Аз ин маълум мегардад, ки дар илми ҳуқуқи гражданӣ мафҳуми ягонаи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо пешниҳод нагардида, оид ба ин падида нуктаҳои назари мухталифи хислати субъективидошта ҷой доранд. Лекин, таркиби мафҳумҳо ё нуктаҳои назари мухталифи қайдшуда дорои хусусиятҳои мавҷудае мебошанд, ки барои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо умумиянд. Чунин хусусиятҳоро Қ.Ш.

Қурбонов дорои якчанд аломатҳо эътироф намуда, чунин муайян кардааст:

1. Маҷбуркунии давлатӣ;
2. Оқибатҳои номусоиди манфӣ барои ҳуқуқвайронкунанда;
3. Маҳкум намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва субъекти он[4].

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо аз ҷониби фурӯшанда дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз шаклҳои таъсиррасонии маҷбурии давлатӣ ба фурӯшанда мебошад, ки дар худ муҷозоти бо қонун пешбинишуда – чораҳои ҷавобгарие, ки барои ҳуқуқвайронкунандаҳо оқибатҳои манфии иловагиро меоранд, таҷассум менамояд.

Қариб қисми зиёди олимон бар он ақидаанд, ки ҳамчун асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ факти содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ баромад менамояд.

Асос – ин он маҳаки заруриест, ки маҳз сабаби пайдо шудани ҷавобгарӣ мегардад ва ҷавобгарӣ бе он мавҷуд буда наметавонад. Ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии фурӯшанда дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана худ аз худ ҳамчун асоси пайдо шудани ҷавобгарӣ шуда наметавонанд, агар онҳо ба дигаргуниҳои муайяни ташкилӣ, молумулкӣ ва ғайра дар соҳаҳои фаъолияти харидор, ки бо қонун мавриди ҳимоя қарор гирифтааст, оварда нарасонанд. Ҳаракату рафтори зиддиҳуқуқии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӣши чакана (ҳуқуқвайронкунанда) ҳамчун асосҳои факултативӣ баромад менамоянд. Б андешаи В.А. Хохлов, дар бахши муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ асоси ҷавобгарӣ он натиҷаҳои манфиеанд, ки дар тарафи кредитор ба амал омада, дар як ҳолат асоси ҳуқуқвайронкуниро низ ташкил менамоянд [5].

Г.Ф. Шершеневич нуқтаи назари худро чунин баён намудааст: «Фарқият байни ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии гражданӣ дар он аст, ки дар аввалин ҳаракати зиддиҳуқуқӣ аз нигоҳи ҷинояткор баҳо дода мешавад, дар дуюмин бошад, ҳаракат аз нигоҳи ҷабрдида баҳо дода мешавад» [6].

Ҳолатҳое, ки дар натиҷаи онҳо ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ба амал меояд, асоси он ба ҳисоб мераванд. Ба сифати чунин асос пеш аз ҳама содир кардани ҳуқуқвайронкуние, ки аз тарафи қонун ё шартнома (иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо) пешбинӣ шудааст, баромад менамояд. Дар заминаи ин Г.К. Матвеев пешниҳод намудааст, ки ҳамчун асоси ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ таркиби ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар худ ҷамъи унсурҳои объективӣ ва субъективиро дорост, баромад карда метавонад.

В.А. Тархов бошад, чунин зикр менамояд, ки мавриди таҳлил бояд тарафи объективӣ қарор дода шавад, ки вобаста ба ин он аз се унсури мустақили таркибӣ иборат аст: ҳаракати зиддиҳуқуқӣ, зарар, робитаи сабабӣ ва тарафи субъективӣ, ки то мафҳуми гуноҳ маҳдуд карда шудаст».

Аз ҷониби В.В. Витрянский ва М.И. Брагинский чунин пешниҳод шуда буд, ки асоси ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ин вайрон шудани ҳуқуқи субъективии ҳам молумулкӣ ва ҳам ғайримолумулкӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳуқуқи гражданӣ барои чӣ, кадом вақт, дар куҷо, бо кадом мақсад ва ғайра ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст, муҳим нест, муҳим он аст, ки кай, дар кадом ҳаҷм, чӣ тавр ин ҳуқуқвайронкунӣ барои кредитор таъсири манфии худро расонид. Маҳз барои ҳамин, дар соҳаи муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ асоси ҷавобгарӣ ин натиҷаҳои манфие, ки таъсири манфиашонро ба кредитор расонидаанд, мебошанд ва дар як замон асоси ҳуқуқвайронкуниро ташкил медиҳанд[7].

Ба андешаи С.О. Иоффе, таркиби ҳуқуқвайронкунии граждании бо қонун пешбинишуда дар ягонагии тарафи объективӣ ва субъективии ҳуқуқвайронкунӣ асоси ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳад» [8]. Онро таҳлил карда гуфтан мумкин аст, ки иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ҳамавақт зиддиқонунӣ набуда, метавонад, ки қонунӣ низ бошад. Аммо ҷавобгарие, ки асоси он ҳуқуқвайронкунӣ аст, танҳо ҳангоми дар ҳақиқат зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракати содиршуда ба миён меояд. Чуноне, ки дар боло баён намудам, барои ба ҷавобгарии граданӣ-ҳуқуқӣ кашидани субъект, бояд ки якчанд шартҳое, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, вуҷуд дошта бошанд. Ҷамъи ин шартҳо бошад, аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии граждаииро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки барои ба ҷавобгарии ҳуқуқи граданӣ кашидани фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, бояд ки якчанд шартҳое, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, вуҷуд дошта бошанд. Ин шартҳо чунинанд:

1.Рафтори зиддиҳуқуқӣ;

2.Мавҷудияти зарар;

3.Алоқаи сабабӣ байни рафтори зиддиҳуқуқӣ ва зарари (натиҷаи) бамиёномада;

4.Гуноҳи зараррасон.

Акнун ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Рафтори зиддиҳуқуқӣ. Чуноне, ки ба мо маълум аст, ҷавобгарӣ дар натиҷаи ба амал омадани ҳаракати зиддиҳуқуқӣ ба миён меояд, яъне дар натиҷаи иҷро нашудани уҳдадориҳои ба зиммагузошташудаи қарздор, ки метавонад ба фаъолияти кредитор таъсири манфии худро расонад. Таҳти мафҳуми вайрон кардани уҳдадорӣ мувофиқ ба моддаи 422 КГ ҶТ чунин фаҳмида мешавад: Иҷро накардан ё иҷрои номатлуб (сари вақт иҷро накардан, норасоиҳои мол ва корҳо, вайрон кардани дигар шартҳо ё ки аз моҳияти уҳдадорӣ бармеояд) дар назар дошта шудааст (иҷрои номатлуб). Инчунин, илова бар уҳдадориҳои дар боло омадаи қарздор мумкин аст худдорӣ намудан аз иҷрои амалҳои муайян низ пешбинӣ карда шавад. Дар ин ҳолат натанҳо беамалӣ, балки инчунин иҷрои амали муқобили уҳдадориҳои пешбинишуда низ яке аз шаклҳои вайрон намудани уҳдадорӣ баромад менамоянд.

Дар ҳолати иҷрои номатлуби уҳдадорӣ бошад, қарздор ҳам беамалӣ ва ҳам дар натиҷаи содири рафтори зиддиҳуқуқӣ (муқобили қонун ё шартнома) метавонад, ки ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Масалан, ҳангоми ба ҷойи як мол овардани моли дигар. Аз ин ҷост, ки амали зиддиҳуқуқӣ дар ду шакл зуҳур меёбад: беамалӣ ва амали зиддиҳуқуқӣ. Аммо қонунгузор барои номбар намудани тамоми амалҳое, ки зиддиҳуқуқӣ эътироф гардидаанд, душворӣ мекашад, чунки ин корро иҷро намудан ғайриимкон мебошад. Қонунгузор танҳо мафҳуми умумиро пешбинӣ намудааст. Дар ин ҳолат ҷавобгарӣ дар асоси ҳам қонун ва ҳам шартнома ба вуҷуд меояд. Ин гувоҳи он аст, ки қонунгузор иҷрои амалҳои муайян ва ҷавобгариро барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби онҳо ба зиммаи тарафҳо гузоштааст. Танҳо як истисно аз он вуҷуд дорад: онҳо бояд ба қонун мухолифат накунанд. Ба таври конкретӣ номбар намудани ин амалҳо қобили қабул нест.

Беҳаракатӣ низ мумкин аст ба ҷавобгарӣ оварда расонад. Аммо на ҳамавақт он метавонад, ки асоси ба ҷавобгарӣ кашидани шахс гардад. Он зиддиҳуқуқӣ эътироф мегардад, агар аз ҷониби шахсе, ки бояд ва метавонист амал намояд, вале амал нанамуд содир шуда бошад. Яъне, ки шахс дар ин ҳолат воқеан имкони амал намуданро дошт, аммо аз он худдорӣ намуд, вале на дар ҳама ҳолат беҳаракатӣ ба ҷавобгарӣ оварда мерасонад. Барои ҳамин танҳо ҳаракат ё беҳаракатие зиддиҳуқуқӣ эътироф мегардад, ки агар ба содир намудани амали мамнӯъ ё умуман амали муқarraршударо иҷро накардан вобаста бошад.

Ҳамин тариқ, ҷавобгарӣ дар натиҷаи ба амал омадани ҳаракати зиддиҳуқуқӣ ба миён меояд, яъне дар натиҷаи иҷро накардани уҳдадориҳои ба зима гирифтаи фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана, ки метавонад ба харидор зарари манфии худро расонад. Инчунин, уҳдадорӣ мумкин аст дар худдорӣ намудан аз иҷрои амалҳои муайян низ пешбинӣ карда шавад.

Дар ҳолати иҷро нашудани уҳдадориҳои фурӯшанда ва уҳдадориҳои дигари ба зимааш дар асоси шартнома гузошташуда, рафтори фурӯшанда зидиҳуқуқи арзёбӣ мегардад.

Зарар ё (зиён). Мавҷудияти зиён дар соҳаи фаъолияти молиявии кредитор метавонад ҳамчун яке аз шартҳои асосии ҷавобогарии гражданӣ-ҳуқуқӣ баромад намояд. Аммо олимон ин андешаро он қадар эътироф наменамоянд, ба мисоли С.О. Иоффе, А.П.Сергеев, Ю.К. Толстой ва диг. Ҳангоми тадбиқи чунин чораи ҷавобгарӣ ба мисли барқарор намудани зиён (убыток) ин шарт хусусияти ҳатмиро соҳиб мегардад. Вобаста ба ин ҳолат Егоров Н.Д. нуқтаи назари худро баён намудааст: «Дар ҳолати тадбиқи дигар шаклҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ: ноустуворона ё ҷавобгарӣ аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ – мавҷудияти оқибатҳои манфӣ дар фаъолияти молумулкии кредитор характери факултативиро соҳибанд. Ҳамчун қоидаи умумӣ барои пардохт намудани ноустуворона барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор, кредитор уҳдадор нест, ки зарари ба ӯ расонидашударо исбот намояд. Қонун дар бораи зиёне, ки дар натиҷаи вайрон намудани уҳдадорӣ ба миён меояд, сухан меронад.

Ҳамин тавр, мавҷудияти зиён ҳамчун яке аз шартҳои асосии ҷавобогарии гражданӣ-ҳуқуқӣ баромад менамояд. Зарар ба ду намуд ҷудо мешавад, зарари молу мулкӣ ва зарари маънавӣ. Зарари молу мулкӣ – оқибатҳои манфие, ки дар камшавии молу мулки ҷабрдида дар натиҷаи вайрон намудани ҳуқуқ ё неъматҳои моддии ба ӯ тааллуқдошта пайдо шудаанд. Зарари маънавӣ – азоби ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, ки ба шаҳрванд дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расонида шудааст. Дар зери мафҳуми зарар, ҳуқуқи гражданӣ ҳамагуна камшавии неъматҳои шахсӣ

ва молумулкиро дар назар дорад [9]. Аз ин ҷо зарари моддӣ ва маънавӣ фарқ карда мешавад. Зарари маънавӣ азобу шиканҷаи ҷисмони ё рӯҳии шахс мебошад, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи шахсии ғайримоддӣ, паст задани неъматҳои дигари ғайримоддӣ ба монанди шаъну шараф, эътибори шахсӣ ва корӣ, дахлнопазирии шахсият, ҳаёту саломатӣ, номусу номи нек ва ғайраҳо ба шахс расонида мешавад [10]. Дар чунин ҳолатҳо вай ба воситаи ҷуброни зарари (зиёни) моддӣ рӯйпӯш карда мешавад. Вале зарари маънавӣ метавонад барои зарардида бевосита боиси талафи моддӣ нагардида ё ин ки таъсирбахш намебошад. Мисоли равшани он паст задани қадру қисмат, шаъну шараф, ба саломатӣ зарар расонидан ва ғайраҳо шуда метавонад. Чунин зарар худ ба худ наметавонад ба воситаҳои молумулкии ҳуқуқи граждани ҷуброн карда шавад, зеро баҳои аниқи моддии онро муайян кардан ниҳоят душвор мебошад. Вале дар ҳолатҳои бевосита пешбинишудаи қонун чунин зарар низ рӯёнида мешавад. Вай бо назардошти талаботи оқилона ва адолатнок, инчунин хусусиятҳои инфиродии зарардида ва дигар ҳолатҳо тақрибан ва бо маблағҳои пулии рамзӣ рӯёнида мешавад [11].

Аз ин рӯ, зарар ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1) зарари моддӣ;
2) зарари маънавӣ.

Зарари маънавӣ ба шарте ҷуброн карда мешавад, агар зарар дар қонун пешбинӣ шуда бошад. Дар ҳуқуқи гражданӣ маънои паст кардан, ба нестӣ расонидани ҳуқуқи субъективӣ ё нафъи ашхоси алоҳидаро дар назар дорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, амсоли судӣ ва арбитраж мафҳумҳои зарар, зиён ва осебрасонӣ истифода бурда мешавад. Дар бисёр ҳолат зарар ва зиён ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мегарданд, аммо зарар ва осеб расонидан мувофиқ намеоянд. Мафҳуми зарар хеле васеъ буда, ба зарари амволӣ ва ғайриамволӣ ҷудо мешавад. Тахти мафҳуми зарари молу мулкӣ оқибатҳои материалии (иқтисодии) ҳуқуқвайронкунӣ фаҳмида мешавад, ки шакли арзишӣ доранд.

Зарар расонидан оқибати молумулкӣ ё ғайримолумулкие, ки дар нитиҷаи расонидани осеб ё несту нобуд намудани молу мулк инчунин дар мавриди осеб дидани саломатӣ ва ҳаёти шаҳрванд ба амал меояд, дар илми ҳуқуқи гражданӣ зарар эътироф карда мешавад. Зарар ба моликият, амвол дар шакли кам кардани он, паст намудани арзиши мол, нуқсон пайдо кардани намуди мол ва сифати он ва ё нобуд кардани он расонида мешавад. Аслан зарар расонидан маънои зидди қонун рафтор намуданро дорад. Шахси зараррасон зидди меъёрҳои ҳуқуқӣ амал намуда, ҳуқуқи субъективии шахсро вайрон мекунад. Аз ин рӣ, зарари расонидаи молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ бояд ҷуброн ва ё барқарор карда шавад. Баъзан дар натиҷаи рафтори қонунӣ ҳам мумкин аст зарар ба миён ояд. Дар чунин маврид агар рафтори шахс қонунӣ бошад, товони зарар рӯёнида намешавад. Масалан, зараре, ки дар натиҷаи мудофиаи зарурӣ расонидааст.

Дар ҳуқуқи гражданӣ гуноҳ яке аз шартҳои ҷавобгарӣ мебошад. Дар қонунгузории гражданӣ меъёри ҳуқуқие мавҷуд аст, ки мувофиқи он агар шахси зараррасон исбот намояд, ки дар зарари расонидашудаи ӯ гуноҳ вуҷуд надорад, аз ҷуброни зарар озод карда мешавад (қ.2 м. 1079 КГ ҶТ).

Умуман дар ҳуқуқвайронкунии гражданӣ гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ бештар мавқеъ дорад. Дар Кодекси гражданӣ ба масъалаи зиёни маънавӣ ва тартиби ҷуброни он низ меъёрҳои махсус ҷудо карда шудааст. Дар моддаи 171 КГ ҶТ ҷуброни зиёни маънавӣ пешбинӣ шудааст. Агар ба шаҳрванд дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқи шахсии ғайримоддии ӯ ё ба неъматҳои дигари ғайримоддии шаҳрванд таҳдидкунанда зиёни маънавӣ (азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ) расонида шуда бошад, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун суд метавонад шахси ҳуқуқвайронкардаро вазифадор созад, ки ин зиёнро ҷуброн намояд. Ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброни зиёни маънавӣ суд дараҷаи гуноҳи шахси вайронкардаи ҳуқуқ ва ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷуҳро ба назар мегирад. Суд ҳамчунин бояд дараҷаи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва рӯҳии марбут ба хусусиятҳои инфиродии шахси ҷабрдидаро ба назар гирад [12].

Ҷуброни зиёни маънавӣ яке аз тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ мебошад, ки моддаи 12 КГ ҶТ пешбинӣ намудааст. Вобаста ба ҷуброни зиёни маънавӣ меъёрҳои боби 2 КГ ҶТ «Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гражданӣ, амалӣ намудан ва ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ», якҷоя бо моддаи 1115-1116 ва дигар меъёрҳои қонунгузории гражданӣ баррасӣ карда мешавад. Аз моддаҳои мазкур чунин бармеояд, ки ба шартҳое, ки боиси истифодаи ҷуброни зиёни маънавӣ мегарданд, бояд амали зиддиҳуқуқӣ, мавҷудияти худи зиёни маънавӣ робитаи сабаби байни амали

зиддиҳуқуқӣ ва зиёни маънавӣ, гуноҳи вайронкунанда дохил карда шавад. Гуноҳи расонандаи зиён шарти асоси ҷуброн ба ҳисоб меравад, ба истинои ҳолатҳои пешбинамудаи қонунгузорӣ (қисми 2 моддаи 1115 КГ ҶТ). Амали зиддиҳуқуқии расонандаи зиёни маънавӣ дорои оқибати ҳуқуқӣ мебошад, агар:

1) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандро вайрон кунад объекти он ҳам неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳам натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ мебошад;

2) ба неъматҳои ғайримоддии шаҳрванд (ҳаёт, саломатӣ, номус, ва ғайра) ;

3) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун.

Қонун ҷуброни зиёни маънавиро барои вайронкуниҳои зайл пешбинӣ менамояд, ҳуқуқи истеъмолкунандагон (моддаи 15 Қонун ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»), 2) ҳуқуқи ба эътибори кори шахсони ҳуқуқӣ (қисми 8 моддаи 174 КГ ҶТ), 3) ҳуқуқӣ ва манфиятҳои шахсон ҳангоми рекламаи номуносиб (моддаи 31 Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» [13], аз 1 августи соли 2003).

Азбаски мафҳумҳои «маънавӣ» ва ё «ахлоқӣ» синониманд (ҳаммаъноянд) сипас истифодаи яке аз ин мафҳумҳо ба сифати мафҳуми умумӣ ва дигаре чун таркиби асосии ин шояд қобили иҷозат набошад [14].

Азбаски зиёни ҷисмонӣ ва маънавӣ метавонад ба ҳам алоқаманд бошад, пас тавсиф намудани чунин зиён ҳам ба сифати азоби ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ дурурст хоҳад буд. Зиёни ҷисмонӣ дар эҳсоси дарди ҷисмонӣ зоҳир мегардад. Зиёни рӯҳӣ дар эҳсоси тарсу воҳима, сархамӣ, нотавонӣ, шарм, ноумедӣ ва дигар ҳолати бероҳатӣ вобаста ба аз даст додани хешу ақрабо, ошкор гардидани сирри ҳаёти шахсӣ ё оилавӣ, маҳдудияти ҳуқуқ ё маҳрум гардидан аз ҳуқуқ ва ғайра зоҳир мегардад. Аз моддаи 171 КГ ҶТ мустақиман бармеояд, ки мафҳуми зиёни маънавӣ танҳо нисбат ба шаҳрвандон истифода бурда мешавад. Бо дарназардошти он, ки дар ҳолатҳои алоҳида зиёни маънавӣ инчунин ба шахсони ҳуқуқӣ низ ҷуброн карда мешавад, мафҳуми он дар амалия ҳамчун аз даст додани (коста гардадани) обрӯ ва эътибори корӣ баррасӣ мегардад [15].

Ҷуброни зиёни маънавӣ ҳамчун усули ҳифз маблағи устувори пулӣ мебошад, ки аз ҷониби суд якдафъаина ситонида мешавад. Ҳуқуқи талаб намудани ситонидани ҷуброн бо шахсияти ҷабрдида алоқаманд буда, дорои хусусияти шахсӣ мебошад ва аз ин рӯ, ба таркиби молу мулки меросӣ дохил намешавад ва наметавонад ба мерос гузарад. Агар ба даъвогар андозаи ҷуброн муайян гардида, аммо бо сабаби фавт гирифтани он ба ӯ муяассар нашуда бошад, маблағи ситонидашуда ба таркиби мерос дохил гардида, метавонад аз ҷониби меросхӯрон гирифта шавад. Зиёни маънавӣ мустақиман аз ҷониби расонандаи зиён ҷуброн карда мешавад, аз ҷумла агар чунин зиён бо амали ноболиғи сини аз 14 то 18- сола расонида шуда бошад, ҳангоми нокифоя будани молу мулки ӯ масъулияти иловагӣ метавонад ба зиммаи падару модар, парасторон гузошта шавад, агар онҳо исбот карда натавонанд, ки зиён бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст. Агар расонандаи зарар вафот карда бошад, уҳдадории ӯ вобаста ба пардохти пули ҷуброн ҳамчун уҳдадории молумулкӣ ба зиммаи меросхӯрон мегузарад.

Тибқи моддаи номбаршуда ин омили муайян намудани ҳаҷми ҷуброни зиёни маънавиро тавсият менамояд: 1) дараҷаи гуноҳи вайронкунанда; 2) дараҷаи азоби ҷисмонӣ ва маънавии вобаста ба хусусияти қобилияти инфиродии шахс. Қисми 2 моддаи 1116 Кодекси гражданӣ муқаррар менамояд, ки андозаи ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Рӯёнидани зиён ҳамчун ҷораи ҷавобгарии гражданӣ дар муносибатҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ татбиқ карда мешавад. Мафҳум ва имкониятҳои чунин шакли ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ ба монанди зиён дар ҳама ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои гражданӣ дар моддаи 15 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар баробари ҳамин моддаи 423 КГ ҶТ қарздори уҳдадории худро иҷро накардаро вазифадор менамояд, ки ба кредитор товони зиёни дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расидаро пардозад. Пас рӯёнидани зарар дар ҳамагуна ҳуқуқвайронкунии гражданӣ, ки ба шахси ваколатдор зиён расонида шудааст, мумкин мебошад.

Рӯёнидани зиён дар баробари аломатҳои умумие, ки барои ҳамаи шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ тааллуқ дорад, дорои хусусиятҳое мебошад, ки маҳз ба зиён ҳамчун шакли ҷавобгарӣ хос мебошад. Вай, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқвайронкунанда ба зарардида пул месупорад ё ягон амволи дигарро

пешниҳод менамояд. Аз ин ҷо рӯёнидани зиён ҳамвақт характери молумулкӣ дошта ва аз ҳамин ҷиҳат аз ҷавобгарӣ дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии шахсии ғайримолумулкӣ, ки метавонад характери ғайримолумукӣ дошта бошад, фарқ менамояд.

Рӯёнидани зарар инчунин барои барқарор намудани доираи амволи зарардида аз ҳисоби амволи ҳуқуқвайронкунанда равон карда шудааст. Ба зарардида додани товони зарар аз тарафи ҳуқуқвайронкунанда маънои онро дорад, ки зарардида ба ҳолати молумулкии то содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи ҳуқуқвайронкункунанда баргардонида мешавад.

Чи тавре, ки қайд карда гузаштем дар бахши зарари маънавӣ мушаххасоти ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонида шудааст ва хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешавад. Зарари маънавӣ сарфи назар аз ҷуброни зарари амволии ситонидашаванда ҷуброн карда мешавад.[16]

Алоқаи сабабӣ байни рафтори зиддиҳуқуқӣ ва зарари (натиҷаи) бамиёномада. Ин он маъноеро дорад, ки танҳо ҳангоми мавҷуд будани алоқаи сабабӣ байни ҳаракати зиддиҳуқуқии қарздор ва оқибати ба амаломадаи манфӣ дар молу мулки тарафи дигар оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зиён масъаларо ба пеш гузоштан мумкин аст. Алоқаи сабабӣ маънои онро дорад, ки як ҳолат бевосита боиси ба амал омадани ҳолати дигар мегардад. Чунки барои суд ва тарафҳо муайян намудани маҳз ҳамон ҳаракати зиддиҳуқуқие, ки боиси вайрон гаштани уҳдадорӣ ва ба миён омадани оқибатҳои манфӣ ба кредитор гашт, зарур аст.

Ҳодисаҳое ҳастанд, ки муайян намудани алоқаи сабабии онҳо хело ҳам душвор мегардад. Масалан, маъмурияти мағоза фурӯшандаро огоҳ менамояд, ки ҳангоми фурӯши моли муҳлати истифодааш гузашта харидоро огоҳ намоянд. Аммо фурӯшада оиди ин масъала харидоро огоҳ накард. Маълум шуд, ки ин гуноҳи фурӯшандаи мағоза мебошад. Алоқаи сабабии бевосита дар ҳолате ҷой дорад, ки агар дар занҷираи паиҳам ба амал омадани ҳодисаҳо байни ҳаракати зиддиҳуқуқии шахс ва зиён ягон ҳолати дигаре, ки барои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ аҳамиятнок аст, мавҷуд набошад. Ҳангоме, ки агар байни ҳаракати зиддиҳуқуқии шахс ва зиён ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории гражданӣ ба онҳо барои ҳалли масъалаи ҷавобгарӣ аҳамият медиҳад, мавҷуд бошанд, он гоҳ он бе ягон баҳс алоқаи сабабии бавосита мебошад. Акнун, агар мо гуфтаҳои дар боло омадаро бо мисолҳоямон мустаҳкам намоем, пас амали фурушандаи мағоза, ки бе аҳамият додан ба муҳлати истеъмолии мол ва сабаби зарар расондан ба харидор гашт, бе баҳс ба сабабияти бевосита дохил мешавад. Дар ин ҷо супориши маъмурияти мағоза бо амали зиддиҳуқуқии содирнамудаи фурӯшанда ва оқибати ба амаломада ягон алоқамандӣ надорад.

Гуноҳи зараррасон. Ба сифати шарти охирон ва яке аз унсурҳои таркибии ҳуқуқвайронкунии гражданӣ гуноҳи зараррасон ё шахси ҳуқуқвайронкунанда баромад менамояд. Мафҳуми гуноҳ аз ҷониби С.О. Иоффе хело хуб дода шудааст, ки назар ба дигар мафҳумҳо фаҳмотар ва пурратар мебошад: «Зери мафҳуми гуноҳ муносибати психикии шахс нисбат ба ҳаракат ё беҳаракатии зиддиҳуқуқии содирнамудааш ва инчунин оқибати зиддиҳуқуқии вобаста ба он ба амаломада фаҳмида мешавад» [17].

Шахс барои ҳар як амали иҷроменамудааш як намуд муносибати психикиро дорост. Ин ҳолат бо он асоснок карда шудааст, ки одамон ҳангоми иҷро намудани ягон амал қобилияти дарк намудани онро доранд. Ҳар як шахси солим метавонад, ки ҳаракати худро дарк намуда, оқибати меомадаро пешгӯӣ намояд, ё ба оқибати баамал меомада аҳамият надиҳад. Одатан ҳуқуқ ба ҳаракати зиддиҳуқуқӣ бисёртар аҳамият медиҳад, аз ин сабаб гуноҳ дар ҳуқуқ мақоми махсусро гирифтааст. Ҳуқуқи гражданӣ натанҳо гуноҳро ҳамчун асоси ба амал омадани ҷавобгарии гражданӣ дида мебарояд, балки инчунин бегуноҳ низ мумкин аст ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ пайдо шавад.

Дар КГ ҶТ оид ба гуноҳ дар моддаи 432 қисми 1 гуфта шудааст: «Шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасдан ё аз сабаби беэҳтиётӣ), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома дигар асосҳои масъулиятро пешбинӣ намудаанд, ҷавобгар мебошад» [12]. Чунин мафҳуми гуноҳ барои ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ як хел мебошад. Дуюмин фақат бо он фарқ менамояд, ки метавонад танҳо тавассути ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии кормандонаш вобаста ба фаъолияти меҳнатиашон ва иҷрои вазифаашон ба амал ояд. Чуноне, ки дар моддаи 432 КГ ҶТ омадааст, гуноҳ дар ду шакл мавҷуд аст: қасд ё беэҳтиётӣ. Дар баробари ин беэҳтиётӣ мумкин аст ба – беэҳтиётии оддӣ ва

дағалона ҷудо карда шавад. Гуноҳ дар шакли қасд дар он ҳолате ҷой дорад, ки шахс дидаву дониста ба ҳуқуқвайронкунӣ даст зада истодааст ва ҳаракатҳои ӯ ба вайрон намудани ҳуқуқ равона карда шудаанд. Гуноҳ дар шакли қасдона дар ҳуқуқи гражданӣ назар ба ҳуқуқи ҷиноятӣ он қадар зиёд нест. Аммо дар инҷо низ ҳолатҳое ҷой доранд, ки қасдона ба вайрон намудани ҳуқуқҳо равона гаштаанд. Дар амалия ҳолатҳои зиёде мавҷуданд, ки дар он маҳсулотсупор дар ҷавоб ба чораҳои ҷаримавии кредитор вобаста ба дер таҳвил намудани маҳсулот, умуман аз овардани маҳсулот ба суроғаи кредитор даст мекашад. Барои чунин ҳолатҳоро пешгирӣ намудан, дар моддаи 432 қисми 4 КГ ҶТ чунин муқаррар шудааст: «Созишномаи қаблан басташуда дар мавриди бартараф намудан ё маҳдуд сохтани масъулияти қасдан вайрон кардани уҳдадорӣ эътибор надорад».

Ҳолат – дар ҳуқуқи гражданӣ вазъияте, ки бе гуноҳи қарздор ва кредитор ба амал омада, барои иҷрои уҳдадориҳо таъсири манфӣ расонидааст. Қарздорро аз ҷавобгарии молумулкӣ озод менамояд. Қувваи рафънопазир бо характери хоси ба амал омаданаш фарқ мекунад. Ба қувваи рафънопазир мумкин аст, ки характери объективӣ ва мутлақи вазъият мансуб дониста шавад – амали омилҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳо монеа гаштаанд, бояд ки объективӣ ва мутлақ бошанд, яъне ки натанҳо ба зараррасон дахл дошта бошад, балки инчунин нисбати ҳама паҳн гарданд. Ба ин гуна қувваҳо дохил карда мешаванд: офатҳои табиӣ (сел, заминларза ва ғайра) ё дигар ҳолатҳое, ки пешбинӣ ё пешгирӣ карданашон вобаста ба дараҷаи дониши одамон ва имкониятҳои техника ғайриимкон аст (ё ин ки мумкин аст, ки пешбинӣ шаванд, аммо пешгирӣ карда намешаванд). Д.М. Генкин чунин зикр менамояд: «Ба туфайли инкишофёбии омӯзиши табиат аз ҷониби инсон ва таъсири баланди инсон ба табиат он қувва ва ҳолатҳое, ки чун қувваи рафънопазир эътироф гашта буданд, дар оянда мумкин аст, ки ҳамчун ҳолати оддӣ ё гуноҳ ба ҳисоб гирифта шаванд». Да баробари ин, ба андешаи А.П. Сергеев ва Ю.К. Толстой ба қувваи рафънопазир дар баробари офатҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ, гирдбод, тӯфон, фаромадани тарма ва ғайра) зуҳуроти ҷамъиятиро (амалиётҳои ҳарбӣ, намоишҳо, гирдиҳамоиҳо ва ғайра) низ дохил менамоянд. Мафҳуми қувваи рафънопазир характери нисбӣ дорад. Ин дар моддаи 432 КГ ҶТ бараъло маълум аст. Ин дар қисми 3 моддаи додашуда гуфта шудааст: «Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, шахсе, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ уҳдадориро иҷро накардааст ё номатлуб иҷро кардааст, агар исбот накунад, ки иҷрои матлуби уҳдадорӣ дар натиҷаи қувваи рафънопазир, яъне дар ҳамон шароит фавқулода ва ногузир имконнопазир гаштааст, масъулият ба зимма дорад». Ин маънои онро дорад, ки дар шароитҳои гуногуне, ки шахс уҳдадориҳоро иҷро менамояд, ҳамон як ҳолат мумкин аст, ки дар як шароит чун қувваи рафънопазир ва дар шароити дигар чун ҳолати оддие, ки ба иҷрои уҳдадориҳо монеъ мешавад, баромад намояд ва ғайра.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат (Китоби дарсӣ). – Душанбе, Империал-Групп. 2014. – 617 с.
2. Гражданское право. В.3т. Том 1. /Под ред. Сергеева А.П., Толстого Ю.К., - М., 2003. – 254 с.
3. Иоффе О.С. Обязательственное право. - М., 1975. – 54 с.
4. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1 (Китоби дарсӣ). - Душанбе. 2014 – 286 с.
5. Хохлов В.А. Теоретико-правовые основы ответственности за нарушение договора, Тольятти, 2001. – 285 с.
6. Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права, М. 1912. – 188 с.
7. Хохлов В.А. Ответственность за нарушение договора по гражданскому праву, Тольятти, 1997. – 233 с.
8. С.О. Иоффе. Обязательственное право, Москва, 1975. – 106 с.
9. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 1. – Душанбе: «ЭР- граф», 2007. – 394 с. (гурӯҳи муаллифон).
10. Тағойназаров Ш.Т. Право на честь, достоинство и деловой репутации //Давлат ва ҳуқуқ. 2000. - №3. – 29 с.
11. Гражданское право: В 2 т.Том I. Учебник / Отв. ред. проф. Е. А. Суханов. - 2-е изд., перераб. и доп.- М.: Издательство БЕК, 1998. – 365 с.

12. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан. Часть первая. От 30 июня 1999 года, № 802. http://www.mmk.tj

13. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №8, мод.457, соли 2007, №7, мод.432. сол 2008, №10, мод. 824.

14. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 455 с. (гурӯҳи муаллифон).

15. Гражданское право. Том 1 / Е.А. Суханов. – Москва, 2000. – 255 с.

16. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан. Часть третья. http://www.mmk.tj

17. С.О. Иоффе Обязательственное право в рамках гражданского права, М. 1988. – 108 с.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва асосҳои ҷавобгарии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯш**

Уҳдадориҳои шартномавӣ яке аз намудҳои уҳдадориҳо дар партави дигар уҳдадориҳои граждании-ҳуқуқӣ мебошанд. Уҳдадориҳои шартномавӣ дар бахши шартномаи хариду фурӯш, бахусус шартномаи хариду фурӯши чакана низ як навъи уҳдадориҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ буда, дар доираи муқарррарнамудаи қонунгузорӣ ё тибқи шартномаи тарафҳо муайян шуда, барои иҷрои минбаъда аз ҷониби харидору фурӯшанда пешбинӣ мегарданд.

**Аннотация**

**Определение и основы ответственности продавца по договору купли-продажи**

Договорные обязательства являются одним из видов обязательств в свете других гражданско-правовых обязательств. Договорные обязательства в сфере договора купли-продажи, в частности договор розничной купли-продажи, также являются разновидностью гражданско-правовых обязательств, определяемых в пределах, установленных законодательством или соглашением сторон, и предусмотренных для дальнейшего исполнения покупателем и продавцом.

**Annotation**

**Definitions and basis of responsibility of the seller under the agreement of sale**

Contractual obligations are one of the types of obligations in the light of other civil law obligations. Contractual obligations in the field of a sale and purchase agreement, in particular a retail sale and purchase agreement, are also a type of civil law obligations determined within the limits established by law or by agreement of the parties and provided for further performance by the buyer and seller.



**УДК:** 340.112
**Сироджидинова Махинабону Шухратовна,**
*магистрант 2-го курса кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета.*
*E-mail: bonu6ka@mail.ru*
*Тел.: (+992) 888-78-83-88.*

# К ВОПРОСУ О МЕСТЕ ЛИЧНЫХ ПРАВ ЖЕНЩИН В СИСТЕМЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқҳои занон; ҳуқуқҳои шахсӣ; ҳуқуқҳои сиёсӣ; Эъломияи умумии ҳуқуқи башар; Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ; Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама намудҳои табъиз нисбати занон; Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; баробарии ҷинсӣ; тахассуси ҷинсӣ.*

***Ключевые слова:*** *права женщин; личные права женщин; политические права женщин; Всеобщая декларация прав человека; Международный пакт о гражданских и политических правах; Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин; Конституция РТ; гендерное равенство; гендерная ценза.*

***Keywords:*** *women's rights; personal rights; political rights; Universal Declaration of Human Rights; International Covenant on Civil and Political Rights; Convention on the Elimination of All Forms of Discrimination against Women; Constitution of the Republic of Tajikistan; gender equality; gender qualification.*

На сегодняшний день вопросы, связанные с гендерным равноправием, представляют собой один из важнейших направлений юридической науки. Так как в современном мире проблема неравенства полов является наиболее актуальным вопросом в социальной жизни общества. Часть 1 статьи 1 Всеобщей декларации прав человека (далее - ВДПЧ), которая была принята 10 декабря 1948 года, гласит: «Все люди рождаются свободными и равными в своем достоинстве и правах» [1]. Однако женщины сегодня составляют одну из уязвимых категорий общества, нуждающиеся в международной и внутригосударственной защите.

Личные права и свободы – естественные и неотчуждаемые права и свободы, принадлежащие человеку от рождения и не зависящие от его принадлежности к гражданству конкретного государства. Данное определение в полной мере относится и к определению личных прав женщин. Согласно Международному Пакту о гражданских и политических правах (далее – МПГПП), личные права женщин детализируются в Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин [2, с. 105].

На первый взгляд может показаться, что в вопросах реализации этих прав положение мужчин и женщин должно быть в основном равным. В реальности дело обстоит совсем не так. Это обусловлено тем, что для многих культур, особенно в Азии и Африке, характерно предпочтительное отношение к детям мужского пола и в ущерб женскому полу. Подобное предпочтение, проявляющиеся в самой различной практике, связано с целым рядом ценностей и позиций, также является одной из основных форм дискриминации, которая имеет далеко ведущие последствия для женщин. Все это ведёт к тому, что рождение сына рассматривается в целом ряде стран как подарок судьбы, а рождение дочери – как дополнительное экономическое бремя.

Стоит ли удивляться в таких условиях, что девочка с момента рождения находится в неравных положениях с мальчиком. Это может проявляться в качестве и объёме родительской заботы и средствах, которые вкладывают в ее развитие, в худшем на питание и уход, особенно если ресурсы ограничены или нет возможностей для обеспечения образования. В географическом плане районы, в которых предпочтение явно отдается детям мужского пола, зачастую совпадает с районами, в которых плохо развита система здравоохранения для женщин, что нередко прямо отражается на показателях младенческой и детской смертности. Наиболее остро эта проблема стоит в Южной Азии (Бангладеш, Индия, Непал, Пакистан), на

Ближнем Востоке (Алжир, Египет, Иордания, Ливия, Марокко, Сирия, Тунис, Турция) и в отдельных частях Африки (Камерун, Либерия, Мадагаскар, Сенегал). В Латинской Америке ненормальное соотношение между мальчиками и девочками в том, что касается уровня смертности, наблюдается в Мексике, Перу, Уругвае, Эквадоре [3, с. 21-22].

Самое страшное состоит, однако, в том, что даже развитие научно-технического прогресса стало использоваться во вред женщине. Современные методы исследования, такие как амниоцентез и ультразвук, дают возможность определить загодя пол ребенка. На практике это часто приводит, особенно в странах Южной и Юго-Восточной Азии, к «выбраковке» девочек еще до их рождения. Не ушло в прошлое и такое варварское явление как умерщвление новорожденных девочек. В некоторых общинах в Южной Азии низкий статус девочек должен компенсироваться выплатой ее родителями приданого ее мужу, когда она выходит замуж. В этой связи совершаются самые различные преступления, включая моральные и физические пытки, лишение пищи, изнасилования и даже сжигания женщин живьем их мужьями или родственниками в тех случаях, когда приданого нет [4, с. 324].

Во ВДПЧ право на жизнь закреплено в ст. 3 следующим образом: «Каждый человек имеет право на жизнь, на свободу и личную неприкосновенность» [1]. В МПГПП эта императивная формулировка получила более реальное звучание, она конкретизирована, как это и задумывалось авторами Хартии прав человека [5, с. 138]. Часть 1 ст. 6 МПГПП закрепляет положение, в соответствии с которым «Право на жизнь есть неотъемлемое право каждого человека. Это право охраняется законом. Никто не может быть произвольно лишен жизни» [6].

Любое цивилизованное общество и современное государство в качестве одного из основных прав признает право человека на жизнь. Право на жизнь является фундаментальным правом, от которого вытекают все права человека. На национальном уровне реализации и осуществлении этого права законодательства Республика Таджикистан (далее - РТ) предприняла необходимые меры для обеспечения данного права в Конституцию своей страны. В соответствии со статьей 18 Конституции РТ – «Каждый имеет право на жизнь» [7, с. 80]. Право на жизнь – одно из основных прав каждого человека, независимо от пола. В широком смысле оно охватывает право на здоровье, достоинство и личную неприкосновенность. Так, согласно ч. 2. ст. 5 Конституции РТ, «Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны» [7, с. 72]. Дальнейшая регламентация права на жизнь в Конституции РТ дается в следующих частях ст. 18, которая устанавливает, что «Никто не может быть лишен жизни, кроме как по приговору суда за особо тяжкое преступление. Неприкосновенность личности гарантируется государством. Никто не может быть подвергнут пыткам, бесчеловечному обращению и наказанию. Принудительные медицинские и научные эксперименты над человеком запрещаются» [7, с. 80]. Конституция РТ основное внимание уделяет двум основным аспектам права на жизнь – наличие этого права, исходящего из принципа естественности, т.е. принадлежность данного права каждому от рождения, и неотчуждаемости, то есть неотъемлемости права на жизнь.

Таким образом, по Конституции РТ содержание права на жизнь состоит из наличия личных прав, обязанность государства заключается в том, что оно должно обеспечить это право для всех людей. Исходя из принципа гуманизма, это право является центральным и основополагающим правом в жизни каждого индивида. Данное право является фундаментом всех прав человека независимо от каких-либо факторов. Именно оно находится у истоков всех прав человека. Исходя из приведённых примеров и изученных материалов можно прийти к следующим выводам:

1. Право на жизнь имеет универсальный характер, то есть присуща всем независимо от каких-то факторов;
2. Право на жизнь является абсолютным правом, оно неотъемлемо и неотчуждаемо;
3. Право на жизнь гарантируется каждому с момента рождения до смерти;
4. Право на жизнь является антонимом смертной казни.

Таких предложений можно привести много, но сущность данного правового явления заключается в том, что право человека на жизнь – это главное и основополагающее право в жизни индивида, посредством которого начинается вся правоспособность человека. Право на жизнь неразрывно взаимосвязано с остальными естественными и позитивными правами человека.

Если наличие права на жизнь выступает как абсолютное право, предоставляющее всем одинаковые возможности с момента рождения иметь это право, то неотчуждаемость и неотъемлемость означает, что человек неразрывно связан со своим правом, и они не могут быть никем и никаким образом ограничены. И сам человек не может отказаться от своих неотъемлемых прав [8, с. 16].

Следующим правом, которое занимает важное место в системе личных прав, является свобода от пыток. Данный вопрос является одним из важнейших для внутригосударственного и международного регулирования. Гарантия свободы от пыток и других негуманных обращений зависит от уровня правовой культуры государства, органов государственной власти, правоохранительных органов и населения государства. Таким образом, рассмотрим в контексте нашей статьи место свободы от пыток в национальном законодательстве и на международном уровне.

Вопрос о свободе от пыток является одним из важнейших для международного и внутригосударственного права. Поэтому правовому явлению в правовой теории и практике уделяется особое внимание. Так, свобода от пыток закреплена в ст. 5 Всеобщей декларации прав человека [1], ст. 7 Международного пакта о гражданских и политических правах [6], Декларации «О защите всех лиц от пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения или наказания» [9] (1975г.) и Конвенции ООН «Против пыток и другого жестокого, бесчеловечного или унижающего достоинство обращения или наказания» [10] (1984г.), которая была ратифицирована РТ в 1995г. Указанные международно-правовые акты определяют понятие и содержание физической, духовной и нравственной неприкосновенности – свободы от пыток.

Рассматривая вопросы применения пыток, также необходимо обратить внимание на один важный вопрос – домашнее насилие. Если исходить из классического определения пыток, которое дается в ст. 1 Конвенции против пыток, домашнее насилие не является формой и разновидностью пыток, так как выступает в качестве горизонтального правоотношения (отношения между индивидами), а не вертикальными (между государством и индивидом). Однако данная проблема приобрела столь угрожающие масштабы, что 2013 г. был провозглашен ООН как год против насилия над женщинами. Опираясь на нормы Декларации об искоренении насилия в отношении женщин и Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин, мировое сообщество принялось вести борьбу с данным негативным явлением, приравняв его к негуманному обращению. Исходя из вышеназванных критериев, можно прийти к такому мнению, что международные организации, национальные законодательства и мировое сообщество в целом предпринимают соответствующие меры для предотвращения и профилактики данного неправового явления.

В этом контексте следует подчеркнуть, что для РТ вопросы домашнего насилия являются очень актуальными на сегодняшний день. Как показывают различные исследования, в Таджикистане применение домашнего насилия является достаточно распространенным явлением [11, с. 43]. В этой связи в РТ предприняты ряд шагов по решению данного вопроса. Во-первых, в 2013 г. был принят Закон РТ «О предупреждении насилия в семье». В соответствии с данным законом насилие в семье – это умышленное противоправное деяние физического, психического, сексуального и экономического характера, совершенное в рамках семейных отношений одним членом семьи по отношению к другому члену семьи, которое становится причиной нарушения его прав и свобод, причинения физической боли или вреда его здоровью или угрозой причинения такого вреда здоровью [12]. Как мы видим, большинство элементов, которые входят в понятие насилия в семье, идентичны определению пыток. С этой позиции домашнее насилие (насилие в семье) можно расценивать как форму пытки.

Во-вторых, для реализации положений указанного закон принята Государственная программа по предупреждению насилия в семье на 2014-2023 годы (от 03.05.2014 г.). Программа разработана с целью усиления механизмов предотвращения насилия в семье, борьбы против преступности, особенно факторов насилия в семье, регистрации индивидуального предупреждения по вопросам недопущения антисоциальных действий, недостойного и аморального поведения в семье, обеспечения социальной и правовой защиты граждан. Стратегическая цель взаимного сотрудничества в осуществлении Программы направлена на

обеспечение эффективной реализации механизмов предупреждения насилия в семье при участии всех государственных субъектов и общественности, значительного улучшения системы борьбы с преступностью, реальной защиты прав и свобод граждан, защиты конституционных норм, обеспечения устойчивости семей, предупреждения насилия в них.

В-третьих, за применение насилия в семье предусматривается уголовная и административная ответственность. Однако следует подчеркнуть, что Уголовный кодекс РТ не содержит самостоятельной нормы о насилии в семье. В этом контексте предлагаем внести в Уголовный кодекс РТ самостоятельную статью о насилии в семье, аналогичную той, что регулирует вопросы применения пыток. На наш взгляд, данная мера послужит дополнительной гарантией защиты прав и свобод от применения насилия в семье [4, с. 326].

В заключении хотелось бы добавить то, что право человека на жизнь и свобода от любых негуманных видов обращения имеют связь между собой. Систематические или жестокие формы применения или под угрозой применения любых видов негуманного обращения в конечном итоге могут привести к тяжёлым последствиям применяемого в отношении лица. Республика Таджикистан с первых дней обретения государственной независимости, всеми законными способами и средствами старается предотвратить и пресечь любые негуманные обращения в отношении всего населения.

**Список литературы:**


1. Всеобщая декларация прав человека. Принята и провозглашена резолюцией 217 A (III) Генеральной Ассамблеи от 10 декабря 1948 года.
2. Права женщин // Под ред. д.ю.н., проф. Холикова А.Г. – Душанбе, 2010. 341с.
3. Права человека. // Изложение фактов. Опасная традиционная практика, пагубно отражающаяся на здоровье женщин и детей. Вып. 23. Женева. 1995. С. 20-25.
4. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: диссертация ... доктора юридических наук: [Место защиты: Московский гос. ун-т им. М.В. Ломоносова] Москва-2015г. 535с.
5. Утяшев М.М., Утяшева Л.М. Указ. соч.
6. Международный пакт о гражданских и политических правах. Принят и открыт для подписания, ратификации и присоединения резолюцией 2200 A (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 года. Вступил в силу 23 марта 1976 года.
7. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе. – 2016. 136с.
8. Азаров А., Ройтер В., Хюфнер К. Указ. соч.
9. Декларация о защите всех лиц от пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания. Принята резолюцией 34/52 (XXX) Генеральной Ассамблеи ООН от 9 декабря 1975 года.
10. Конвенция против пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания. Принята резолюцией 39/46 Генеральной Ассамблеи от 10 декабря 1984 года.
11. Куватова А. Мамедова М. Отчет «Доступ женщин-жертв домашнего насилия к правосудию» (по результатам исследования в Таджикистане). Душанбе, 2011. 141с.
12. Закона РТ «О предупреждении насилия в семье» от 19 марта 2013 г.



**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳо вобаста ба ҳуқуқи шахсии занон дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур ҳуқуқҳои шахсии занон дар ҷаҳон, алалхусус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунҳои миллӣ зикр гардидаанд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои шахсии занон баррасӣ ва муқаррар карда шудаанд. Муаллиф моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ ва таҳлил намуда, инчунин дар бобати моддаҳои зикршуда шарҳу эзоҳҳо додааст. Таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии ин масъала дар мисоли санадҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои дохилидавлатии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои муайянеро ба миён гузоштааст, ки онҳоро дар амалияи мақомоти давлатӣ татбиқ хоҳад кард.

**Аннотация**

**К вопросу о месте личных прав женщин в системе законодательства Республики Таджикистан**

В данной статье рассматриваются личные права женщин в мире, в частности в Республике Таджикистан. Также указаны международные правовые акты и национальные законы, в которых рассмотрены и закреплены личные права женщин. Автором рассмотрены и изучены статьи из Конституции Республики Таджикистан, а также даны комментарии к ним. Сравнительно-правовым изучением данного вопроса на примере международных актов и внутригосударственных норм законодательства Республики Таджикистан выдвигаются определённые предложения, которые могут быть применены в практике органов государственной власти.

**Annotation**

**On the place of women's rights in the legislation system of the Republic of Tajikistan**

This article discusses the individual rights of women in the world, in particular in the Republic of Tajikistan. International legal acts and national laws that consider and enshrine women's individual rights are also indicated. Author reviewed and studied articles from the Constitution of the Republic of Tajikistan, as well as commented on them. Comparative and legal study of this issue which are based on the example of international acts and domestic norms of legislation of the Republic of Tajikistan put forward certain proposals that can be implemented in practice of public authorities.

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**





**УДК:** 334.012.24

**Табаров Ёқубҷон Талбакович,**
*докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.*
*E-mail: tabarov@mail.ru*
*Тел.:(+992) 937-22-22-58.*

**Назаров Наврузшоҳ Абдусаломович,**
*докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.*
*E-mail: nnavruzshoh@mail.ru*
*Тел.: (+992) 987-07-44-06.*

## НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ АСОСӢ ВА ТАЪМИНОТИ ИНФРАСОХТОР ДАР РАВАНДИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ

***Калидвожаҳо:*** *инфрасохтор; бозор; таъминот; нақш; истеҳсолот; ташаккул; шароит; рушд; маҳсулот.*

***Ключевые слова:*** *инфраструктура; рынок; поставка; роль; производство; формирование; условие; развитие; продукты.*

***Keywords:*** *infrastructure; market; delivery; role; production; formation; development; condition; products.*

Дар адабиётҳои иқтисодии имрӯза дар мавриди мундариҷаи консепсияи инфрасохтор, нуқтаи ягонаи вақт вуҷуд надорад, ки тафовути равишҳои олимонро ба ифшои моҳияти ин категория шарҳ диҳад. Ин мафҳум бори аввал дар дастгоҳи категорияи иқтисоди сиёсӣ дар охири солҳои чилуми асри XX пайдо шуд. Сабабҳое, ки ба баррасии он ҳамчун як унсури мустақил дар низоми иқтисоди водор кардаанд, аз як тараф бо равандҳои амиқтар кардани тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аз тарафи дигар имконпазирии рушди пурраи инфрасохторро танҳо тавасути механизми бозорӣ муайян мекарданд. Ин имкон дод, ки ду масъалаи асосӣ мавриди омӯзиш қарор гирад.

Якум таҳлили инфрасохторро аз нуқтаи назари амиқтар кардани тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, дуюм аз нуқтаи назари амалияи иқтисодӣ ва зарурати баланд бардоштани нақши давлат дар танзими рушди инфрасохтор.

Омӯзиши ташкили системаҳои иқтисодӣ ба пайдоиши бисёр самтҳо мусоидат намуд, ки гуногунии онҳо ба таърифҳои гуногуни мафҳуми инфрасохтор асос ёфтааст. Яке аз онҳо баррасӣ кардани он ҳамчун хароҷоти изофии ҷомеа мебошад, ки дар шакли молӣ барои фурӯш омода буда, натиҷаи фаврӣ намедиҳад ва бевосита ба истеҳсолкунанда фоида намеорад. Нуқтаи назари дигар рақибонеанд, ки дар ин категория ҳамчун маҷмӯи шартҳо намояндагӣ мекунанд (шабакаҳои роҳ, мошинҳои заминсозӣ ва корхонаҳои барқӣ, телевизион, ки ба ин васила раванди гардиши сармояро осон мекунанд) ва барои ба даст овардани на танҳо ҳадафи аввалиндараҷаи афзоиши талабот ва шуғли ҷаҳонӣ, балки барои баланд бардоштани сатҳи даромад дар бахши бозор мусоидат мекунанд.

Дар адабиётҳои иқтисодии мамлакатҳои ғарбӣ инфрасохтор барои тамоми иқтисодиёт маънои сохторҳои асосиро дорад, ки истифодаи онҳоро шаҳрвандон ва ширкатҳо одатан аз ҷониби роҳҳои автомобилгарди давлатӣ таъмин мекунад. Пулҳо, системаҳои нақлиёти шаҳрӣ, иншоотҳои обтозакунии шаҳрҳо, системаҳои обтозакунӣ барои як ширкат, ин хидматҳо иншоотҳое мебошанд, ки барои истеҳсоли маҳсулот заруранд, ки сохтани онҳо аз ҷониби худ хеле гарон буда ва аз ин рӯ аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад.

Дар адабиётҳои иқтисодии ватанӣ мафҳуми нисбии инфрасохтор низ якхел нест. Таърифи умумиҷаҳонии он ба андешаи мо инфрасохтори зерин ҳисобида мешавад, ки маҷмӯи соҳаҳои

ёрирасони зербахшҳои соҳаи истеҳсолӣ ва соҳаи иҷтимоии истеҳсолӣ мебошанд.

Сарфи назар аз як қатор афзалиятҳо таърифи дар боло овардашудаи маҳдудиятҳо бо истиснои унсурҳои соҳаҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, ки функсияи иқтисодии инфрасохторро дар маҷмӯъ пурра инъикос намекунад ва чунин унсурҳои муҳими системаи микроиқтисодӣ ба монанди инфрасохтори молиявии институтсионалӣ ва ғайраҳо низ ҳастанд.

Аз нуқтаи назари мо инфрасохтор дар иқтисоди бозор системаи мушаххаси институтҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки функсияи иҷроиши он фароҳам овардани шароити умумӣ барои фаъолияти субеъктҳои хоҷагидорӣ дар бозорҳои мухталиф мебошад, ки ба мо имкон медиҳад онро ҳамчун маҷмааи кредитии саноатӣ ва институтсионалии тиҷорати иҷтимоӣ - психологӣ ва иншоотӣ баррасӣ кунем.

Баъзе муҳаққиқон хидмат ва хусусияти фаъолияти инфрасохторро дар ҷои аввал гузошта, сифати асосии онро хусусияти ташаккулёфта мешуморанд, ки моҳияти амиқи инфрасохторро ҳамчун як навъ дар системаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ муайян мекунад. Баъзе муҳаққиқони дигар боварӣ доранд, ки инфрасохтор маҷмӯи шароити моддӣ ва ғайримоддӣ барои фаъолияти муътадили истеҳсолот мебошад; онҳо онро ҳамчун омили таъминкунандаи шароити беруна барои истеҳсоли маҳсулот шарҳ медиҳанд.

Ба андешаи мо, инфрасохтор маҷмӯи соҳаҳое мебошад, ки барои фароҳам овардани шароити муқаррарӣ барои такрористеҳсолии ҷомеа маҳсулоти муҳими табиӣ пешбинӣ шудаанд. Он ба фаъолияти самарабахши ҳар як табиати иҷтимоии низоми иқтисодӣ, аз ҷумла тавассути иҷрои робитаҳои иқтисодӣ ва ташкили технологии саноатӣ, ки дар раванди истеҳсолот ба миён меояд, мусоидат мекунад ва гӯё вазифаҳои системаҳои асаб ва рагҳои механизми ягонаи иқтисодии бозорро иҷро мекунад.

Инфрасохтор тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, иқтисоди ноҳияҳо ва умуман минтақаи кишварро ба як кулл пайваст мекунад, ки яке аз омилҳои муҳими интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва афзоиши самараноки он мебошад. [2]. Сари вақт фиристодани ашёи хом ва маҳсулоти тайёр ҳаҷми захираҳоро дар муомилоти иқтисодӣ бештар муайян мекунад. Шарти асосии системаи барқарорсозии соҳаҳои инфрасохтор афзоиши умумии иқтидори иқтисодии кишвар мебошад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ вазифаҳои соҳаҳо ва инфрасохтор ба таври назаррас тағйир ёфтаанд. Имрӯз системаи тақсимоти мутамаркази таъминоти кишоварзӣ ба захираҳои моддӣ, мошинҳо ва таҷҳизотҳо танқисӣ доранд. Дар заминаи хидматрасониҳо ва истеҳсолоти қаблан мавҷуда ширкатҳои гуногун, саҳҳомӣ ва шарикӣ барои фурӯши захираҳои моддии маҷмааи агросаноатӣ таъсис дода мешаванд. Вазифаҳои муҳимтарини инфрасохтори истеҳсолоти моддӣ тадриҷан озод кардани корхонаҳои кишоварзӣ аз иҷрои вазифаҳои хидматрасонии истеҳсолот ва мутамарказ кардани қувваҳо ба фаъолияти асосии истеҳсолӣ мебошад. Инфрасохтор барои фароҳам овардани шароит барои афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва баланд бардоштани сифати навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ шудааст. Бидуни мустақилона истеҳсол кардани маҳсулоти ниҳоӣ, саноат ва хидматҳои инфрасохтор фаъолияти самараноки тамоми раванди такрористеҳсолкуниро дар маҷмӯъ муайян мекунад.

Ба ақидаи А.А. Мадаминов инфрасохтор дар таъмин ва такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ барои комплекси агросаноатӣ кумак мерасонад. [5].

Инфрасохтор ҳамчун воситаи ба ҳам пайвастани пайвандҳо марҳилаҳо ва соҳаҳо ба як навъ ваҳдат амал карда, динамизми охиринро ба амал меорад. Субъектҳои хоҷагидорӣ бо ҳамдигар доимӣ мебошанд, бинобар ҳамин онҳо робитаҳои иқтисодӣ барқарор мекунанд, таъминоти ашёи хом ва фурӯши маҳсулоти тайёрро таъмин намуда ба бозорҳои таъминот ва фурӯш ворид мешаванд.

Асоси иқтисодии муносибатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз соҳаи агро-хизматрасонӣ аз ширкати функсионалӣ иборат аст, ки тадбиқи онҳо ба намудҳои хизматрасонӣ ва комуникатсионии фаъолияти инфрасохторӣ таъсир мерасонад.

Ба назар чунин менамояд, ки фаъолияти инфрасохтор аз рӯи дараҷаи таъсири онҳо ба раванди истеҳсолот баррасӣ карда шавад. Инфрасохтори комплекси агросаноатӣ зерсистемаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва экологиро дар бар мегирад.

Диққати махсус бояд ба ташаккули системаи институтҳои инфрасохтори саноатӣ дода шавад, ки соҳаҳоеро дар бар гиранд, ки фаъолияти муътадили воситаҳои истеҳсолотро таъмин намуда, дар дарозмуддат нигоҳ доштани

ҳолати самарабахши онҳо (қобилияти корӣ) саҳмгузор бошанд.

Инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ яке аз ҷузъҳои асосӣ ва муайянкунандаи дастрасии истеъмолкунандагон бо маҳсулоти босифат дар тамоми фасли сол маҳсуб ёфта, айни замон омӯзиш ва таҳлили он ҷиҳати боз ҳам густариш додани бозори озуқаворӣ аҳамияти ниҳоят муҳим дорад

Дар марҳилаи кунунӣ бидуни инфрасохтори мунтазам амалкунандаи бозори маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини бозор бо маҳсулот ва рақобатпазирии он нисбатан паст буда, амнияти озуқаворӣ ба ҳадди кофӣ таъмин намегардад.

Сатҳи рушди бозори мазкур дар ҳар як минтақаи алоҳидаи ҷумҳурӣ ба беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ мусоидат менамояд. [4]. Дар робита ба ин, беҳсозии бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, барои расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ таъсири бевосита мерасонад.

Механизми фаъолияти бозори маҳсулоти кишоварзӣ алоқамандии омилҳои таъсиррасон, зуҳуроти иқтисодӣ, равандҳои истеҳсолот (тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ) – ро дар бар мегирад. Ташаккулёбии ин бозор аз рӯи таносуби талаботи аҳолӣ, иқтидори истеҳсоли ватанӣ ва рушди робитаҳои минтақавӣ муайян карда мешавад. [6]. Бояд қайд кард, ки дар ин маврид бозори маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи фаъоли маҳсулоти озуқаворӣ маҳсуб меёбад.

Таносуби нақшаҳои функсионалии истеҳсолоти кишоварзӣ ва дастгирии инфрасохтор чунин аст, ки натиҷаи фаъолияти якум истеҳсоли маҳсулот мебошад, дуюм барои такрористеҳсолкунӣ шароит фароҳам меорад, ки кори муқаррарӣ возеҳ ва бефосилаи истеҳсолоти асосиро таъмин мекунад.

Дар маҷмӯъ мо гуфта метавонем, ки ҳар як зерсистемаи асосии истеҳсолот ва дастгирии инфрасохтории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ нақши муҳимро алоҳида мебозад, аммо самаранокии онҳо дар якҷоягӣ ба таври назаррас меафзояд, зеро самаранокии функсияҳои ҳар як зерсистемаи асосии истеҳсолот то ба ашёи хом бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар якҷоягӣ истифода мешавад ва истифодаи он ба таври назаррас меафзояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017.

2. Пириев Дж. Региональные проблемы сельскохозяйственного развития Таджикистана. М: Макс- Пресс, 2004-56с.

3. Попович А. Методика экономических исследований в сельском хозяйстве. - М. Экономика. 1997.-204с.

4. Каримов И.А., Исмонов С., Амиров Н. Пути повышения эффективности производства в дехканский хозяйствах. – Душанбе, 2001. – 71-73 с.

5. Мадаминов А.А. Проблемы устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. – Душанбе, 2006. – 158 с.

6. Ушачев И. Научное обеспечение Государственной программы сельского хозяйства. Ежемесячный теоретический и научно-практический журнал. АПК: экономика, управление. Москва. 2008 (№3), с.7-18.

7. Носиров Р., Самандаров И.Ҳ., Мирзоев Т.М., Шукуров И.Ш. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. Нашриёт “Полиграфия Арсенал Принт”. Душанбе 2008.- С. 240-241.

**Аннотатсия**

**Нақши истеҳсолоти асосӣ ва таъминоти инфрасохтор дар раванди такрористеҳсол**

Дар мақолаи мазкур масъалаи зарурати таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ, баррасӣ шудааст.

**Аннотация**

**Роль основного производства и инфраструктурного обеспечения в процессе воспроизведения**

В данной статье рассматриваются необходимости обеспечения продовольственной безопасности Республики Таджикистан, создание благоприятных условий для производства сельскохозяйственной продукции и обеспечения потребительского рынка.

**Annotation**

**The role of the basic supply and infrastructure supply in the reproduction process**

This article discusses the need to ensure food security of the Republic of Tajikistan, creation of favorable conditions for agricultural production and to ensure the consumer market.

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

## НАВИГАРИИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ МОЛИЯ ВА АНДОЗ

Дар оғози соли 2022 бо дарназардошти инкишоф ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар қонунгузориии соҳаи молия ва андоз як қатор дигаргуниҳо ба миён омад. Ин дигаргуниҳо бо роҳи қабул намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва қабул намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» ва «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мебошад.

**I.** Қобили зикр аст, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав чаҳорумин Кодекси андоз дар таърихи Тоҷикистон мебошад, ки 3 ноябри соли 2021, №549 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, 17 декабри соли 2021, №217 бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардидааст. 23 декабри соли 2021, №1844 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида, аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дода шудааст.

Кодекси мазкур аз 15 фасл, 57 боб ва 399 модда иборат буда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодиро оид ба муқаррарсозӣ, тағйирдиҳӣ, бекоркунӣ, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, иҷрои уҳдадориҳои андозӣ муайян намуда, ба ташаккул, рушд ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагидорӣ нигаронида шудааст.

Дар Кодекси мазкур бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ аввалин маротиба дар даврони соҳибистиқлолӣ иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидаанд.

Бар замми ин, шумораи андозҳо аз 10 то 7 номгӯй кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шуданд. Чунончи, меъёрҳои андоз аз даромад аз 13% ба 12%, андоз аз арзиши иловашуда аз 18% ба 15% паст карда шуда, андоз аз фоида, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард хориҷ карда шуда, андоз аз воситаҳои нақлиёт, ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба андоз аз молу мулк иваз карда шуданд.

Дар фасли 15, боби 57 Кодекси мазкур муқаррароти зерини хотимавӣ зикр шудааст, ки оид ба мавриди амали Кодекси мазкур шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои ҳуқуқие, ки пас аз мавриди амал қарор додани он ба миён меоянд, амалӣ карда мешавад. Дар муносибатҳои ҳуқуқие, ки то мавриди амал қарор додани он ба миён омадаанд, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба он ҳуқуқ ва уҳдадориҳое татбиқ карда мешавад, ки онҳо пас аз мавриди амал қарор додани он ба миён меоянд, агар мӯҳлатҳои муқарраршудаи даъво нагузашта бошанд.

То қабули қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо (ноҳияҳо) оид ба андозҳои маҳаллӣ, ҳисоб ва пардохти андозҳои маҳаллӣ тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми сентябри соли 2012 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд.

Меъёри андоз аз арзиши иловашудаи дар банди 1) қисми 1 моддаи 264 Кодекси мазкур муқарраршуда барои муомилоти андозбандишаванда ва воридоти андозбандишаванда аз 1-уми январи соли 2024 то 31-уми декабри соли 2026 – 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 - 13 фоиз муқаррар карда мешавад.

Супорандагони андоз аз арзиши иловашудаи бо меъёри стандартӣ андозбандишаванда, ки ба меъёри пасткардашудаи дар банди 2) қисми 1 моддаи 264 Кодекси мазкур муқарраршуда мегузаранд, уҳдадоранд маблағи андоз аз арзиши иловашудаи ба санаи мавриди гузариш баҳисобгирифташуда–ро, ба истиснои маблағи андоз аз арзиши иловашудаи нисбат ба воридоти андозбандишаванда пардохтшуда, бекор намоянд.

Амали бобҳои 46-48, ба истиснои боби 47[1] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми сентябри соли 2012 нисбат ба субъектҳое, ки то 31-уми декабри соли 2021 аз он истифода намудаанд, то анҷоми мӯҳлати ин имтиёзҳо тибқи муқаррароти ҳамин бобҳо татбиқ карда мешавад.

Муқаррароти боби 47[1] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми сентябри соли 2012 ва боби 55 Кодекси мазкур то 31-уми декабри соли 2023 амал мекунанд.

Муқаррароти боби 56 Кодекси мазкур то 31-уми декабри соли 2026 амал мекунанд.

Муқаррароти сархатҳои панҷум, ҳаштум, сездаҳум ва чордаҳуми қисми 4 моддаи 251 Кодекси мазкур то 31-уми декабри соли 2026 амал мекунанд.

Муқаррароти банди 10) қисми 2, қисмҳои 5 ва 6 моддаи 251, сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 286 ва боби 50 Кодекси мазкур то 31-уми декабри соли 2026 амал мекунанд.

Меъёри муқаррарнамудаи сархати якуми қисми 4 моддаи 183 Кодекси мазкур то 31-уми декабри соли 2025 амал намуда, аз 1-уми январи соли 2026 меъёри андоз ба андозаи 18 фоиз муқаррар карда мешавад.

Истилоҳи «андоз аз фоида», ки қаблан дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба андоз истифода шудааст, минбаъд ҳамчун «андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ» дониста шудааст.

Муқаррароти боби 11 Кодекси мазкур нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар ҷойҳои ғайристатсионарӣ фаъолият менамоянд ва соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, аз 1-уми январи соли 2023 татбиқ карда мешавад.

Муқаррароти боби 33 Кодекси мазкур аз 1-уми январи соли 2023 мавриди амал қарор дода мешавад.

**II.** Тағйироти дигаре, ки дар соҳаи молия ба миён омад, ин қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 11 феврали соли 2022, №1850 мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» 30 ноябри соли 2021, № 1804 қабул гардида, аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор дорад.

Қонуни мазкур аз 27 модда иборат буда, муҳимтарин ҳуҷҷати молиявии давлат аст, ки самтҳои асосии рушди онро дар соли оянда ва дарояндаи миёнамуҳлат муайян намуда, даромаду хароҷотҳои давлатро муттаҳид менамояд.

Мазмуни иловае, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 11 феврали соли 2022, №1850 ворид карда шуд, аз инҳо иборат аст:

Моддаи 1. Ба моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Таҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» аз 30 ноябри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2021, №11, мод. 630) қисми 14 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«14. Воридоти маҳсулоти озуқа, нуриҳои минералӣ, сӯзишвории дизелӣ ва бензин аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули захираҳои давлатӣ дар соли 2022 тибқи номгуй ва ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, аксиз ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд».

Моддаи 2. Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2022 мавриди амал карор дода шавад.

**III.** Тағйироти навбатие, ки дар соҳаи молия ба миён омад, ин қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 23 декабри соли 2021, №1821 мебошад. Тағйироту иловаи воридгардида хусусияти мутобиқнамоӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, баҳри такмили қонунгузории соҳа равона карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» 2 августи соли 2011, №751 қабул гардида, аз 6 боб ва 32 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми иҷозатдиҳӣ, номгӯи истисноӣ фаъолиятҳои дар асоси иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ амалишаванда, тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян намуда, шаклҳои ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро муқаррар карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, муҳити зист ва амнияти давлатро таъмин менамояд.

Мазмуни иловае, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 23 декабри соли 2021, №1821 ворид карда шудааст, аз инҳо иборат аст:

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №7-8, мод.606; с.2012, №4, мод.252, №7, мод.686, №12, қ.1,

мод.1024; с.2014, №7, қ.2, мод.400, №12, мод.824; с.2015, №11, мод.957, №12, қ.1, мод.1113; с.2016, №5, мод.364, №7, мод.618; с.2019, №4-5, мод.218; с.2020, №1, мод.13, №7-9, мод.609) тағйироту иловаи зерин ворид карда шуд:

1. Қисми 7 моддаи 10 хориҷ карда шуд.

2. Дар қисми 1 моддаи 29:

- сархатҳои якум, дуюм ва сеюми банди 2) хориҷ карда шуданд;

- банди 3) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«3) Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати санитарию эпидемиологӣ:

- хулосаи санитарию эпидемиологӣ;

- мувофиқакунонии усулҳои нобудсозии песитсидҳо ва заҳрхимикатҳои муҳлати истифодабариашон гузашта ва иҷозати истифодабарӣ надошта;

- мувофиқакунонии лоиҳаҳои биноҳои қабул ва нигоҳдории пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга (нуқтаҳои қабул) ва таҷҳизоти он.»;

- бандҳои 3)-16) мувофиқан бандҳои 4)-17) ҳисобида шуданд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ**

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Барномаи таҳририӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа, прописными буквами.

***Текст***: выравнивание «по ширине».

***Объем страниц***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

## ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

**1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО:**

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Танзими ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – №2. – С. 50-55.

**2. МОНОГРАФИЯҲО:**

1) Саидзода И.Ҳ. Ҳуқуқи шаҳрванд ба муроҷиат ва амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

**3. АВТОРЕФЕРАТҲО:**

1) Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 33 с.

**4. ДИССЕРТАТСИЯҲО**

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

**5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ**

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

**6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО**

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ**

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj /ru/legislation/*legislation*-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

## ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ

**1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ:**

1) Закон Республики Таджикистан «О землеустройстве» от 5 января 2008, №356 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №1, қ. 2. – Ст. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Правовое и техническое регулирование землеустройства // Законодательство. – 2020. – №2. – С. 50-5.

**2. МОНОГРАФИИ:**

1) Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Респубилике Таджикистан: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

**3. АВТОРЕФЕРАТЫ:**

1) Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 33 с.

**4. ДИССЕРТАЦИИ**

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

**5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ**

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

**6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ**

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

**7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ**

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

2) Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj .

**МУРАТТИБ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ЧДММ «Меҳроҷ Граф» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Меҳроҷ Граф».
Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*